**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 342 (575.3)**
**ТБК: 67.401 (2Т)**
**Р- 26**

**РАҶАБЗОДА МУТЕЪУЛЛО САФАРАЛӢ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ**

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО………..………………………………………..........……3**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................................4-22**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛ ВА АДОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....................................23-100**

1.1. Таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ..........................................................................................................23-52

1.2. Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................... ..........................................................53-77

1.3. Принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................78-100

**БОБИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-МАЪМУРИИ ТАШКИЛ ВА АДОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН…………………………………………………………...……..….101-210**

2.1. Асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................................101-135

2.2. Хусусиятҳои аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти прокуратура – ҳамчун хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................136-163

2.3. Таъминоти моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................164-179

2.4. Асосҳои ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................................180-210

**ХУЛОСА..................................................................................................................211-215**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ............216-218**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.............................................................................................219-246**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..................................................247-248**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**АМО** – Ахбори Маҷлиси Олӣ

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КИ** – Кумитаи инқилобӣ

**КИМ** – Кумитаи иҷроияи марказӣ

**КХА** – Комиссариати халқи адлия

**КМ ҲК** – Кумитаи марказии ҳизби Комунист

**КИМУ** – Кумитаи иҷроияи марказии Умумироссиягӣ

**ММИҲ** – Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶХШ Бухоро** – Ҷумҳурии халқии шуравии Бухоро

**ҶШС Бухоро** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Бухоро

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШС Ӯзбекистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶМШС Туркистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон

**ҶФШСР** – Ҷумҳурии Федеративии Шуравии Сотсиалистии Россия

**ШКХ**– Шурои Комиссариатҳои халқӣ

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳои

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳои

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ш.** – шаҳр

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимму мустақили давлатӣ буда, ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, мақоми махсусгардонидашудаи ҳокимияти давлатӣ мебошад ва дар ҳадди ваколатҳои худ риоя ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро дар ҳудуди ҷумҳурӣ назорат мекунад. Фаъолияти прокуратура асосан ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст.

Муҳиммият ва мустақилият, инчунин салоҳияти мақомоти прокуратураро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханорониҳои худ чунин иброз намуданд: “... прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлатдорӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад”[1].

Бо назардошти вазъи ҳуқуқӣ, функсия ва таъиноти мақомоти прокуратура нақши он дар низоми давлатдорӣ ва таъмини иҷрои қонуният дар кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, ташкили хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти мазкур, муайян намудани вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура ва ошкор намудани масъалаҳои ҳалталаб ва такмили қонунгузории кишвар дар ин самт яке аз мавзуъҳои мубрам ва калидӣ ба ҳисоб мераванд, ки ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам назариявӣ дорад.

Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, Қонуни конститутсионии ҶТ аз 25 июли соли 2005, №107 “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати

[1] Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат ба муносибати 80-солагии Прокуратураи ҶТ. 24 декабри соли 2004 // Қонуният. – 2005. – №1. – С. 4-5.

давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураро то дараҷае ба танзим даровардаанд, вале дар шароити кунунӣ бинобар мураккаб гардидани ҳаёти ҷамъиятӣ ва вусъат ёфтани муносибатҳо дар соҳаҳои алоҳида, қонунгузории амалкунанда, ки муносибатҳои хизматиро дар мақомоти Прокуратураи ҶТ танзим менамояд, ба такмил ниёз дорад.

Дар акси ҳол ҳали масъалаҳое, ки дар замони муосир дар фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мегарданд, мушкил мегардад. Илова ба ин, то ба ҳол дар Тоҷикистон масъалаҳои назариявии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус дар мақомоти прокуратура ба таври амиқ омӯхта нашуда, консепсия ва барномаҳои мукаммали рушди минбаъдаи он, инчунин таҳқиқоти маҷмуии (комплексии) илмию назариявии алоҳида вобаста ба ин мавзуъ низ вуҷуд надорад.

Ҳамзамон, дар танзими ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура мушкилиҳои назариявию амалӣ, ки дар набудани мафҳумҳои мукаммал ва холигии ҷиддии қонунгузорӣ, алалхусус оид ба “хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура”, “принсипҳои он”, “аттестатсия”, “озмун”, “рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ” ва ғайра ифода мегардад.

Таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри такмили минбаъдаи он зарур мебошад. Гузашта аз ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон, то ҳанӯз принсипҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура, вазъи ҳуқуқии кормандони прокурорӣ, ҳолатҳое, ки қабул ба хизмат дар мақомоти прокуратураро истисно мекунанд, озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ, баҳодиҳӣ ба фаъолият, захираи кадрҳо, ҷойивазкунӣ ва масъалаҳои таҳсилу тартиби истеъфои онҳо ба таври дахлдор танзими худро наёфтаанд.

Баъзе аз масоили хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ бо Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” танзим шудаанд, аммо онҳо комилан хусусиятҳои хоси муносибатҳои ҳуқуқӣ-хизматиро дар мақомоти

мазкур, ҳамчун мақоми махсусгардонидашудаи ҳифзи ҳуқуқ, ки назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро амалӣ менамояд, инъикос намекунанд. Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” муқаррар гардидааст, ки хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ низ ба он шомил аст, бо қонунгузории дахлдори соҳавӣ бо назардошти муқаррароти умумӣ ва принсипҳои Қонуни мазкур, танзим мегардад. Аз ин рӯ, дар танзими ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура бо назардошти хусусиятҳои алоҳидаи он бештар ба қонунгузории соҳавӣ такя намуда, маҳз дар қонунгузории соҳавӣ падидаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти мазкурро рушду такмил додан зарур аст.

Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат ва ташаккули мақомоти он, инчунин ислоҳоти соҳаҳои алоҳида, ба танзими ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ аҳамияти зиёде дорад. Аз танзими қонунии он фаъолияти ҳамаи низоми мақомоти Прокуратураи ҶТ ва дар ниҳоят иҷрои вазифаҳои давлатии дар назди он гузошташуда вобастагии амиқ дорад.

Қонунгузории босуръат рушдёбанда дар даврони Истиқлоли давлатӣ ва мушкилоти ҳамкории байниидоравӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, зарурати таъмини мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони болаёқату кордон, соҳибкасб ва зуд мутобиқшаванда ба тағйиротҳои иҷтимоию иқтисодиро ба вуҷуд меоварад. Амалишавии ин ҳадафҳо, танҳо дар натиҷаи такмили танзими ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ имконпазир мегардад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти асосҳои зикргардида масъалаи мавриди назар аҳамиятнок эътироф гардида, таҳқиқи илмии он мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ то кунун дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавриди таҳқиқи комил қарор нагирифтааст, ки сабаби он таваҷҷуҳи начандон зарурии муҳаққиқон то замони истиқлолият ба падидаи хизмати давлатӣ мебошад. Бо қабули Конститутсияи ҶТ ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ аз 6 ноябри соли 1994 ва дар сатҳи санади олии меъёрии ҳуқуқӣ

муқаррар шудани падидаи хидмати давлатӣ ва эътирофи ҳуқуқи шаҳрвандон бо кафолати таъмини татбиқи он таваҷҷуҳ ба таҳқиқи мукаммали хидмати давлатӣ дар соҳаҳои алоҳида бештар гашт. То имрӯз ҷанбаҳои алоҳидаи падидаи хизмати давлатӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва барои такмили минбаъдаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура аҳамияти муҳим доранд. Дар ин ҷода фаъолияти олимони хориҷӣ пурмаҳсул ва назаррас аст. Аз ҷумла, Скобина Е.А., Шастина М.А., Жамкин А.С., Басков В.И., Братановский С.Н., Стрелников В.В., Мазурин С.Ф., Прокофев К.Г., Манохин В.М., Старилов Ю.Н., Ноздрачев А.Ф., Атаманчук Г.В., Смирнов А.В., Бахрах Д.Н., Какителашвили М.М., Кириллов А.А. ва дигарон. Олимон ва мутахассисони ватанӣ аз зумраи Ғафурзода А.Д., Разоққов Б.Ҳ., Иброҳимов С.И., Ҷамшедзода Ҷ.Н., Тоҳиров Ф.Т., Буризода Э.Б., Сафаров И.Д., Азизқулова Г.С., Холиқзода А.Ғ., Искандаров З.Ҳ., Қаҳҳоров А.А., Кенҷаев С., Мирзоева Қ., Муҳаммадиев И.С., Хусаинова Ш.М., Шаҳидуллозода М., Исмоилзода С.А., Раҷабов С.Р., Раҳмон Ю.А., Саидов Қ.М., Ойев Х., Пирназаров И.А., Сайфиддинов А.А., Каримов К.М., Ғафуров М.С., Диноршоҳ А.М., Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б. ва дигарон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз кори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ: Ғафурзода А.Д.[2], Ҷамшедзода Ҷ.Н.[3], Ойев Х.[4], Раззоқов Б.Ҳ.[5], Диноршоҳ

[2] Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ // Зери назари проф. Ғафурзода А.Д. – Душанбе, 2019. – 244 с.
[3] Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 237 с.
[4] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2013. – 564 с.; Ойев Х. Хидмати давлатӣ. – Душанбе, 2006. – 82 с.; Ойев Х. Хидмати давлатӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – 400 с.; Ойев Х. Хидмати давлатӣ. – Душанбе, 2020. – 216 с.; Ойев Х. Контрол ва назорат – фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №1 (13). – С. 84-94; Ойев Х. Омилҳои асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4. – С. 43-52.
[5] Раззоқов Б.Ҳ. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмааи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: ДДТТ, 2008. – 160 с.; Раззоқов Б.Ҳ. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2013. – 200 с.; Раззоков Б.Х. Актуальные проблемы обеспечения законности в государственном управлении Таджикистана // Научный форум "Законность и дисциплина в государственном управлении", посвященный памяти Н.Хувайдуллоева - первого Генерального прокурора Республики Таджикистан (20-21 марта 2020 г, Дангара). – Душанбе, 2020. С. 46-54; Раззоков Б.Х. Актуальные правовые проблемы контрольно-надзорной деятельности в государственном управлении Таджикистана // Сборник материалов международной конференции «Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования» (13-14 октября 2017 г., г. Душанбе). – Душанбе, 2017. – С. 239-245; Раззоков Б.Х. Некоторые правовые проблемы контрольно-надзорной деятельности в свете реформы государственного управления Таджикистана // Законодательство. – 2016. – №4. – С. 17-24.

А.М.[6], Исмоилзода С.А.[7], Қаххоров А.А.[8], Сайфиддинов А.А.[9], Хусаинова Ш.М.[10], Кенҷаев С., Мирзоева Қ.[11], Муҳаммадиев И.С.[12], Каримов К.М.[13], Ғафуров М.С.[14], Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б. [15], Рустамзода Ҷ.Ю.[16], Саъдиев И.З.[17], Братановский С.Н., Стерлников В.В.[18], Какителашвили М.М.[19], Смирнов А.В.[20], Казарина А.[21], Чернишева Г.В. [22], Жамкин А.С. [23], Нагорних Р.В. [24] ва дигарон истифода гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии

---

[6] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2006. – 197 с.; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2006. – 32 с.

[7] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – 210 с.

[8] Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР 1924-1929: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 194 с.

[9] Сайфиддинов А.А. Хизмати давлатӣ: мафҳум ва моҳият // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2005. – №1. – С. 37-43.

[10] Хусаинова Ш.М. Становление и развитие системы органов Таджикистана в 1924-1937 гг.: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 26 с.

[11] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – 214 с.

[12] Муҳаммадиев И.С. Образование и становление органов прокуратуры на севере Таджикистан в 1923-1930 гг. (исторический аспект исследования): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Хуҷанд, 2009. – 26 с.

[13] Каримов Х.М. Административно-правовое регулирование ответственности должностных лиц в Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 25 с.

[14] Гафуров М.С. Конституционно-правовая ответственность органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2013. – 248 с.

[15] Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б. Мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва масоили дурнамои инкишофи он // Қонуният. – 2011. – №2. – С. 52-57; Маҳмудов И.Т. Рушди назорати прокурорӣ ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар масири 30-соли истиқлоли давлатӣ // 30 соли истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 44-45.

[16] Рустамов Д.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: дис.… канд. юрид. наук. – М., 2019. – 235 с.

[17] Саъдиев И.З. Принсипҳои хизмати давлатӣ: Мафҳум ва муҳтаво // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ, 22-23 апрели соли 2022 – Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 58; Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Иршон», 2021. – 416 с.

[18] Братановский С.Н., Стерльников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учереждениях прокуратуры Российской Федератции. – Саратов, 2007. – 134 с.; Братановский С.Н. Административное право. Общая часть: учебник. – М.: Директ-Медиа, 2013. – 921 с.

[19] Какителашвили М.М. Прокуратура в системе органов государственной власти в странах СНГ // Российский журнал правовых исследований. – Том 6. – 2019. – №3 (20). – С. 134.

[20] Смирнов А.В. Понятие и административно-правовая природа государственной службы в органах прокуратуры Российской Федерации // Пенитенциарная наука. – Том 14. – 2020. – №3(51). – С. 396.

[21] Казарина А. Как обучают прокуроров в Германии и Нидерландах // Законность. – 2000. – №6. – С.54-57.

[22] Чернышева Г.В. Аттестация кадров прокуратуры как отражение оценки их деловой квалификации // Проблемы кадровой работы в органах прокуратуры. Сб. научных трудов. – М., 1994. – С. 50.

[23] Жамкин А.С. Место и роль прокуратуры в конституционной системе государственных органов Россиской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 136-158.

[24] Нагорных Р.В. Административно-правовое регулирование государственной службы Российской Федерации в правоохранительной сфере: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук. – М., 2016. – 40 с.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ – “Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ” омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мафҳум ва принсипҳои он, коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба рушди қонунгузории соҳа ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани норасоиҳо ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вазифаҳои таҳқиқот чунин муайян шудаанд:

– таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии таҳавулли хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ;

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ;

– мураттабсозии принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ ва муайян намудани мазмуни он;

– муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ;

– ошкор кардани масъалаҳое, ки зимни адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура аз қабили қабул ба кор, аттестатсиякунонӣ, додан ва маҳрум кардан аз рутбаҳои дараҷавӣ, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ, интизомӣ ва ба дигар намуди ҷавобгари кашидани онҳо, ба кори дигар гузаронидан, баҳодиҳӣ ба фаъолият, захираи кадрҳо, ҷойивазкунии кадрҳо ва қатъ шудани хизмат ба миён меоянд;

– баррасии хусусиятҳои аттестатсияи кормандони прокурорӣ ва нақши он дар таъмини мақомот бо мутахассисони баландихтисос, шаклдиҳии мафҳуми он;

– таҳлили вазъи моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар замони муосир ва коркарди пешниҳодҳо барои минбаъд мукаммал намудани меъёрҳои ҳуқуқии батанзимдарорандаи онҳо;

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳавасмандагрдонӣ ва масъулияти хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушаххас намудани мазмуни онҳо;

– бо натиҷаи таҳқиқотҳои амаликарда таҳия намудани пешниҳодҳо барои мукаммалгардонии қонунгузории ҶТ вобаста ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди танзими ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ ба миён меоянд.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти Прокуратураи ҶТ, ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро дар ин мақомот танзим менамоянд, ҳамзамон, дастовардҳои илмӣ ва нуқтаҳои назари олимон дар соҳаи хизмати давлатӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои зерини хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро фаро мегирад:

– марҳилаи якум, қабл аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, яъне дар ҶХШ Бухоро солҳои 1922-1924 (махсусан Бухорои Шарқӣ);

– марҳилаи дуюм, баъди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929;

– марҳилаи сеюм, дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 1929-1991;

– марҳилаи чорум, дар ҶТ-и соҳибистиқлол аз соли 1991 то инҷониб.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар маҷмуъ ташаккули хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ-ро дар солҳои 1922-2023 дар бар мегирад. Инчунин, бо мақсади мукаммал гардидани мазмуни таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ – ФР, Олмон, Ҳоланд ва Ҷумҳурии Қазоқистон истифода гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар солҳои 2021-2023 амалӣ карда шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаҳои гуногуни раванди ташкил ва адои хизматро дар умум ва махсусан дар мақомоти Прокуратураи ҶТ мавриди таҳлил қарор додаанд, ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар

омода намудани рисолаи мазкур асарҳои олимони ватанӣ, мисли Раззоқов Б.Ҳ., Иброҳимов С.И., Ғафурзода А.Д., Диноршоҳ А.М., Ойев Х., Сотиволдиев Р.Ш., Ализода З.М., Ҷамшедзода Ҷ.Н., Исмоилзода С.А., Қаҳҳоров А.А., Сайфиддинов А.А., Хусаинова Ш.М., Кенҷаев С., Мирзоева Қ., Муҳаммадиев И.С., Каримов К.М., Ғафуров М.С., Маҳмудов И.Т., Хоҷаева Н.Б., Рустамзода Ҷ.Ю. ва олимони хориҷӣ, мисли Скобина Е.А., Шастина М.А., Жамкин А.С., Басков В.И., Братановский С.Н., Стрелников В.В., Мазурин С.Ф., Прокофев К.Г., Манохин В.М., Старилов Ю.Н., Ноздрачев А.Ф., Атаманчук Г.В., Смирнов А.В., Бахрах Д.Н., Какителашвили М.М., Кириллов А.А. ва дигарон истифода гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии тадқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафавӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки аз усули расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ, таҳлил ва ғайра иборатанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқи диалектикӣ, низомнокӣ ва хулосабарорӣ низ истифода гардидаанд.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар натиҷа мафҳуму моҳият ва принсипҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Истифодаи усули диалектикӣ имкон дод, ки ташаккул ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратура ҶТ дар даврони соҳибистиқлолӣ, инчунин заминаҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои ташаккули он муайян карда шаванд. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи ҶТ аз дигар намудҳои хизмати давлатӣ ва дар давлатҳои хориҷӣ муқоиса карда шавад. Ҳамчунин, усули мазкур барои муайян намудани мавқеи хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ мусоидат намуда, тавассути он таносуби муқоисавӣ бо дигар намудҳои хизмати давлатӣ ба амал баровarda шудааст. Усули мантиқӣ-ҳуқуқӣ бошад, ба муайян намудани зарурати такмили қонунгузории хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ мусоидат намудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади ҳаматарафа баррасӣ намудани масъалаи баррасишаванда қонунгузории ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, соҳавӣ ва дигар санадҳои дохилиидоравӣ ва таҷрибаи танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ барои муайян намудани ваколат, вазифа ва функсияи хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи ҶТ истифода гардидаанд. Инчунин, ба сифати мавод таҳқиқотҳои илмӣ, оморӣ, маҷмуаҳои конференсияҳои илмӣ, нашрияҳои гуногуни даврӣ, адабиёти илмӣ ва таълимии алоқаманд ба мавзуи таҳқиқот истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи комплексии таҳқиқотӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон мебошад. Дар кори таҳқиқотӣ бори аввал ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳавулли хизмати давлатӣ, принсипҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ, асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар паҳлуҳои он баррасӣ гардид. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нуктаҳои назари илман асоснок ва аҳамияти амалидошта, аз ҷумла, барои минбаъд такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ пешниҳод карда шудаанд.

Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, маҳсули иҷрои вазифаҳои мушаххасшуда буда, навгонии рисолаи диссертатсионӣ ба ҳисоб мераванд, ки чунин масъалаҳоро дар бар мегиранд:

– таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон дод, ки ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии таҳавулли хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ муқаррар ва марҳилабандӣ карда шаванд;

– масоили назариявӣ ва амалии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ баррасӣ гардида, ҷиҳати такмил ва мутобиқ намудани он ба талаботи замони муосир, аз ҷумла, тавассути мукаммалгардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таклифҳои муфид пешниҳод шудаанд.

– таҳлили мазмун ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба чунин хулоса расонид, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳифзи ҳуқуқиро амалӣ намуда, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад;

– дар заминаи таҳлили принсипҳои низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати принсипҳои асосии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ муайян ва пешниҳод карда шудаанд;

– омӯзиши қонунгузории танзимкунандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ норасоӣ ва номувофиқатии меъёрии ҳуқуқиро ошкор намуд, ки барои пурра ва бартараф намудани онҳо таклифҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд;

– вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи ҶТ таҳлил гардида, ҳадди ҳуқуқу ухдадориҳо ва масъулияти ҳуқуқии онҳо муайян карда шудааст;

– паҳлуҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ, аз ҷумла, хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ бо натиҷаи омӯзиш таҳлил гардида, норасоиҳо ошкор ва роҳҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар натиҷаи таҳқиқи илмии гузаронида ба ҳимоя чунин нуқтаҳои илмӣ-назариявӣ пешниҳод карда шаванд:

1. Асоснок карда шудааст, ки баробари таъсис ёфтани мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат дар он, ҳамчун намуди махсуси хизмати давлатӣ буда, таҳаввули он марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

– марҳилаи якум, қабл аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, яъне дар ҶХШ Бухоро солҳои 1922-1924 (махсусан Бухорои Шарқӣ). Дар ин марҳила бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 Низомнома “Дар бораи назорати прокурорӣ” қабул гардида, дар асоси он 23 ноябри соли 1923 прокуратураи ҶХШ Бухоро таъсис ва

баъдан дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони ҳозира) моҳи октябри соли 1924 прокуратураи суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ таъсис дода шудааст;

– марҳилаи дуюм, баъди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929. Марҳилаи мазкур бо таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва Прокуратураи давлатии он аз 14 декабри соли 1924 оғоз гардида, ин мақом 24 декабри ҳамон сол ба кори худ шуруъ намудааст. Мақомҳои он дар 6 вилояти ҶМШС Тоҷикистон 12 феврали соли 1925 ба кор оғоз кардаанд. Хизмат дар мақомоти зикргардида дар асоси Низомнома "Дар бораи назорати прокурорӣ", ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 тасдиқ шудааст, Низомнома "Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ", ки бо қарори КИМ ИҶШС аз 29 октябри соли 1924 тасдиқ шудааст ва Низомнома "Дар бораи КХА ҶМШС Тоҷикистон", ки бо қарори КИ ҶМШС Тоҷикистон аз 6 майи соли 1925 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешуд. Илова ба ин, 23 марти соли 1925 бо қарори КИМ ҶШС Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Суди олии ҶШС Ӯзбекистон ва вазифаи прокурори шуъбаи Тоҷикистонии Суди олии ҶШС Ӯзбекистон таъсис дода шудаанд;

– марҳилаи сеюм, дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 1929-1991. Дар ин марҳила бинобар мустақилияти худро аз ҶШС Ӯзбекистон соҳиб гардидани ҶМШС Тоҷикистон сохтори мақомоти прокуратура аз нав тасдиқ ва Прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил дода шудааст. Дар ин давра, чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Низомномаҳо "Дар бораи назорати прокурорӣ", ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922, "Дар бораи Прокуратураи ИҶШС", ки бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 17 декабри соли 1933, "Дар бораи сохтори судӣ дар ҶШС Тоҷикистон", ки бо қарори Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон аз 15 августи 1935 тасдиқ шудаанд, Конститутсияҳои ИҶШС аз солҳои 1936, 1977 ва ҶШС Тоҷикистон азсолҳои 1937, 1978, Қонун "Дар бораи прокуратураи ИҶШС" ва ғайра хизмати давлатиро дар ин мақомот ба танзим медароварданд.

– марҳилаи чорум, дар ҶТ-и соҳибистиқлол аз соли 1991 то инҷониб. Марҳилаи мазкур бо соҳибистиқлол гардидани давлати Тоҷикистон оғоз гардида,

тағйироти куллиро дар соҳаи хизмати давлатӣ бо қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 тариқи райъпурсӣ, Қонуни ҶТ “Дар бораи додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30.04.1992, Қонунҳои конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” солҳои 1996 ва 2005 ва ғайра рӯйи кор овარданд.

2. Хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ чунин муайян карда шудааст, ки он намуди махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Хусусияти хоси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ дар он ифода меёбад, ки ҳамчун унсури низоми боздорӣ ва мувозина, на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриқонунӣ ва беасос боз медорад, инчунин ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд.

3. Чунин мафҳуми васеи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ пешниҳод мегардад: “Хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ – фаъолияти касбӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва муздноки хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти мазкур дар амалӣ намудани салоҳияти он оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ буда, тавассути назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди ҶТ амалӣ карда мешавад”.

Аз ин мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ, хусусиятҳои зерини он пешниҳод мегарданд: а) фаъолияти касбӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад; б) музднок мебошад; в) ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст; г) тавассути назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди ҶТ амалӣ карда мешавад.

4. Таърифи зерини мафҳуми «хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура» пешниҳод карда мешавад: “Хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ – шаҳрванди ҶТ, ки шаҳрвандии давлати дигарро

надорад ва мансаби давлатии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро музднок дар низоми ягонаи марказонидашудаи мақомоти Прокуратураи ҶТ дар асоси касбӣ бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти мақомоти Прокуратураи ҶТ ишғол карда, дорои рутбаи дараҷавӣ мебошад.”

5. Мафҳуми зерини рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ пешниҳод мегардад: “Рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ – рутбаи махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузор муайян ва дар асоси расмиёти маъмурие, ки бо фармони дахлдори Президенти ҶТ муқаррар шудааст, бо тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи корӣ ба таври мураттаб дода мешавад”.

6. Асоснок карда шудааст, ки ба вазифаи пасттар гузаронидан ва паст кардани рутбаи дараҷавӣ ҳамчун ҷазои интизомӣ хилофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ буда, як шакли меҳнати маҷбурӣ мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки чораҳои масъулияти интизомии ба вазифаи пасттар гузаронидан ва паст кардани рутбаи дараҷавӣ ҳамчун ҷазои интизомӣ аз Низомнома “Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи ҶТ, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд” хориҷ карда шаванд.

7. Дар асоси принсипҳо ва таърифҳо мафҳуми зерини «аттестатсияи кормандони прокурорӣ» пешниҳод карда мешавад: “Аттестатсияи кормандони прокурорӣ – ин расмиёти муқарраршудаи баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти хизматӣ, савияи дониш, маҳорати касбӣ ва дигар сифатҳои зарурии касбию ахлоқӣ бо мақсади муайян кардани муносиб будани ӯ ба мансаби ишғолкарда, ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда, ҳалли масъалаи додан ва барқарор намудани рутбаи дараҷавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомот мебошад”.

**Ҳамзамон, чунин таклифҳои хусусияти амалидошта пешниҳод карда мешаванд:**

– Мутобиқи сархати 1, қ. 1, м. 1 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шаҳрванди ҶТ – шахсе мебошад, ки дар рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ шаҳрванди ҶТ буд ё мутобиқи қонунгузории ҶТ ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии ҶТ-ро соҳиб шуда бошад. Меъёри доштани танҳо шаҳрвандии ҶТ дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” доштани шаҳрвандии дигар давлатҳоро истисно менамояд. Тибқи талаботи м. 8 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [25] шаҳрванди ҶТ, ки шаҳрвандии дигар давлатро низ дорад, аз ҷониби ҶТ танҳо чун шаҳрванди ҶТ дониста мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Мутаассифона, дар мавриди татбиқи ин меъёрҳо духургӣ ҷой дорад, ки бояд бо ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, яъне калимаҳои “танҳо шаҳрвандии ҶТ дошта бошад” ба калимаҳои “танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии давлати дигарро надоранд” бартараф карда шавад.

– Омӯзиш ва таҳлили қонунгузорӣ вобаста ба таҳсилот нишон дод, ки ибораи алоҳида – “таҳсилоти олӣ” дар он ҷой надошта, ин мафҳум пурра гардида, ба он калимаи “касбӣ” илова шуда, ба таҳсилоти олии касбӣ мубаддал гардидааст. Таҳсилоти олии касбӣ тибқи Қонунҳои ҶТ “Дар бораи маориф” ва “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ” дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад. Дар мавриди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ маҷмуи донишҳои банизомдаровардашуда дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва малакаҳои амалии ба онҳо асосёфтаро дар назар дорад, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои хизматии

[25] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015, №1208 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

кормандони прокурорӣ имкон медиҳад. Ин ҳолат бо мавҷудияти диплом дар бораи таҳсилоти олии касбӣ дар шакли муқарраршуда, ки мутобиқи талаботи м. 23 Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" аз ҷониби муассисаи таълимие, ки мутобиқи қонунгузории ҶТ аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштааст, ба хатмкунандае, ки аз аттестатсияи хатм мегузаранд, ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот медиҳад, тасдиқ карда мешавад. Илова ба ин, тибқи қ. 2, м. 9 Қонуни ҶТ "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" дар ҶТ ду шакли таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст, ки инҳо якум, таҳсилоти бисёрзинагӣ, яъне бакалавр ва магистр, дуюм, таҳсилоти анъанавӣ, яъне мутахассис мебошад.

Дигар ин, ки муқаррар намудани танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ба шахсоне, ки ҳуҷҷати шакли муқарраршудаи тахассуси бакалавр ё магистр ва ё мутахассисро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ доранд, имкон медиҳад, ки барои ишғоли мансабҳои прокурорӣ муроҷиат намоянд. Ба андешаи мо, таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси бакалавр зинаи аввали он буда, барои таъин ба мансабҳои прокурорӣ ва муфаттиши мақомоти прокуратура нокифоя мебошад, ё танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси магистр, ки риштаи ҳуқуқшиносиро дар дараҷаи бакалавр хатм накардааст, низ нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар қонуни конститутсионии соҳавӣ дар мавриди талабот оид ба таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ меъёр дақиқ муқаррар карда шавад.

Аз ин ҷо, барои дақиқ намудани намуди таҳсилот ва шакли он дар қ. 1, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро зарур мешуморем. Ба ҷои "доштани таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ" калимаҳои "доштани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахасусуси мутахассис ё дараҷаи магистр бо доштани дипломи дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ" илова карда шавад.

– Ҷорӣ шудани шакли бисёрзинагии таҳсилоти олии касбӣ ва муқаррар шудани талаботи иловагӣ, яъне адои хизмати ҳарбии ҳатмӣ дар солҳои охир, боз

тақрибан аз 2 то 3 соли дигарро барои довталабони мансаби корманди прокурорӣ талаб менамояд.

Дар робита ба инҳо, ба моддаи мазкури Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳо ворид карда, синни ҳадди ақали ишғоли вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр аз 30-солагӣ ва прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон аз 35-солагӣ муқаррар карда шавад.

– Озмун, василаи ниҳоят муҳимми хизмати давлатӣ мебошад, зеро имкон медиҳад, ки тавассути он аз ҷониби комиссияи озмунӣ аз зумраи шахсони иштирокчӣ, номзади нисбатан арзанда пас аз баҳодиҳии бодиққат аз рӯи ҳуҷҷатҳо, натиҷаи санҷиш ва дигар озмоишҳо интихоб карда шавад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки меъёри дар Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи ҶТ пешбинишуда оид ба тариқи озмун ба кор дар мақомоти Прокуратураи ҶТ дохил шуданро ба Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” илова карда, муқаррар карда шавад, ки низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти Прокуратураи ҶТ бо фармони Президенти ҶТ тасдиқ карда шавад.

– Ҳимояи танҳо прокурор – айбдоркунандаи давлатӣ ва муфаттишҳо қонунан муқаррар карда шуда, дигар кормандони фаврӣ, ки вазифаҳои таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлатро иҷро мекунанд, инчунин корманди техникӣ мебошанд, аз доираи татбиқи қонуни мазур дур мондаанд. Мутахассисон, котибон, ронандагон ва дигар кормандони техникӣ бинобар иҷрои вазифаи хизматиашон ба ҳуҷуми ҷинояткорона ва фишори шахсони майли амалҳои зиддиҷамъиятӣ дошта дучор шуда метавонанд. Бо дарназардошти ин, зарур ба назар мерасад, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид карда, ба рӯйхати шахсони таҳти ҳимояи махсуси давлат қарордошта комилан тамоми кормандони прокуратура, сарфи назар аз мансаб ва вазифаи ишғолнамуда, дохил карда шаванд.

– Омӯзиши қонунгузорӣ нишон дод, ки дар мақомоти Прокуратураи ҶТ то ба ҳол тартиби ташкили захираи кадрҳо барои пешбарӣ намудан ба мансабҳои баландтар, ташкили кор бо захираҳои кадрҳо, инчунин ташкили маҳзани маълумоти захираи кадрҳо бо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба ташкили захираи кадрҳо меъёри марбута илова карда шуда, санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор доир ба захираи кадрҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ таҳия ва тасдиқ карда шавад.

– Бо натиҷаи таҳқиқот қатъиян манъи бевосита тайёр кардани аттестатсия аз ҷониби худи корманди аттестатсияшаванда ва танҳо пас аз омӯзиши ҳаматрафаю пурра ва таҳлили қаблӣ аз ҷониби роҳбари масъули аттестатсияшаванда тартиб додани аттестатсия, ки ҷиҳати объективона баҳо додан ба фаъолияти ӯ мусоидат мекунад, асоснок карда шудааст. Бинобар ин, ба Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” меъёре илова карда шавад, ки шахси мутасаддиро вазифадор кунад, то танҳо пас аз омӯзиши ҳаматрафаю пурра ба корманди аттестатсияшаванда мустақиман аттестатсия тартиб дода, иштироки охирон дар тайёр кардани аттестатсия манъ шавад ва барои вайрон кардани ин талабот ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки мафҳум ва хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастовардашуда метавонанд минбаъд дар рушд ва такмили қонунгузории ҶТ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, ки асоси танзими хизмат дар мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Дар баробари ин, нуктаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби нафароне, ки дар самти ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ пажуҳиш мебаранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамзамон, маводи дар натиҷаи таҳқиқот бадастовардашударо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илм пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегарданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти Прокуратураи ҶТ метавонанд мусоидат намоянд, инчунин, бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ омода гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои илмии назди кафедраи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ дар шакли маъруза пешниҳод ва муҳокимаронӣ гардидаанд. Аз ҷумла:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо” бо маъруза дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи ҶТ» (Душанбе, 3 декабри соли 2021);

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Худидораи маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он” бо маъруза дар

мавзуи «Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ» (Душанбе, 24 декабри сол 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он” бо маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва моҳияти хизмат дар мақомот ва муассисаҳои Прокуратураи ҶТ» (Душанбе, 28 майи сол 2022).

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал” бо маъруза дар мавзуи «Тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани кормандони прокурорӣ» (Душанбе, 22 майи сол 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба нашр расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми** диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯи ихтисорҳо, муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 248 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛ ВА АДОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## § 1.1. Таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ

Таҷрибаи таърихӣ собит намудааст, ки зарурат ба таъсиси мақомоти прокуратура дар давраҳои дигаргунсозии куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сохти давлатӣ ба миён меояд. Прокуратура ҳамеша ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими қонуният дар давлат ба ҳисоб меравад[26].

Муҳаққиқони ватании таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ба он назаранд, ки дар давлатҳои дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ то давлати шуравӣ мавҷудбуда, мақомоти махсус барои назорати иҷрои фармонҳои сарвари давлат мавҷуд набуданд[27]. Агар ба сохтори мақомоти давлати Сомониён таваҷҷуҳ намоем, тавре Искандаров З.Ҳ. қайд менамояд: “Сарвазир (ҳоҷиби бузург) ва девонҳои алоҳидае ҷой доштанд, ки иҷроиши фармонҳои амирро дар самтҳои ҷудогона назорат менамуданд. Масалан, девони мустаъфӣ (андоз), муҳтасиб (тиҷорат) ва мушриф (полиси махфӣ) мавҷуд буданд, ки функсияҳои имрӯзаи прокуратураро дар алоҳидагӣ ба хотир меоранд, аммо дар ягон ҳолат фаъолияти имрӯзаи мақомоти прокуратураро бозгӯӣ наменамоянд[28]. Ба ақидаи олими ватанӣ Қаҳҳоров А.А., амалан прокуратура баъди ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шудааст[29]. Мо низ ҷонибдори ин ақида мебошем.

---

[26] Скобина Е.А., Шастина М.А. История советской прокуратуры с 1922 по 1991 годы // Молодой ученый. – Казань. – 2017. – №8 (142). – Част 3. – С. 256.

[27] Тоҳиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). – Т.2. – Ч.1. – Душанбе, 2001. – 492 с.; Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана (от деревнейших времен до начала 20 века). – Т.1. – Ч.1-2. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.; Сафаров И.Д. Правовая система государства Саманидов (IX-Хвв.): дис. ... канд. юрид наук. – Душанбе, 1998. – С. 195; Азизкулова Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 72; Холиқов А. Мухтасари қонунномаи Сосониён. – Душанбе, 2015. – С. 143-144.

[28] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь. – 2017. – №4. – С. 65.

[29] Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР 1924-1929.: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1999. – 192 с.

Ҳамин тариқ, ташаккул ёфтани мақомоти прокуратура ба таври пурра аз лаҳзаи ташкил ёфтани Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Бухоро, сониян, Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон ва ниҳоят ҶШС Тоҷикистон оғоз меёбад. Чун Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС буд, ташаккуёбии мақоми мазкур, албатта дар заминаи прокуратураи Шуравӣ ва Россия сурат гирифта буд.

Илова ба ин, аксари муҳаққиқони рус қайд менамоянд, ки барои ташаккули прокуратураи Россия маҳз низоми прокуратураи Фаронса заминаи асосиро гузоштааст[30]. Дар навбати худ намунаи прокуратураи шоҳӣ барои ташаккул додани низоми мақомоти прокуратураи шуравӣ, инчунин таъсис ва инкишофи мақомоти прокуратура дар Тоҷикистони кунунӣ таъсири амиқи худро гузоштааст. Бешубҳа, ташаккул ва инкишофи мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон соҳибистиқлол бевосита бо ИҶШС алоқамандии зич дорад, зеро мо як муддати муайяни таърихӣ дар ҳайати он қарор доштем. Бо назардошти ин, Искандаров З.Ҳ. қайд менамояд, ки "Прокуратураи шуравии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии прокуратураи шуравӣ таъсис ёфта, ғояҳои асосии прокуратураи шоҳии руссиягиро ба худ қабул намуда буд[31]. Кенҷаев С. ва Мирзоева Қ. доир ба ин масъала низ ибрози назар намуданд[32].

Ҳамин тариқ, агар ба таърихи ташаккулёбии Прокуратураи Тоҷикистон дар давраи шуравӣ назар кунем, баъди ташкили Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд ҶМШС) зарурияти таъсиси мақомоти он ба миён омад ва 14 декабри соли 1924 Кумитаи инқилобии (минбаъд КИ) ҶМШС "Дар бораи таъсиси комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон"[33] қарор қабул карда буд. Прокуратураи давлатӣ дар шакли шуъбаи мустақили Комиссариати халқии адлия (КХА) дар ҳайати мудир

[30] Жамкин А.С. Место и роль прокуратуры в конституционной системе государственных органов Россиской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 136-158; Виноградов И.П. Место и роль органов российской прокуратуры в механизме разделения властей (теоретико-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Коломна, 2000. – С. 12-38.
[31] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь. – 2017. – №4. – С. 65.
[32] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 215.
[33] БМД ҶТ. – Ф. 9. – рӯй. 1. – пар.1. Протоколи №1 ҷаласаи КИ ҶМШС Тоҷикистон. – С. 1-3.

(муовини раиси КХА), ёрдамчии мудир, муфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳим, нозир ва коргузорӣ таъсис дода шуда, фаъолияти хизматӣ дар он тавассути қонунгузории шуравӣ ба танзим даровarда мешуд ва Раиси КХА ҶМШС Тоҷикистон дар як вақт Прокурори ҷумҳурӣ ҳисоб мешуд[34].

Бояд қайд кард, ки қабл аз ин дар ҶХШ Бухоро (сентябри соли 1924 ба ҶШС Бухоро табдил шуда буд) 23 ноябри соли 1923 прокуратура ташкил ва Прокурори давлатиро КИМ-и ҶШС Бухоро таъин мекард. Прокурори давлатии ҶШС Бухоро дар як вақт муовини аввали Нозири халқии адлия ба ҳисоб мерафт. Баъдан дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони ҳозира), ки дар ҳайати ҶХШ Бухоро шомил буд, дар моҳи октябри соли 1924 прокуратураи суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ бо 4 воҳиди корӣ таъсис дода шуд. Прокурори ҳавзавӣ ва ёрдамчиёни ӯ дар ҳудуди ҳавза он вазифаҳоеро иҷро мекарданд, ки Прокурори ҶХШ Бухоро низ тибқи м. 7 Низомнома “Дар бораи истеҳсолоти судии ҶХШ Бухоро” иҷро мекард[35].

Моҳи январи соли 1923 дар уезди Хуҷанд камераи назорати прокурорӣ дар ҳайати ёрдамчии прокурор, котиб ва хаткашон таъсис дода шуда, ёрдамчии прокурор аз ҷониби Прокурори давлатии ҶМШС Туркистон таъин ва озод карда мешуд. Аз моҳи майи соли 1922 то таъсиси камераи назорати прокурорӣ назорати қонуният дар ҳудуди уезд бевосита аз ҷониби Прокуратураи давлатии вилояти Самарқанди ҶМШС Туркистон ва ҶФШСР амалӣ мешуд.

Комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон баъди шиносоӣ бо низоми мавҷудаи судӣ ва прокуратураи Бухорои Шарқӣ 22 декабри соли 1924 ба кори худ оғоз кард. Аммо мақомҳои он дар 6 вилоят – Душанбе, Кӯлоб, Ғарм, Қурғонтеппа, Уротеппа ва Панҷакент аз 12 феврали соли 1925 ба фаъолият шурӯъ кардаанд[36].

---

[34] Муҳаммадиев И.С. Образование и становление органов прокуратуры на севере Таджикистан в 1923-1930 гг. (исторический аспект исследования): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Хуҷанд, 2009. – С. 18.
[35] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 15-16.
[36] Хусаинова Ш.М. Становление и развитие системы органов Таджикистана в 1924-1937 гг.: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 15.

Прокуратураи суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ бо фармони КХА ҶМШС Тоҷикистон аз 12 феврали соли 1925, ба Прокуратураи назди суди ҳавзавии Душанбе табдил дода шуда, аз ҳамин сана ба фаъолият шуруъ намудааст[37].

Аз маълумотҳои болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Прокуратураи суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ аз моҳи октябри соли 1924 то 12 феврали соли 1925, яъне ҳамагӣ 4 моҳ расман фаъолият намудааст.

Прокуратураи давлатӣ дар вилоятҳо аз 3 нафар корманд, аз қабили прокурор, ёрдамчӣ ва муфаттиш иборат буданд. КИ дар интихоби кадрҳо ба вазифаи прокурорӣ ба қобилияти ақлонии кормандон такя мекард[38]. Баҳри таъмини мақомоти навтаъсис бо кадрҳои баландихтисоси маҳаллӣ дар назди шуъбаи КХА ҶМШС Тоҷикистон курсҳои семоҳаи ҳуқуқшиносӣ ташкил карда шуданд.

Хизмат дар мақомоти зикргардида дар асоси Низомнома "Дар бораи назорати прокурорӣ"[39], ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 тасдиқ шудааст ва Низомнома "Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки бо қарори КИМ ИҶШС аз 29 октябри соли 1924 тасдиқ шудааст[40],ба роҳ монда мешуд. Ҳамчунин, барои танзими фаъолияти хизматӣ дар мақомоти зикршуда Низомнома "Дар бораи КХА ҶМШС Тоҷикистон", ки моҳи феврали соли 1925 таҳия шуда, бо қарори раёсати Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 6 майи соли 1925 тасдиқ шудааст, нақши хосса дорад[41]. Тибқи он, комиссари халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон, ки дар як вақт Прокурори ҷумҳурӣ буд, аз ҷониби КИМ ҶМШС Тоҷикистон таъин мешуд ва дар фаъолияти худ ба раёсати он ҳисоботдиҳанда буд. Таъин, ҷойивазкунӣ ва бозхонди прокуророни вилоятҳо, инчунин пешбурди баҳисобгирии ҳайати шахсии назорати прокурорӣ ба шуъбаи Прокуратураи КХА Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида буд.

---

[37] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 25.

[38] Ҳамон ҷо. – С. 22-24.

[39] Низомнома "Дар бораи назорати прокурорӣ", ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_1334.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

[40] Низомнома "Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_2226.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

[41] БМД ҶТ, – Ф. 9. – рӯй. 1. – к.179. – С. 164.

Бояд қайд намуд, ки баъди таъсиси ИҶШС моҳи ноябри соли 1923 дар асоси Низомнома "Дар бораи Суди олии ИҶШС"[42], ки бо қарори Раёсати КИМ ИҶШС аз 23 ноябри соли 1923 тасдиқ шудааст, мансаби Прокурори Суди олии ИҶШС таъсис дода шуда буд. Тибқи ин санад Прокурори Суди олии ИҶШС, муовин ва 2 ёрдамчӣ дошт. Прокурори Суди олии ИҶШС ва муовини ӯро Раёсати КИМ ИҶШС тибқи м. 46 Конститутсияи ИҶШС[43] ба вазифа таъин мекард. Ёрдамчиёни Прокурори Суди олии ИҶШС бо пешниҳоди Прокурори Суди олии ИҶШС аз ҷониби Раёсати КИМ ИҶШС тасдиқ карда мешуд, яъне аз ҷониби мақомоти олии қонунгузор, иҷроия ва амрдиҳии ИҶШС. Таъин ва озод кардани кормандони прокуратураи ҳарбӣ бо фармони Прокурори Суди олии ИҶШС дар асоси пешниҳоди прокурорҳои иттифоқии дахлдор сурат мегирифт. Прокурори Суди олии ИҶШС ҳуқуқи дахолат ба соҳаҳои алоҳидаи назорати прокурориро дар фаъолияти прокуророни иттифоқӣ гирифта буд, аммо ҳамаи фаъолияти онҳоро фаро намегирифт ва зиёда аз ин мақомоти прокуратураи ҷумҳуриҳои иттифоқиро ба худ тобеъ накарда буд.

Дар санадҳои болозикр масъалаи таъин намудани Прокурори Суди олии ИҶШС, муовин ва ёрдамчиёни ӯ матраҳ гардида, тартиби аз вазифа озод намудан (ё бозхонд)-и онҳо муқаррар нагардида буд.

Дар таҳкими мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, қарори КИМ ИҶШС "Дар бораи иловаҳо ба м.м. 6 ва 7 Низомнома "Дар бораи Суди олии ИҶШС"[44] аз 14 июли соли 1924 нақши махсус дорад. Дар м. 7 Низомномаи мазкур сархати нав бо мазмуни зерин илова шуда буд: "Ҳеҷ кас аз ҳайати Суди олии ИҶШС ва мушовараи он, ҳамзамон прокурори Суди олии ИҶШС ва ёрдамчиёни онҳо дар ҷойҳо наметавонанд бе огоҳӣ ва иҷозаи Раёсати КИМ ИҶШС ва дар ҳолатҳои ногузир Раиси КИМ ИҶШС ба суд дода шаванд, шахсан дастгир ва тахти азназаргузаронӣ ва кофтукови шахсӣ қарор гиранд.".

---

[42] Низомнома "Дар бораи Суди олии ИҶШС" аз соли 1923. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_1871.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

[43] Қонуни асосии (Конститутсияи) ИҶШС соли 1924. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_1717.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

[44] Қарори КИМ ИҶШС "Дар бораи иловаҳо ба моддаҳои 6 ва 7 Низомнома "Дар бораи Суди олии ИҶШС". [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_2086.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

Қаблан низ боназардошти саҳми калони мақомоти прокуратура ва суд дар таҳкими қонунияти инқилобӣ ва таъмини кори холисона тибқи илова ба б. 5 декрети КИМУ аз 25 августи соли 1921 "Дар бораи пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти маҳаллии адлия", ки бо декрети КИМУ аз 16 ноябри соли 1922 "Дар бораи тартиби ҳабси прокуророн, ёрдамчиёни онҳо, раисон ва аъзои трибуналҳои инқилобӣ, шуроҳои судҳои халқӣ, судяҳо ва муфаттишони халқӣ"[45] амалӣ шуда буд, ҳеҷ як мақомоти ҳокимиятӣ наметавонист прокуророн ва ёрдамчиёни онҳо, муфаттишони халқиро бе рухсати пешакӣ ва дар ҳолатҳои истиснои махсус ба шарти хабари якборагӣ ба Прокурори ҷумҳурӣ ба ҳабс гиранд.

Ҳамин тавр, санадҳои мазкур дар боло бурдани мақому мартабаи кормандони мақомоти прокуратура нақши хосса дошта, барои таъмини дахлнопазирии шахсии прокуророн ва муфаттишон заминаи устувори ҳуқуқӣ гузоштаанд.

Раёсати КИМ Шурои ҶШС Ӯзбекистон 23 марти соли 1925 қарор "Дар бораи тасдиқи шуъбаи Суди олии ҶШС Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон"-ро қабул намуда, бо он Низомнома дар бораи ин шуъбаро низ тасдиқ кард. Бо ин қарор вазифаи прокурори шуъбаи Тоҷикистонии Суди олии ҶШС Ӯзбекистон низ таъсис дода шуд[46].

Пас аз ин дар ҶМШС Тоҷикистон ду мақоми муташаккиле амал мекард, ки дар низоми назорати прокурорӣ ба ҳам алоқаманд набуданд.

Августи соли 1925 аз ташкилоти судҳои халқӣ ва қитъаҳои суди аврупоӣ камераи ёрдамчиёни прокурор таъсис дода шудааст[47].

Новобаста аз ташкили мақомҳои гуногуни пешбарандаи назорати прокурорӣ ҳамаи онҳо дар асоси принсипҳои дар Низомномаҳо "Дар бораи назорати прокурорӣ", "Дар бораи Суди олии ИҶШС" ва "Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ" дарҷгардида, амал мекарданд.

---

[45] Декрети КИМУ "Дар бораи тартиби ҳабси прокуророн, ёрдамчиёни онҳо, раисон ва аъзои трибуналҳои инқилобӣ, шуроҳои судҳои халқӣ, судяҳо ва муфаттишони халқӣ". [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_1441.htm (санаи мурочиат: 27.12.2021).
[46] Хусаинова Ш.М. Становление и развитие системы органов Таджикистана в 1924-1937 гг.: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011 – С. 17.
[47] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 26.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандон бо Қарори Раёсати Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 16 декабри соли 1925 ба кормандони назорати прокурорӣ ва муфаттишони халқӣ, ки аз минтақаҳои дур омада буданд ва дар сафари хизматӣ қарордошта имтиёзҳое пешниҳод карда мешуд, ки дар Декрет КИМУ ва ШКХ ИҶШС аз 14 декабри соли 1923 пешбинӣ гардида буданд[48]. Аз ҷумла, пардохти ду баробари харҷи сафар аз андозаи муқарраршуда, музди маоши дукарата дар се моҳи аввал ва ғайра.

Дар Помир (ВМКБ) тибқи фармони раиси КХА ҶМШС Тоҷикистон аз 17 январи соли 1927, №142, §2 прокуратураи вилоятӣ дар ҳайати прокурор ва коргузор таъсис дода шуд[49]. Баъд аз ин дар ҶМШС Тоҷикистон 7 прокуратураи вилоятӣ амал мекард.

Дар соли 1925 низоми прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон чунин буд:

– прокурори ҷумҳурӣ ва муовини ӯ (дар айни замон ӯ комиссариати халқӣ ва муовини комиссариати халқии адлия);

– шуъбаи прокуратураи Комиссариати халқии адлия;

– прокурори шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон;

– прокурорҳои вилоятӣ. Моҳи декабри соли 1926 Комиссариати халқии адлия прокурори ВМКБ-ро таъин кард[50].

Бо назардошти хизмати мақомоти прокуратура 15 марти соли 1928 КХА ИҶШС дар бораи пурра ба ихтиёри прокуратура додани дастгоҳи тафтишотӣ қарор қабул намуд, ки дар натиҷа итоати дутарафаи мақомоти тафтишотӣ ҳам ба низоми судӣ ва ҳам ба низоми прокурорӣ хотима ёфт[51].

Баъд аз ин мақомоти прокуратура моҳиятан дорои ҳуқуқи ягонаи бурдани тафтишоти пешакии ҷиноятҳо гардид ва ин тартибот то соли 1961 идома ёфт.

---

[48] Ҳамон ҷо. – С. 26-27.
[49] Ҳамон ҷо. – С. 33.
[50] Ализода Б.П., Ҷӯразода Р.З. Ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон // Осори Академияи ВКД ҶТ (маҷаллаи илмӣ). – 2010. – №14. – С. 145-154.
[51] Исоев М.Ш., Каримов Ф.К., Юсуфов А. Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005. – С. 47.

Талабот нисбати муфаттишон хусусияти касбӣ, ахлоқӣ-маънавӣ дошт ва шахсони ба вазифаҳои муфаттишони халқӣ, сармуфаттишон ва муфаттишон оид ба корҳои муҳим дар асоси ин талабот таъин мешуданд[52].

Дар ин солҳо прокурорҳо аз ҷониби Кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ва гоҳҳо аз ҷониби КХА ё мақомоти маҳаллии ҳизбӣ таъин ва озод карда мешуданд[53]. Баҳри бартараф намудани дахолати онҳо ва бо мақсади минбаъд таҳкими қонунияти инқилобӣ, инчунин баланд бардоштани мавқеи мақомоти судию прокурорӣ бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС "Дар бораи қонунияти инқилобӣ"[54] аз 25 июни соли 1932 муқаррар гардид, ки аз вазифа озод намудан ва ҷойивазкунии прокурорҳои ноҳиявӣ танҳо бо қарори прокуророни вилоятӣ (кишвар), ё ин ки мақоми болоии прокуратура ё КХА амалӣ карда шавад.

Комиссари халқии нозироти коргару деҳқон (Нарком РКИ) соли 1928 лоиҳаи ислоҳоти Суди олии ИҶШС ва Прокуратураи Суди олии ИҶШС-ро ба миён гузошт. Дар хусуси прокуратура бошад, пешниҳод гардида буд, ки ба ҷои Прокуратураи Суди олии ИҶШС Прокуратураи ИҶШС ҳамчун мақомоти мустақил ташкил карда шуда, ба Раёсати КИМ ИҶШС ҳисоботдеҳ бошад[55].

Ин боис шуд, ки охирҳои соли 1928 мақомоти Прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон аз нав ташкил карда шавад ва мувофиқи он прокурорҳои назди шуъбаи Суди олии ҶШС Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон бекор гардида, 7 прокурори вилоятӣ ва вазифаи сарпрокурори ҶМШС Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. 8 муфаттиши халқӣ якнафарӣ ба ҳар вилоят ва ВМКБ тобеи мақомоти прокуратура дода шуданд. Аз сабаби набудани кадрҳои омодаи ҳуқуқшиносӣ ба вазифаҳои прокурорӣ ва муфаттишон нафароне, таъин карда мешуданд, ки ба кори ҳизбу халқ содиқ, ҷанговарони қатораҳои Армияи Сурх ва фаъолон буданд[56].

Бинобар табдили уезди Хуҷанд ба ҳавза, камераи ёрдамчии прокурор барҳам ва моҳи феврали соли 1927 прокуратураи ҳавзавии Хуҷанд таъсис дода

---

[52] Ҳамон ҷо. – С. 47.
[53] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 59.
[54] История советской прокуратуры в важнейших документах. Под ред. Мокичева К.А. – М., 1952. – С. 454-456.
[55] Балабан К.Ю. Правовые основы взаимодействия прокуратуры и судебной системы в советском государстве (1922-1959 годы).: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2011, – С. 19-20.
[56] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 44.

мешавад, ки то охирҳои соли 1930 фаъолият намудааст. Ба ҳайати ин прокуратураи ҳавзавӣ прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Нов, Конибодом, Ашт ва Исфара шомил буданд. Кори мақомоти прокуратура ва судию тафтишотӣ дар давраи ташаккулёбӣ ба он мушкил гардида буд, ки ҳудуди вилояти Суғди ҳозира дар ҳайати вилоятҳо ва ҷумҳуриҳои алоҳида қарор гирифта буд ва дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, мустаҳкам намудани дастгоҳи давлатӣ, пешбурди коргузорӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ба забони тоҷикӣ душвориҳоро низ ба вуҷуд меовард[57].

Бо қарори съезди сеюми Шурои ҶШС Ӯзбекистон аз 10 майи соли 1929 ҳавзаи Хуҷанд ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон дода мешавад. Аз ин пас прокуратураи ҳавзавии Хуҷанд қисми таркибии Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон ва минбаъд ҶШС Тоҷикистон мегардад.

ҶМШС Тоҷикистон 5 декабри соли 1929 мустақилияти худро аз ҶШС Ӯзбекистон соҳиб гардида, ҳафтумин ҷумҳурӣ ба ҳайати собиқ ИҶШС шомил шуд. Дар як вақт сохтори мақомоти прокуратура низ аз нав тасдиқ ва Прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон ба Прокуратураи ҶШС Тоҷикистон табдил дода мешавад. Бо ин дар сиёсати ҳуқуқӣ ва низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶШС Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ рӯйи кор меоянд. Пеш аз ҳама КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон 19 декабри соли 1929 "Дар бораи мавриди амал қарор додани қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон" қарор қабул менамояд[58].

Баъдан, 30 июли соли 1930 мувофиқи қарори КИМ ва ШКХ-и ҶШС Тоҷикистон ҳавзаҳо ҳамчун воҳиди ҳудудӣ-маъмурӣ барҳам дода мешавад[59]. Дар ин замина, 23 октябри соли 1930 бо қарори КИМ-и ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи азнавташкилкунии мақомоти судӣ-прокурорӣ дар алоқамандӣ бо барҳамдиҳии ҳавзаҳо" прокуратураҳои ҳавзаҳо низ барҳам дода мешавад. Вазифаҳои прокуратураҳои барҳамхӯрдаи ҳавзаҳо ба прокурорҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ

---

[57] Мухаммадиев И.С. К истории органов прокуратуры Республики Таджикистан // Қонуният. – 2009. – №1. – С. 110-117.
[58] Хусаинова Ш.М. Становление и развитие системы органов Таджикистана в 1924-1937 гг.: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 20-21.
[59] Хронологическое собрание действующего законодательства Таджикской ССР. – Душанбе, 1964. –Том 1, акт 8.

гузашта, дар ҳар як ноҳия шуъбаҳои тафтишотӣ таъсис дода мешавад. Прокурорҳои ноҳияҳоро прокурорҳои вилоятҳо таъин мекарданд. Дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои калон, ки аҳамияти калони хоҷагӣ ва сиёсӣ доштанд, дар назди прокуратураҳо як ё якчанд вазифаи ёрдамчии прокурор аз рӯйи зарурияти воқеӣ ташкил карда мешуд. Муфаттишонро комиҷроияҳои ноҳиявӣ ё худ шуроҳои шаҳрӣ бо пешниҳоди прокурорҳои ноҳиявӣ таъин мекарданд.

Бинобар мавҷуд набудани ҳуқуқшиносон дар ҷумҳурӣ, ба вазифаҳои прокурору муфаттишон ҷанговарони дастаҳои ихтиёрии ба кори ҳизбу халқ содиқи Артиши Сурх ва фаъолон таъин мегардиданд. Баъдан онҳо дар курсҳои 3-моҳа ва мактаби 2-солаи ҳуқуқшиносӣ таълим гирифта, соҳиби таҳсилот мегаштанд.

Бо қарори КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 28 июни соли 1930 Низомнома «Дар бораи мақомоти адлияи ҶШС Тоҷикистон»[60] тасдиқ карда шуд, ки он фаъолияти прокуратураро низ танзим мекард.

Мувофиқи он муфаттишон вазифадор шуданд, ки дар баробари фаъолияти тафтишотӣ, ба фаъолияти мақомоти дигари тафтишотӣ роҳбарӣ ва назорат намоянд ва дар судҳо ба сифати айбдоркунанда баромад кунанд.

Дар ин давра ба сохтор КХА ҶШС Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1933 тағйирот ворид шуд, ки тибқи он вазифаи муовини комиссари халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон ҷорӣ шуд, ки ӯ дар як вақт прокурори ҷумҳурӣ буд. Дар ин вазифа бо қарори КМ ҲК Тоҷикистон Розенберг А.Я. ҳамчун муовини комиссари халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон ва прокурори ҷумҳурӣ тасдиқ карда шуд[61].

Бо гузашти солҳо мақомоти прокуратура мустаҳкаму ваколатҳояш бештар гардида, таҷриба зарурияти ҳамчун мақоми мустақил эътироф гардидани онро нишон дод. Дар ин асно, бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС “Дар бораи таъсиси Прокуратураи ИҶШС”[62] аз 20 июни соли 1933 Прокуратураи ИҶШС таъсис ва ҳамчун мақоми мустақил аз ҳайати Комиссариати халқии адлия ҷудо карда шуд.

---

[60] БМД ҶТ. – Ф. 485. – рӯй. 1. – пар. 1. – С. 17-21.

[61] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан. – Душанбе, 1995. – С. 81-82.

[62] Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС “Дар бораи таъсиси Прокуратураи ИҶШС”. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_3899.htm (санаи мурочиат: 27.12.2021).

Ба зиммаи Прокуратураи ИҶШС роҳбарии умумии фаъолияти прокуратураҳои иттифоқӣ гузошта шуд. Вале кормандони прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ боз зиёда аз се сол тобеи ҳам Прокурори ИҶШС ва ҳам КХА ҷумҳурӣ буданд. Ин ташкили кор, интихобу ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кормандони мақомоти прокурорию тафтишотиро душвор месохт.

Прокуратураи ИҶШС ҳамчун мақомоти мустақил дорои ваколатҳои васеи назоратӣ буд. Аз ҷумла, назорати мувофиқати қарору фармонҳои идораҳои алоҳидаи ИҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Конститутсия ва қарорҳои Ҳукумати ИҶШС, ваколатҳои дуруст ва якхела татбиқ намудани қонунҳо аз тарафи судҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо ҳуқуқи талаб кардан дар ҳар марҳилаи мурофиавиро ба амал баровarda, аз болои ҳукм ва қарорҳои судҳо ба судҳои болоӣ эътироз кардан ва боздоштани иҷрои онҳо, таъқиби ҷиноятӣ ва дастгирии айбдоркунии давлатӣ дар тамоми зинаҳои судӣ, инчунин дар асоси қоидаи махсус қонунӣ ва асоснокии амалиёти мақомоти оперативӣ, муассисаҳои ислоҳӣ-меҳнатиро назорат намуда, роҳбарии умумӣ ба фаъолияти прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқиро амалӣ мекард.

Баъдан бо қарори КИМ №84 ва ШКХ ИҶШС №2621 аз 17 декабри соли 1933 Низомнома "Дар бораи Прокуратураи ИҶШС"[63] тасдиқ карда шуд ва дар як вақт Прокуратураи Суди олии ИҶШС барҳам дода шуд. Тибқи ин санад танҳо як масъалаи алоқаманд ба хизмат дар мақомоти прокуратура танзим гардида буд, ки ин ҳам таъин ва бозхонди прокурори ИҶШС ва муовину ёрдамчиёни калон, муовинони ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни ӯ, инчунин прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, вилоятҳо, ҷумҳуриҳою вилоятҳои мухтор буд.

Мувофиқи Низомномаи мазкур Прокурори ИҶШС аз ҷониби КИМ ИШҶС таъин ва муовинони ӯ тасдиқ карда мешуд. Ёрдамчиёни калони Прокурори ИҶШС бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби КИМ ИҶШС тасдиқ мешуданд. Муовинони ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори ИҶШС аз ҷониби ӯ таъин карда мешуданд. Прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар мувофиқа бо КИМ-и

[63] Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС (№84,2621) "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Прокуратураи ИҶШС. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_3948.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз ҷониби Прокурори ИҶШС таъин ва бозхонд карда мешуданд. Прокуророни вилоятҳо, ҷумҳуриҳо ва вилоятҳои мухтор бо ризоияти Прокурори ИҶШС аз ҷониби прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ таъин ва бозхонд карда мешуданд. Прокурори ИҶШС дар назди ШКХ, КИМ ИҶШС ва Раёсати он масъул буд[64].

То охири соли 1934 ҳайати кадрии мақомоти прокуратура беҳтар гардида, прокуророни ноҳияҳо таҳсилоти миёна ва миёнаи нопурра доштанд. Дар асоси фармони Прокурори ИҶШС аз 1 октябри соли 1934, №237 ва фармони Прокурори ҶШС Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1934, №1л "Дар бораи аз тарафи прокуророн ва муфаттишон дар шаш моҳ (яъне то 1 майи соли 1935) ҳатман супоридани имтиҳон (минимум) аз ҳуқуқ"[65] ба тасвиб расид. Тибқи ин фармон минбаъд болоравии кормандони прокурорӣ танҳо баъди бомуваффақият супоридани имтиҳони тахассусӣ аз ҳуқуқ амалӣ шуда, зимни таъини корманд ба мансаб гузаштани ҳатмии ӯ аз комиссияи аттестатсионӣ талаб карда мешуд ва комиссия ҳуҷҷатҳои заруриву дигар маълумотро дар бораи корманд гирд оварда, тавсияи худро пешниҳод менамуд. Таҳлили маводҳо, аз ҷумла, протоколи ҷаласаи комиссияи аттестатсионии назди КХА ҶШС Тоҷикистон дар бораи санҷиши дониши шахсони ба кори судию прокурорӣ фиристодашуда аз 28 марти соли 1936[66] нишон медиҳад, ки дар асоси фармони Прокурори ҶШС Тоҷикистон шахсони нав ба кор қабулшуда, низ аз санҷиши комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешудаанд.

Ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо, 15 августи соли 1935 Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон Низомнома "Дар бораи сохтори судӣ дар ҶШС Тоҷикистон"[67]-ро қабул ва мавриди амал қарор дод, ки он амали Низомнома "Дар бораи сохтори судии ҶШС Ӯзбекистон"-ро дар қаламрави Тоҷикистон қатъ намуд.

---

[64] Низомнома "Дар бораи Прокуратураи ИҶШС" аз соли 1933. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.istmat.info/node/24231 (санаи муроҷиат: 6.11.2021).
[65] Бойгонии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бастаи №1. Фармонҳо аз солҳои 1934-1935. – С. 1-2.
[66] БДМ. – Ф. 329. – рӯй. 1. – пар. 601. – С. 43.
[67] Низомнома "Дар бораи сохтори судӣ дар ҶШС Тоҷикистон". – Сталинобод, 1935.

Мувофиқи Низомномаи зикргардида таъин, ба дигар кор гузаронидан ва озод кардани муфаттишони халқӣ бо ташаббуси Прокурори ҷумҳурӣ ё бо пешниҳодҳои асосноки прокуророни минтақавӣ ва ё Раёсати шуроҳои шаҳрӣ ё ноҳиявии кумитаҳои иҷроия амалӣ карда мешуд. Муфаттишон оид ба корҳои махсусан муҳим аз ҷониби Прокурори ҷумҳурӣ таъин, ба дигар кор гузаронида ва озод карда мешуданд[68].

Бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 20 июли соли 1936 «Дар бораи таъсис додани Комиссариати халқии адлияи ИҶШС» прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз ҳайати КХА ҷудо ва пурра тобеи прокуратураи ИҶШС гардонида шуданд[69]. Ҳамин тавр, сохтори ташкилии мақомоти прокуратура мутамарказонида шуд.

Конститутсияи ИҶШС соли 1936[70] бори нахуст дар сатҳи конститутсионӣ мафҳуми назорати олиро аз рӯйи иҷрои дақиқи қонунҳо ба миён овард. Илова ба ин, муқаррароти ба амал баровардани назорат аз ҷониби прокуророн новобаста аз ҳеҷ як мақомоти маҳаллӣ ва танҳо тобеъ будан ба Прокурори ИҶШС низ дар ин Конститутсия таҷассум гардида буд. Дар Конститутсияи ИҶШС[71] соли 1923 бошад танҳо Прокуратураи Суди олии ИҶШС зикр шудааст.

Мувофиқи Конститутсияи ИҶШС соли 1936 Прокурори ИҶШС-ро ба муҳлати 7 сол Шурои Олии ИҶШС таъин мекард. Дигар таъини прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бе мувофиқа бо КИМ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ амалӣ карда мешуд. Яъне Прокурори ИҶШС прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ҷумҳуриҳои мухтор, вилоятҳо ва вилоятҳои мухторро бевосита таъин мекард. Прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ прокурорҳои ҳавзаҳои мухтор, шаҳрӣ ва ноҳиявиро таъин мекарданд ва онҳоро Прокурори ИҶШС тасдиқ мекард. Ҳамаи прокурорҳои поёнӣ ҳам ба муҳлати 5 сол таъин мешуданд. Ҳамаи прокуратураҳои поёнӣ танҳо

---

[68] Положение о судоустройстве Таджикской ССР. – Сталинабад, 1935.

[69] Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС "Дар бораи таъсис додани Комиссариати халқии адлияи ИҶШС" аз 20.07.1936. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.istmat.info/node/46805 (санаи муроҷиат: 12.07.2022).

[70] Конститутсияи ИҶШС аз соли 1936. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_4100.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

[71] Қонуни асосии (Конститутсияи) ИҶШС аз соли 1924. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_1717.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

ба Прокурори ИҶШС итоат мекарданд. Онҳо дигар ба мақомоти маҳаллӣ итоат намекарданд.

Бинобар бекор шудани меъёри бо мувофиқа бо КИМ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ таъин ва бозхонди прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар як вақт, масъул будани онҳо дар назди ин мақом аз байн рафт. Танҳо Прокурори ИҶШС дар назди Шурои олии ИҶШС ва дар байни ҷаласаҳои он ба Раёсати Шурои олии ИҶШС ҳисоботдиҳанда буд.

Дар Иҷлосияи 4-уми ғайринавбатии Шурои олии ҶШС Тоҷикистон, ки 1 марти соли 1937 баргузор гардид, Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон[72] қабул шуд, ки боби VIII он ба мақомоти прокуратура ва суд бахшида шудааст. Ҳамаи принсипҳои фаъолияти мақомоти прокуратура, ки дар Конститутсияи ИҶШС инъикос ёфта буд, дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон низ таҷассум гардиданд. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ба прокуратура асосан таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсиро вогузор намуда буд. Дар м. 52-и он пешбинӣ гардида буд: «Ҳеҷ кас наметавонад ба ҳабс гирифта шавад, ба истиснои қарори суд ва ё бо иҷозати прокуратура»[73].

Мувофиқи м. 102 Конститутсияи зикршудаи ҶШС Тоҷикистон, Прокурори ҷумҳурӣ, прокурори вилояти мухтор ва прокурори вилоятро Прокурори генералии ИҶШС ба муҳлати 5 сол ба вазифа таъин менамуд. Прокурори ҶШС Тоҷикистон прокурорҳои шаҳр ва ноҳияро ба ҳамин муҳлат бо тасдиқи Прокурори генералии ИҶШС ба вазифа таъин менамуд. Дар м. 104 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон муқаррар гардид: «Мақомоти прокуратура функсияи худро бидуни дахолати мақомоти маҳаллӣ амалӣ намуда, танҳо ба Прокурори ИҶШС итоат менамояд».

Муфаттишони халқии прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби прокуророни вилоятҳо бо пешниҳоди кумитаҳои иҷроияи ноҳияҳо таъин ва бевосита аз ҷониби прокуророни вилоятҳо озод карда мешуданд. Муфаттишони калони прокуратураи вилоят аз ҷониби прокурори вилоят таъин ва аз ҷониби

---

[72] Маҷмуаи қонунгузории амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 1977. – С. 7-29.

[73] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 50.

Прокурори ҷумҳурӣ тасдиқ мешуданд. Муфаттишони оид ба парвандҳои махсусан муҳимми Прокуратури ҷумҳурӣ аз ҷониби Прокурори ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо Прокурори ИҶШС таъин карда мешуданд.

Низоми мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз прокуратураи ҷумҳурӣ, вилоятӣ, вилояти худмухтор, шаҳр ва ноҳия иборат буд[74].

Дар ин солҳо, дар ҶШС Тоҷикистон прокуратураи ҳарбии гарнизони Душанбе таъсис дода шуд, ки дар асоси Низомнома "Дар бораи трибуналҳои ҳарбӣ ва прокуратураи ҳарбӣ" [75] фаъолият менамуд. Баъдан прокуратураи махсусгардонидашуда дар ш. Чкаловски (ҳозира Бустон) вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) таъсис дода шуд[76].

Ҷанги Бузурги Ватанӣ зарурияти баланд бардоштани масъулияти кормандон ва тағйироти ҷиддиро дар сохтор ва фаъолияти мақомоти прокуратура тақозо менамуд. Бинобар ин, бо мақсади таҳким бахшидан ба масъулияти шахсии кормандони адлия дар иҷрои кор ва таъмини шароити зарурӣ барои иҷрои дахлдори уҳдадориҳо оид ба ҳифзи қонунияти инқилобӣ бо фармони Прокурори ИҶШС аз 17 октябри соли 1942, №613м "Дар бораи тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва чораҳои ҳавасмандгардонии кормандони прокурорию тафтишотӣ барои фаъолияти бовиҷдонона" ва бо фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС аз 16 сентябри соли 1943 барои кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратура рутбаҳои дараҷавӣ ва бо қарори ШКХ ИҶШС аз 16 сентябри соли 1943, №1002 либоси махсуси хизматӣ муқаррар гардид. Ҳамзамон, бо ин санад ҷадвали муқоисавии рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорию тафтишотии Прокуратураи ИҶШС ба рутбаҳои ҳарбӣ ва Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи ИҶШС" тасдиқ карда шуд.

Тибқи фармони Прокурори ИҶШС "Дар бораи тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва чораҳои ҳавасмандгардонии кормандони прокурорию

---

[74] Кенжаев С., Мирзоева К. Очерк истории прокуратуры Таджикистана. – Душанбе, 1995. – С. 138.

[75] Низомнома "Дар бораи трибуналҳои ҳарбӣ ва прокуратураи ҳарбӣ", бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 26 августи соли 1926 мутобиқ ба асосҳои сохтори судии ИҶШС ва чумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1924 қабул шудааст // История советской прокуратуры в важнейших документах. – М., 1952. – С. 554.

[76] Ҳамон ҷо. – С. 556.

тафтишотӣ барои фаъолияти бовиҷдонона”[77] панҷ намуди ҷазоҳои интизомӣ, аз ҷумла, огоҳӣ, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, ба вазифаи пасттар гузаронидан ва аз вазифа озод кардан, инчунин чораҳои зерини ҳавасмандгардонӣ аз қабили эълон кардани раҳматнома ва дар дафтарчаи меҳнатӣ дарҷ намудани он, мукофотпулӣ ва ба мансаби масъулияти баланд дошта гузаронидан пешбинӣ гардида буд.

Муҷозоти интизомиро дар намуди огоҳӣ, танбеҳ ва танбеҳи қатъӣ прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ то прокурорҳои ноҳиявӣ метавонистанд нисбати кормандони прокурорию тафтишотии зертобеи худ татбиқ намоянд. Ҷазоҳои интизомӣ дар намуди ба вазифаи пасттар гузаронидан ва аз вазифа озод карданро прокурори ҷумҳуриҳои мухтор, кишварҳо, вилоятҳо нисбати ёрдамчиёни прокурорҳои ҳавзавӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, инчунин муфаттишони халқӣ, прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бошанд нисбати сардорони шуъбаҳои фаврии прокуратураҳои ҶМШС, кишварҳо, вилоятҳо, муовинони онҳо, прокуророни шуъбаҳои прокуратураҳои ҶМШС, кишварҳо, вилоятҳо, муфаттишони калон инчунин нисбати дигар ҳамаи кормандони прокурорию тафтишотии прокуратураҳои поёнӣ метавонистанд татбиқ кунанд.

Мутобиқи фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС ва Низомнома “Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратураи ИҶШС” [78] , барои кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратураи ИҶШС чунин рутбаҳо муқаррар гардида буд:

– Мушовири ҳақиқии давлатии адлия;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;

– Мушовири калони адлия;

– Мушовири адлия;

– Мушовири хурди адлия;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1;

[77] История советской прокуратуры в важнейших документах. – М., 1952. – С. 555-556.
[78] Ҳамон ҷо. – С. 556-562.

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3;

– Ҳуқуқшиноси хурд.

Тибқи ҷадвали муқоисавӣ рутбаҳои мазкур ба рутбаҳои ҳарбӣ мутаносибан аз лейтинанти хурд то генерали артиш мувофиқ карда шуда буд.

Бо мақсади баланд бардоштани мавқеъ ва нуфузи мақомоти прокуратура 19 марти соли 1946 Қонун “Дар бораи ба Прокурори ИҶШС додани номи Прокурори генералии ИҶШС " қабул шуд, ки мувофиқи он аз ҷониби Шурои Олии ИҶШС ба Прокурори ИҶШС номи Прокурори генералии ИҶШС дод шуд[79].

Дар баробари Прокуратураи Генералии ИҶШС хизмат дар Прокуратураи ҶШС Тоҷикистон ҳам ташаккул меёфт.

Барои мунтазам санҷидани муносиб будани прокурорҳо ва муфаттишҳо ба вазифаҳои ишғолнамудаашон ва сари вақт ба вазифаҳои баланд пешбарӣ кардани онҳо бо фармони Прокурори генералии ИҶШС аз 24 январи соли 1951, №15[80] аттестатсияи ҳамаи прокурорҳо ва муфаттишҳо дар прокуратураи ИҶШС ҷорӣ карда шуд. Бо назардошти фармони Прокурори генералии ИҶШС аз 15 августи соли 1963, №67 «Дар бораи камбудиҳои ҷиддии ташкили кори аттестатсияи прокурорҳо ва муфаттишон», Дастурамал оид ба аттестатсияи прокурорҳо ва муфаттишони прокуратураи ИҶШС[81] тасдиқ карда шуд.

Тибқи ин санадҳо аттестатасияи кормандон мақомоти прокуратура воситаи муҳимми беҳтар намудани интихоб ва тарбияи кадрҳо буда, дар мавриди камбудиҳои ҷиддӣ дар кор ва ё рафтор корманд аз аттестатсияи ғайринавбатӣ гузаронида намешуд. Комиссияҳои аттестатсионӣ аз сатҳи ИҶШС то сатҳи вилоятҳо дар прокуратура таъсис дода шудаанд, ки раисони онҳо яке аз муовинони прокурорҳои сатҳи дахлдор буданд.

[79] Басков В.И. Прокурорский надзора в СССР. – М.: Моск. Универ., 1991. – С .23.
[80] Сборник руководящих документов прокуратуры СССР. – М., 1953.
[81] Основные руководящие документы прокуратуры СССР и комментарии к ним. Под ред. Наумова П.А. – М., 1966. – С. 67-68.

Барои танзими ҳуқуқии хизмат дар мақомоти прокуратура Низомнома “Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС”[82], ки бо фармони Раёсати Шурои Олӣ аз 24 майи соли 1955 тасдиқ шуда буд, аҳамияти хосса дорад. Зеро фасли алоҳидаи он ба сохтори мақомоти прокуратура, тартиби таъин ва адои хизмати кормандони прокуратура бахшида шуда буд. Мутобиқи он, воҳидҳои сохтории мақомоти прокуратураро прокуратураҳои ҳарбӣ ва нақлиётӣ ташкил мекарданд. Функсияи дастгоҳи марказии Прокуратураи ИҶШС ва функсияи интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо муайян карда шуд. Минбаъд, танҳо нафаре ба вазифаи прокурор ё муфаттиш таъин карда мешуд, ки дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ бошад. Таъини шахси бе таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ (донишҷӯ) танҳо бо розигии Прокурори генералии ИҶШС дар ҳолатҳои алоҳида имконпазир буд. Шахсоне, ки донишкадаҳои олии ҳуқуқшиносиро хатм карда буданд, танҳо баъди собиқаи яксолаи муфаттиш ё ёрдамчиии прокуратураи ноҳия (шаҳр) ба вазифаи прокурор ва муфаттиш таъин карда мешуд. Ҳамзамон, ҳадди ақали синну сол барои таъин ба вазифаи прокурор 25-солагӣ муайян карда шуд. Новобаста аз ин тартиби қаблии таъини прокуророни сатҳи гуногун нигоҳ дошта шуда буд. Илова ба ин муовинони Прокурори генералии ИҶШС бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби Раёсати Шурои олии ИҶШС ба вазифа таъин карда мешуданд. Якҷоя кардани хизмат дар мақомоти прокуратура бо кор дар дигар муассисаҳо, ба истиснои корҳои илмӣ ва омӯзгорӣ иҷозат дода намешуд. Ҳамзамон, бо ин санад муҳлати ваколат 5 сол муайян карда шуд, ки бо анҷоми он фаъолияти прокуратураҳои ҳавзавӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ зери санҷиш қарор гирифта, бо натиҷаи он масъалаи ба муҳлати навбатӣ таъин шудани онҳо ҳал карда мешуд. Номзадҳо ба вазифаҳои прокурорҳои ҳавзаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо қаблан дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мавриди муҳокима қарор мегирифт.

Ҳайат ва сохтори прокуратура аз ҷониби Прокурори генералии ИҶШС дар ҳудуди шумораи кормандон ва фонди музди меҳнат (м. 51 Низомнома) муайян

[82] Низомнома “Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС” аз соли 1955. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr /ussr_5015.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

карда мешуд. Шумораи кормандони мақомоти прокуратура ва фонди музди меҳнати онҳо аз ҷониби Шурои Вазирони ИҶШС муқаррар карда мешуд.

Ҷиҳати амалигардонии принсипи демократӣ – дастаҷамъӣ, тибқи фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС "Дар бораи ташкили Ҳайати мушовара дар Прокуратураи ИҶШС ва прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ"[83] аз 27 феврали соли 1959 дар Прокуратураи ИҶШС ҳайати мушовара созмон дода шуд. Бо назардошти ин, дар мақомоти прокуратураи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ низ ҳайати мушовара аз ҳисоби прокурори ҷумҳурӣ ва дигар кормандони ҳайати роҳбарикунанда созмон дода шуданд, ки он аз ҷониби Прокурори генералии ИҶШС тасдиқ мегардид.

Мутахассисони ҷавоне, ки муассисаҳои олии ҳуқуқиро бо ҷудо шудан аз истеҳсолот хатм карда буданд, мувофиқи тақсимот бо тартиби муқаррарнамудаи Низомнома "Дар бораи тақсимоти персоналии мутахассисони ҷавон, ки муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсусро хатм намудаанд" ва бо фармони Вазири таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС аз 11 октябри соли 1963, №302 [84] тасдиқ шуда буд, фиристонида мешуданд. Прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз рӯйи талабот ба мутахассисон бо таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳамасола ба Госплани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ба раёсати кадрҳои Прокуратураи ИҶШС дархост оид ба теъдоди зарурии мутахассисони ҷавон пешниҳод мекарданд.

Прокуратураҳои ҷумҳуриҳо, кишварҳо ва вилоятҳо дар муассисаҳои олии ҳуқуқшиносии тобеияти ҳудудиашон пешакӣ сифатҳои шахсӣ ва кории хатмкунандагони ин муассисаҳоро омӯхта, онҳоро ба хусусиятҳои кор дар мақомоти прокуратура шинос менамуданд, барои ба мақомоти прокуратура ба кор ҷалб намудани мутахассисони нисбатан тайёр, ки ба талаботҳои баланди нисбати кормандони прокурорию тафтишотӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ, мусоидат менамуданд. Ба мутахассиси ҷавони ҳамчун коромӯз таъиншуда, шаҳодатномаи коромӯзи прокуратура дода мешуд. Дар давраи коромӯзӣ мутахассиси ҷавон 90

---

[83] Фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС "Дар бораи ташкили Ҳайати мушовара дар Прокуратураи ИҶШС ва Прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ". [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/usr_5386.htm (санаи муроҷиат: 23.12.2021).

[84] Сборник нормативных документов по приему на работу молодых специалистов в правоохранительные органы СССР. Сост. П.А. Кривцов. – Л., 1965. – С. 221.

фоизи музди маоши вазифавии муфаттиши прокуратураи ноҳияро мегирифт. Пас аз анҷоми муҳлати коромӯзӣ, мутахассиси ҷавон аз аттестатсия мегузашт[85].

Мутобиқи м. 56 Низомнома "Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС" (1955) ба кормандони Прокуратураи ИҶШС мувофиқи мансаби ишғолнамуда, рутбаҳои дараҷавии муқарраршуда дода мешуд. Мушовири ҳақиқии давлатии адлия ва мушовирони давлатии адлияи дараҷаи 1-3 аз ҷониби Раёсати Шурои олии ИҶШС дода мешуд. Дигар рутбаҳои дараҷавӣ бо фармони Прокурори ИҶШС ва рутбаҳои дараҷавии ҳуқуқшиноси дараҷаи 1-3 ҳамчунин бо фармони Прокуророни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дода мешуд. Рутбаҳои дараҷавӣ якумрӣ дода мешуд. Кормандони прокурорию тафтишотӣ, ки рутбаҳои дараҷавӣ доштанд, уҳдадор буданд, ки зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо либоси хизматӣ ва нишони фарққунандаи муқарраргардида бошанд.

Таҳлили меъёрҳои Низомнома "Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС", ки аз 24 майи соли 1955 қабул гардидаст, нишон медиҳад, ки хизмат дар мақомоти прокуратура бо ин санад беҳтар танзим гардида, фасли алоҳидаи он ба тартиби таъину адои хизмати кормандони прокуратура бахшида шудааст.

Барои таҳкими риояи интизоми меҳнатӣ ва таъмини иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабӣ дар мақомоти прокуратура бо фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС аз 24 феврали соли 1964 Низомнома "Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокуророн ва муфаттишони мақомоти Прокуратураи ИҶШС"[86] тасдиқ карда шуд. Ин санад тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони мақомоти прокуратураи ИШҶС ва ҳавасмандгардонии онҳоро муайян кард. Тибқи б. 2 Низомномаи мазкур прокурорҳо ва муфаттишон бояд намунаи шуурнокии баланди коммунистӣ, принсипнокӣ, меҳнатдӯстӣ ва риоякунандаи меъёрҳои кодекси одоби сохтмони коммунизм бошанд. Иҷрои софдилонаи вазифаҳои хизматӣ ва рафтори бенуқсон шарти муҳимтарини фаъолияти бомуваффақияти кормандони мақомоти прокуратура маҳсуб меёфт, ки

---

[85] Братановский С.Н., Стерльников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 20-21.

[86] Низомнома "Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокуророн ва муфаттишони мақомоти Прокуратураи ИҶШС" аз соли 1964. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr /ussr_6051.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

бо раҳматнома, мукофотпулӣ, тухфаи қимматнок, баланд бардоштани рутбаи дараҷавӣ, мукофотонидан бо Ифтихорномаи Кумитаи марказии иттифоқҳои касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ ва Прокурори генералии ИҶШС, бо унвонии фахрии "Ҳуқуқшиноси хизматнишондода", бо грамотаи фахрӣ ва ифтихорномаи Шурои Олӣ ё Раёсати Шурои Олии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор қадрдонӣ мешуданд. Барои вайрон кардани қонунияти сотсиалистӣ, интизоми хизмат, рафтори бадахлоқона, ки ба манфиатҳои давлат зарар мерасонд, чораҳои интизомӣ аз қабили огоҳӣ, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, паст кардан дар мансаб, аз рутбаи дараҷавӣ маҳрум намудан, паст кардани рутбаи дараҷавӣ ва озод кардан аз мансаб татбиқ карда мешуд. Барои як кирдор (рафтор) як ҷазо дода мешуд ва пас аз аз муайян шудани он, аммо дар мавридҳои таъини санҷиши хизматӣ ҷазо дар муҳлати на дертар аз як моҳи ошкор шудани кирдор татбиқ мешуд. Прокурори генералии ИҶШС ҳуқуқи пурраи татбиқи ин чораҳои интизомиро ба ғайр аз маҳрум ва ё паст кардан аз рутбаҳои дараҷавие, ки аз ҷониби Раёсати Шурои Олии ИҶШС дода шудаанд, дошт. Ваколатҳои дигар прокуророн бо тартиби қаблие, ки бо фармони Прокурори ИҶШС муайян карда шуда буд, монанд буд.

Бо мақсади пешгирии қонуншиканиҳо ва ба эътидол овардани вазъият дар нақлиёт бо фармони Прокурори генералии ИҶШС аз 10 сентябри соли 1977, №88л прокуратураи нақлиёти Душанбе, баъд аз ин бо фармони дигари Прокурори генералии ИҶШС аз 13 июли соли 1979, №478л Прокуратураи нақлиёти Ленинобод (ҳозира Суғд) таъсис дода шуд. 9 декабри соли 1991 бинобар барҳамхӯрии давлати абарқудрати ИҶШС бо фармони Прокурори генералии ИҶШС таҳти №408л прокуратураҳои нақлиёти Душанбе ва Ленинобод ба тобеияти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд[87].

Қабули охирин Конститутсияи ИҶШС, яъне соли 1977 [88] дар танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура давраи нави ташаккулро муайян

[87] Кишварзода А.Г., Ализода М.Х. ва дигарон. Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон. – Душанбе: "Донишварон", 2017. – С. 26-27.
[88] Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_9447.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

намуд. Мутобиқи он тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратураро Қонун “Дар бораи прокуратураи ИҶШС” муайян менамуд.

Ин муқаррарот боис гардид, ки қонунгузорӣ дар бораи мақомоти прокуратура ба сатҳи баланд бардошта шуда, соли 1979 аз ҷониби Шурои олии ИҶШС Қонун “Дар бораи прокуратураи ИҶШС”[89] қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Агарчи санади танзимкунандаи фаъолияти мақомоти прокуратура қаблан аз ҷониби Раёсати Шурои Олии ИҶШС қабул гардида буд, дар ин навбат бевосита аз ҷониби худи Шурои Олии ИҶШС ва дар шакли қонун қабул гардид. Аз ин пас ташкил ва тартиби фаъолияти мақомоти прокуратура дар сатҳи санади меъёрии ҳуқуқӣ – қонун танзим карда мешуд. Дар он ҳамаи ҷабҳаҳои ташкил ва тартиби фаъолияти прокуратура ба таври мукаммалу мушаххас муайян гардид, махсусан меъёрҳое, ки хизмат дар мақомотро танзим мекард, аз ҷумла, талабот нисбат ба шахсе, ки барои ба кор ба мақомоти прокуратура қабул мешуд, рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратура, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии онҳо ва ғайра.

Бо мурури замон ба Қонуни мазкур 3 маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, ки дар ду мавриди аввал баъзе масъалаҳои алоқаманд ба хизмат дар мақомоти прокуратура, аз ҷумла, оид ба тартиб ва ҳаҷми таъминоти нафақавӣ ва таҳсил мебошанд.

Дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 низ тартиби таъин ва озод намудани Прокурори ҷумҳурӣ ва прокуророни вилоятҳо, ВМКБ, инчунин муҳлати ваколати онҳо низ бетағйир боқӣ монд.

Таҳлили конститутсияҳои замони шуравӣ нишон медиҳад, ки нисбат аз конститутсияҳои қаблӣ дар Конститутсияи соли 1978 ба мақомоти прокуратура бештар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Як боби он (боби 21, м.м. 164-168) ба мақомоти прокуратура бахшида шуда буд.

Бо оғоз ва идомаи азнавсозии сохти ИҶШС, инчунин ташаккули низоми идоракунии давлатӣ 26 декабри соли 1990 ба Конститутсияи (Қонуни асосии)

---

[89] Қонуни ИҶШС “Дар бораи Прокуратураи ИҶШС” аз 30 ноябри соли 1979. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_10133.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

ИҶШС як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки ба ғайримутамарказгардонии мақомоти прокуратура мусоидат кард. Аз ҷумла, тартиби таъини Прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тағйир дода шуда, минбаъд Прокурорҳои ҷумҳуриҳои иттифоқиро мақоми олии ҳокимияти давлатии ҷуҳурии иттифоқии дахлдор дар мувофиқа бо Прокурори генералии ИҶШС таъин мекард ва ба онҳо ҳисоботдиҳанда буд. Илова ба ин, прокурорҳои ҷумҳуриҳо дар фаъолияти назоратӣ аз рӯйи иҷрои қонунҳои ИҶШС, инчунин ба Прокурори генералии ИҶШС тобеъ буданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳанӯз дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990[90], муқаррар шуда буд, ки назорати олӣ ба иҷрои дақиқ ва ягонаи қонунҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз тарафи Прокурори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад, сурат мегирад. Прокурори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст ва ба он ҳисобот медиҳад.

Моҳи декабри соли 1990 ба Конститутсия (Қонуни асосӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон [91] тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки мутобиқи он Прокурори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ бо пешниҳоди Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии ИҶШС, аз ҷониби Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон таъин карда мешуд ва дар назди онҳо масъул ва ҳисоботдеҳ шуд. Прокурори ВМКБ, прокурорҳои вилоятҳо, ш. Душанбе ва прокурорҳои ноҳияю шаҳрҳоро Прокурори Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекард[92].

Ҳамзамон, м. 109 Конститутсия имконияти медод, ки дигар номзадҳо аз ҷониби вакилони халқ аз толор пешниҳод карда шавад, аммо дар ин маврид оё гирифтани розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии ИҶШС лозим буд ё не, доир ба ин масъала дар Конститутсия ва регламенти Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёре вуҷуд надошт[93].

---

[90] Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[91] Маҷмуаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Қисми 4. – Душанбе, 1992. – С. 4-68.
[92] Новые законы РТ, Сборник (част IV). – Душанбе, 1992. – С. 66.
[93] Раҷабов С.Р. Истиқлолият муқаддас аст. – Душанбе: МО, 1997. – С. 256.

Новобаста аз ин носаҳеҳиҳо бори аввал 28 июли соли 1991 аз ҷониби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори ҷумҳурӣ интихоб карда шуд.

Бо ноил шудан ба Истиқлоли давлатӣ 9 сентябри соли 1991 – Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти комил ва соҳибихтиёрии хешро эълон намуд. Давлати тоҷикон ба давраи нави таърихии тараққиёти худ дохил шуд, соҳибихтиёрии давлат таъсиси ниҳодҳои нави давлатдорӣ ва дигаргусозии куллиро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии мавҷуда тақозо намуд. Вобаста ба ин, дар фаъолияти мақомоти прокуратура низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд ва ҳисси масъулиятшиносии кормандони он тақвият дода шуд.

Бо фармони Прокурори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 1992, №39л дар заминаи прокуратураи нақлиёти Душанбе, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки мувофиқи тағйиру иловаҳои ба Конститутсия (Қонуни асосӣ)-и ҶТ [94] аз 14 марти соли 1992 воридшуда номи мансаби Прокурори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Додситони кул ва мақомоти додситонӣ тағйир дода шуд. Илова ба ин, муқаррар шуд, ки Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, дар назди он масъул ва ҳисобдеҳ мебошад. Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон додситони ВМКБ ва додситони вилоятҳоро бо розигии Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад, додситонҳои ноҳияю шаҳрҳоро бевосита таъин мекунад.

Дар ин замина, 2 апрели соли 1992 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи трибуналҳои ҳарбӣ ва мақомоти додситонии ҳарбие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд" ба тасвиб расид, ки тибқи он додситонии ҳарбии гарнизони Душанбе ба Додситонии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда, ба тобеияти Додситонии кулли Ҷумҳурии

[94] Конститутсия (Қонуни асосӣ)-и ҶТ. – Душанбе, 1993. – С. 57.

Тоҷикистон гузаронида шуд[95]. Ҳамзамон, бо фармони Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 1992, №102л Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва сохтори он тасдиқ карда шуд[96].

Ҳамчунин, дар ин давра Қонуни ҶТ «Дар бораи додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[97] баъд аз муҳокимаи умумихалқӣ қабул ва бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 1992 мавриди амал қарор дода шуд[98], ки дар он ба масъалаҳои хизмат боби алоҳида, яъне оид ба кадрҳои мақомоти додситонӣ бахшида шуд. Дар ин боб, бори аввал таъминоти моддию иҷтимоии кормандони додситонӣ, тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии онҳо дар м.м. 46 ва 47 ин Қонун муқаррар гардида буд. Дар маҷмуъ, ин боб 7 моддаро дар бар гирифта, дар он масъалаҳои талабот нисбати шахсони ба вазифаи додситон ва муфаттиш таъиншаванда, дараҷаи рутбаҳои кормандони мақомоти додситонӣ, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти кормандони додситонӣ, ҳуқуқи гирифта гаштани силоҳ ва истифодаи он, дахлнопазирии додситон, муфаттиш ва ғайра мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд.

Профессор Шарифзода А. бисёр одилона қайд намудааст, ки дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияташ дар натиҷаи рӯйдодҳои соли 1992 комилан фалаҷ шуда буд, тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуд ва дар шароити истиқлолияти давлатӣ вазифаҳои он дар таъмини қонуният хеле ривоҷ ёфт. Мақомоти прокуратура яке аз шохаҳои асосии давлат буда, пеш аз ҳама, озодиву ҳуқуқи шаҳрвандонро ҳимоя мекунад. Аз рӯйи салоҳиятҳои конститутсионии худ прокуратура дар байни мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ ҷои махсусро ишғол менамояд. Прокуратура иҷрои дақиқу якхелаи қонунҳоро таҳти назорати худ қарор медиҳад[99].

---

[95] Раҳмон Ю.А. Прокуратураи ҳарбӣ: дирӯз ва имрӯз // Прокуратураи Тоҷикистон 80 сол. – Душанбе, 2004. – С. 276.

[96] Зоирзода И.О. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таърихи тасисёбии мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2021. – С. 91-92.

[97] Маҷмуаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Қисми 5. – Душанбе, 1993. – С. 127-143.

[98] Мирзоева Қ.А. Қонуни ҶТ "Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва аҳамияти таърихии он // Қонуният. – 2012. – №3 (нашри махсус). – С. 50-56.

[99] Шарифзода А. Нақши Президенти Тоҷикистон дар барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ дар мамлакат // Номаи Донишгоҳ. – 2019. – №2(59). – С. 10.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 тариқи райъпурсии умумихалқӣ[100], боиси дигаргуниҳои куллии ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва сохтори давлатдории навини Тоҷикистон гардид. Ин санади қувваи олии ҳуқуқидошта дар боби 9 вазифаҳо, принсипҳои ташкил ва самтҳои фаъолияти прокуратураро муайян намудааст. Ҳамзамон, бо меъёри конститутсионӣ номи мансаби Додситони кул ва мақомоти додситонӣ ба Прокурори генералӣ ва мақомоти прокуратура тағйир дода шуд.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани дониш, қобилият ва маҳорати касбӣ, ҳамзамон мутобиқ намудани кормандони прокуратура ба талаботи замони нав – соҳибистиқлолӣ соли 1994 дар асоси пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994, №541, курсҳои такмили ихтисоси кормандони прокуратура ва озмоишгоҳи омӯзиши масъалаҳои ҷинояткорӣ дар назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо қабули Конститутсия ва пешрафти ҷомеа, барои боз ҳам тақвият бахшидан ба назорати прокурорӣ дар роҳи мустаҳкам намудани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ 11 марти соли 1996 ва дар таҳрири нав 25 июли соли 2005 Қонунҳои конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [101] қабул карда шуданд, ки охирон то ҳол мавриди амал қарор дорад.

Истиқлоли давлатӣ тақозо мекард, ки муносибатҳои гуногунҷанба ва ҳамкории ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон бо мақомоти марбутаи дигар кишварҳои хориҷ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ ташаккул ва густариш ёбанд. Маҳз ба хотири тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии прокуратура соли 1998 дар сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикиситон шуъбаи иҷрои қонунҳо оид ба муносибатҳои байналмилалӣ ва байналхалқӣ таъсис дода шуд. Ин шуъба вазифадор буд, ки ҳимояи ҳуқуқу

[100] Конститутсияи ҶТ (соли 1994) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[101] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 11 марти соли 1996, №289 // АМО ҶТ. – 1996 – №5-6, –м.146; Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25 июли соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистонро дар хориҷи кишвар, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро дар сатҳи байналхалқӣ мутобиқи санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон таъмин кунад[102].

Ҳамкории байналмилалӣ дар баробари дигар самтҳои назорати прокурорӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ба қонунгузории миллӣ, меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфта, фаъолияти муштараки ҳамоҳангсохта бо мақомоти ваколатдори дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад ва ба ҳалли масъалаҳое, ки амали мутақобилаи байнидавлатӣ зарур аст, равона мебошад[103].

Ҳамин тавр, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонунҳои конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ниҳоят Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, №233 “Дар бораи хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар такмили хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддиеро рӯйи кор овард.

Соли 2004 курсҳои такмили ихтисос ба “Маркази такмили ихтисоси кормандони прокуратура” табдил дода шуд. Дар заминаи ин Марказ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2015, №539 Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳлили таърихии гузаронидашуда собит намуд, ки хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ҳамчун падида (институт)-и таърихӣ ташаккул ёфтааст. Хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура бо қонунгузорӣ дар бораи мақомоти прокуратура ташаккул ёфта, аз лаҳзаи ташкил шудани мақомоти прокуратура ҳамчун мақоми давлатӣ, ҳамаи прокурорҳо ва муфаттишони мақомоти прокуратура дар «хизмати давлатӣ» қарор доштанд. Ба андешаи олимони рус Братановский С.Н. ва Стрелников В.В., аз лаҳзаи оғози

---

[102] Дадабоев А.С. Истиқлолият ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура // Қонуният. – 2012. – №3. (нашри махсус). – С. 68.
[103] Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С. 371.

хизмат дар мақомоти прокуратура он ҳамчун намуди махсуси хизмати давлатӣ буд[104].

Бояд қайд намуд, ки ташаккули хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаккули худи мақомоти давлатӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад. Пайдоиш, инкишоф ва тақдири минбаъдаи хизмати давлатӣ ба пайдоиш ва инкишофи давлат вобаста аст. Хизмати давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи воқеии дилхоҳ давлат мебошад. Зеро он дар баробари пайдоиши давлат ҳамчун зуҳуроти функсионалии ташкилоти давлатӣ, ки дар муҳити иҷтимоии ҷомеа амал мекунад, ба вуҷуд омадааст. Давлат маҳз ба воситаи хизматчиёни даватӣ функсияҳои худро амалӣ менамояд[105].

Аз ин ҷо, таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро дар қаламравии кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба марҳилаҳои зерин тақсимбандӣ намуд:

– қабл аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, яъне дар ҶХШ Бухоро солҳои 1922-1924 (махсусан Бухорои Шарқӣ);

– баъди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929;

– дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 1929-1991

– дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то инҷониб.

Муҳаққиқони ватанӣ Искандаров З.Ҳ. ва Исмоилзода С.А. дар марҳилабандии ташаккули мақомоти прокуратура ақидаҳои гуногун дошта, ҳар яке марҳилабандии худро ба омилҳои алоҳида асоснок намудаанд. Агарчи Искандаров З.Ҳ. дар мавриди марҳилабандӣ раванди ташаккули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва қонунгузорӣ дар бораи назорати прокуририро ба асос гирифта ба 5 марҳила онро тақсимбандӣ намуда бошад, Исмоилзода С.А. бошад танҳо ба ташаккули давлатҳо дар қаламрави кунунии Тоҷикистон такя

[104] Братановский С.Н., Стерльников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 24.
[105] Мазурин С.Ф., Прокофьев К.Г. Административное право. – СПб., 2019. – С. 116.

намуда, онро ба 4 марҳила ҷудо намудааст[106], ки мо низ ҷонибдори ақидаи охирон мебошем.

Ҳамзамон, дигар олими ватанӣ Мирзоева Қ. инкишофи прокуратураи Тоҷикистонро аз рӯйи вазъи ҳуқуқии мақомот ва вазъи сиёсию ҳарбӣ ба ҳафт марҳила тақсимбандӣ намудааст[107].

Бояд иқрор шуд, ки новобаста аз он ки мазмуни хизмат дар мақомоти прокуратура марҳила ба марҳила васеъ мегардид, танзими он бо меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ва маъмурӣ амалӣ мешуд. Сарфи назар аз ин, дар марҳилаҳои муайяни инкишоф тамоюлҳое буданд, ки ба фаъолияти хизматии кормандони мақомоти прокуратура таъсири манфии худро гузошта буданд. Аз ҷумла, то барҳамхӯрии ИҶШС дар тобеияти мақомоту сохторҳои ҳизбӣ қарор дошта, ба кадрҳои баландихтисос эҳтиёҷ дошта, вазъи ҳуқуқии кормандони прокурорӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқиии дахлдор ба пуррагӣ муайян нашуда буд.

Дар баробари ин, хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураи то замони истиқлоли давлатӣ ҷиҳатҳои мусбии худро низ дошт. Аввал, дар сатҳи қонунгузорӣ мушаххас шудани ваколатҳои мақомоти прокуратура имконият дод, ки ба муқобили ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагӣ мубориза воқеӣ бурда, кормандони он соҳиби эътибору эҳтироми хосса шаванд. Илова ба ин, муқаррароти умумӣ оид ба хизмати давлатӣ, ки дар қонунгузорӣ дар бораи мақомоти прокуратура зикр ёфтаанд, дар санадҳои Прокурори генералии ИҶШС васеъ ва мушаххас гардидаанд, ки ин таҷриба то ба имрӯз идома дорад. Прокуратураи генералӣ сохторҳои поёнии прокуратураро ба тарбияи кадрҳои касбӣ равона карда, коромӯзӣ ва аттестатсияи кормандонро бо санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар кард.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон доданд, ки бо назардошти таҳаввули низоми идоракунии давлатӣ ва сохтору мақомоти он мазмуну мундариҷаи хизмати давлатӣ дар мақомот низ тағйир меёбад, бо вуҷуди ин хусусиятҳои асосии

---

[106] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илми ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 21-23.
[107] Мирзоева Қ.А. Қонуни ҶТ "Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва аҳамияти таърихии он // Қонуният. – 2012. – №3(нашри махсус). – С. 50-56.

мақомоти прокуратура, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX амал мекард, дар сохтори мақомоти прокуратураи давраи шуравӣ ба назар мерасад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои хизматӣ ва принсипҳои хизмати давлатӣ дар прокуратураи ҳозира аз Конститутсия ҶТ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, ҳамзамон, таҷрибаи мақомоти прокуратураи давраи шуравӣ низ дар фаъолияти имрӯзаи мақомоти мазкур истифода шуда истодааст. Бинобар ин, муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқӣ дар Прокуратураи Тоҷикистон, бо назардошти талаботи замони муосир ба такмил ниёз доранд.

## § 1.2. Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хизмат дар мақомоти прокуратура ба низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, нишонаҳои ҳамаи намудаҳои хизмати давлатиро доро мебошад. Дар мақомоти прокуратура ҳамчун мақоми ҳифзи ҳуқуқ ташаккули дастгоҳи босалоҳияти прокурорӣ-тафтишотӣ, ташкили кори босамари он ва тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбӣ, дар айни замон масъалаи мубрами илмию амалӣ мебошад.

Тамоюлҳои асосии рушди падидаи хизмати давлатӣ, зарурияти равшан намудани хизмат дар мақомоти прокуратураро ба миён овардааст, зеро бе ин тавзеҳот оид ба танзими ҳуқуқии ин соҳаи рушдёбанда сухан гуфтан душвор аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳар истилоҳи дар илм истифодашаванда, натиҷаи таҳқиқи мафҳуми муайян мебошад. Тавре Кутин Л.Л. қайд мекунад, истилоҳи ҳуқуқӣ мазмуни мафҳумро фардӣ кунонида, арзиши ҳуқуқии онро ифода мекунад[108].

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” мафҳуми хизмат/хидмат (خدمت/خذمت) ба 4 маъно омадааст, аз ҷумла, кор кардан барои касе, кор, вазифа, коре, ки инсон ё чизи дигар ба иҷрои он уҳдадор аст ва фаъолияти шоёни эҳтиром ва сазовори таҳсини умум[109].

Аз таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ бармеояд, ки олимон хизматро ба таври умум ҳамчун фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок ва манфиатовари шахси мушаххас, ифода намудаанд[110]. Ба ақидаи Манохин В.М., “хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбии гурӯҳи шахсон – хизматчиён оид ба татбиқи амалии салоҳияти сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ мебошад”[111]. Бояд гуфт, ки аҳамияти пажуҳиши хизмати давлатиро теъдоди зиёди асарҳои илмие, ки

---

[108] Кутина Л.Л. Формирование языка русской науки (терминология математики, астрономии, географии в первой трети XVIII века). – М.: Наука, 1964. – С. 205.
[109] Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – С. 434.
[110] Манохин В.М. Нужны основы законодательства о службе // Государство и право. – 1997.– №9. – С. 7-8; Манохин В.М., Адушкин Ю.С., Багишаев З.А., Российское административное право. – М., 1996. – С. 101.
[111] Манохин В.М. Служба и служащий в Российской Федерации: правовое регулирование. – М., 1997. – С. 9.

ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ, иҷтимоӣ ва равонии онро ошкор намудаанд, исбот мекунанд[112].

Бо назардошти низоми хизмати давлатӣ, мазмуни дохилии он аз як тараф бевосита аз амалӣ шудани функсияҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва аз тарафи дигар он ба амалишавии фаъолияти дохилиташкилии худи мақомот аз рӯйи ташкили фаъолияти соҳавӣ, аз ҷумла, функсияи таъминоти кадрӣ (интихоб, ҷобаҷогузорӣ, пешбарӣ, ҷойивазкунӣ, аз мансаб озод кардан, омӯзиш ва тарбия), ҳифзи иҷтимоии хизматчиён ва аъзои оилаҳои онҳо вобаста аст[113].

Хизмати давлатӣ ва дастгоҳи давлатӣ ҳамчун қисми воқеӣ ва ҷудонопазири ҳама гуна давлатанд, чи дар шоҳаншоҳи ҳазорсолаи Юнони қадим, империяи абарқудрати Рум, «империяи Чин», ё ин ки давлати демократии муосир, ки дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимият бунёд ёфтааст[114].

Ба таърихи давлатдорӣ ва таҷрибаи таърихии идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳ намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Дар «Авесто» аз подшоҳони сулолаи Каёниён асосан Кайқубод, Кайковус, Сиёвуш, Кайгуштосп номбар шуданд. Авестошиносон бар он ақидаанд, ки унвони сулолаи Каёниён дар «Авесто» дар шакли «кавӣ» зикр шуда, маънии «шоҳ», «ҳукмрон»-ро ифода мекунад. Подшоҳони сулолаи Каёниён мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ Бохтар ва Балхро қароргоҳи салтанати худ пазируфта, онро Эрону Эроншаҳр ном

[112] Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституцонно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011; Старилов Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации. – М., 1996; Ноздрачев А.Ф. Государственная служба: учебник для подготовки государственных служащих. – М.: Статут, 1999; Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы. – М., 2002; Каримов К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият ва принсипҳои ташкил. – Душанбе, 2006; Демин А.А. Государственная служба. – М., 2004; Котарбинский Т.В. Трактат о хорошей работе. – М., 1975; Государственная служба // Под ред. Оболонского А.В. – М., 1999; Манохин В.М. Советская государственная служба. – М., 1966; Настольная книга государственного служащего // Отв. ред. Шкатулла В.И. – М., 1999; Овсянко Д.М. Государственная служба Российской Федерации. – М., 1996.; Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Таҳти назари Шарофзода Г. – Душанбе, 2012; ва дигарон.

[113] Смирнов А.В. Понятие и административно-правовая природа государственной службы в органах прокуратуры Российской Федерации // Пенитенциарная наука. – Том 14. – 2020. – №3(51). – С. 396.

[114] Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери назари проф. Ғафурзода А. – Душанбе, 2019. – С. 99.

мебурданд. Алалхусус, ин қаламрав дар давраи подшоҳии Луҳросп ва Гуштосп хеле ободу пуршукуҳ мегардад»[115].

Зарурати созмондиҳии хизмати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии он бо мавҷудияти давлат ва функсияву вазифаҳои он, инчунин бо мавҷудияти талабот ба ташкили иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ асос меёбад. Таҳия ва коркарди консепсияи хизмати давлатӣ истифодаи самаранок ва фаъолонаи «муносибати низомнок»-ро талаб менамояд ва имконият медиҳад, ки хусусиятҳои аниқи чунин категорияҳо ҳамчун сохтор, сатҳ ва намудҳо кушода шаванд[116].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистан барои падидаи хизмати (хидмати) давлатӣ баъди қабули Конститутсияи ҶТ заминаи устувори ҳуқуқӣ пайдо шуда, баъдан дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳуми он бори аввал бо қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз соли 1998 ифодаи худро ёфтааст. Дар Қонуни мазкур мафҳуми хизмати давлатӣ ба тариқи зайл ифода гардида буд: “Фаъолияти касбии шахсоне, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро ҷиҳати таъмини иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ ишғол намудаанд”[117]. Вале ин мафҳум комилан мазмун ва хусусиятҳои хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар намегирифт. Бинобар ин, бо қабули Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав, мафҳуми хизмати давлатӣ мукаммал карда шуд. Мутобиқи он, хизмати давлатӣ – ин фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар шудааст.

Барои дақиқ сохтани мазмун ва моҳияти хизмати давлатӣ чун яке аз намудҳои хизмати оммавӣ зарур аст, ки худи хизмати оммавиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳем.

Хизмати оммавӣ ин фаъолияти касбии шахсони воқеӣ мебошад, ки барои таъмини иҷрои салоҳияти субъектҳои ҳуқуқи оммавӣ равона карда шудааст. Яъне фаъолияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои таъмини

---

[115] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 2000. – С. 69-70.
[116] Саидов А.Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2006. – С. 16.
[117] Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 13 ноябри соли 1998, №687 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

иҷрои солоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроя ва судӣ) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин тибқи ваколатҳои вогузоршудаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, хизмати оммавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба ду намуд ҷудо кард: хизмати давлатӣ ва хизмати вогузоршудаи маҳаллӣ[118].

Ба андешаи олими маъруфи рус Коркунов Н.М., ба маънои васеъ ҳар гуна фаъолиятро ба манфиати давлат метавон хизмати давлатӣ номид. Бо мушаххас намудани мавқеи худ, ӯ хизмати давлатиро ҳамчун муносибати махсуси оммавӣ-ҳуқуқии хизматчӣ ба давлат, ки ба тобеият асос ёфта, мазмуни фаъолияти ҳатмӣ дошта, аз номи давлат анҷом дода мешавад ва ба иҷрои вазифаи мушаххаси давлатӣ нигаронида шудааст, муайян менамояд[119].

Баробари инкишофи илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар ҷомеаи мо мазмуни хизмати давлатӣ хеле тағйир ёфтааст. Ҳоло дар илми ҳуқуқшиносӣ мутахассисон аз фаҳмиши хизмати давлатӣ ҳамчун фаъолияти шахсоне, ки танҳо ба кори фикрӣ машғуланд, баръакси меҳнати ҷисмонӣ, меҳнати коргарон даст кашидаанд[120]. Имрӯз хизмати давлатӣ дар асоси қонун чун фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона шудааст, фаҳмида мешавад[121]. Мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ – хизмати давлатиро ҳамчун фаъолияти як гурӯҳи муайяни кормандони мақомоти давлатӣ дар асоси касбӣ мефаҳманд ва низоми муносибатҳоеро ифода мекунад, ки ҳангоми иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меояд[122]. Олими рус Василенко И.А. мафҳуми мухтасари хизмати давлатиро пешниҳод намудааст, ки тибқи он – хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбӣ баҳри таъмини иҷрои салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ мебошад[123].

---

[118] Ойев Х. Хизмати давлатӣ. – Душанбе, 2020. – С. 11.
[119] Коркунов Н.М. Русское государственное право. –Т.1.: Введение и общая часть. – СПб., 1892. – С. 271.
[120] Кашанина Т.В., Кашанин А.В. Основы Российского права. М., 1997. – С. 175; Алехин А. П., Кармолицкий А. А., Козлов Ю. М. Административное право РФ. – М., 1996. – С. 173-174.
[121] Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[122] Советское право // Под ред. Ермакова В.В., Михайлова А.И. – М., 1988. – С. 67; Овсянко Д.М. Административное право. – М., 1995. – С. 48; Тихомиров Ю.А. Курс административного права и процесса. – М., 1998. – С. 307.
[123] Василенко И.А. Государственное и муниципальное управление. – М., 2005. – С. 179.

Бо назардошти он ки кишвари мо муддати муайян ҷузъи таркибии ИҶШС ба ҳисоб мерафт, он дар низоми идоракунии ягонаи хизмати давлатӣ қарор дошт. Низоми шуравӣ хусусиятҳои хоси идоракунии худро дошта, фаъолияти шаҳрвандон дар он тавассути қонунгузории меҳнатӣ танзим карда мешуд. Дар он давра ҳизби коммунистӣ дар низоми идоракунии давлатӣ нақши ҳалкунанда дошт ва сарҳади байни ҳокимияти давлатӣ ва ҳизб ноаён шуда буд. Принсипҳои ахлоқӣ ва шахсию кории дар ҳизб пазируфташуда, асоси фаъолияти нафарони дар соҳаи идоракунии давлатӣ қарордоштаро ташкил медод. Тавре Студеникин С.С. қайд менамояд, дар давлати шуравӣ мафҳуми хизмати давлатӣ дақиқан бо чунин мазмун вуҷуд надошт. Зеро дар ИҶШС ҳама тибқи кироя ба кор ҷалб шуда, ба хизматчии давлатӣ шаҳрвандони дар мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо фаъолияткунанда низ шомил буданд[124].

Алехин А.П. хизмати давлатии шуравиро ҳамчун намуди фаъолияти меҳнатие, ки аз ҷониби кормандони мақомоти давлатӣ дар асоси касбӣ бо мақсади иҷрои вазифа ва функсияҳои давлати шуравӣ амалӣ карда мешавад, ифода намудааст[125]. Гришковетс А.А. хизмати давлатии шуравиро «кумитаи иҷроия-хизмати вазир» номидааст. Ин нуқтаҳо назари олимонро нисбати хизмати давлатӣ таҷассум менамоянд, ки бешубҳа, ба хизмат дар мақомоти прокуратура низ дахл дорад[126].

Таҳлил ва омӯзиши падидаи хизмати давлатии даврони шуравӣ собит месозад, ки дар он давра хизмат дар ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ, иттифоқҳои касаба низ хизмати давлатӣ ҳисоб мешуд. Вале татбиқ ва танзими вазифаҳо ва вазифаҳои хизмати давлатӣ, ташаккул ва рушди ин соҳа дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор пешбинӣ нашуда буданд. Худи мафҳуми «хизмати давлатӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ муайян нашуда буд.

Конин Н.М. қайд мекунад, ки хизмати давлатӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ ва давлатӣ-ҳуқуқӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ буда, бояд ҳамчун як ниҳоди

---

[124] Студеникин С.С., Власов В.С., Евтихеев И.И. Советское административное право. – М., 1950. – С. 126-127.
[125] Советское административное право // Под ред. Козлова Ю.М. – М.: “Юридическая Литература”, 1985. – С. 123.
[126] Гришковец А.А. Право государственного служащего на продвижение по службе. Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М.: МГЮА, 1997. – С. 7.

ташкилӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад. Он ҳамчун соҳаи ташкилӣ бо таъсис ёфтани давлат зич алоқаманд буда, ҳамзамон як унсури он мебошад[127].

Ноздрачев А.Ф. хизмати давлатиро ҳамчун пажуҳиши ҳуқуқии қонунан ва меъёран муқарраркардаи давлат ва эътирофнамудаи шаҳрвандон медонад, ки барои ҳамарӯза дар асоси қонунҳо амалигардонии ҳокимияти давлатӣ равона шудааст[128].

Ба андешаи Ойев Х., хизмати давлатӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ аз қонуниятҳои инкишофи равандҳои ташкил ва фаъолияти рукнҳои чудогонаи ҳокимияти давлатӣ сарчашма гирифта, бо тақозои замон ба демократикунонии соҳаҳои чудогонаи ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ алоқаманд буда, яке аз заминаҳои баланд бардоштани иштироки мардум дар идоракунии давлат ва инкишофи муносибатҳои давлат бо шаҳрванд тавассути идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад[129]. Нуқтаи зикршударо чунин шарҳ додан мумкин аст, ки агар ниҳоди ҳокимият чи гуна инкишоф ва такмил ёбад ҳамон гуна муносибатҳои ташкилии фаъолияти идоракунии давлатӣ низ тағйир ёфта, аз мавҷудияти худ дарак дода, ба қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ нақши муассире мегузорад. Ба ҳамин, вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ, ки аз ҷониби шахсони мансабдор ба амал бароварда мешавад, мувофиқан тағйир ёфта, нишондиҳандаи қонунияти воқеии инкишофи муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ мебошад. Дар замина ин зарурияти танзимсозии онҳо ба миён омада, қабули гурӯҳи меъёрҳои ҳуқуқии хосро талаб мекунад, то ки муносибатҳои давлатӣ-хизматиро танзим намоянд[130].

Пирназаров И.А., хизмати давлатиро ҳамчун "шакли фаъолият, иштироки касбии бевоситаи шаҳрвандон барои татбиқи мақсад ва вазифаҳои давлат ва амалӣ намудани салоҳияти дастгоҳи давлатӣ"[131] муаррифӣ менамояд.

---

[127] Конин Н.М. Административное право России. – М., 2006. – С. 104-106.
[128] Ноздрачев А.Ф. Государственная служба: учебник для подготовки государственных служащих. – М.: Статут, 1999. – С. 14.
[129] Ойев Х. Хидмати давлатӣ. – Душанбе, 2011. – С. 14.
[130] Ойев Х. Хидмати давлатӣ. – Душанбе, 2020. – С. 12.
[131] Пирназаров И.А. Тафсири баъзе масъала ва истилоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ. – Душанбе: Эҷод, 2009. – С. 6.

Сайфиддинов А.А. хизмати давлатиро ҳамчун як намуди фаъолияти давлатӣ барои ташаккули захираи кадрии дастгоҳи давлатӣ ва танзими ҳамаи ҷонибҳои фаъолияти хизматчиёни давлатие медонад, ки мансабҳои мушаххаси давлатиро дар дастгоҳи давлатӣ ишғол намуда, функсияҳои мақомоти давлатиро амалӣ менамояд[132].

Атаманчук Г.В., хизмати давлатиро – иштироки амалӣ ва касбии шаҳрвандон дар татбиқи ҳадафҳо ва функсияҳои давлат тавассути ишғоли мансабҳои давлатии дар мақомоти давлатӣ таъсисёфта медонад[133], ки ҷолиби диққат мебошад.

Ба ақидаи Бахрах Д.Н.: “хизмати давлатӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ бо супориши давлат ба таври касбӣ ба амал баровардани фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аз тарафи шахсоне мебошад, ки мансабҳоро дар ташкилотҳои давлатӣ ишғол менамоянд”[134].

Ҷамшедов Ҷ.Н., хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун намуди махсуси фаъолияти касбии шаҳрвандон (хизматчиён) дар иҷрои ваколатҳои мансабӣ дар мақомоти давлатӣ, ки ба татбиқи вазифаҳо ва функсияҳои ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудааст, медонад[135].

Ҳамин тариқ, Атаманчук Г.В., Бахрах Д.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н. ва дигарон хизмати давлатиро ҳамчун фаъолияти касбӣ эътироф намуда, мақсади онро татбиқи вазифаю функсияҳои давлат медонанд, ки ба пуррагӣ мафҳуми хизмати давлатиро ифода намекунанд.

Каримов К.М. зикр менамояд, ки то нимаи дуюми солҳои 90-ум зери мафҳуми хизматчиёни давлатӣ ҳамаи шахсоне, ки дар ташкилоту муассисаҳо ва ҳатто корхонаҳои давлатӣ тавассути шартномаҳои меҳнатӣ кору фаъолият менамуданд, ба сифати хизматчии давлатӣ эътироф карда шуда, фаъолияти ҳамаи онҳо хизмати давлатӣ ҳисобида мешуд. Ба ин муносибат, дар адабиёти ҳуқуқӣ

---

[132] Сайфиддинов А.А. Хизмати давлатӣ: мафҳум ва моҳият // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2005. – №1. – С. 37-43.

[133] Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: История, теория, закон, практика. – М.: РАГС, 2003. – С. 122.

[134] Бахрак Д.Н. Административное право. – М., 1993. – С. 102.

[135] Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 25.

ақидае оварда мешавад, ки тибқи он дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ хизмати давлатӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим дароварда намешуд ва вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ аз дигар кормандони корхонаву муассиса ва ҳатто ташкилотҳои давлатӣ фарқ намекард. Меъёрҳои ба Кодекси меҳнат барои ба низом даровардани вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ низ кофӣ буданд[136].

Омӯзиши маводи давраи Иттиҳоди Шуравӣ собит месозад, ки таҳқиқот ва корҳои илмии олимони ин соҳа бо вуҷуди дар идоракунии давлатӣ (ҳизбӣ) мавҷуд набудани истилоҳи «хизмати давлатӣ» ва бо тарзи гуногун шарҳ додани он дар адабиёти ҳуқуқӣ, ба ташаккули низоми муосири хизмати давлатӣ нақши махсус доранд[137].

Хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураи замони шуравӣ баъзе хусусиятҳои ба худ хосро доро буд ва муносибатҳои хизматӣ дар ин мақомот асосан баъд аз қабули Низомномаҳо "Дар бораи Прокуратураи ИҶШС" ва "Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС" солҳои 1933, 1955 ва ниҳоят қабули Қонуни ИҶШС "Дар бораи Прокуратураи ИҶШС" ба таври устувор танзими ҳуқуқии худро доро шуданд.

Ба андешаи Старилов Ю.Н., хизматчии давлатӣ ба маънои васеъ субъекти инфиродии ҳуқуқ мебошад, ки на танҳо дар мақомоти давлатӣ, балки дар дигар ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо адои вазифа мекунад (дар ин ҳолат вазифаҳои давлатӣ, масалан характери иҷтимоӣ-фарҳангӣ доранд, онҳоро кормандони муассисаҳои тиббӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва дигар муассисаҳо амалӣ менамоянд). Хизматчии давлатӣ шахсе мебошад, ки фаъолияти худро дар сатҳи баланди касбӣ оид ба таъмини иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ амалӣ менамояд. Байни хизматчии давлатӣ ва давлат (мақомоти давлатӣ) дар марҳилаи муайян муносибатҳои ҳуқуқии мушаххаси давлатӣ-расмӣ ба вуҷуд меоянд, ки мавҷудияти ҳуқуқу ухдадориҳои тарафайн, маҳдудиятҳо ва масъуниятҳо, масъулият ва дигар аломатҳои мақоми ҳуқуқии хизматчии давлатиро тавсиф мекунад.

---

[136] Каримов К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006 – С. 18-19; Мельников В.П., Неипоренко В.С. Государственная служба в России. – М.: РАГС, 2004 – С. 355.
[137] Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон // Зер назари проф. Ғафурзода А. – Душанбе, 2019. – С. 42.

Ба маънои маҳдуд хизматчии давлатӣ шахсе мебошад, ки мансаби давлатии хизмати давлатиро, яъне мансабро дар низоми воҳидҳои сохтории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ишғол намуда, тариқи музднок (подошпулӣ, музди меҳнат, таъминоти пулӣ) вазифаҳои ин мақомоти давлатӣ (идоракунӣ, ҳокимиятӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, таъмини татбиқи ҳокимияти судӣ)-ро иҷро мекунад[138].

Бояд қайд кард, ки дар замони шуравӣ сохтори иҷтимоии ҷомеа (коргарон, колхозчиён ва хизматчиён) бо Конститутсия муқаррар шуда буд. Мафҳуми "хизматчӣ" ба ҳамаи онҳое, ки фаъолияти зеҳнӣ (фикрӣ) доштанд, нисбат дода мешуд. Танҳо дар солҳои охири азбайнравии низоми шуравӣ мафҳуми "хизматчии давлатӣ" пайдо шуд, ки чунин шарҳ дода мешуд: хизматчии давлатӣ – ин идоракунандаи касбии мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад[139].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи зарурати фарқ кардани хизмати давлатӣ ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии ҳарбӣ, хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва дигар хизмат андешаҳо баён карда шудаанд.

Конин Н.М. ба ҷодаҳо, соҳаҳо ва намудҳо тақсим кардани фаъолияти давлатиро пешниҳод карда, аз ҷумла, ба хизмати ҳарбӣ, хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ, андоз, гумрук, дар мақомот ва муассисаҳои прокуратура, хизмати приставҳои судӣ, фаъолияти хизматии нотариусҳои давлатӣ ва фаъолияти аудиторҳои Палатаи ҳисоб ҷудо кардааст[140]. Ба андешаи Стрелников В.В., номгӯи намудҳои хизмати давлатӣ, ки Конин Н.М. додааст, пурра набуда, гурӯҳбандии тамоми сохторҳои мақомоти давлатиро дар бар намегирад[141]. Нагорних Р.В. хизмати давлатиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ҷудо карда, онро ҳамчун як зуҳуроти мураккаби ҳуқуқӣ-маъмурии алоқаманд ба фаъолияти касбии шаҳрвандон дар вазифаҳои мақомоти давлатие, ки функсияҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандонро аз суиқасди ғайриқонунӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, иҷрои қарорҳо оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб шудан, инчунин функсияҳо дар соҳаи таъминоти

---

[138] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. – М., 2002. – С. 28-29.
[139] Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Таҳти назари Шарофзода Г. – Душанбе, 2006. – С. 32.
[140] Конин Н.М. Российское административное право. – Саратов: СГАП, 2001. – С. 203-204.
[141] Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2008. – С. 45.

захиравии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, таъмин бо кадрҳоро амалӣ менамояд[142].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ»[143], низоми хизмати давлатӣ чунин намудҳои хизмати давлатӣ, аз қабили хизмати давлатии шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбиро дар бар мегирад.

Чуноне ки Конин Н.М. қайд мекунад, хизмати давлатӣ як падидаи байнисоҳавӣ буда, меъёрҳои бисёр соҳаҳои ҳуқуқ: маъмурӣ, молиявӣ, маданӣ, меҳнатӣ ва ҳатто ҷиноятиро дар бар мегирад. Аммо дар бештари қисми ташкилии худ хизмати давлатӣ муҳимтарин падидаи ҳуқуқи маъмурӣ мебошад[144].

Дар адабиёти илмӣ таснифоти гуногуни хизмати давлатӣ мавҷуд буда, хизмат дар мақомоти прокуратура алоҳида ҷудо карда шудааст. Тибқи принсипи конститутсионӣ-ҳуқуқии таҷзияи ҳокимият хизмати давлатиро метавон ба хизмат дар мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим кард. Олими маъруфи соҳаи ҳуқуқи маъмурии ФР Старилов Ю.Н. бар ин назар аст, ки хизмат ҳамчун як фаъолияти касбӣ дар мақомоти прокуратура берун аз ин чаҳорчӯбҳо боқӣ мемонад, ки он ҳам бояд (ва аслан) давлатӣ бошад[145]. Орипов Т. ва Ҷабборов Ф.Н. низ чунин ақида доранд, ки мақомоти прокуратура ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, хизмат дар мақомоти прокуратура яке аз намудҳои хизмати давлатӣ мебошад[146].

Омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи мавқеи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизми давлатӣ ва ҳолати ҳуқуқии хизматчиёни давлатии ин мақомот дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари тақсимоти ваколатҳо, нақши онҳо дар низоми назорат ва таносуб, дар таъмини механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон дар шароити

---

[142] Нагорных Р. В. Административно-правовое регулирование государственной службы Российской Федерации в правоохранительной сфере: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук. – М., 2016. – С. 10.
[143] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 75.
[144] Конин Н.М. Административное право России. – М., 2006. – С. 106.
[145] Старилов Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации. – М., 1996. – С. 39.
[146] Орипов Т., Ҷабборов Ф.Н. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (курси лексияҳо). – Душанбе, 2013. – С. 170.

гузариши низоми иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ислоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ ниҳоят мубрам мебошад.

Дар асоси андешаҳои назариявии олимони соҳаи мухталифи илми ҳуқуқшиносӣ, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷорӣ ва муқоисавии қонунгузории кишварҳои хориҷ метавон хулоса кард, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шохаҳои ҳокимияти давлатии қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, як мақоми алоҳидаи давлатӣ буда, функсия, ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси худро дорад. Бо назардошти ин, Президенти мамлакат низ доир ба масъалаи мазкур чунин ибрози андеша намудааст: «Прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлаторӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шахаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шахсони мансабдор назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад.»[147].

Гузашта аз ин, ба ташаккулёбии вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар ҷаҳони муосир иттиҳодияҳои байналмиллалии прокурорҳо таъсири назаррас дорад. Нақши пешбарандаро дар давлатҳои аъзои ИДМ дар мавриди коркарди афзалиятҳои фаъолияти мақомоти прокуратура Шурои ҳамоҳангсози Прокурорҳои генералии давлатҳои аъзои ИДМ ишғол менамояд. Дастоварди муҳимми Маркази илмӣ-методии Шурои ҳамоҳангсозии Прокурорҳои генералии давлатҳои аъзои ИДМ ин Қонуни моделӣ “Дар бораи прокуратура”[148] мебошад, ки тибқи он прокуратура падидаи мустақили махсусгардонидашудаи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Ба андешаи Какителашвили М.М., ба мақомоти прокуратура дар Конститутсияи Тоҷикистон дар низоми таҷзияи ҳокимият ҷойгоҳи махсусе ҷудо карда шудааст, ки аз вазъи мустақил ва тобеъ набудани он шаҳодат медиҳад[149].

---

[147] Раҳмонов Э.Ш. Суханрони дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ба муносибати 80-солагии Прокуратураи Тоҷикистон // Мақомоти прокуратура дар ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлолият. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 19.

[148] Модельный закон о прокуратуре. (Принят в г.Санкт Петербурге 16.11.2006 Постановлением 27-6 на 27-м пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ) // Информационный бюллетень. Межпарламентская Ассамблея государств — участников Содружества Независимых Государств. – 2007. – №39 (часть 1). – С. 317-362.

[149] Какителашвили М.М. Прокуратура в системе органов государственной власти в странах СНГ // Российский журнал правовых исследований. – 2019. – Том 6. – №3 (20). – С. 134.

Раҳматуллоева Р.Р. низ ба ин андеша аст, ки прокуратура дар Тоҷикистон мақомоти мустақили давлатӣ буда, дар сохтори давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд[150]. Доир ба ин масъала андешаи Исмоилзода С.А. ҷолиб мебошад, ки мегӯяд: “Прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти мустақили давлативу ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, низоми мутамаркази алоҳидаву мустақили мақомоти ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад. Он ба таври комил ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил набуда, ба сифати мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд, ки метавонад миёни ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ низоми боздориро амалӣ созад[151].

Дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ ягона мақоме, ки волояти қонунро дар кишвари мо таъмин карда метавонад, прокуратура мебошад. Прокуратура, ба шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, ягон шохаи мустақили ҳокимияти давлатиро намояндагӣ намекунад, дар айни замон дар механизми давлатдорӣ нақши махсус мебозад, ки онро анъанаҳо ва таҷрибаи таърихӣ, сатҳи баланди ҳуқуқӣ муайян мекунад. Прокуратура унсури зарурие мебошад, ки бо фаъолияти назоратӣ, мурофиавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ғайра, барои фаъолияти ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонун ва ҳамзамон ҳамкории онҳо дар асоси таъмини қонуният дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Ҳамин тариқ, Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон як мақомоти алоҳидаи давлатие мебошад ва аз ин рӯ, хизмат дар мақомоти прокуратура як намуди махсуси хизмати давлатӣ мебошад, ки дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад.

Беназирии хизмати прокурорӣ дар он аст, ки хизматчиёни давлатӣ-кормандони прокурорӣ дар як вақт функсияҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, ёрии ҳуқуқӣ, назоратӣ-санҷишӣ, тафтиши пешакӣ ва ғайраро амалӣ менамоянд, ки аз серҷабҳа будани ин намуди хизмат шаҳодат медиҳад. Чунин таснифоти хизмат дар

---

[150] Раҳматуллоева Р.Р. Прокуратура дар низоми идоракунии давлат // Ҷавонон ва равандҳои ҷомеаи имрӯза: Маҷмуаи конференсияи илмию амалии олимони ҷавон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантони ДДҲБСТ, Хуҷанд, 18 марти соли 2016. – Хуҷанд, 2016. – С. 42-46.

[151] Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии макомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 12.

мақомоти прокуратура талаботи баланд ба худи хизмат, сифатҳои корӣ ва ахлоқии кормандонро ба миён мегузорад[152].

Бояд гуфт, ки мақоми конститутсионӣ, ҷузъи муҳимми мақоми ҳуқуқии мақомоти прокуратура мебошад. Он меъёрҳои конститутсионӣ фаъолияти прокуратураро дар бар мегирад, ки дар онҳо ҷой, нақш ва таъиноти прокуратура дар механизми тақсимот ва ҳамкории салоҳиятҳо, ваколатҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки Конститутсияи ҶТ ба зиммаи он гузоштааст, муайян мекунад. Боби 9-и Конститутсияи ҶТ[153] махсус ба прокуратура бахшида шудааст. Дар ин боб, дар 5 модда унсурҳои зерини мақоми конститутсионии прокуратура муқаррар карда шудаанд:

– салоҳият, ки назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд, иборат аст (м. 93);

– сохтори ташкилии мақомоти прокуратура ҳамчун низоми ягонаи мутамарказ, ки ба он Прокурори генералӣ сарварӣ менамояд, дар назди Президент ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад (м. 94);

– муҳлати ваколат ва тартиби таъин ва озод кардани прокурорҳои тобеъ (м. 95);

– мустқилияти онҳо (м. 96);

– манъи ишғол намудани дигар вазифа, вакилу узви ҳизбу созмонҳо шудан ва машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба истиснои фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ (м. 97).

Илова ба боби зикршуда, Конститутсияи ҶТ як қатор меъёрҳоро дар бар мегирад, ки дар якҷоягӣ бо боби мазкур асоси мақоми конститутсионии прокуратураро ташкил медиҳанд ва ба меъёрҳои ин боб мувофиқат мекунанд: танзими ҳуқуқии фаъолияти прокуратура, масъалаҳои кадрӣ дар мақомоти прокуратура тахти салоҳияти муштараки Президент ва Маҷлиси миллии Маҷлиси

[152] Смирнов А.В. Понятие и административно-правовая природа государственной службы в органах прокуратуры Российской Федерации // Пенитенциарная наука. – Том 14. – 2020. – №3(51). – С. 395.
[153] Конститутсияи ҶТ (1994) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Дар ҳақиқат, ин муқарраротот танҳо ба як масъалаи кадрӣ – таъини Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ дахл дорад. Пешбарии номзад ба вазифаи Прокурори генералӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи озод кардани ӯ, ки ба салоҳияти истисноии Президент тааллуқ дорад; таъин ва озод кардани Прокурори генералӣ низ бо гирифтани ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти истисноии Президент дохил мешавад. Дар назди маҷлисҳои дахлдори Маҷлиси Олӣ гузоштани масъалаи маҳрум кардан аз дахлнопазирии вакилони Маҷлиси намояндагон ва ё узви Маҷлиси миллӣ ба зиммаи Прокурори генералӣ гузошта мешавад, ки вай ба маҷлиси мазкур пешниҳод мекунад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки танзими конститутсионии мавқеи мақомоти прокуратура танҳо ба масъалаҳои дорои хусусияти ташкилӣ (ба истисноии масъалаи маҳрум кардани депутат, ки хусусияти мурофиавӣ дорад) маҳдуд шуда, нуқтаҳои асосӣ вобаста ба муайян кардани ҷой, нақш ва мақсади прокуратура дар давлати Тоҷикистон алоқаманд аз танзими он дур мондаанд.

Дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мушаххасан меъёри алоҳида оид ба хизмат дар мақомоти прокуратура, ба кадом намуди хизмати давлатӣ, аз ҷумла, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ будан дарҷ нашудааст.

Аз ин рӯ, оид ба хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ будани хизмат дар мақомоти прокуратура (ба истисноии хизмат дар Сарпрокуратураи ҳарбӣ ва прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳо) миёни олимони ҳуқуқшинос то дараҷае баҳсҳо ҷой доранд. Дар як вақт таълимоте низ вуҷуд дорад, ки хизмат дар мақомоти прокуратураро ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мансуб медонанд[154]. Илова ба ин, ба андешаи Кириллов А.А., бо дарназардошти мақоми махсуси прокуратура, функсияҳо ва вазифаҳои дар назди он истода, ба мақсад мувофиқ

[154] Основы организации и управления в органах прокуратуры Российской Федерации: Учеб. // Под ред. проф. А.Ф.Смирнова. – М.: Институт повышения квалификации руководящих кадров Генеральной прокуратуры РФ, 2005. – С. 63.

аст, ки хизмат дар мақомоти прокуратура ҳамчун як намуди махсуси хизмати давлатӣ ҷудо карда шавад[155].

Ба ақидаи Маҳмадалиев Қ.М., хизмат дар мақомоти прокуратура ба хизмати давлатӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил мешавад. Шаҳрвандоне, ки ба хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил мегарданд, вазъи ҳуқуқии махсусро соҳиб мегарданд[156]. Аз ин рӯ, кор кардан дар мансабҳои прокурор ва муфаттиш ҳамчун хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мансуб мебошад, вале ин муқаррарот дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" муайян нагардидааст, яъне аниқтараш Қонуни мазкур номгӯи пурра ва қатъии мақомот ё нишонаҳои он, аз ҷумла, мақомоти прокуратураро, ки хизмат намудан дар онҳо ҳамчун хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб меёбад, муқаррар намекунад. Илова ба ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсадҳои таъмини амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ таъсис дода мешаванд[157]. Дар маҷмуъ ҳар он мақоме, ки самти фаъолияти он ба ин самтҳо равона гардидааст, онро метавон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ номид[158].

Бинобар ин, зарур дониста мешавад, ки номгӯи мақомоти ҳифзи ҳуқуқе, ки хизмат дар он хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дониста мешавад, ё ин ки нишонаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" мушаххас карда шавад.

Мақомоти прокуратура ниҳоди махсусест, ки ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил намешавад. Конститутсияи ҶТ низ хусусиятҳои махсуси ин ниҳодро ба инобат гирифта, боби алоҳидаи худро, яъне боби 9 Конститутсияи ҶТ ба вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура бахшидааст. Мақомоти прокуратура дорои функсия, вазифа ва мақсадҳои муайян мебошад, ки вазифаҳои асосии он аз

---

[155] Кириллов А.А. Государственная служба и особенности ее прохождения в органах прокуратуры // Государственная служба. – 2009.– №2. – С. 235.

[156] Маҳмадалиев Қ.М. Мафҳум ва мавқеи хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (5-6 марти соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 482-486.

[157] Огородников В.И. Место правоохранительной службы в системе государственной службы Российской Федерации // Человек: преступлениеи наказание. – 2009. – № 1. – С. 64.

[158] Нагорных Р.В. Об объекте административно-правового регулирования в сфере государственной правоохранительной службы // ЧЕЛОВЕК: преступление и наказание. – 2012. – № 4 (79). – С. 121.

таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳамзамон назорати риояи дақиқ ва иҷроиши якхелаи қонунҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ва худи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Вазъи ҳуқуқии махсуси мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, пешниҳод менамоем, ки хизмат дар мақомоти прокуратура ҳамчун навъи алоҳидаи хизмати давлатӣ эътироф ва дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Мушахассан хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун як намуди хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ тасниф ва дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба таври муфассал дарҷ карда шавад[159].

Баррасии масъалаи хизмат дар мақомоти прокуратура бе муайян намудани доираи сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки мазмуни онро танзим мекунанд, имконнопазир аст. Барои дарки ҳамаҷонибаи масъалаи таҳлилшаванда зарур аст нахуст мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқро ошкор созем. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ фикру мулоҳизаҳои мухталиф ҷой доранд. Бо вуҷуди гуногунандешӣ аксари олимони соҳаи ҳуқуқ ба як андешаи умумӣ ва ягона муттаҳид мешаванд, ин ҳам бошад онҳо сарчашмаи ҳуқуқро танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ намуда, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқиро сарчашмаҳои ҳуқуқ эътироф менамоянд[160]. Ба андешаи олими ватанӣ Сотиволдиев Р.Ш., мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» мафҳуми ду маъно мебошад. Ба маънои васеъ сарчашмаи ҳуқуқ гуфта, шароити мавҷудаи моддӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро меноманд, ки ба қабули санадҳои ҳуқуқӣ боис мегарданд. Ба маънои расмӣ (юридикӣ) бошад, мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ ҳамчун шакли ифодаи меъёри ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки тавассуташон муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешаванд[161].

---

[159] Раҷабзода М.С. Танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқовимат ба коррупсия таҳти унвони "Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо" Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 369-374.

[160] Раҷабзода М.С. Сарчашмаҳои танзимкунандаи хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4(48). – С. 174-178.

[161] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ. «Империал групп». – Душанбе, 2014. – С. 129.

Мо чунин меҳисобем, ки сарчашмаҳои ҳуқуқ ин шакли махсуси ифодаёбии худро дошта, дар шакли Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо, қарорҳо, фармонҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ифода меёбанд. Мувофиқан, сарчашмаҳои танзимкунандаи хизмати давлатӣ дар умум ва сарчашмаҳои хизмат дар мақомоти прокуратура низ дорои шакли зоҳирии худ мебошанд ва аз рӯйи нишонаҳои умумии худ аз сарчашмаҳои дигари ҳуқуқ ҳеҷ тафовуте надоранд.

Ба сифати сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқии хизмат дар мақомоти Прокуратура меъёрҳои ҳуқуқие дар назар дошта мешаванд, ки онҳо раванди ташкил, адо ва қатъ гардидани хизмати давлатиро дар мақомоти Прокуратура, инчунин муносибатҳои дигари ба онҳо алоқамандро ба танзим медароранд[162].

Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои хизматии давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба маънои васеъ ва ҳам ба маънои маҳдуд (чун раванди амалисозии салоҳиятҳои бевосита) инҳо мебошанд:

1. Конститутсияи ҶТ, боби 9, м.м. 93-97, ки тибқи он назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд, низоми ягонаи марказонидашудаи Прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сарварӣ мекунад. Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст.

Прокурори генералии Тоҷикистон ба муҳлати 5 сол таъин мешавад. Прокурори генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъин ва озод мекунад. Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд. Прокурор наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ[163].

---

[162] Раҷабзода М.С. Сарчашмаҳои танзимкунандаи хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4(48). – С. 174-178.
[163] Конститутсияи ҶТ (1994) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

2. Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[164], аз ҷумла, фасли 8, ки бевосита ба хизмат ва кадрҳои прокуратура бахшида шудааст.

3. Дигар қонунҳо, ки ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти расмии прокурорҳоро танзим мекунанд. Банди 10, қ. 2, м. 16 ва қ. 2, м. 56 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” прокурорҳо бо дигар асосҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат пешбинӣ кардааст аз вазифаашон пеш аз муҳлат озод карда мешаванд ва прокурорҳо, муфаттишон ва аъзои оилаҳои онҳо бо тартибе бо нафақа таъмин мешаванд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо муқаррар кардааст[165].

4. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои хизматӣ ва ҳуқуқиро дар мақомоти прокуратура танзим мекунанд, аҳамияти калон доранд. Ба сифати мисол, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2006, №73[166] “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва аз 8 декабри соли 2006, №74[167] “Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд”.

5. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои марбут ба хизмат дар мақомоти прокуратураро танзим мекунанд. Мисоли ин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №40[168] “Дар бораи тасдиқи

---

[164] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[165] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[166] Фармони Президенти ҶТ аз 8 декабри соли 2006, №73 “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 65.

[167] Фармони Президенти ҶТ аз 8 декабри соли 2006, №74 “Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд” // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 71.

[168] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 январи соли 2008, №40 “Дар бораи тасдиқи меъёрҳо ва тартиби ба тариқи ройгон додани либоси расмӣ ба прокуророн ва муфаттишони дорои рутбаи дараҷавӣ” // Фармонҳои Прокурори генералии

меъёрҳо ва тартиби ба тариқи ройгон додани либоси расмӣ ба прокуророн ва муфаттишони дорои рутбаи дараҷавӣ” мебошад.

6. Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳое, ки бевосита бо гузаштани хизмат алоқаманданд. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, №5-37 “Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[169].

Мувофиқи қ. 5, м. 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[170] хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд.

Аз ин рӯ, Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” санади ҳуқуқии ягонаи асосӣ мебошад, ки тамоми ҷиҳатҳои муҳимми ташкил ва хизмат дар ин мақомотро дарбар мегирад. Бинобар ин, аз б. 10, қ. 2, м. 16 (бо дигар асосҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат пешбинӣ кардааст.) ва қ. 2, м. 56 (Тартиб ва шароити ба амал баровардани ҳимояи давлатии прокурорҳо ва муфаттишонро қонун муайян мекунад.) Қонуни конститутсионии мазкур хориҷ кардани меъёрҳои зикршударо зарур шуморида, дар як вақт меъёрҳои алоқаманд ба танзими хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни конститутсионии соҳавӣ гирд оварданро пешниҳод менамоем.

Имрӯз, бо назардошти ҷараёни ислоҳоти мақомоти давлатӣ, таҳияи қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ, набудани меъёри мукаммал оид ба мақоми ҳуқуқӣ ва шароити хизмат дар мақомоти прокуратура норасогии назарраси қонунгузорӣ мебошад.

---

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 86.

[169] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 “Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 148.

[170] Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007, №233 // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 75.

Тавре ки дар боло зикр гардид, хизмат дар мақомоти прокуратура тибқи гурӯҳбандии Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” ба намуди махсуси хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ дорад. Аз ин одилона хулоса баровардан мумкин аст, ки прокурорҳо ва муфаттишони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд. Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бошад ҳеҷ гуна меъёре дар бораи он ки хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура яке аз намудҳои хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, муқаррар накардааст.

Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[171] мафҳуми хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба тариқи зайл ифода шудааст: “Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.”. Мутаассифона дар қонуни зикргардида ва Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” хизматчии давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ будани кормандони прокурорӣ меъёре ҷой дода нашудааст. Дар баробари ин, Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” истилоҳи хизматчии давлатиро умуман истифода накарда, истилоҳи кормандро мавриди корбарӣ қарор додааст, ки ин раванд ҳам чандон дуруст намебошад, зеро истилоҳи корманд хоси шартномаҳои меҳнатӣ буда, дар ин муносибатҳо тарафҳои шартнома дар заминаи усули диспозитивӣ фаъолият менамоянд.

Дар робита ба ҳалли ин масъала олимон фикру андешаҳои худро борҳо баён намуданд. Аз ҷумла, қайд мешавад, ки зарур аст, то хизмат дар мақомоти прокуратура ҳамчун яке аз намуди хизмати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сатҳи

[171] Ҳамон ҷо. – С. 75.

қонунӣ муқарар карда шавад[172]. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чи тавре болотар қайд гардид, ин ҳолат муқаррар нашудааст. Гарчанде ки аз нигоҳи назариявӣ олимони соҳа хизмат дар мақомоти пракуратураро ба низоми хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шомил месозанд ва ин муносибатро мо низ ҷонибдорӣ менамоем, вале дар сатҳи қонунгузории миллӣ бояд ин норасоӣ бартараф карда шавад[173].

Доир ба истилоҳи хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ олими ватанӣ Ҷамшедзода Ҷ.Н. чунин андеша доранд, ки бояд он ба мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ иваз карда шавад, зеро тибқи б. 2, қ. 1, м. 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" таҳти мафҳуми мақомоти давлатӣ – ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд, фаҳмида мешавад[174]. Мо низ ҷонибдори ин андеша буда, таклиф карда мешавад, ки дар матни Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, №233 тағйирот ворид карда шуда, истилоҳи "хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" ба мафҳуми "хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ" иваз карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шуда, он тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[175], ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ дохил мешавад. Дар зербоби 7, боби 2 Феҳристи мазкур ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ аз кормандони дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ва прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёт, шаҳрҳо ва ноҳияҳо –

[172] Основы организации и управления в органах прокуратуры Российской Федерации: Учеб. // Под ред. проф. А.Ф.Смирнова. – М.: Институт повышения квалификации руководящих кадров Генеральной прокуратуры РФ, 2005. – С. 63.
[173] Раҷабзода М.С. Танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқовимат ба коррупсия таҳти унвони "Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо" Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 369-374.
[174] Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституцонно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 79.
[175] Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Президенти ҶТ аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 265-266.

сардори шуъба, сардори бахш, сармутаххасис, мутахассиси пешбар, мутахассисон дохил шудаанд. Вобаста ба кормандони прокурории мақомоти прокуратура, ки Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" – прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд пешбинӣ кардааст, ба истиснои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид нашудаанд.

Мутобиқи м. 18 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи кормандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳудуди воҳиди ҷудокардашуда ва фонди музди меҳнат муқаррар менамояд, ваколати воҳидҳои сохтории Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, шумораи кормандон ва сохтори мақомоти тобеи прокуратураро муқаррар мекунад ва дигар ваколатҳоро амалӣ менамояд.

Беназирии прокуратура дар робита бо унверсалии фаъолият дар он зоҳир мегардад, ки ба мақомоти прокуратура дар маҷмуъ нишонаҳои ҳамаи намудҳои хизмати давлатӣ, бо афзалияти аҳамияти хизмати прокурорӣ ва тафтишотӣ хос аст[176]. Бо назардошти ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратураи муосир ҳамаи шахсонеро, ки дар онҳо кор мекунанд, метавон ба се гурӯҳ тақсим кард:

1) кормандони прокурорӣ (прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд);

2) хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ (маъмурӣ) (сардори шуъба, мудири бахш, сармутахассис, мутахассиси пешбар ва мутахассис);

3) дигар шахсоне, ки хизматчии давлатӣ намебошанд (ронандагон, коргузорон, фаррошон, боғбонон ва ғайра), яъне хизматчиёни гражданӣ.

---

[176] Прокурорский надзор. Российская прокуратура в правовом демократическом государстве: учебник // Под ред. Сухарева А.Я. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2008. – С. 115.

Дар навбати худ фаъолияти кормандони прокурорӣ ба ду намуди хизмати давлатӣ таалluқ дорад, ки яке хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар хизмати давлатии ҳарбӣ мебошад.

Дар доираи ин пажуҳиши рисолаи илмӣ мо танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ хоҳем кард, ки ба андешаи мо, ҳам аз ҷиҳати амалӣ ва ҳам аз ҷиҳати назариявӣ таваҷҷуҳи бештар дорад.

Мазмуни хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура аз рӯйи маҷмуи шартҳо, амалҳо ва расмиёте, ки хусусиятҳои ин хизматро тасниф медиҳанд муайян карда мешавад, ки қабл аз ҳама тобеи манфиатҳои иҷрои беҳтари вазифаю функсияҳои мақомоти прокуратура аз ҷониби кормандони прокурорӣ мебошанд. Маҳз хусусияти функсияҳо, вазифаҳо, ваколатҳои прокурорҳо ва шароити фаъолияти онҳо зарурати танзими талабот нисбат ба ин шахсонро дар сатҳи қонунгузорӣ муайян мекунад[177].

Дар м.м. 18-19 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидааст, ки ба прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон прокурорҳои дахлдор роҳбарӣ мекунанд, ки онҳо дорои муовини якум ва муовинон буда, онҳоро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад. Прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйир додани ҳайати шахсии кормандони дастгоҳи худ таклифҳо пешниҳод менамоянд. Ба прокуратураҳои шаҳрҳо, ноҳияҳо ва дигар прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда прокурорҳои дахлдор роҳбарӣ мекунанд. Онҳо метавонанд муовини якум, муовинон, ёрдамчиёни калон, ёрдамчиён, муфаттишони калон ва муфаттишон дошта бошанд. Прокурорҳои шаҳрҳо, ноҳияҳо ва дигар прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда ба прокурорҳои болоӣ дар бораи тағйир додани шумораи кормандони дастгоҳ таклифҳо пешниҳод менамоянд. Прокурорҳои шаҳрҳо, ноҳияҳо ва дигар прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда дар доираи

[177] Ҳамон ҷо. – С. 116.

ваколатҳои худ кормандони хидмати ёрирасонро ба кор қабул ва аз кор озод менамоянд.

Натиҷаҳои таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мафҳуми «хизматчии давлатӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ қонунан муайян карда шудааст. Мутаассифона, дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" мафҳумҳои «корманди прокуратура», «хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура» мавҷуд нест.

Муқаррароти марбут ба вазъи ҳуқуқии корманди прокуратура, муайян намудани доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои хизматии ӯ ва бевосита ба хизмат дар мақомоти прокуратура алоқамандро қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ қисман танзим мекунад, вале онҳо хусусиятҳои муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқиро дар прокуратура ҳамчун мақоми махсуси давлатӣ, ки назорати иҷрои Конститутсияи ҶТ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амалӣ менамояд, инъикос намекунанд.

Хулоса, бо натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳо таърифи умумии зеринро оид ба хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон таҳия кард: "Хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии давлати дигарро надорад ва мансаби давлатии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро музднок дар низоми ягонаи марказонидашудаи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси касбӣ бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол карда, дорои рутбаи дараҷавӣ мебошад".

Чуноне ки дар боло қайд намудем, дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавҷуд нест. Ба назари мо имкон дорад, ки дар асоси натиҷаи таҳлилҳои боло мафҳуми зеринро пешниҳод кунем: "Хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти касбӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва музднoки хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти мазкур дар амалӣ

намудани салоҳияти он оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ буда, тавассути назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.”

Бо дар назардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 1, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйиротҳо бо мазмуни зерин илова карда шавад: “Хизмат дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Кормандони прокурории мақомоти прокуратура хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратура Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки вазифаҳои худро дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Қонуни конститутсионии мазкур иҷро мекунанд. Вазъи ҳуқуқӣ ва шартҳои хизмати кормандони прокурории Прокуратураро ҳамин Қонун муайян мекунад.” Дар м. 2 Қонуни конститутсионии мазкур бошад, мафҳумҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон илова карда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили мафҳум ва моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба чунин хулоса расонид, ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳифзи ҳуқуқиро амалӣ намуда, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

## § 1.3. Принсипҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хизмат дар тамоми сохторҳои давлатӣ, пеш аз ҳама дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои муайяне, ки бевосита дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, амалӣ карда мешавад. Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ масъалаи принсипҳои хизмати давлатӣ, пеш аз ҳама хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, мавриди баҳси олимони ватанию хориҷӣ қарор дорад. Онҳо асосҳои роҳбарикунанда, ғояҳои асосиро ифода намуда, тамоми фаъолияти хизмати давлатиро фаро мегиранд. Худи истилоҳи «принсип» ин калимаи лотинӣ буда маънояш ғояи асос, замина, таҳкурсӣ, ақидаи асосӣ, қоидаи ҳатмии роҳбарикунанда мебошад[178].

Хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура бо принсипҳои муайян ташкил ва амалӣ карда мешавад, ки хусусиятҳои хос ва таснифоти муҳим, инчунин мазмуну аҳамияти онҳоро равшан менамояд. Аз принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура ҳам фаъолияти мақомоти прокуратура ва ҳам хизматчиёни он вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқ ва таҳлилу таснифоти принсипҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ва дақиқ намудани нақше, ки онҳо дар ҷараёни ташкил ва адои хизмат иҷро мекунанд, барои амалияи фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми ватанӣ муҳим мебошад.

Барои дуруст ба роҳ мондани таҳқиқи принсипҳои ташкилии хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон моро мебояд, ки аввалан ба омӯзиши мафҳуми «принсипи хизмати давлатӣ» диққат диҳем.

Принсипҳои хизмати давлатӣ ҳамчун ғояҳои асосии ташкил ва адои он фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи ҷамъбасти амалия ва пешгӯии тамоюлҳои рушди ин ниҳоди иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мураттаб шудаанд.

---

[178] Рустамзода Дж.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы: монография & под ред. Грачевой Е.Ю. – М.: Проспект, 2021. – С. 44.

Бояд қайд кард, ки дар асарҳои олимони ватанӣ мавзуи принсипҳои хизмати давлатӣ ба таври васеъ таҳлил карда шудааст. Дар ҳуқуқи маъмурӣ аниқтараш хизмати давлатӣ аввалин шуда, мавзуи принсипҳоро ҳуқуқшиносон Ойев Х.[179], Ҷамшедов Ҷ.Н.[180] баррасӣ кардаанд. Ҳамчун заминаи бунёди Ҷамшедов Ҷ.Н. пешниҳоди худро оид ба мафҳум ва аҳамияти принсипҳои хизмати давлатӣ исбот кардааст. Ба ақидаи Ҷамшедов Ҷ.Н., мафҳуми «принсипи хизмати давлатӣ» хусусиятҳои асосӣ, хислатҳои муҳимтарин, мазмун ва аҳамияти худи хизмати давлатиро ошкор мекунад, зеро фаъолияти босубот ва самараноки дастгоҳи давлатӣ ба принсипҳои хизмати давлатӣ ҳамбастагии амиқ дорад[181].

Дар баъзе луғатҳои тафсирии хориҷӣ роҷеъ ба хизмати давлатӣ, мафҳуми принсипҳои хизмати давлатӣ ба тариқи зайл ифода гардидааст: асосҳои аввалиндараҷа (муқаррароти илмӣ), муқаррароти ҳуқуқии муносибатҳои хизмати давлатии аз тарафи қонунгузорӣ муайяншуда ва дар таҷрибаи хизмати давлатӣ, инчунин идоракунии маъмурӣ татбиқшаванда, ки ба Конститутсияи ФР, таҷриба ва амалкунии анъанаҳои ватанӣ ва хориҷии хизмати давлатӣ асос ёфтаанд»[182].

Олими рус Сергун П.П. зери мафҳуми принсипҳои хизмати давлатӣ, категорияи ҳуқуқиеро ҳамчун асос, роҳнамункунанда мефаҳмад, ки бевосита ё бавосита дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам шуда, мазмуни муносибатҳои хизмати давлатиро муайян ва барои иштирокчиёни ин муносибатҳо ҳатмӣ буда, дар умум ба амалӣ гардондани манфиатҳои қонунии шахс, давлат ва ҷамъият мусоидат мекунад[183]. Манохин В.М., бо принсипҳо асосҳои муайяни мунтазамӣ ва устувориро алоқаманд медонад, ки бар асоси он объекти мавриди таваҷҷуҳи низоми муносибатҳо амал мекунад[184]. Старилов Ю.Н., принсипҳои хизмати давлатиро ҳамчун ғояҳои бунёдӣ, муқаррароте мефаҳмад, ки қонунҳои объективиро ифода намуда, самтҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки татбиқи салоҳият,

---

[179] Ойев Х. «Хидмати давлатӣ» (китоби дарсӣ). – Душанбе: Ирфон, 2011. – 400 с.
[180] Джамшедов Д.Н. Государствнная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект). Дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 60 -74.
[181] Ҳамон ҷо. – С. 60 -74.
[182] Казанцев Н.М. Толковый словарь правового содержания понятий государственной службы. – М.: РАГС, 1996. – С. 16.
[183] Сергун П.П. Государственная служба в органах внутренних дел Российской Федерации: состояние и теория развития. – Саратов, 1998. – С. 123.
[184] Манохин В.М. Служба и служащий в Российской Федерации: правовое регулирование. – М., 1997. – С. 135.

мақсад ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ, ваколатҳои хизматчиёни давлатиеро, ки дар низоми ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, дар хизмати давлатӣ фаъолият доранд, муайян мекунанд[185].

Илова ба ин, Манохин В.М. таъкид мекунад, ки принсипҳои хизмати давлатӣ ин талаботҳоест, ки барои дилхоҳ шахс ва ташкилотҳои бо ин ё он тарз ба хизмати давлатӣ алоқаманди дошта ҳатмӣ буда, ба ҳамаи намудҳои хизмати давлатӣ паҳнгашта, дар доираи хизмати давлатӣ универсалӣ мебошад, ки ҳамаи ҷабҳаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраро фаро гирифта, мазмуни хизмати давлатиро ташкил медиҳанд[186].

Принсипҳои хизмати давлатӣ ғояҳои ибтидоии дар меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ ифодагаштаро ҷамъбаст намуда, асосҳои назариявии падидаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи давлатӣ-хизматӣ, назарҳое, ки асоси хизмати давлатиро ташкил медиҳанд, инъикос мекунанд. Табиати онҳо ба қонуниятҳои амалкарди он ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва фаъолияти касбӣ асос ёфтааст. Принсипҳо асосҳои ибтидоӣ буда, дар ниҳоят хусусияти фаъолият ва рафтори хизматчиёни давлатиро муайян намуда, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти хизмати давлатиро фаро мегиранд, вале бештар ба омили субъективӣ вобастаанд[187].

Чуноне ки Старилов Ю.Н. муайян кардааст, «принсипҳои хизмати давлатӣ» мафҳуми субъективӣ мебошанд. Онҳо аз ҷониби инсон (қонунгузор) бо назардошти таҷрибаи мушаххаси ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кишвар таҳия шуда, ба муқаррароти асосии низоми ҳуқуқӣ ва сатҳи бадастомадаи рушди қонунгузории соҳавӣ асос ёфтаанд. Принсипҳои хизмати давлатӣ робитаҳои объективиеро, ки дар низоми муносибатҳои хизмати давлатӣ ба вуҷуд меоянд, инъикос мекунанд. Таҳия ва ташаккули принсипҳои хизмати давлатӣ аз ҷониби қонунгузор аз модели интихобкардаи хизмати давлатӣ, дарки зарурии қонуниятҳои дохилии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз

---

[185] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. – Т. 2. – М., 2002. – С. 4.
[186] Манохин В.М. Советская государственная служба. – М., 1966. – С. 16.
[187] Братановский С.Н., Стерльников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов. 2007. – С. 47-48.

тарафи дигар, принсипҳо ин ибтидои фаъол ва динамикӣ мебошанд, зеро онҳо модели хизмати давлатии муқаррарнамудаи қонунгузориро муайян мекунанд[188].

Ба андешаи Саъдиев И.З., саргаҳи ибтидоии фаъолият дар соҳаи хизмати давлатӣ, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам гардидаанд, принсипҳои хизмати давлатӣ мебошанд. Қайд карда мешавад, ки принсипҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ғояҳои асосие мебошанд, ки дар қонун сабт шудаанд. Онҳо аз ҷониби қонунгузор дар асоси таҷрибаи мушаххаси ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кишвар мураттаб гардида, муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузориро ифода намуда, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатиро муқаррар мекунанд. Дар маҷмуъ принсипҳои хизмати давлатӣ гуфта, асосҳо ва талаботҳоеро меноманд, ки хизматчии давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбии худ онҳоро ба роҳбарӣ мегирад. Аҳамияти асосии принсипҳои хизмати давлатӣ дар он аст, ки онҳо мазмуни ҳуқуқӣ, ташкили амалӣ ва фаъолияти воқеии хизмати давлатиро муайян мекунанд. Ин принсипҳо муҳимтарин ҷиҳатҳои ташкил ва фаъолияти на танҳо худи хизмати давлатиро, балки низоми мақомоти давлатиро низ инъикос намуда, хусусияти муносибатҳои мураккаби ин низомро муайян мекунанд[189].

Ба ақидаи Артемов В.М., санадҳои қонунгузорие, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ФР-ро ташкил медиҳанд, меъёрҳои ҳуқуқие доранд, ки принсипҳои асоси ташкил ва фаъолияти ин мақомотро муайян мекунанд. Дар силсилаи мартаботии меъёрҳои ҳуқуқӣ чунин меъёрҳо нисбат ба дигар меъёрҳои мушаххас мавқеи умумӣ ва роҳнаморо ишғол мекунанд, зеро онҳо самтҳои асосии танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро муқаррар мекунанд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқӣ чунин меъёрҳоро одатан принсипҳо меноманд[190].

Муҳаққиқони хизмати давлатӣ қайд мекунанд, ки ташаккули принсипҳои

---

[188] Старилов Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации. – Воронеж, 1996. – С. 78.
[189] Саъдиев И.З. Принсипҳои хизмати давлатӣ: Мафҳум ва муҳтаво // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ, 22-23 апрели соли 2022 - Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 58.
[190] Артемов В.М. Социально-культурная ориентация правоохранительных органов // СоцИс. – 2000. – №1. – С. 51-55.

хизмати давлатӣ аз дараҷаи фаҳмиши қонунгузор вобаста аст, яъне то чӣ андоза ба моҳияти хизмати давлатӣ сарфаҳм мераванд[191], ки ба ин розӣ нашудан мумкин нест.

Бояд гуфт, ки дар адабиёти таълимӣ ва илмии ҳуқуқи маъмурии давраи шуравӣ ба принсипҳои хизмати давлатӣ амалан эътибори ҷиддӣ дода намешуд, ки ин ба як қатор ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста буд.

Петров Г.И. принсипҳои зерини хизмати давлатиро ба монанди дастрас будани хизмати давлатӣ барои шаҳрвандон, мавҷуд набудани ҳеҷ гуна маҳдудият барои хизматчиён, назорати хизматчиён аз ҷониби мардум ва ивазшавандагии онҳо номбар кардааст[192]. Студеникин С. бошад, принсипҳои зерини хизмати давлатиро аз қабили мавҷуд набудани маҳдудият барои занҳо, роҳ надодани аз кор озод намудан ё рад кардани ба кор бо асосҳои баромади иҷтимоӣ, дар гузашта доштани доғи судӣ, маҳкумии волидайн ва ё хешовандон, зеро ин дар қонунҳои махсус пешбинӣ нашудааст ва манъи фаъолияти кормандони муассисаҳои давлатӣ ба сифати намояндаи манфиатҳои мақомоти дигар ё шаҳрвандони алоҳида қайд мекунад[193].

Алехин А.П. номгӯи зерини принсипҳои хизмати давлатиро дар давлати шуравӣ номбар кардааст: тобеияти он ба манфиатҳои халқи шуравӣ; робитаи зичи дастгоҳи давлатии хизматӣ бо халқ; фаъолияти қонунӣ; ҳисоботдиҳанда ва таҳти назорати мақомоти намояндагӣ ва халқ будани хизматчиён; ивазшаванда будани хизматчиён; баробарии ҳамаи шаҳрвандони ИҶШС ба хизмати давлатӣ новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, вазъи иҷтимоӣ, вазъи молу мулкӣ; набудани маҳдудияти ҳуқуқи хизматчиёни давлатӣ ба истиснои онҳое, ки бевосита аз далели татбиқи ваколатҳои ҳокимиятӣ аз рӯйи идоракунии ҷомеа бармеоянд[194].

---

191 Старилов Ю.Н. Принципы государственной службы // Служебное право: Учебник. – М., 1996; Нечипоренко В.С. Принципы государственной службы // Настольная книга государственного служащего (Комментарий к федеральному закону «Об основах государственной службы Российской Федерации»). – М., 1999; Атаманчук Г.В. Принципы государственного управления // Теория государственного управления. Курс лекций. – М., 1997; Мельников В.П., Нечипоренко В.С. Государственная служба в России. – М.: РАГС, 2004; Каримов К.М. Современная государственная служба Таджикистана, проблемы и тенденция развития. – Душанбе, 2005; Ойев Х. Хидмати давлатӣ. – Душанбе, 2006.

192 Петров Г.И. Советсткое административное право: часть общая. – Л., 1970. – С. 144.

193 Студеникин С.С. Советское административное право. – М., 1945. – С. 46.

194 Советское административное право // Под ред. Козлова Ю.М. – М.: “Юридическая Литература”, 1985. – С. 124.

Власов В.А. иброз медорад, ки хизмати давлатӣ дар асоси принсипҳои табақавӣ набудани мансабдорон, ҳисоботдиҳанда ва ивазшаванда будани хизматчиёни давлатӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ дар мавриди мувофиқ будан ба талаботи сиёсӣ ва кордонӣ, набудани маҳдудкунии ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ, ба истиснои онҳое, ки аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ ногузир бармеоянд ва набудани ягон имтиёз барои кормандони дастгоҳи давлатӣ ташаккул меёбад[195].

Старилов Ю.Н. низоми принсипҳои хизмати давлатии давраи шуравиро танқид карда, қайд мекунад, ки бояд ба инобат гирифт, ки сохти давлатӣ, идораи давлатӣ, падидаҳои асосӣ ва унсурҳои низоми сиёсию ҳуқуқӣ бо режими ҳукмфармои сиёсии ҳамонвақта зич алоқаманд буд. Бинобар ин, як қатор принсипҳои номбаршуда ба принсипҳои низоми хизмати оммавии мамлакатҳои пешрафта мухолиф буданд. Принсипҳои хизмати давлатии шуравӣ, чун худи хизмати давлатӣ, падидаҳои хеле мафкуравӣ буданд, ки ягон муқаррароти ҳуқуқӣ надоштанд. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи эъломиявӣ ва хусусияти сатҳӣ доштани ин категорияҳо дар амалияи фаъолияти хизмати давлатӣ гуфт[196].

Бахрах Д.Н. ба принсипҳои хизмати давлатӣ баҳо дода, онҳоро дар аввал ба се, баъдан ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим кардааст: қонуният, демократият, касбият ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии хизматчиён[197].

Мо бояд бо ин ақида розӣ шавем, зеро принсипҳо ғояҳои умумии роҳбарикунанда мебошанд ва дигар муқаррарот, аз ҷумла, принсипҳои мушаххас аз онҳо бармеоянд. Қонуният ва демократият принсипҳои умумии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ буда, дар ташкили хизмати давлатӣ ба таври хос зуҳур ёфта, маҳорати касбӣ ва таъминоти иҷтимоии кормандон принсипҳои хоси он мебошанд.

Оболонский А.В. принсипҳои бунёдӣ ва ташкили хизмати давлатӣ ба монанди сифатҳои касбӣ, ҷудокунии мақомии мансабҳои сиёсӣ ва маъмурӣ,

---

[195] Власов В.А. Основы советского государственного управления. – М., 1960. – С. 80.

[196] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. – Т. 2. – М., 2002, – С. 3.

[197] Бахрах Д.Н. Государственная служба: основные понятия ее составляющие, содержание и принципы // Государство и право. – 1996. – №12. – С. 15; Бахрах Д.Н. Государственная служба России: учеб. пособие. – М., 2009. – С. 18.

ҷуброни маҳдудиятҳо, афзалияти пардохтҳои мустақими пулӣ ба имтиёзу бартариятҳои «ниҳонӣ», шаффофият, тамоюл ба «мизоҷ», садоқати хизматӣ, ахлоқ, тайёрии бонизом ва бозомӯзии кадрҳоро таъкид кардааст[198].

Манохин В.М. бошад, аз маҷмуи принсипҳо онҳоеро ҷудо кардааст, ки дар умум танҳо ба хизмат, ба шаҳрвандон дар мавриди ба хизмати давлатӣ дучор шудан ва ба хизматчиён нигаронида шудаанд[199].

Принсипҳои хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таҷассум ёфтаанд, аз қабили Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Принсипҳои конститутсионӣ барои принсипҳои дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муқарраршуда ибтидоӣ ва асосӣ мебошанд. Аз ҷумла, волоияти Конститутсия ва қонунҳо, инсондӯстӣ, адолати иҷтимоӣ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғайра принсипҳое мебошанд, ки дар Конститутсияи ҶТ оварда шудаанд. Принсипҳое, ки бо Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[200] аз 13 ноябри соли 1998 ва минбаъд дар таҳрири нав аз 5 марти соли 2007 муқаррар шуданд, барои дигар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки принсипҳои хизмати давлатиро мушаххас ва вусъат медиҳанд, асосӣ шуданд.

Мутобиқи м. 7 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[201] принсипҳои асосии хизмати давлатӣ инҳоянд: волоияти Конститутсия ва қонунҳои ҶТ; афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ; садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон; инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ; хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ; ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ муайян гардидаанд; шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз

[198] Оболонский А.В. Реформа российской государственной службы: концепция и стратегия // Общественные науки и современность. – 1998. – №3. – С. 10-12.
[199] Манохин В.М. Служба и служащий в Российской Федерации: правовое регулирование. – М., 1997. – С. 137.
[200] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998, №275 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[201] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад; касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ; ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ; ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ; устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ, баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ; баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ[202].

Принсипҳое, ки дар қонуни зикргардида пешбинӣ шудаанд, бо ҳам алоқаманд ва вобаста буда, ҳар кадоми онҳо дар механизми ташкил ва гузаштани хизмати давлатӣ маънои ба худ хос доранд. Риояи як принсип ба риояи принсипҳои дигар мусоидат мекунад, аммо вайрон кардани яке аз онҳо ба риояи дигар принсипҳо таъсири манфӣ мерасонад. Онҳо дар алоҳидагӣ ҳамаи ҷанбаҳои қонунияти воқеии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчии давлатиро инъикос намекунанд.

Принсипҳои асосии ташкилӣ ва баамалбарории фаъолияти хизматӣ дар мақомоти прокуратура ба андешаи олимони хориҷӣ, ба монанди Корнет И.А., Горенко С.С., Груздев В.В. муқаррароти асосии умумитарине мебошанд, ки дар меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ дарҷ гардида, моҳият ва мазмуни институти прокуратураро ҳамчун мақоми давлатӣ, тартиби ташкил, фаъолияти он, инчунин хусусияти танзими ҳуқуқии назорати прокурориро муайян мекунанд. Ба андешаи онҳо, принсипҳои баамалбарории фаъолияти хизматӣ дар мақомоти прокуратура инҳо мебошанд: конуният, ягонагӣ ва мутамарказии мақомоти прокуратура, мустақилӣ, ғайриҳизбӣ, роҳ надодан ба пайвастани фаъолияти прокурорӣ бо дигар фаъолияти музднок ё ройгон, ошкорбаёнӣ[203].

Ҳамаи принсипҳоро аз рӯйи моҳият ва мазмуни худ ба принсипҳои умумии ҳуқуқии (универсалии) хизмати давлатӣ ё ин ки хизмат дар мақомоти прокуратура ва махсуси ҳуқуқи тасниф намудан мумкин аст. Гуфтан ба маврид аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ дигар таснифоти принсипҳои хизмати давлатӣ низ ҷой дорад.

---

[202] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[203] Прокурорский надзор в Луганской Народной Республике: учебное пособие / авт. кол.: Корнет И.А., Горенко С.С., Груздев В.В. и др., под ред. Бабичева Д.А.; ГП ЛНР, МВД ЛНР, Луган. акад. внутр. дел им. Э.А. Дидоренко, Костром. гос. ун-т. – Кострома: Изд-во КГУ, 2019. – 584 с.

Масалан, Старилов Ю.Н. принсипҳои хизмати давлатиро ба конститутсионӣ ва ташкилӣ тасниф кардааст, ки ҷолиби диққат ва баҳснок мебошад[204]. Принсипҳои конститутсионӣ он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар Конститутсия пешбинӣ шудаанд. Принсипҳои ташкилӣ бошад, он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд дар раванди адои хизмати давлатӣ ташаккул ёфта, хусусияти раҳнамункунанда доранд.

Принсипҳои конститутсионӣ инҳо мебошанд:

- волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ;
- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон;
- инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ;
- хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ;
- ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд;
- шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;

Принсипҳои институтсионалӣ ё ташкилӣ инҳо мебошанд:

- касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ;
- ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ;
- ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ;
- устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ;
- баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ;
- баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ.

---

[204] Старилов Ю.Н. Принципы государственной службы: переход от «политизирования» к закону // Право и политика: современные проблемы соотношения и развития. – М., 1995. – С. 83.

Ба гурӯҳи принсипҳои умумии ҳуқуқии (универсалии) хизмат дар мақомоти прокуратура он асосҳои роҳбарикунандае дохил мешаванд, ки амалисозии мустақими онҳо ба тамоми низоми мақомот, аз ҷумла, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомот дар рафти иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида паҳн мегарданд. Ба ин гурӯҳи принсипҳо инҳо дохил мешаванд: қонуният, мустақилият, низомнокӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷомеа, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва ғайра.

Ба гурӯҳи принсипҳои махсуси ҳуқуқии хизмат дар мақомоти прокуратура танҳо он асосҳои роҳбарикунандае шомил мегарданд, ки онҳо танҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти прокуратура паҳн мегарданд. Ба ин гурӯҳи принсипҳо он асосҳои роҳбарикунандаеро шомил донистан мумкин аст, ки онҳо бевосита дар моддаи 6 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидаанд. Инҳо принсипҳои зерин мебошанд: қонуният, ягонагии низоми мақомоти прокуратура; мутамарказии низоми мақомоти прокуратура; мустақилият дар фаъолият; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, таъмини баробарии онҳо дар назди қонун; таъмини ногузирии ҷавобгарӣ; қонунӣ будани фаъолият; ошкорбаёнӣ; барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда.

Ҳамин тавр, принсипҳои махсуси ҳуқуқии хизмат дар мақомоти прокуратура дар қонуни соҳавии мақомоти прокуратура пешбинӣ гардидаанд. Таҳлилу тафсири баъзе аз принсипҳои умумӣ ва махсуси хизмат дар мақомоти прокуратураро, ки муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқӣ ба миён меоранд, дида мебароем.

**Принсипи қонуният.** Ин принсип дар ташкилӣ ва баамалбарории фаъолияти хизматӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи аввалиндараҷа дошта, ифодакунандаи иҷрои вазифаҳои назоратӣ ва дигар вазифаҳо бо риояи қатъии ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат дар фаъолияти хизматӣ тибқи меъёрҳои пешбинигардидаи Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии

Тоҷикистон», инчунин, муқаррароти қонунгузории хизмати давлатӣ, санадҳои зерқонунии мақомоти прокуратура мебошад. Ин принсип умумӣ-ҳуқуқӣ буда, ба ҳамаи намудҳои хизмати давлатӣ, аз ҷумла, хизмат дар мақомоти прокуратура ба таъмини волоияти қонун ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд, паҳн мегардад.

Мутобиқи сархати 5, қ. 1, м. 6 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" [205] мақомоти Прокуратура ваколатҳои худро дар асоси Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии мазкур, қонунҳои ҶТ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, инчунин санадҳои меъёрии Прокурори генералии ҶТ, ки дар доираи салоҳияташ қабул намудааст, иҷро менамоянд. Ин меъёр ифодакунандаи он мебошад, ки дар фаъолияти идоракунӣ хизматчиёни давлатии мақомоти прокуратура бояд тобеи қонун бошанд. Ҳамчун намояндагони мақомоти прокуратура на танҳо қонунро риоя намоянд, балки талаботи онро низ дар амал татбиқ намоянд.

**Принсипи ягонагии низоми мақомоти прокуратура.** Ин принсип барои ташкили хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ниҳоят бузург дорад, зеро мақомоти прокуратура низоми ягонаи марказонидашудаи ҷумҳуриявӣ мебошад. Ғояи зарурияти таъмини ягонагии фаҳмиш ва татбиқи қонунҳо дар саросари кишвар асоси ташаккули мақомоти прокуратура мебошад. Зеро функсияи асосии қонунҳо зарурати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо нигоҳ доштани ташкили ягонагии давлат ва таъмини тавозунӣ манфиатҳои давлат ва шахс мебошад. Аз ин рӯ, баробарии давлат ва шаҳрвандони он дар назди қонун бояд таъмин карда шавад. Ин, пеш аз ҳама, маънои онро дорад, ки қонунҳо барои ҳама яксонанд ва илова бар ин, қонун алтернатива надорад. Азбаски аҳамияти қонун хеле бузург аст, барои амалӣ шудани ин ғоя на танҳо эълон кардани он, балки механизми риояи якхелаи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар давлат низ муҳим аст. Ҳамаи унсурҳои ташкилии чунин механизм

[205] Ҳамон ҷо. – С. 83.

бояд дар як низоми ягона бошанд[206]. Танҳо дар ин маврид, метавон оид ба ягонагии вазъи ҳуқуқӣ, ваколату масъулияти кормандони прокурорӣ, талаботҳо нисбати довталабони кор дар мақомоти прокуратура, шароити адои хизмат, тартиби ҳавасмандгардонӣ, аз кор озод кардан ва ғайра ҳарф зад.

Тарзи дигари таъмини принсипи ягонагӣ ин низоми ваколатҳои истисноии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳбари мақомот мебошад, ки ба низоми марказонидашудаи Прокуратураи Тоҷикистон сарварӣ ва ба фаъолияти он назорат менамояд. Ҳамчун ваколатҳо маҷмуи ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо ва масъулияти ӯ фаҳмида мешавад, ки танҳо ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст. Дар боби 9 Конститутсияи ҶТ[207] ва м.м. 1, 6, 16 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[208], аз ҷумла, гуфта мешавад, ки «…прокурорҳои тобеи онҳо ба прокурорҳои болоӣ ва ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунанд». Ҳамаи прокурорҳо бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи кормандони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳудуди воҳиди ҷудокардашуда ва фонди музди меҳнат, инчунин шумораи кормандон ва сохтори мақомоти тобеи прокуратураро муқаррар мекунад. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳо, амрҳо, дастурҳо, низомномаю дастурамалҳо мебарорад, ки ташкили хизмат дар низоми Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд ва иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

Илова бар ин, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳбари мақомот барои иҷрои вазифаҳое, ки Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба зиммаи прокуратура гузоштааст, низ масъул аст. Дар воқеъ, ҳамаи прокурорҳои тобеъ ҳуқуқ, вазифа ва

---

[206] Смирнов А.Ф. Прокуратура и проблемы управления. – М., 1997. – С. 48.
[207] Конститутсияи ҶТ (1994) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[208] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

масъулият доранд, аммо ба ҳаҷм ва дар доираи мақомоти прокуратура, ки ба онҳо роҳбарӣ мекунанд, якхела мебошанд. Ин тақсимоти салоҳият ба мо имкон медиҳад, ки ягонагии тамоми низоми мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нигоҳ дорем ва мустаҳкам кунем. Инчунин, ба мақсади гузошташуда – таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ноил гардад[209].

Дигар асоси роҳбарикунанда муҳимми ташкил ва фаъолият дар мақомоти прокуратура ин принсипи мутамарказии низоми мақомоти прокуратура мебошад. Ин принсип чунин маъно дорад, ки ҳамаи мақомот ва зерсохторҳои тобеи прокуратура, инчунин шахсони мансабдори он ба мақомоти болоӣ, зерсохторҳо ва шахсони мансабдори мақомоти прокуратура итоат мекунанд.

Дар ин принсип бароҳатӣ ва содда будани идоракунии ҳамаи унсурҳои мақомотро, ки низоми прокуратураро ташкил медиҳанд, инчунин самаранокии ҳалли масълаҳои кадриро таъмин менамояд, ифода меёбад. Принсипи мазкур дар м. 93 Конститутсияи ҶТ ва дар м. 1 ва 6 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар карда шудааст.

Аз таҳлилҳо дида мешавад, ки ин ду принсип – мутамарказии низоми мақомоти прокуратура ва ягонагии низоми мақомоти прокуратура бо якдигар хеле зич алоқаманданд, бинобар ин ҳамаи он чӣ, ки пештар дар бораи принсипи ягонагӣ гуфта шуда буд, ба таври баробар ба принсипи мутамарказонидашудаи низоми прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат додан мумкин аст. Хусусияти фарққунандаи онҳо, ин мутамаркази низоми мақомоти назорати прокурорӣ бештар ба масъалаҳои ташкилии сохтори кадрҳо дар мақомоти прокуратура тааллуқ дорад, дар ҳоле ки принсипи дигар, ягонагии бештари масъалаҳои фаъолияти касбиро фарогир аст.

Дар амалияи ташкили хизмат дар мақомоти прокуратура принсипи мутамарказӣ барои устувории мунтазам зери озмоиш қарор мегирад. Ба ин маъно унсурҳое, ки низоми ташкилиро дар бар мегиранд дар худ неруи гуногун дорад,

[209] Бабаев С.Н. Прокурорский надзор как способ обеспечения законности правовых актов управления. – Воронеж: Из-во Воронежского государственного университета, 2005. – С. 30.

ки дар намуди ҳадафҳо, вазифаҳо, захираҳо ифода гардида, ин ҳолатҳо метавонанд ба татбиқи принсипи низоми марказонидашуда монеа эҷод кунанд. Тақвият додани нақши унсурҳои алоҳидаи низом, чунон ки маълум аст, ба ғайримутамарказикунонӣ мусоидат мекунад ва дар ин ҳолат ташаббуси мустақилият барои шикасти низоми мутамаркази Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хавф дорад. Дар робита ба ин, пайдо кардани мувозинати манфиатҳои ҳамаи унсурҳое, ки сохтори прокуратураро ташкил медиҳанд ва дар айни замон низоми мутамарказро нигоҳ медоранд, хеле муҳим аст, зеро танҳо татбиқи ин принсип имкон медиҳад, ки масъалаи ягонагии қонуният дар кишвар ҳал карда шавад[210].

Шуруъ аз соли 2010 таҷрибаи таъини прокурорҳои махсусгардонидашуда, шаҳру ноҳияҳо, ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, муовинони прокурорҳои вилоятҳо ва ш.Душанбе, инчунин сардорони раёсатҳои Прокуратураи генералӣ дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як навъ кафолат ба таъмини принсипи марказонидашуда буда, асосноккунӣ ва танзими ҳуқуқии он зарур мебошад.

**Принсипи мустақилият.** Принсипи мазкур дар сатҳи Конститутсияи ҶТ[211] дар м.м. 95 ва 96 он мустаҳкам карда шудааст. Тибқи он Прокурори генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъин ва озод мекунад ва онҳо бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд. Ин принсип дар сатҳи Конститутсияи ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, аз қабили Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Белорус, Озарбойҷон ва ғайра) пешбинӣ гардида буд. Баъдан, он дар қ.қ. 1-2, м. 7 ва қ. 1, м. 16 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[212] тақвият дода шуд, ки тибқи он дахолат кардани мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, воситаҳои ахбори омма ва намояндагони

---

[210] Смирнов А.Ф. Прокуратура и проблемы управления. – М., 1997. – С. 51.
[211] Конститутсияи ҶТ (1994) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[212] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

онҳо, инчунин шахсони мансабдор ба фаъолияти прокуратура дар амалӣ намудани назорат ба иҷрои қонунҳо, тафтиши ҷиноятҳо ва дигар қонунвайронкуниҳо манъ аст. Ба ҳар восита таъсир расонидан ба кормандони мақомоти прокуратура бо мақсади монеа шудан дар амалӣ намудани фаъолияти вазифавиашон ё фишор овардан бо мақсади қабули қарори ғайриқонунӣ, ки боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад, манъ аст. Прокурорҳо ва муфаттишон вазифадор нестанд, ки оид ба моҳияти парвандаҳо ва маводҳои дар истеҳсолоташон буда ягон хел тавзеҳот диҳанд, онҳоро барои шинос шудан пешниҳод кунанд, ба ғайр аз ҳолатҳо ва тартибе, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин дар ҳолатҳои гузаронидани санҷишҳо бо супориши Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Омӯзиши қонунгузории ҷорӣ собит менамояд, ки муқаррар намудани ин принсипи конститутсионии хизмат дар мақомоти прокуратура танҳо характери эъломиявию тавсиявӣ надошта, барои ҳифзи он қонунгузор дар қ. 2, м. 345 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон [213] ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Гарчанде, ҷавобгарии пешбинишуда, танҳо дар ҳар шакле дахолат намудан ба фаъолияти прокурор ва муфаттиш бо мақсади монеъ шудан ба ҳамаҷониба, пурра ва объективии таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакии парвандаро дар бар гирад ҳам, дар таъмини риояи принсипи мазкур нақши хоса дорад.

Гузашта аз ин, бинобар мақоми ягонаи мутамарказонидашуда будани прокуратура, комилан аз рӯйи мантиқ аст, ки принсипи мустақилият дар таъин ва озод кардани ҳамаи прокурорҳои поёнӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ низ зоҳир мегардад.

Тибқи қ. 12, м. 53 ҳамин қонуни конститутсионӣ[214] прокурор наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, бо соҳибкорӣ машғул шавад, ба истисноси фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

[213] Кодекси ҷиноятии ҶТ (1998) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[214] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Аз таҳлили меъёрҳои мазкур бармеояд, ки принсипи мазкурро аз ду ҷиҳат баррасӣ кардан лозим аст, яъне мустақилияти берунӣ – мустақилият аз дигар мақомоту ташкилотҳо ва дохилӣ, ки ин маҳдудиятҳо барои корманди прокурорӣ муқаррар карда шудаанд.

Дар ин маврид олимони хориҷӣ, Дмитриев Ю.А. ва Шапкин М.А. одилона қайд менамоянд, ки омили муҳимми таъмини мустақилият талаботест, ки прокурорҳо ва муфаттишонро аз таъсири номатлуб бо роҳи манъи баъзе намудҳои фаъолият ҳифз мекунад[215]. Илова ба ин, ҷузъи муҳимми таъмини мустақилияти корманди прокуратура маҷмуи кафолатҳои моддӣ мебошад. Бо ин мақсадҳо давлат уҳдадор мешавад, ки кормандони прокурории мақомоти прокуратураро тибқи қонунгузории амалкунанда аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҷиҳати молиявӣ таъмин намояд.

Ба андешаи олимони рус, Братановский С.Н. ва Стрелников В.В. ин принсип барои ҳифзи прокурорҳо аз дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти касбии онҳо, ҳифзи ин шахсон аз таъсир ба қабули қарорҳои объективӣ ва қонунӣ пешбинӣ шудааст, инчунин барои пешгирӣ ва рафъи коррупсия дар низоми муносибатҳои хизмати давлатӣ мусоидат мекунад»[216].

**Принсипи ошкорбаёнӣ.** Принсипи ошкорбаёнӣ дар баамалбарории фаъолияти хизматӣ дар мақомоти прокуратура маънои онро дорад, ки санадҳои самти ин мақомот, ки агар онҳо ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дахл дошта бошанд, бояд барои маълумоти умум расман нашр карда шаванд, то ки ошкоро будани фаъолияти прокуратура, дастрасии шаҳрвандон ва воситаҳои ахбори омма амалӣ карда шавад.

Тибқи Конститутсияи ҶТ, қонунҳо бояд расман интишор шаванд. Қонунҳои нашрнашуда татбиқ намешаванд. Ҳама гуна санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд, агар онҳо расман интишор нашуда бошанд татбиқ карда намешаванд. Ин муқаррароти Конститутсияи ҶТ ба хизмат дар мақомоти прокуратура низ бевосита алоқаманд

[215] Дмитриев Ю.А., Шапкин М.А. Правоохранительные органы Российской Федерации. – М., 2005. – С. 237.
[216] Братановский С.Н., Стрельников В. В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 60.

аст. Собитқадамона татбиқ намудани принсипи ошкорбаёнӣ дар адои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ба ташаккули худидоракунӣ дар фаъолияти кормандони он ва ба баланд шудани обрую эътибори мақомоти прокуратура мусоидат мекунад.

Керимов Д. қайд мекунад, ки иштироки фаъолонаи одамон дар муҳокимаи масъалаҳои тараққиёти ҷамъият на танҳо шарти дурусти ҳал кардан ва ба амал баровардани ин масъалаҳо, балки дар айни замон маънои ташаккули ягонагии иродаи умумии халқро дорад[217]. Инъикоси талаботи қонунгузорӣ вобаста ба адои хизмат дар сохторҳои мақомоти прокуратура, мушкилот ва масъалаҳои кормандони мақомоти прокуратура, огоҳ намудани аҳолӣ дар бораи ҷойҳои холии воҳиди сохторӣ, дастрас намудани маълумоти омма дар бораи кор ва ҳаёти прокурорҳо, демократикунонии хизмати давлатии мақомоти прокуратураро таъмин менамояд. Мутобиқи сархати 3, қ. 1, м. 6 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[218] то ҳадде, ки ба қонун, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои нигаҳдории сирри давлатӣ ё дигар сирре, ки қонун ҳифз мекунад, хилоф набошад, ошкоро амал менамоянд, ба мақомоти давлатӣ ва идора, аҳли ҷамъият дар бораи вазъи қонуният, тадбирҳои мустаҳкам намудани он хабар медиҳанд. Маҳдудияти меъёрии принсипи ошкорбаёнӣ дар фаъолияти расмии мақомоти прокуратура бо талаботи Конститутсия, инчунин меъёрҳои қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Маълумотҳои марбут ба сирри давлатӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ»[219] инъикос ёфтаанд. Дар мақомоти прокуратура, ташкил ва тартиби адои хизмат сирре нест. Ҳамаи ин маълумотҳо дар қонун инъикос ёфта, барои омӯзиш ва муҳокима дастрас мебошанд. Қонунгузорӣ зарурати нашри иттилоотро дар бораи таъини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа ва аз вазифа озод кардани ӯ, муовини якум ва муовинони ӯ, инчунин дигар прокурорҳо пешбинӣ мекунад.

---

[217] Керимов Д.А. Основы философии права. – М., 1992. – С. 109.

[218] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[219] Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 17 июли соли 2014, №681 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

**Принсипи ғайриҳизбӣ**. Прокурор наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истисноi фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ (қ. 12, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон")[220]. Ин принсип аз он шаҳодат медиҳад, ки прокурор ё ин ки хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ғайриҳизбӣ бошад, яъне хизматчӣ дар фаъолияти хизматиаш дар мақомоти боло зикр наметавонад аъзои ягон ҳизбҳои сиёсӣ ё ин ки ташкилотҳои динӣ бошад. Дар робита ба ин олими ватанӣ Рустамзода Ҷ.Ю. хело бамаврид қайд менамояд, ки принсипи ғайриҳизбӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи аксар кишварҳои муосир як принсипи хеле нодир аст, ки дар татбиқи фаъолияти хизматӣ паҳн мегардад. Олими номбурда, принсипи мазкуро барои аксар кишварҳо хос дониста, манъи узвият дар ҳизбу созмонҳои сиёсӣ, аз ҷумла, хизмат дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иброз менамояд[221].

**Принсипи касбият ва салоҳиятнокӣ.** Вазифаи принсипи касбият ва салоҳиятнокӣ ин баланд бардоштани сатҳи низоми хизмати давлатӣ мебошад. Зеро аз боло рафтани сатҳи низоми хизмати давлатӣ қобилияти давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ беҳтар мегардад. Қонунгузор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ истилоҳҳои «касбият», «салоҳиятнокӣ»-ро бидуни ошкор намудани мазмун ва моҳияти онҳо истифода мекунад. Принсипи салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ аз ҷониби Илин А.И. солҳои 1883-1954 пешниҳод шуда буд. Ба ақидаи Илин И.А., мафҳуми «рутба» ду ҷанба дорад. Якум, сифати ба худ хоси шахс – ин мартабаи воқеии ӯст. Дуюм, ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯро дар назар дорем, ки аз ҷониби ҷомеа ё давлат эътироф шудаанд, яъне мартабаи иҷтимоии ӯст[222].

---

[220] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[221] Рустамзода Дж.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы: монография & под ред. Грачевой Е.Ю. – Москва: Проспект, 2021. – С. 52.

[222] Ильин И.А. О грядущей России // Под ред. Полторацкого Н.П. – М., 1993. – С. 249.

Принсипи мазкур ҳамзамон, дар таҳқиқотҳои Ноздрачев А.Ф., Бахрах Д.Н., Габричидзе Б.Н., Коланда В.М.[223] ба таври кофӣ ва муфассал баррасӣ шудаанд. Бояд гуфт, ки новобаста аз ин таҳқиқотҳо, то ҳол фаҳмиши ягонаи дарки ин принсип коркард нашудааст. Принсипи касбият ва салоҳиятнокӣ хизматчиёни давлатиро вазифадор мекунад: доимо ба татбиқи ваколатҳои мансаби худ омода бошанд, мавзуи фаъолияти давлатӣ-хизматии худро донанд, аз ҳуқуқу уҳдадориҳо ва қоидаю тартиботи фаъолият дар мақомоти давлатӣ бархурдор бошанд, тайёрии умумӣ ва махсуси касбӣ дошта бошанд, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ-этикии соҳаи фаъолияти хизматиро донанд[224].

Бахрах Д.Н. қайд менамояд, ки принсипи касбияти хизмати давлатӣ инҳоро дар бар мегирад: салоҳиятнокии кормандон, яъне дониши онҳо дар ин масъала, мавҷудияти таҳсилоти зарурӣ, таҷриба, малака, низоми такмили ихтисос, мунтазам иҷро кардани вазифаҳо, амалиёт, барасмиятдарорӣ, ҳалли масъалаҳо, устувории муносибатҳои хизматӣ, мунтазам гирифтани музди кори худ, бетарафии сиёсӣ, садоқати хизматчии давлатӣ, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳои хизматӣ, барои бесифат тайёр кардани қарорҳо[225].

Давлате, ки интихоби дараҷаи бемуваффақият дорад, заифу ноустувор аст ва метавонад мустақиман ба ҳалокат дучор шавад[226]. Белский К.С. асарҳои Илин И.-ро омӯхта, андешаҳои худро дар ҷанбаи таҳқиқшаванда иброз намуда, аз ҷумла, қайд кардааст, ки хизмати ҳақиқии давлатӣ дар натиҷаи омезиш ба миён меояд. Бартарии мартабаи маънавӣ ва ҳуқуқӣ принсипи мартабагии мансабҳои ба низоми принсипҳои хизмати давлатӣ дохилшударо ташкил медиҳад»[227].

---

[223] Ноздрачев А.Ф. Государственная служба: учебник для подготовки государственных служащих. – М., 1999. – С. 63; Бахрах Д.Н. Административное право России. – М., 2001. – С. 226-227; Габричидзе Б.Н., Коланда В.М. Принцип профессионализма в государственной службе // Государство и право. – 1995. – №12. – С. 19; Игнатов В.Г., Белолипецкий В.К. Профессиональная культура и профессионализм государственной службы. – Ростов-на-Дону, 2000. – С. 126.

[224] Ноздрачев А.Ф. Государственная служба: учебник для подготовки государственных служащих. – М., 1999. – С. 63.

[225] Бахрах Д.Н. Административное право России. – М., 2001. – С. 226-227.

[226] Ильин И.А. О грядущей России // Под ред. Полторацкого Н.П. – М., 1993. – С. 70.

[227] Бельский К.С. Феноменология административного права. – Смоленск, 1995. – С. 72.

Габричидзе Б.Н. ва Коланда В. ба наздикии мафҳумҳои «касбият» ва «салоҳиятнокӣ» таъкид карда, илова мекунад, ки «салоҳиятнокӣ» на танҳо донистани баъзе масъалаҳо, огоҳ будан аз онҳо, балки ваколати ҳалли баъзе масъалаҳо низ мебошад[228]. Чуноне ки Сергун П.П. қайд мекунад, ваколати хизматчии давлатӣ аз «салоҳияти мақоми давлатӣ» бармеояд. Салоҳияти мақоми давлатӣ ба ваколатҳои хизматчии давлатӣ мувофиқат мекунад[229]. Салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти иҷроия бо қонун, фармони Президент ва қарори Ҳукумат муайян карда мешавад. Салоҳияти воҳиди сохтории мақомоти иҷроия метавонад бо санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказии иҷроия муайян карда шавад. Ваколатҳои умумии хизматчии давлатиро одатан қонун ва ваколати бевоситаи ӯро дастурамали мансабӣ муайян мекунад. Ваколатҳои кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бошад, Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунад.

Ба гуфтаи Старилов Ю.Н., салоҳиятнокӣ ин омодагии доимии кормандон ба иҷрои ваколатҳои мансабӣ буда, принсипи касбият барои таъмини устувории хизмати давлатӣ пешбинӣ шудааст[230]. Ба андешаи Стрелников В.В., принсипи касбият ва салоҳиятнокӣ сарфи назар аз алоқамандӣ принсипҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ мебошанд. Хизматчии давлатӣ сарфи назар аз мавҷудияти таҳсилоти махсус, малака ва маҳорат, неруи касбии худро амалӣ карда наметавонад, барои татбиқи он ваколатҳои дар санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор пешбинигардида заруранд. Ин принсип барои фаъолияти прокуратура дар замони муосир аҳамияти калон дорад, зеро таъмини волоияти қонун дар ҳудуди кишвари мо аз касбият ва салоҳиятнокии кормандони прокурории мақомоти прокуратура вобаста буда, мустаҳкам намудани қонунгузории он, дуруст интихоб ва ҷо ба ҷо

[228] Габричидзе Б.Н., Коланда В.М. Принцип профессионализма в государственной службе // Государство и право. – 1995. – №12. – С. 19.
[229] Сергун П.П. Государственная служба в органах внутренних дел Российской Федерации: состояние и теория развития. – Саратов, 1998. – С. 19.
[230] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права: В 2т. – Т.2. – М., 2002. – С. 19.

гузоштани кадрҳо ба фаъолияти дурусти мақомоти прокуратура мусоидат мекунад[231].

Ҳамин тавр, таҳлили принсипҳои ташкилӣ ва баамалбарории фаъолияти хизматӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба хулоса овард, ки на ҳамаи онҳо имрӯз хусусиятҳои хизмати давлатиро дар мақомоти прокуратура инъикос мекунанд. Тавре, ки қаблан қайд кардем, муносибатҳои хизматии кормандони прокурории мақомоти Прокуратура тибқи Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва муқаррароти умумии Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" танзим карда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи талаботи қ.қ. 5 ва 6, м. 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" [232] хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар қисме, ки бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда нашудааст, бо Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи Қонуни мазкур қабул карда шудаанд, ба танзим дароварда мешаванд.

Дар робита ба ин, зарур мешуморем, ки принсипҳои дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" зикргардидаро нисбат ба муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқие, ки дар мақомоти прокуратура дар замони муосир ташаккул ёфтаанд, баррасӣ карда шаванд. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, на ҳама принсипҳои дар қонуни боло зикршуда метавонанд ҳамчун принсипҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шаванд.

Афзалият ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун принсипи хизмат дар мақомоти прокуратура эътироф ва тибқи Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст. Зеро тибқи Конститутсияи ҶТ, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита татбиқ мешаванд.

[231] Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2008. – С. 84.
[232] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998, №687 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Онҳо маъно ва мазмуни татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, худидоракунии шаҳрак ва деҳотро муайян намуда, бо адолати судӣ таъмин карда мешаванд. Ин принсип ба хизмати давлатӣ мазмуни иҷтимоӣ мебахшад. Хизматчиёни мақомоти прокуратура ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ уҳдадоранд, ки ба шаҳрвандон дар татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо ҳама гуна кумак расонанд. Дигар ин, ки тибқи сархати 2, м. 6 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [233] мақомоти Прокуратура дар ҳудуди салоҳияти худ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро ҳимоя мекунанд, баробарии онҳоро дар назди қонун, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил, молу мулк ва муътақидоти дигар таъмин менамоянд. Ин принсип бояд шаҳрвандонро аз амалҳои коррупсионии хизматчиёни давлатӣ муҳофизат кунад.

Дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизмат ва шартҳои баробари адои хизмат дар мақомоти прокуратура қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, инчунин аз ҳолатҳои дигаре, ки ба сифатҳои касбӣ ва кордонии корманди прокурории мақомоти прокуратура рабт надоранд, вобаста нест. Конститутсия ҳуқуқи баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатиро кафолат додааст (м. 28). Конститутсия хизмати давлатиро чун намуди махсуси фаъолияти судманди ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ ифода намуда, ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ бо ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо монанд накардааст [234]. Ҳуқуқи баробарии шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ, хизмат дар мақомоти прокуратураро дар бар гирифтааст, аммо тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳангоми барои ба кор қабул кардан ба мақомот маҳдудиятҳо низ пешбинӣ шудаанд.

---

[233] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[234] Гришковец А.А. Право государственного служащего на продвижение по службе // Государство и право. – 1998. – №10. – С. 28; Ларина Л.А. Конституционное право граждан на равный доступ к государственной службе (теорико-правовой аспект). Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 12.

Принсипҳои баррасишуда, ҳамаи ҷанбаҳои ташкил ва адои хизматро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро намегиранд. Дигар ҳолатҳои муҳимме низ ҳастанд, ки ба муносибатҳои маъмурию ҳуқуқии хизмат дар мақомоти прокуратура таъсиргузор мебошанд. Новобаста аз ин, ба андешаи мо, дар ташкил ва адои хизмат дар мақомоти прокуратура маҳз принсипҳои зикршуда ҳамчун асос мебошанд. Дар робита ба ин, зарур ба назар мерасад, ки рӯйхати принсипҳои асосии ташкил ва адои хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 8 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар моддаи алоҳида бо дарҷи мазмун илова карда шаванд.

Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки мафҳуми принсипи хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни болозикр дар таҳрири зайл оварда шавад: "Принсипҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои бунёдӣ, низомсоз ва роҳнамункунандаи ба таври ҳуқуқӣ муқарраршуда оид ба ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар ин мақомот мебошанд, ки муносибатҳои давлатӣ-хизматиро дар он мустаҳкам менамоянд".

# БОБИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-МАЪМУРИИ ТАШКИЛ ВА АДОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## § 2.1. Асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хизмати давлатӣ ҳамчун падидаи муҳимми илми ҳуқуқи маъмурӣ имрӯзҳо диққати муҳақиқонро бештар ба худ ҷалб кардааст. Дар баробари ин, адои хизмати давлатӣ як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, бо маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ алоқамандии зич дорад. Дар Тоҷикистон ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ дар Конститутсияи ҶТ муқаррар гардида, тибқи он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд[235]. Тавре Некрасов С.И. қайд менамояд, ин ҳуқуқи шаҳрвандон аз ҳуқуқи иштироки шаҳрванд дар идоракунии давлатӣ бармеояд[236]. Меъёри мазкур барои амалигардонии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ асоси конститутсионӣ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир равишҳои гуногуни муайян кардани мафҳуми адои хизмати давлатӣ вуҷуд дорад. Бархе онро сохторӣ, ниҳодӣ, мақому нақш ҳисобида[237], дигаре онро тавассути бисёррӯягии амалигардонии вазифаҳои мансабӣ аз ҷониби хизматчӣ баррасӣ намуда[238], сеюмин дар асоси он бавуҷудоӣ, инкишоф ва қатъ гардидани муносибатҳои давлатӣ-хизматиро[239] медонанд.

Старилов Ю.Н. адои хизмати давлатиро ҷараёни хизмати амалии шахсе ба давлат меҳисобад, ки ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин гардида, намуди идоракунии муайян ё дигар фаъолияти хизмати давлатиро иҷро менамояд [240] . Тихомиров Ю.А. адои хизмати давлатиро ҷараёни бефосила

---

[235] Конститутсияи ҶТ (1994) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[236] Некрасов С.И. Конституционное право РФ. – М., 2010. – С. 15.
[237] Мельников В.П., Нечипоренко В.С. Государственная служба в России: отечественный опыт организации и современность: В 2-х ч. – Ч. II. – М., 2000.– С. 243.
[238] Бахрах Д.Н. Административное право. – М., 1996. – С. 289.
[239] Старилов Ю.Н. Служебное право. – М., 1996. – С. 389.
[240] Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право (учебник для вузов). – М.: Норма, 2005. – С. 290.

медонад. Ҳамаи марҳилаҳои асосии он бояд бодиққат танзим карда шаванд. Бе риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқии ба марҳилаҳои гуногуни он бахшида шуда, таъмини дараҷаи баланди ташкили хизмат ва самаранокии кори идоракунӣ мушкил аст[241].

Ба андешаи Бобров В.К., зери мафҳуми адои хизмати давлатӣ бояд маҷмуи ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқие фаҳмида шавад, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои давлатӣ-хизматии кормандони прокурорӣ мегардад. Ба ин ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ инҳо дохил мешаванд: ба кор қабул шудан (таъин шудан ба вазифа), додани рутбаҳои дараҷавӣ (рутбаи ҳарбӣ), аттестатсия, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти ӯ, қатъ шудани хизмат дар мақомоти прокуратура[242].

Семенчуков Д.Д. марҳилаҳои асосии адои хизмат дар мақомоти прокуратураро чунин муайян кардааст: қабул ба хизмати давлатӣ, додани рутбаҳои дараҷавӣ, аттестатсия, ҳавасмандгардонӣ, ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва қатъ шудани хизмат[243]. Аммо, ба андешаи мо, унсурҳои адои хизмати давлатӣ васеътар буда, ба ғайр аз инҳо, бо назардошти аҳамияти хоссаашон, ба марҳилаҳои адои хизмат ба кори дигар гузаронидан, таҳсили кормандони прокурорӣ, захираи кадрҳо, баҳодиҳӣ ба фаъолият ва ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и кормандони прокурорӣ низ дохил мешаванд.

Макарейко Н.В., адои хизмати давлатиро ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқии ба ҳам алоқаманду вобастае медонад, ки боиси ба вуқуъ омадан, тағйир ёфтан ва қатъ шудани муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ мегарданд. Ба унсурҳои адои хизмати давлатӣ ӯ қабул шудан ба хизмат, аттестатсия, пешбарӣ, ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо, масъулияти ҳуқуқӣ ва қатъ гардидани хизмати давлатиро шомил месозад[244].

---

241 Тихомиров Ю.А. Административное право и процесс. – М., 2006. – С. 279.
242 Бобров В.К. Прокурорский надзора – М., 2013. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://studme.org/1246122014713/pravo/prohozhdenie_sluzhby_organah_uchrezhdeniyah_prokuratury (санаи муроҷиат: 20.01.2023).
243 Семенчуков Д.Д. Прокуратура России вчера и сегодня. – М., 2001. – С. 144.
244 Макарейко Н.В. Административное право. – М., 2014. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://studme.org/87658/pravo/prohozhdenie_gosudarstvennoy_sluzhby (санаи муроҷиат: 28.01.2023).

Ба андешаи мо, дарки адои хизмати давлатӣ ҳамчун падидаи ба ҳам алоқаманду шартшудаи ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ буда, боиси ба вуқуъ омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳои давлатӣ-хизматӣ мегарданд.

Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" маҷмуи шартҳоеро муайян мекунад, ки риояи онҳо ҳангоми қабули қарор дар бораи қабул намудан ба мақомоти прокуратура зарур аст.

Дар м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" [245] муқаррар гардидааст, ки барои кор дар мақомоти прокуратура шахсе қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, синнаш то 35-сола бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ буда, забони давлатиро донад, хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро (ба истиснои занон, инчунин мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд) адо карда бошад ва аз рӯйи вазъи саломатиаш вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро иҷро карда тавонад.

Мутобиқи сархати 1, қ. 1, м. 1 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[246] шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон - шахсе, ки дар рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад, мебошад. Доштани танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" доштани шаҳрвандии дигар давлатро истисно менамояд, вале тибқи талаботи м. 8 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[247] шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии дигар давлатро низ дорад, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо чун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[245] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[246] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015, №1208 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[247] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015, №1208 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

дониста мешавад, ба истисной ҳолатҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Мутаассифона, дар мавриди татбиқи ин меъёрҳо духурагӣ ҷой доранд, ки бояд бо ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", яъне калимаҳои "танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад" ба калимаҳои "танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии давлати дигарро надоранд" бартараф карда шавад.

Омӯзиш ва таҳлили қонунгузорӣ вобаста ба таҳсилот нишон дод, ки ибораи алоҳида чун "таҳсилоти олӣ" дар он ҷой надошта, ин мафҳум пурра гардида, ба он калимаи "касбӣ" илова шуда, ба "таҳсилоти олии касбӣ" мубадал гардидааст. Таҳсилоти олии касбӣ тибқи Қонунҳои ҶТ "Дар бораи маориф" ва "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ"[248] дараҷаи таҳсилотест, ки шахс ба он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди мунтазам, бонизом ва мақсадноки фарогирии мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ асос ёфта, бо гирифтани тахассуси муайян аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад. Дар мавриди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ маҷмуи донишҳои банизомдаровардашуда дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва малакаҳои амалии ба онҳо асосёфтаро дар назар дорад, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои хизматии кормандони прокурорӣ имкон медиҳад. Ин ҳолат бо мавҷудияти диплом дар бораи таҳсилоти олии касбӣ дар шакли муқарраршуда, ки мутобиқи талаботи м. 23 Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф"[249] аз ҷониби муассисаи таълимие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштааст, ба хатмкунандае, ки аз аттестатсияи хатм мегузарад, ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот медиҳад, тасдиқ карда мешавад. Илова ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду шакли таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст, ки инҳо якум таҳсилоти бисёрзинагӣ, яъне бакалавр ва магистр, дуюм таҳсилоти анъанавӣ, яъне мутахассис мебошад.

---

[248] Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, №1314 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[249] Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 4 июли соли 2013, №537 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Дигар ин ки муқаррар намудани танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ имкон медиҳад ба шахсоне, ки ҳуҷҷати шакли муқарраршудаи тахассуси бакалавр ё магистр ва ё мутахассисро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ доранд, барои ишғоли мансабҳои прокурорӣ муроҷиат намояд. Ба андешаи мо, таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси бакалавр ё танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси магистр, ки риштаи ҳуқуқшиносиро дар дараҷаи бакалавр хатм накардааст, барои таъин ба мансабҳои прокурорӣ нокифоя мебошад ва бояд дақиқан дар қонуни конститутсионии соҳавӣ дар мавриди талабот оид ба таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ муқаррар карда шавад.

Аз ин ҷо барои дақиқ намудани намуди таҳсилот ва шакли он дар қ. 1, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин зарур аст. Ба ҷои "доштани таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ" калимаҳои "доштани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси мутахассис ё дараҷаи магистр бо доштани дипломи дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ" илова карда шавад.

Ҷиҳати омода намудани мутахассисони ҷавон ва кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст[250]. Сабаби асосии бо ин муассисаҳои олии таълимӣ ба имзо расидани шарномаҳо ҷиҳати омода намудани мутахассисони ҷавон ва кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ ин мавҷуд будани ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дар онҳо мебошад.

Мувофиқи б. 4 Низомнома "Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" [251] , ки бо Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2016, №5-70

---

[250] Қоидаҳои қабул ба кор. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.prokuratura.tj/personnel-tj/rules-of-employment. html (санаи муроҷиат: 21.11.2022).

[251] Низомнома "Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29.04.2016, №5-70 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 166-167.

тасдиқ шудааст, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи нақшаи тақсимоти мутахассисони ҷавон ҳар сол аз ҳисоби хатмкунандагони факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳое, ки бо онҳо дар бораи ҳамкорӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос шартномаҳо баста шудаанд, аз рӯйи эҳтиёҷоти кадрӣ дар ҷаласаҳои комиссияи тақсимотӣ иштирок намуда, номзадҳои арзандаро барои ба кор қабул намудан ба мақомоти прокуратура интихоб менамояд.

Шахсоне, ки дигар муассисаҳои олии таълимиро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудаанд ва бо қарори комиссияи давлатии тақсимот барои бо кор таъмин кардан ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристонида нашудаанд, тибқи б. 8 Низомномаи зикргардида дар асоси мурочиаташон ба мақомоти мазкур ба тариқи умумӣ ба кор қабул карда мешаванд.

Мутобиқи сархати 3, қ. 1, м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” [252] аз 29 январи соли 2021, №1753 хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок ин намуди хизмати ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷинси мард) мебошад, ки ба синни 18 расидаанд ва даъвати онҳо ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қушунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ дар мансаби ҳарбии қаторӣ, сержантон ва афсарон дар муҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни номбурда амалӣ мегардад. Талаботи хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок ба истиснои занон, инчунин мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ, ки тибқи талаботи қ. 1, м. 37 Қонуни зикршуда шаҳрванди қобил ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ, ки ҳуқуқи озод шудан ё ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро надорад, метавонад ба таври ихтиёрӣ бо супоридани маблағ ба суратҳисоби махсус хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо намояд, паҳн намегардад. Вобаста ба ин, бояд ёдовар шуд, ки бо муқаррар намудани чунин талабот, яъне адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок барои мардон ва истисно намудани занон аз он, агарчи чунин хизмат барои занон тибқи

[252] Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” пешбинӣ нашуда бошад, ҳам хилофи талаботи қ. 2, м. 27 Конститутсияи ҶТ[253] (Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд) ва м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[254], ки тибқи он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд, мебошад. Зеро дар меъёрҳои зикршуда баробарии шаҳрвандонро новобаста аз ҷинс низ қатъиян қайд менамояд. Бинобар ин, зарур дониста мешавад, ки ин талабот аз Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” хориҷ карда шавад ё ин талабот, яъне адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок, барои довталабони ҷинси зан, ки аз он тариқи ихтиёрӣ гузаштаанд, илова карда шавад.

Омӯзиш ва таҳлили қонунгузории миллӣ собит намуд, ки рӯйхати бонизоми сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқии кормандони прокурорӣ дар онҳо муқаррар карда нашудааст. Новобаста аз ин дар матни савганди корманди прокуратура, Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст, дар ҳолати парешон баъзе аз сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ аз қабили софдилӣ, ҳушёрӣ, бодиққатӣ, беғаразӣ, садоқатмандӣ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, ташаббускорӣ, лаёқатмандӣ, кордонӣ, дарки масъулият, ватандӯстӣ нишон дода шудаанд. Инчунин, омӯзиши аттестатсияҳо, натиҷаи таҳлилҳо ва ҷамъбастҳои кори комиссияи аттестатсионӣ, пешниҳодҳо барои ҳавасмандагардонӣ ва сарфароз намудани кормандони прокурорӣ бо рутбаҳои дараҷавӣ нишон медиҳанд, ки дар онҳо талаботи хусусияти умумидошта вобаста ба сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ гуногун инъикос ёфтаанд.

Дар қисми тавсифии аттестатсия, дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор, чунин сифатҳои касбӣ ва ахлоқӣ аз қабили виҷдони пок, дасту дили тоза, боинтизомӣ,

---

[253] Конститутсияи ҶТ (1994). – Душанбе, 2016.
[254] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

ташаббускорӣ, софдилӣ, принсипнокӣ, лаёқатмандӣ, холисӣ, бодиққатӣ, ростқавлӣ, хушмуомилагӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, серталабӣ аз худ, худтанқидкунӣ ва масъулиятнокӣ қайд гардидаанд. Ба ғайр аз ин, хислатҳои ахлоқии шахсият ҳангоми муқаррар намудани мутобиқати корманди мақомоти прокуратура ба сифатҳои касбӣ, барои иҷрои вазифаҳо, хусусиятҳои фаъолияти касбии соҳаи дахлдор (иштирок дар суд, назорати риояи қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳии ҷиноятӣ), бо назардошти сатҳҳои низоми мақомоти прокуратура баҳо дода мешавад.

Хусусиятҳои муайяни равонии шахсият, ки барои прокурор ё муфаттиш дар фаъолияти касбии онҳо заруранд, инҳо аз қабили қобилияти баланди корӣ, нерумандӣ, қавииродагӣ, заковатнокӣ, ташаббускорӣ, устуворӣ дар расидан ба ҳадафҳо дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, садоқатмандӣ, принсипнокӣ, ҳушёриву зиракӣ, қобилияти барқарор намудани алоқаи равонӣ, қобилияти эҷодӣ ва мулоҳизакорӣ мебошанд. Барои прокурорҳо – роҳбарони дахлдори мақомоти прокуратура, зерсохторҳои онҳо, инчунин муфаттишон – сардорони гурӯҳҳои (бригадаҳои) тафтишотӣ дар баробари хислатҳои ахлоқӣ ва касбии зикршуда, боз маҳорати роҳбарӣ ба ҳайати кормандон аҳамияти калон дорад, аз ҷумла, ташкилотчигӣ, кордонӣ, ташаббускорӣ, қобилияти дастур додан, назорати иҷрои он аз тарафи тобеон, ҳамарӯза дар ҷои кор таълим додан ва қобилияти ба ташаккулу нигоҳ доштани фазои солими равонии ҳайати кормандон таъсир расондан зарур аст.

Меъёри дигаре, ки барои довталабон ба мансаби прокурор ё муфаттиши мақомоти прокуратура зарур аст, ин доштани эътибори касбии бенуқсон мебошад.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, барои таъмини салоҳияти мақомоти прокуратура, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони прокурорӣ ва мувофиқати онҳо ба мансабҳои прокурорӣ зарур шуморида мешавад, ки ҷиҳати мушаххас намудани сифатҳои зурурии касбӣ ва ахлоқӣ дар қонунгузории соҳавӣ тағйироту илова ворид карда шавад. Ба андешаи мо, ин номгӯи сифатҳои зарурии касбӣ аз қабили поквиҷдонӣ, садоқатмандӣ, беғаразӣ, боинтизомӣ, устуворӣ, бодиққатӣ дар муносибат бо шаҳрвандон, хушмуомилагӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ,

серталаб будан нисбати худ, худтанқидкунӣ ва сифатҳои зерини ахлоқи аз зумраи қобилияти баланди корӣ, қавииродагӣ, ташаббускорӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳадафнокӣ, қобилияти барқарор кардани алоқаи равонӣ, муносибати эҷодкорона ба кор ва солимӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад.

Илова ба ин, бо назардошти хусусияти хоси шароити кор дар мақомоти прокуратура, вазнинӣ ва пуршиддатии кори кормандони прокурорӣ, ки аксаран бо хавфи хатар ба ҳаёт ва саломатӣ алоқаманданд ва дигар ҳолатҳои воқеӣ, нисбат ба номзадҳо ба ин вазифаҳо талаботи муайян аз рӯйи вазъи саломатиашон гузошта мешаванд. Чунин шахсон бояд аз муоинаи ҷиддии тиббӣ гузаранд.

Шахсе, ки бо хулосаи комиссияи тиббӣ гирифтори бемориест, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ халал мерасонад, агар барои мансаби дахлдор талаботи махсус оид ба вазъи саломатӣ муқаррар шуда бошад, ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура қабул карда намешавад.

Мамониатҳои дигар барои қабул шудан ба хизмат ва дар хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура будан дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат ба коррупсия"[255] пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи он шахсоне, ки барои ҷинояткорӣ маҳкум шудаанд, ба истисноu шахсони сафедкардашуда аз ҷониби судҳо, наметавонанд ба вазифаи прокурор, ёрдамчии прокурор ва муфаттиши прокуратура таъин шаванд, саркашӣ кардан аз адои ба расмият даровардани иҷозат ба маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, агар иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ба истифодаи ин маълумот вобастагӣ дошта бошад ва барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё дар асоси м. 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад. Эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи маҳдуд намудани қобилияти амал ё ғайри қобили амал эътироф намудани шахс, бевосита дар итоат, тахти назорат ё ҳисоботдиҳанда

[255] Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони ӯ ишғол кардаанд, низ маҳдудият барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ ба шумор меравад.

Илова ба ин, тибқи м. 97 Конститутсияи ҶТ[256] ва қ. 10, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[257] прокурор наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истисноi фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Прокурорҳо наметавонанд узви иттиҳодияҳои ҷамъиятие бошанд, ки ҳадафҳои сиёсиро доранд ва дар фаъолияти онҳо ширкат варзанд. Дар мақомоти прокуратура таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки мақсадҳои сиёсӣ доранд ва ташкилотҳои ибтидоии онҳо иҷозат дода намешавад. Кормандони прокурории мақомоти прокуратура ҳуқуқ надоранд, ки фаъолияти асосии худро бо дигар фаъолияти музднок ё ройгон, ба истисноi фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва эҷодӣ пайваст намоянд.

Ин санадҳои меъёрӣ, ки мақоми корманди прокурории мақомоти прокуратураро муайян мекунад, маҳдудиятҳоеро муқаррар менамоянд, ки табиати ҳуқуқии онҳо ба ҳуқуқҳо, аз ҷумла, ҳуқуқҳое алоқаманд аст, ки онҳо ҳангоми дар хизмат буданашон надоранд. Маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонун ҳангоми адои хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ҳангоми дохил шудан ба хизмат, яъне нисбат ба шаҳрвандоне, ки ҳанӯз корманди ин мақомот нагардидаанд, татбиқ мешаванд. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлил собит карда шуд, ки маҳдудиятҳои мавҷуда вобаста ба хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунӣ буда, барои ҳифзи сохти конститутсионӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд асоснок ва заруранд. Бо назардошти робитаи махсуси давлат ва корманди прокурорӣ маҳдудиятҳоро, муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқии хизмат донистан мумкин аст.

---

[256] Конститутсияи ҶТ, – Душанбе, 2016.
[257] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25.07.2005, №107 // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 8-50.

Маҳдудиятҳо ва мамониатҳои марбут ба хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура ҳамчун монеаҳо барои суиистифода аз ваколат ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти хизматии бедахолат аз гурӯҳҳои фишоровар пешбинӣ шудаанд. Ғайр аз ин, ба амалӣ гардидани ҳуқуқҳои кормандони прокуратура кафолат дода, ба фаъолияти самарабахши онҳо мусоидат мекунад. Бинобар ин, доираи маҳдудияту мамониатҳоро ҳангоми хизмати давлатӣ дар ин мақомот васеъ ва мушаххас кардан лозим аст. Ба ин муносибат ба мақсад мувофиқ аст, ки қ. 2, м. 17 ва м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо маҳдудияту мамониатҳое, ки дар қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ ва муқовимат ба коррупсия зикр шудаанд, пурра карда, онҳоро муфассал таҳия намуда, нисбат ба хизматчиёни мақомоти прокуратура татбиқ карда шаванд. Дар баробари ин, зарур аст, ки прокурорҳо ҳангоми қабул ба хизмат дар мақомоти прокуратура бо маҳдудиятҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти касбии худ бояд риоя намоянд, шинос ва бо гузашти муҳлатҳои муайян ёдрас карда шаванд.

Барои категорияҳои алоҳидаи кормандони прокурории мақомоти прокуратура қонун ба таври илова талаботро оид ба синну сол ва собиқаи корӣ муқаррар мекунад. Ба ҳамин тариқ, ба вазифаи прокурорҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда шахсоне таъин карда мешаванд, ки синнашон аз 28 кам набошад ва собиқаи кории касбиашон дар мақомоти прокуратура аз 5 сол кам набошад. Ба вазифаи прокурори ВМКБ, прокурорҳои вилоятҳо, прокурори ш. Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, шахсоне таъин карда мешаванд, ки синнашон аз 30 кам набошад ва дар мақомоти прокуратура камаш 10 сол собиқаи корӣ дошта бошанд, ки аз он 3 сол дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти прокуратура ё дар мансабҳои мақомоти олии қонунгузорӣ ё иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ кор карда бошанд[258].

Барои ишғол намудани мансаби прокурор на танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, сифатҳои зарурии ахлоқию касбӣ, балки таҷрибаи калони ҳаётӣ ва

[258] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

касбӣ ҳам доштан лозим аст, ки танҳо бо мурури вақт ба амал меояд. Прокурор ҳамчун роҳбар бояд малакаи роҳбарӣ, кордонӣ дошта бошад, кори кормандони тобеъро моҳирона ташкил карда тавонад. Аз ин лиҳоз, меъёри синни ҳадди ақали ишғоли мансаби прокурори ноҳия ва шаҳр, ки қонунгузор 28-солагӣ ва барои прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, нақлиёти Тоҷикистон 30-солагӣ муқаррар кардааст, паст ба назар мерасад. Прокурорҳои ҷавоне, ки пеш муфаттиш, муфаттиши калон кор карда буданд, назорати умумиро намедонанд, айбдоркунии давлатиро дар суд дар сатҳи касбӣ дастгирӣ карда наметавонанд ва онҳое, ки ёрдамчиён, ёрдамчиёни калони прокурор буданд, хусусиятҳои гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакиро намедонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми қабули қарорҳо онҳо ба хатогиҳое роҳ медиҳанд, ки метавонад ҷиддан ба манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ба ҷомеа таъсири манфӣ расонанд. Прокурор бояд нозукиҳои назорати умумӣ, назорат аз болои иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва дигар соҳаҳои назоратиро хуб донад, хусусиятҳои иштирок дар мурофиаҳои судро аз рӯйи категорияҳои гуногуни парвандаҳо дарк кунад, инчунин дигар малакаҳои кори прокурориро аз худ карда, қобилияти ташкилотчигӣ дошта бошад.

Дар ин маврид, барои прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон синну сол ва собиқаи кории муқарраршуда, низ нокифоя ба назар мерасанд, зеро сухан дар бораи роҳбарии тамоми низоми прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо, инчунин дастгоҳҳои прокуратураҳои вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон меравад. Ин гуна ашхос бояд на танҳо таҷрибаи ғании касбӣ, ҳаётӣ ва роҳбарӣ дошта бошад, балки кадрҳоро дар маҳалҳо моҳирона ҷо ба ҷо карда тавонад, инчунин нуфуз дошта бошад. Дар прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон теъдоди зиёди кормандони фаврӣ фаъолият мекунанд, ки ҳали бисёр масъалаҳо аз онҳо вобаста аст. Аз ҷумла, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон нисбат ба мақомоти ҳокимият, назорат ва ҳифзи ҳуқуқ чӣ гуна мавқеъро ишғол мекунад. Илова ба ин дар синни 30-солагӣ доштани собиқаи 10 солаи корӣ дар мақомоти прокуратура ғайримикон мебошад.

Ғайр аз ин ҷорӣ шудани шакли бисёрзинагии таҳсилоти олии касбӣ ва муқаррар шудани талаботи иловагӣ, яъне адои хизмати ҳарбии ҳатмӣ дар солҳои охир, боз тақрибан аз 2 то 3 соли дигарро барои довталабони мансаби корманди прокурорӣ талаб менамояд.

Дар робита ба инҳо, ба моддаи мазкури Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйиру иловаҳо ворид карда, синни ҳадди ақали ишғоли вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр аз 30-солагӣ ва прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон аз 35-солагӣ муқаррар карда шавад.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ мақомоти прокуратура бо ҷалби мутахассисони шоистаи соҳаи ҳуқуқшиносии дорои таҳсилоти олии касбӣ барои хизмат дар мақомот манфиатдор мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Рӯзи Дониш қайд намуданд, ки барои таъмин намудани пешрафти бонизоми давлати миллӣ мо ба кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ ниёз дорем. Зеро рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як халқу миллат аз сатҳи саводу маърифат, савияи донишҳои касбии хизматчиёни давлатӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, мо бештар ба тарбияи кадрҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқи касбӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ ва забондон бошанд, эътибори аввалиндараҷа медиҳем. Хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳли ҷомеа нигаронида шавад. Мо бояд кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва кормандони ватандӯсту масъулиятшиносро омода намоем[259].

Ба андешаи Киржиманов М.Г., интихоби кадрҳои соҳибкасб, масъул, ҷавобгӯ ба манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон яке аз масъалаҳои мубрам дар ҳама

[259] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш 1.09.2019. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.khovar.tj/2019/09/suhanronii-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-iftihori-ruzi-donish/ (санаи муроҷиат: 20.01.2023).

давраҳои инкишофи падидаи хизмати давлатӣ ба шумор меравад.[260] Муҳиммияти онро баҳогузорӣ намудан бисёр душвор аст. Ҳамаи шахсоне, ки дар идоракунии давлатӣ қарор доранд, ба он ҷо дар натиҷаи интихоб омадаанд. Чунки ҳама масъалаҳоро кадрҳо ҳал мекунанд, сифат, касбият ва самарабахшии идораи давлатӣ ба андозаи назаррас аз ҳалли масъалаҳои кадрӣ вобаста аст.

Тавре қаблан зикр гардид, хизмат дар мақомоти прокуратура хизмати давлатӣ буда, Конститутсияи ҶТ дар қ. 2, м. 27 баробарҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ-ро ба хидмати давлатӣ муқаррар кардааст. Дар м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ»[261] омадааст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти прокуратура озмун ва тартиби баргузории он пешбинӣ нашудааст. Аммо тибқи Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон[262], ки бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2018, №5-04 тасдиқ шудааст, тартиби ба кор қабул кардан ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз роҳхат тавре дар боло зикр шуд, боз тариқи озмун пешбинӣ шудааст. Аммо тартиби баргузории он муқаррар нашудааст.

Интихоби довталабон дар заминаи озмун имкон медиҳад, ки шахсоне ба кор қабул шаванд, ки бештар ба талаботҳои ба корманди прокуратура пешниҳодшаванда ҷавобгӯ бошанд. Зеро танҳо барои аз шахсони тасодуфӣ ва нолоиқ аз кор дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тоза намудан, бо дахолат ва дастури бевоситаи роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 2 маротиба: солҳои 2010 ва 2015 аттестатсияи ғайринавбатии кулли кормандони

[260] Киржиманов М.Г. Правовые основы подбора кадров государственных служащих, их аттестации и повышения квалификации в Российской Федерации. Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 16-17.
[261] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[262] Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С. 5.

прокурорӣ амалӣ карда шуд, ки дар натиҷаи он теъдоди муайяни кормандон аз кор дар мақомот хориҷ карда шудаанд.

Ҷамшедов Ҷ.Н. бисёр ҷолиб қайд кардааст, ки озмун ҳамчун тарзи ишғоли мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ бештар демократӣ буда, имкон медиҳад, ки баробарҳуқуқии шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ амалӣ гардад[263]. Илова ба ин, Карпов С.Г. одилона қайд кардааст, ки тариқи озмуни кушоду озод итихоби кадр, ягона механизми татбиқи ҳуқуқи баробари шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ мебошад, гарчанде дилхоҳ озмун наметавонад 100 фисад таъсири омилҳои субъективиро истисно кунад, аммо дар дунё дар ҳоли ҳозир механизи дигаре дар итихоби кадрҳои нисбатан омода, ба ҷуз аз интихоб тариқи озмуни кушод роҳандозӣ нашудааст[264].

Ба ақидаи Бахрах Д.Н., моҳияти озмун дар интихоби довталаб ба вазифа аз рӯйи тартиби рақобати касбии мутахассион иборат буда, барои ҳамаи довталабон шароити баробар фароҳам овардан аст. Хусусияти муҳимми озмун ин худпешбарӣ мебошад. Шахсоне, ки дар он иштирок кардан мехоҳанд, пешбарӣ карда намешаванд, худи онҳо бояд дар бораи иштирок дар озмун муроҷиат кунанд[265]. Ҳамин тавр, ба мақсад мувофиқ аст, ки ташкили озмун барои ба кор қабул намудан ва ишғол намудани вазифаҳои муайяни роҳбарикунанда – прокурорҳои махсусгардонидашуда, шаҳру ноҳияҳо, ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон ва сардорони раёсату шуъбаҳои Прокуратураи генералӣ ва прокуратураҳои поёнӣ дар сатҳи қонуни конститутсионӣ мустаҳкам карда шавад.

Ҳамин тариқ, озмун технологияи кадрии ниҳоят муҳимми хизмати давлатӣ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки аз ҷониби комиссияи озмун пас аз баҳодиҳии бодиққат аз рӯйи ҳуҷҷатҳо, натиҷаи санҷиш ва дигар шартҳо, аз зумраи шахсони иштирокчӣ, номзади арзанда интихоб гардад.

---

[263] Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 153.
[264] Капаров С.Г. Совершенствование государственной службы в Казахстане. – Екатеринбург, 2005. – С. 25.
[265] Бахрах Д.Н. Административное право России. – М., 2001. – С. 245.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки меъёри дар Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, оид ба тариқи озмун ба кор ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданро ба Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ворид карда, инчунин муқаррар карда шавад, ки Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии прокурор ё муфаттиши мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Мансаби давлатии холӣ дар мақомоти давлатӣ мансаби давлатие эътироф карда мешавад, ки дар сохтори дастгоҳи мақомоти давлатӣ пешбинӣ шуда, бо дигар хизматчии давлатӣ иваз карда нашудааст[266].

Дар мақомоти прокуратура мансаби холӣ мансаби ишғолнашудаи муфаттиш, ёрдамчӣ, муовини прокурор ё прокурори воҳиди сохтории дахлдор, инчунин мансаби прокурор, прокурори калон, муовини сардор, сардори шуъба (раёсат) дар дастгоҳи Прокуратураи генералӣ, прокуратураҳои ВМБК, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, шаҳру ноҳия ва ба онҳо баробаркардашуда, дониста мешавад.

Баргузории озмун эътибори мақомоти прокуратураро боло бурда, ташкили дурусти он имкони ворид шудани афроди "тасодуфӣ"-ро ба мақомоти прокуратура аз байн мебарад. Озмун бояд ду марҳиларо пешбинӣ намояд: озмуни ҳуҷҷатҳо ва озмуни тестӣ (баҳодиҳии коллегиалӣ ба сифатҳои касбии довталаб бо натиҷаи суҳбат, ҳалли вазифаҳо ва ғайра). Ба ҳайати комиссияи озмунӣ бояд равоншинос дохил карда шавад.

Чуноне ки таҷрибаи давлатҳои Ҳоланд ва Олмон нишон медиҳад, дар онҳо механизмҳои интихоби воқеии номзадҳо ба вазифаи прокурорӣ инҳо мебошанд: коромӯзии дарозмуддат (то 18 моҳ) барои номзадҳо ба мансабҳои прокурорӣ пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар худ санҷиш, ташхиси равонӣ, суҳбатҳо, инчунин таҳсили иловагӣ бо низомӣ RAIO давоми 4-6 солро дар бар

266 Гришковец А.А. Правовое регулирование государственной гражданской службы в Российской Федерации. – М.: ДИС, 2003. – С. 96.

мегирад. Махсусан озмун барои ишғоли вазифаи прокурор хеле эҳтиёткорона ташкил ва гузаронда мешавад. Тартиби гузаронидани коромӯзӣ, таҳсили иловагӣ, озмунҳо барои ишғоли мансаби прокурор, инчунин такмили ихтисоси онҳо бо санадҳои меъёрии вазоратҳои адлияи ин давлатҳо танзим карда мешавад[267].

Чун қоида, қарори комиссияи озмунӣ барои ба вазифаи дахлдор таъин кардани шахс ё рад кардани чунин таъинот асос мебошад. Ҳамин тариқ, дар сурати қабули қарори мусбат аз ҷониби комиссияи мазкур Прокурори генералӣ вазифадор аст, дар бораи таъин намудани довталаб (номзад) ба вазифаи мушаххас (муфаттиш, ёрдамчӣ ё муовини прокурор) ва ё ба вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр фармон интишор намояд. Аммо дар илми ҳуқуқ чунин фикр баён мешавад, ки қарори комиссияи озмунӣ хусусияти тавсияӣ дорад ва роҳбар метавонад бо он розӣ набошад[268]. Дар амал раёсати кадрҳо сифатҳои кории довталабонро баҳо медиҳад ва Прокуратураи генералӣ барои таъини роҳбари ояндаи прокуратураи шаҳр ё ноҳия дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул мекунад.

Мутобиқи талаботи м. 26 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[269] захираи кадрҳои хизмати давлатӣ бо мақсади таъмини хизмати давлатӣ бо кадрҳо, болоравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи идоракунӣ ташаккул меёбад. Тартиби ташаккул ва кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатиро Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар менамояд.

---

[267] Казарина А. Как обучают прокуроров в Германии и Нидерландах // Законность. – 2000. – №6. – С. 54-57.
[268] Бахрах Д.Н., Хазанов С.Д. Государственная администрация, ее органы и служащие. – Екатеринбург, 1998. – С. 86.
[269] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Аммо дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба захираи кадрҳо меъёре муқаррар нашудааст. Дар санадҳои меъёрии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад оид ба захираи кадрҳо танҳо меъёрҳои умумӣ муқаррар гардидааст. Бояд қайд кард, ки дар қисми муқаддимавии фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016, №1 “Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[270] ба фаъолияти ташкили захираи кадрҳои ба вазифаҳои баланд пешбаришаванда ва баланд бардоштани маҳорати тахассусии кормандони прокурорӣ чунин баҳогузорӣ карда шудааст, ки он беҳбудиро тақозо намуда, ба такмили ҷиддӣ эҳтиёҷ дорад. Дар б. 2 фармони мазкури Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки захираи кадрҳо барои пешбарӣ намудан ба вазифаи баланд аз ҳисоби кормандони лаёқатманд, ки дониши хуби касбӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорати роҳбарикуниро доранд, ташкил ва кор бо захираи кадрҳо дар алоқамандии зич бо раёсату шуъбаҳои соҳавӣ пеш бурда шавад. Сардори раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ ва прокурори поёнӣ вазифадор карда шудаанд, ки ба тайёр намудани захираи кадрҳо аҳамияти ҷиддӣ дода, ҳангоми ба ин ё он вазифаи масъул пешниҳод намудан аз ин манбаъ самаранок истифода намоянд.

Яке аз шаклҳои асосии ташкил намудани захираи амалкунандаи кадрҳо барои давра ба давра пешбарӣ намудан ба вазифаҳои баланд аттестатсия мебошад. Зеро тибқи б. 25 Низомнома оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон[271], ки бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст, комиссияи аттестатсионӣ баъди муҳокимаи аттестатсияшаванда метавонад, дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш муносиб будан бо тавсия ба захираи кадрҳои ба

[270] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №1 “Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 120-125.

[271] Низомнома оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 149-157

вазифа пешбаришаванда гирифтан қарор қабул намояд. Омӯзиши қонунгузории соҳавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Прокурори генералӣ нишон медиҳад, ки дигар шаклҳои ташкил намудани захираҳои амалкунандаи кадрҳо пешбинӣ карда нашудааст.

Ҳамзамон, бо б. 3.10 фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016, №29 "Дар бораи такмили низоми тайёр, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[272] прокуророни поёнӣ вазифадор карда шудаанд, ки ба Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура равона намудани кормандонеро, ки ба захираи кадрҳо барои пешниҳод ба вазифаи прокурор ва ё дигар вазифаи роҳбарикунанда дохил карда шудаанд, ҷиҳати такмил додани тахассуси касбиашон амалӣ намоянд.

Дар ин асно мутобиқи сархати 9, б. 19 Низомномаи Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон[273], Донишкада аз натиҷаи курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони мақомоти прокуратура, ки дар захираи кадрҳо барои ишғол намудани вазифаҳои баландтар қарор доранд, ба Прокурори генералӣ пешниҳод менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар амалия ин дастуроти санадҳои зикршуда на ҳама вақт ба таври пурра татбиқи худро пайдо мекунад. Ҳол он ки захираи кадрҳо барои пешбарӣ намудан ба вазифаи баландтар аз ҳисоби кормандони бештар тайёршуда, ки лаёқати паси сар намудани қолабӣ ва якрангиро дошта, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорати роҳбарии ҳайати кормандони прокурориро доранд, ташкил карда мешавад. Гузашта аз ин, дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии

---

[272] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №29 "Дар бораи такмили низоми тайёр, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 299-305.

[273] Низомномаи Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 17 декабри соли 2015, №5-261 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 421.

Тоҷикистон то ба ҳол тартиби ташкили захираи кадрҳо барои пешбарӣ намудан ба мансабҳои баландтар, ташкили кор бо захираҳои кадрҳо, инчунин ташкили маҳзани маълумоти захираи кадрҳо таҳия ва қабул карда нашудааст. Бинобар ин, зарур шуморида мешавад, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба ташкили захираи кадрҳо меъёри марбута илова карда шуда, санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор доир ба захираи кадрҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура таҳия ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Масъалаи таъмини мақомоти прокуратура бо кадрҳое, ки дар ҳақиқат ба муқобили ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо мубориза бурда, ба талаботи зарурӣ мувофиқ бошад хеле мубрам мебошад. Демин А.А. қайд мекунад, ки ду роҳи таъмини дастгоҳи давлатӣ бо кадрҳо ба таври умум эътироф шудааст – низоми сайдӣ ва низоми шоистагӣ[274]. Роҳбари навомада кӯшиш мекунад, ки худро бо тарафдоронаш – хешовандон, одамони наздик, дӯстон ва ё одамоне, ки новобаста аз сифатҳои касбии онҳо идора карданашон осон аст, иҳота кунад, ки инҳо аломатҳои низоми сайдӣ мебошанд. Низоми шоистагӣ он аст, ки ба сифатҳои шахсӣ ва касбии корманд афзалият дода мешавад. Дар ин маврид ба корманде, ки тахассуси худро баланд мебардорад, ҳангоми муроҷиат ба кор ба мақомоти прокуратура ва ба пешбарӣ бартарият дорад. Мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, прокуратура маҳз аз рӯйи ҳамин принсип бояд бо кадрҳо таъмин карда шавад.

Дар мавриди ҷалби занон ба вазифаҳои кормандони прокурорӣ дар мақомоти прокуратура то андозае мушкилӣ ҳаст. Дар соли 2015 дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 нафар занон дар мансабҳои прокурорӣ фаъолият мекарданд[275]. Дар прокуратураи ш. Душанбе то апрели соли 2018 15 нафар занон ба ҳайси корманди фаврӣ кор мекарданд, ки қариб сеяки онҳо дар дастгоҳи прокуратураи шаҳр фаъолият доштанд. Чуноне қаблан зикр гардид, Конститутсияи ҶТ баробарҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистонро ба хизмати давлатӣ муқаррар мекунад. Аммо бо назардошти хусусият ва вазнинии кор дар

[274] Демин А.А. Государственная служба: Курс лекций. – М., 2004. – С. 49.
[275] Камолова М.Р. Нақши занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.khovar.tj/2016/03/na-shi-zanon-dar-ayoti-siyosii-omea/ (санаи муроҷиат: 20.08.2022).

мақомоти прокуратура, инчунин ҳувияти миллию динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бештар вақт занон бо таъсири аъзои оила хоҳиши кор дар мақомоти прокуратураро надоранд. Новобаста аз ин, танҳо дар 5 соли охир ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 23 нафар занон ба кор қабул шудаанд, ки ин пеш аз ҳама аз сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба баланд бардоштани мавқеи занон-бонувони лаёқатманд мебошад. Онҳо дар иҷрои вазифаҳои худ бовиҷдонона амал намуда, дар гузаронидани санҷишҳо масъулияти бештарро эҳсос менамоянд. Ба вазъиятҳои доимии стрессӣ ва зиёд шудани сарбории корӣ қобилияти зуд мутобиқ шуданро доранд. Онҳо ҳам мисли мардон дар кор ва вазифаҳои фаврии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои баробар истифода мебаранд.

Бинобар ин, барои ҷалби бештари занон ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ имтиёз ва кафолатҳои иловагӣ коркард ва дар амал татбиқ карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки тибқи талаботи б. 8 фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.02.2016, №1 "Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[276] раёсати кадрҳо вазифадор карда шудааст, ки бо мақсади пурра таъмин кардани мақомоти прокуратура бо кадрҳо, мунтазам аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон то 35-сола аст, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ доранд ва дорои сифатҳои лозимаи корию ахлоқӣ буда, аз рӯйи вазъи саломатиашон ба иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда қодир мебошанд, номзадҳо интихоб намоянд.

Дар вақти қабули кадрҳо ба вазифаи ёрдамчии прокурор ва муфаттиш танҳо ба нафароне афзалият дода мешавад, ки ба талаботҳои тибқи қонунгузории

[276] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15.02.2016, №1 "Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 120-125.

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати довталаб ба вазифаҳои номбурда ҷавобгӯ бошад. Дар мақомоти прокуратура намояндагони ақалиятҳои миллӣ низ фаъолият доранд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул карда намешаванд. Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ҳатман бояд аз рӯйи принсипҳои кордонӣ ва масъулиятнокӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамин тариқ, хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дастраси ҳамаи шаҳрвандоне бошад, ки ба талаботи муқарраршуда мувофиқат мекунанд, набояд маҳдудиятҳои миллӣ, динӣ, ҷинсӣ, нажодӣ ва ғайра вуҷуд дошта бошанд. Чунин талабот бояд дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ, муқаррар карда шавад.

Мутобиқи талаботи қ.қ. 3-4, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" [277] шахсоне, ки аз рӯйи ихтисосашон таҷрибаи кофии амалӣ надоранд, дар мақомоти прокуратура ба муҳлати як сол коромӯзӣ мекунанд. Дар мавридҳои истисноӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои кӯтоҳ намудани муҳлати коромӯзӣ ё аз коромӯзӣ озод кардан қарор қабул намояд. Тартиби гузаронидани коромӯзиро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Мақсади коромӯзӣ тайёр намудани мутахассисони ҷавон баҳри минбаъд мустақилона иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ, дар амал дуруст татбиқ намудани донишҳои назариявӣ ва баланд бардоштани масъулиятшиносии онҳо мебошад.

Дар давраи коромӯзӣ мутахассисони ҷавон бояд малакаи касбӣ ва тахассусиро барои иҷрои дурусти вазифаҳои корманди прокурорӣ аз худ намоянд, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратураро омӯзанд, донишҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба тафтиши ҷиноятҳо ва назорати прокурорӣ гирифтаашонро пурратар намуда, усулҳои таҷрибавии истифодаи воситаҳои техникаи криминалистиро дар рафти тафтиши ҷиноятҳо аз худ намоянд ва бо дастовардҳои нави соҳаҳои ҳуқуқ шинос шаванд.

---

[277] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Инчунин, коромӯзӣ мақсади дар оянда баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсии мутахассисони ҷавонро дошта, имконияти муайян намудани сифатҳои корӣ ва ахлоқии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро фароҳам меорад.

Бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2016, №5-70 Низомнома «Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон » ва «Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон »”[278] тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Ҳол он, ки тибқи талаботи Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муносибатҳо дар ҷараёни гузаронидани коромӯзӣ бамиёномада бояд бо санади меъёрии ҳуқуқии “Тартиб” танзим карда шавад, на “Низомнома”. Зеро тибқи талаботи қ. 2, м. 28 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”[279] низомнома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд. Бинобар ин, мебоист, ин санади меъёрии ҳуқуқӣ на дар намуди “Низомнома” балки дар намуди “Тартиб” қабул карда мешуд. Илова ба ин, тибқи талаботи қ. 3, м. 29 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузорӣ, бо мақсади таъмини иҷрои меъёрҳои онҳо мумкин аст тартиб, дастури техникӣ ва дигар намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шаванд.

Гузашта аз ин, на дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Низомнома «Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва

---

[278] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29 апрели соли 2016, №5-70 “Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Низомнома «Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 163-184.

[279] Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

«Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи ҶТ» ҳолатҳои истисное, ки ба Прокурори генералӣ ҳуқуқи қабули қарор дар барои кӯтоҳ намудани муҳлати коромӯзӣ ё аз коромӯзӣ озод карданро медиҳад, дақиқ карда нашудааст. Танҳо дар сархати 3 фасли 1 Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки кам кардани муҳлати коромӯзӣ танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба пуррагӣ аз ҷониби коромӯз аз худ кардани саволҳои барнома мумкин аст[280]. Илова ба ин, тибқи б. 4 Низомнома “Дар бораи аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мутахассисони ҷавон баъди анҷоми муҳлати яксолаи коромӯзӣ аттестатсия карда мешаванд. Дар ҳолатҳои истисноӣ Прокурори генералии ҶТ бо пешниҳоди Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ ва бо назардошти натиҷаи кор, сифатҳои шахсӣ, кордонӣ ва касбии мутахассиси ҷавон метавонад муҳлати коромӯзиро то 6 моҳ кӯтоҳ намояд[281], ки ин низ нопурра мебошад. Зарур шуморида мешавад, ки маҳз дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳолатҳои истисное, ки ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули қарор дар бораи кӯтоҳ намудани муҳлати коромӯзӣ (мурури он) ё аз коромӯзӣ озод карданро медиҳад, дақиқ карда шавад. Ба андешаи мо, ин ҳолатҳо бояд ҳатман ноилшавии мақсадҳои коромӯзиро дар худ ифода намоянд.

Баъди гузаштани муҳлати коромӯзӣ, корманд аз аттестатсия гузаронида мешавад, ки бо натиҷаи мусбати он барои таъин кардани ӯ ба вазифаи мустақил ва додани рутбаи аввалини дараҷавӣ аз ҷониби комиссияи аттестатсионӣ ба Прокурори генералӣ пешниҳод ирсол карда мешавад.

---

[280] Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29 апрели соли 2016, №5-70 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 179-185.

[281] Низомнома “Дар бораи аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29 апрели соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 149-157.

Шахсоне, ки бори аввал ба вазифаи прокурор ё муфаттиш таъин мешаванд, савганди корманди прокуратураро ёд мекунанд, ки тартиби қабули онро Прокурори генералӣ муайян мекунад[282], Тартиби қабули савганд бошад, таҳия ва тасдиқ карда нашудааст. Новобаста аз ин, чун қоида қабули савганд ҳамасола дар вазъияти тантанавӣ, дар чорабинии идона бахшида ба муносибати рӯзи кормандони мақомоти прокуратура, пас аз аттестатсияи корманд оид ба мувофиқати ӯ ба вазифаи ишғолкарда дар маҷлисгоҳи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Матни савганд (м. 53 қонуни конститутсионӣ) аз ҷониби ҳар як савгандёдкунанда бо овози баланд хонда мешавад. Далели қабули савганд бо имзои шахсе, ки онро қабул кардааст, дар варақаи махсуси шакли муқарраршуда тасдиқ карда мешавад. Савганд ёд кардан расмияти муҳимми хизмати давлатӣ буда, риояи онро Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" талаб мекунад. Матни савганд бояд дар тамоми давраи фаъолият корманди прокурориро ҳамроҳӣ кунад.

Гузашта аз ин, тибқи қ.қ. 2-4, м. 15 Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" [283] ҳангоми савгандёдкунии хизматчии давлатӣ Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд. Хизматчии давлатӣ рост истода, дасти росташро ба болои Конститутсияи ҶТ гузошта, савганд ёд мекунад. Шахси савгандёдкарда матни савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганд дар парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад. Ба истиснои талаботи қ. 3, м. 15 Қонуни мазкур дар қисмати гузоштани дасти рост ба болои Конститутсияи ҶТ дигар талаботҳо зимни қабули савганди корманди прокуратура пурра риоя карда мешавад.

Бо назардошти муҳиммияти савганд, зурур шуморида мешавад, ки меъёрҳо оид ба ин аз қ.қ. 4-5, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" хориҷ карда шуда, дар моддаи алоҳида дар

---

[282] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[283] Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

боби 8 ҳамин қонун бо ба инобат гирифтани талаботҳои қисмҳои 2-3 моддаи 15 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” илова карда шавад.

Мақоми ҳуқуқии хизматчии давлатиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, мамониатҳо, маҳдудиятҳо ва масъулияти тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршуда, муайян мекунад. Дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳуқуқ ва уҳдадориҳои умумии кормандони прокурорӣ муқаррар нашудаанд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони прокурории мақомоти прокуратура мушаххасан вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони фаврии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми санҷиши аризаю иттилоот дар бораи ҷиноят, таҳқиқу тафтиш ва иштирок дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо бо Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, аз ҷумла, оғози парвандаи ҳуқуқвайрокунии маъмурӣ, тафтиши ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, назорати қонуни будани қарорҳои мақоми ваколатдор, шахсони мансабдор, суд ва ғайра бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд.

Вазъи ҳуқуқии корманди прокуратура оид ба масъалаҳои гуногун дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ҳамчун хизматчии давлатӣ бо Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” то андозае муайян шуда бошад ҳам, он пурра намебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони прокурорӣ мушаххас ва бо Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар карда шаванд.

Тибқи қ. 2, м. 7 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[284] ба ҳар восита таъсир расонидан ба кормандони прокуратура бо мақсади монеъ шудан дар амалӣ намудани фаъолияти вазифавиашон ё фишор овардан бо мақсади қабул кунонидани қарори

[284] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

ғайриқонунӣ боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад. Мутаассифона, дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии ҶТ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ сатҳи хавфнокии таъсир расонидан ба коркунони прокуратура ё фишор овардан бо мақсади қабули қарори ғайриқонунӣ муайян нашуда, намуди ҷавобгарӣ ба таври мушаххас пешбинӣ нашудааст. Танҳо барои дар ҳар шакле дахолат намудан ба фаъолияти прокурор ва муфаттиш бо мақсади монеъ шудан ба ҳамаҷониба, пурра ва объективии таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакии парванда дар қ. 2, м. 345 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаасту халос. Илова ба ин, барои иҷро накардани талаботи қонунии прокурор, муфаттиш ва ё беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар доираи ваколаташон қабул намудаанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ҷавобгарии маъмурӣ тибқи м.м. 532 (Иҷро накардани талаботи қонунии судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқкунанда ё шахси мансабдоре, ки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ менамояд) ва 663 (Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ[285] ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст. Кормандони мақомоти прокуратура бояд аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳо ва таъсиррасонӣ пеш аз ҳама бо меъёрҳои қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд. Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намудани танҳо характери эъломиявии меъёрӣ дар қ. 2, м. 7 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешбинишуда, инчунин кафолати таъмини иҷрои он зарур мешуморем, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои ба ҳар восита таъсир расонидан ба коркунони прокуратура ё фишор овардан бо мақсади қабул кунонидани қарори ғайриқонунӣ дар боби 28 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ва боби 32 Кодекси ҷиноятии ҶТ моддаҳои дахлдор илова карда шаванд.

Дар такмили хизмат дар мақомоти прокуратура кор бо мутахассисони ҷавон хело муҳим мебошад. Тибқи Низомнома “Дар бораи ташкили кор бо

[285] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (2008) // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[286] зери мафҳуми мутахассисиони ҷавон хатмкунандагоне, ки баъди хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси роҳхати комиссияи давлатии тақсимот ба мақомоти прокуратура фиристонида шудаанд ва ё шахсоне, ки бори аввал ба вазифаи прокурор ва муфаттиши прокуратура таъин шуда, собиқаи кориашон дар мақомоти прокуратура аз се сол кам мебошад, фаҳмида мешавад.

Дар кор бо мутахассисони ҷавон бояд ба он такя намуд, ки навсозии кадрҳо ҷараёни табии буда, ба шахсоне, ки таҷрибаи калони ҳаётӣ ва малакаи амалӣ надоранд, таваҷҷуҳу ғамхории махсуси кормандони прокурорӣ зарур аст. Дар ин маврид, албатта, зарурати серталабии касбиро низ набояд фаромӯш кард[287].

Боиси қайд аст, ки кор дар мақомоти прокуратура мутахассисони ҷавонро ба он водор мекунад, ки зудтар ба шароит ва реҷаи кори мутобиқ шуда, малакаҳои зарурии касбӣ ва сифатҳои касбиро дар худ ташаккул диҳанд. Ба мутахассисони ҷавон то таъин намудан ба вазифаҳои мушаххас дар Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура курсҳои бозомӯзӣ гузаронида мешавад. Илова ба ин, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ шахсони масъул барои такмили дониш ва тахассуси касбии кормандон, алалхусус мутахассисони ҷавон вазифадор мебошанд. Роҳбарони прокуратураҳо бояд мунтазам ба фаъолияти мутахассиони ҷавон диққати ҷиддӣ дода, онҳоро мувофиқи анъанаҳои беҳтарини фаъолият дар мақомоти прокуратура тарбия карда, ёрии амалӣ расонанд, то ки дар амал дар фаъолияти прокурорӣ ва тафтишотӣ донишҳои назариявии дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гирифтаашонро бо назардошти дастовардҳои соҳаи ҳуқуқ дуруст ва самаранок истифода намоянд.

Дар мақомоти прокуратураи ш. Душанбе ҳармоҳа (дар ноҳияҳо ҳар ҳафта) як маротиба бо кормандон, аз ҷумла, мутахассисони ҷавон тибқи нақшаҳои

---

[286] Низомнома дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29.04.2016, №5-70 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 165.

[287] Организация работы в прокуратуре района: учебное пособие // Под ред. Звягинцева А.Г. – Казань, 2001. – С. 96.

тасдиқшуда машғулиятҳои амалӣ гузаронда мешавад. Дар ин машғулиятҳо прокуророн, муовинони онҳо, сардорони шуъбаҳо, ёрдамчиёни калони прокурори шаҳр ва ё ноҳияҳо дар бораи хусусиятҳои ин ё он намуди назорат, тарзи тартиб додани санадҳои эътиноии прокурорӣ, тактикаи пешбурди таъқиби ҷиноятӣ, усулҳои тафтиши баъзе намудҳои ҷиноят, гузаронидани амалҳои муайяни тафтишотӣ маъруза менамоянд.

Мутаассифона, мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо собит намуданд, ки баъзе мутахассисони ҷавон ба масъалаҳои мубрами тафтишоти пешакӣ, назорати прокурорӣ, инчунин ба ҳамаи он чизе, ки бевосита ба самтҳои назоратии ба онҳо супурдашуда алоқаманд нест, чандон марoқ зоҳир намекунанд. Илова ба ин, дар марҳилаи аввал кори мутахассисони ҷавон хусусияти қолабӣ дошта, ба омӯзиши онҳо диққати даркорӣ дода намешавад. Санадҳои эътиноии прокурориро рӯйнавис карда, дар гузаронидани санҷишҳо ташаббус нишон намедиҳанд. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки камбудиҳои аз ҷониби кормандони собиқадор қаблан роҳдодашуда, дар мавриди тартиб додани санадҳои эътиноии прокурорӣ ё санҷишҳо аз ҷониби мутахассисони ҷавон низ такрор меёбанд. Машғулиятҳои гузаронида ба рафъи чунин камбудиҳо пурра ёрӣ намерасонад. Ба фикри мо, баҳри рафъи ин камбудиҳо дар машғулиятҳои семинарӣ боз ҷалб ва таъмини иштироки кормандони собиқадори мақомот, олимон, ташкили қабули санҷишҳои назариявӣ бо назардошти тағйиру иловаҳо ба қонунгузории соҳавӣ ва ё қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ аз манфиат холӣ намебошад.

Масъулияти тайёр намудани мутахассисони оянда ва сифати омӯзиши кадрҳо тибқи б. 9.1 фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016, №1 “Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [288] ба зиммаи роҳбарони мақомоти прокуратура ва Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии

[288] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №1 “Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 120-125.

Тоҷикистон гузошта шудааст. Дар прокуратураҳое, ки ҳайати ками кормандон аст, роҳбарии бевоситаро прокуророни ноҳияҳо иҷро менамоянд. Дар прокуратураҳое, ки ҳайати зиёди кормандон доранд, аз ҷумлаи муфаттишҳо, ёрдамчиёни прокурор, муовинони прокурор, дар шуъбаҳои тафтишоти муфаттишони шуъбаҳо, ки собиқаи калон (на кам за 5 сол) доранд, роҳбари бевоситаи коромӯзӣ таъин карда мешавад. Дар баробари таъини роҳбари бевоситаи коромӯзӣ дигар кормандони прокурорӣ низ дар расондани ёрии ҳамҷониба ба рафти тарбияи мутахассисони ҷавон ухдадор мебошанд. Инчунин, прокурори ноҳия дар асоси нақшаи коромӯзӣ, тарбияи сиёсӣ ва баланд бардоштани савияи кории коромӯзонро мегузаронанд, ба коромӯзон ҳама шароитҳои лозимаи корӣ ва иҷтимоиро барои иҷро намудани нақшаи инфиродии корӣ фароҳам меоранд ва ба рафти коромӯзӣ назорат мебаранд.

Бояд тазаккур дод, ки қонунгузор нисбати коромӯз дар мансаби прокурорӣ ҳеҷ гуна маҳдудияти қонунӣ ва имтиёзу бартариятҳо ба ӯ пешбинӣ накардааст. Тайёрии касбии ӯ дар баробари иҷрои вазифаҳои хизматӣ, омӯзиши ҳатмии фармону дастурҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши кори мақомот ва дигар самтҳои назоратиро дар бар мегирад. Фаъолияти мутахассиси ҷавонро роҳбари бевоситаи ӯ ва прокурори дахлдор назорат ва арзёбӣ мекунад.

Яке аз мушкилии ташкилии кори коромӯзӣ ин зиёд намудани ҳаҷми кори мутахассисони ҷавон мебошад. Бо дар назардошти он ки айни замон ҳаҷми кор дар мақомот зиёд буда, он ба сарбории зиёди кори корманд меоварл, ки онҳо бо мақсади дар мӯҳлат ва дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани вазифаҳои мансабӣ маҷбур мешаванд, ки берун аз вақти корӣ ва дар рӯзҳои истироҳатӣ ба кор бароянд. Бинобар ин, ба мутахассисони ҷавон, махсусан дар давраи коромӯзӣ бояд бо сарбории ками корӣ таъмин карда шуда, давра ба давра он зиёд карда шавад, зеро тарбия намудани коромӯзон дар руҳияи аз ҳама муҳим таъмини сифати баланди корӣ зарур аст. Ба мутахассиси ҷавон лозим аст, ки пеш аз ҳама, моҳияти фаъолияти прокуроририро дарк намуда, маҳоратҳои ибтидоии касбиро аз худ карда, кори худро моҳирона ба нақша гирифта тавонад ва ба кор дар мақомоти прокуратура мутобиқ шавад.

Дар баробари тайёрии касбӣ, инчунин ба устувории рӯҳӣ, тарбияи сифатҳои ахлоқӣ ва риояи меъёрҳои одоби касбӣ аз ҷониби мутахассисони ҷавон низ бояд таваҷҷуҳ кард. Зарур аст, ки барои ба коллектив дохил шудан, ҳалли мушкилоти манзилии мутахассисони ҷавон ёрӣ расонида, аз шароити манзилӣ ва вақтҳои фароғатиашон огоҳӣ ёфта, дар як вақт аз дахолат ба ҳаёти шахсӣ ва тахти парасторӣ қарор додани онҳо дурӣ ҷуст.

Дар низоми муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқӣ дар мақомоти прокуратура додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони прокурорӣ муҳим мебошад.

Олими рус Четвериков В.С. чунин мешуморад, ки рутбаи дараҷавӣ дар Федератсияи Россия ин дараҷа, синф, тахассуси (яке аз се дар як гурӯҳи вазифаҳо ё яке аз понздаҳ дар панҷ гурӯҳ) шахси мансабдор мебошад, ки қонуни федералӣ ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ барои ин ё дигар фаъолияти муайяне дар асоси мавҷудияти дониш, маҳорат ва қобилияти зарурӣ муқаррар кардааст[289].

Юсупов В.А. рутбаи дараҷавиро эътирофи хизматҳои шоиста ва фаъолияти мусбати хизматчии давлатӣ медонад, ки дар шакли расмӣ ифода ёфта, ҳуқуқ ба имтиёзу афзалиятҳои давлатӣ медиҳад[290]. Ба андешаи Семенчуков Д.Д., рутбаи дараҷавии корманди прокуратура як қисми таркибии вазъи ҳуқуқии ӯ буда, на танҳо хизматҳои ӯро дар назди ҷамъият, балки аҳамияти мақомоти прокуратураро дар давлат низ ифода мекунад[291]. Бахрах Д.Н. алоқаи ногусастании байни ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ ва ҳуқуқи сарфароз гардидан бо рутбаи дараҷавиро нишон медиҳад. Ин ҳуқуқҳо аз Конститутсияи Федератсияи Россия баромада, имтиёз намебошанд[292].

Дар мавриди мақомоти прокуратура, дар "Китоби рӯйимизии прокурор" мафҳуми мухтасари рутбаҳои дараҷавӣ, ба тариқи зайл ифода гардидааст: рутбаи дараҷавӣ – ин дараҷаи хизматии махсус, рутбаи шахсии корманди прокурорӣ, ҳамчун хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо назардошти мансаби ишғолкарда,

---

[289] Четвериков В.С. Административное право: Учебное пособие. 8 изд. – М.: ИЦ РИОР, НИЦ ИНФРА-М, 2015 – С. 283.
[290] Юсупов В.А. Труды по административному праву: в 3 т. – Т. 2. – М.: НП "Евразийская акад. адм. наук", 2012. – С. 311.
[291] Семенчуков Д.Д. Прокуратура России вчера и сегодня. – М., 2001. – С. 101.
[292] Бахрах Д. Н. Административное право. – М.: Норма, 2000. – С. 132.

собиқаи корӣ (давомияти хизмат), дониш ва таҷриба, инчунин натиҷаи кор дар таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ сарфароз гардонида мешавад[293].

Мутобиқи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2006, №345 "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[294] ба кормандони мақомоти прокуратура рутбаҳои дараҷавии зерин муқаррар карда шудааст:

– Мушовири ҳақиқии давлатии адлия;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;

– Мушовири адлияи дараҷаи 1;

– Мушовири адлияи дараҷаи 2;

– Мушовири адлияи дараҷаи 3;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3.

Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ва аз онҳо маҳрум кардан дар м. 54 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 8 декабри соли 2006, №73 тасдиқ шудааст, муайян гардидааст[295]. Рутбаи дараҷавӣ бо назардошти тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи кор ба таври мураттаб дода мешавад. Рутбаи дараҷавии мушовири ҳақиқии давлатии адлия аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Рутбаҳои дараҷавии мушовири давлатии адлияи

[293] Настольная книга прокурора // Под ред. Герасимов С.И. – М., 2002. – С. 118.
[294] Қарори МН МО ҶТ аз 30 июни соли 2006, №345 "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[295] Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти ҶТ таҳти №73 аз 8 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 65-71.

дараҷаи 1, 2, 3 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Ба ин гурӯҳи рутбаҳои дараҷавӣ муҳлати додан муқаррар карда намешавад. Дигар рутбаҳои дараҷавӣ бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

Тибқи б. 7 Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба гирифтани рутбаи дараҷавии ҳуқуқшиноси дараҷаи 3, дар сурати доштани тавсифномаи мусбат кормандоне, ки дар вазифаи ёрдамчии прокурор ё муфаттиши прокуратура ё дигар вазифаҳои прокурорию тафтишотӣ на камтар аз шаш моҳ кор кардаанд, мутахассисони ҷавон бошанд, баъд аз хатми коромӯзӣ ва ҳангоми бо хулосаи комиссияи аттестатсионӣ ба вазифаи ишғолкарда муносиб донистан, пешниҳод карда мешаванд.

Рутбаи дараҷавии навбатӣ баъди ба охир расидани муҳлати рутбаи қаблӣ, ки аз 1 солу 6 моҳ то 4 сол пешбинӣ шудааст, дода мешавад. Ба кормандони макомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, иловапулӣ дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, мафҳуми зерини рутбаи дараҷавии корманди прокурориро таҳия кардан мумкин аст. Рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ – ин рутбаи махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузорӣ муайян ва дар асоси расмиёти маъмурие, ки бо фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, бо тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи корӣ ба таври мураттаб дода мешавад.

Мутобиқи м. 68 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [296] кормандони мақомоти прокуратура шаҳодатномаи хизматӣ доранд ва он ҳуҷҷатест, ки шахсияти корманди прокуратура, рутбаи дараҷавӣ ва вазифаи ӯ, ҳуқуқи гирифта гаштан ва нигоҳ доштани силоҳро тасдиқ мекунад. Низомнома дар бораи шаҳодатномаи хизматӣ

---

[296] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

ва намунаи шаҳодатномаи хизматии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Шаҳодатномаи хизматии Прокурори генералӣ, муовини якум ва муовинони ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад. Шаҳодатномаи хизматии дигар кормандони прокурорӣ бо имзои Прокурори генаралии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо супорида мешавад.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, низомнома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд. Бинобар ин, ба андешаи мо, мебоист дар қонуни конститутсионӣ на "Низомнома дар бораи шаҳодатномаи хизматӣ", балки "Дастурамал дар бораи барасмиятдарорӣ, баҳисобгирӣ ва додани шаҳодатномаи хизматӣ" пешбинӣ карда мешуд.

Дар мақомоти прокуратура марҳилаи ниҳоии хизмат қатъ гардидани он мебошад. Муносибатҳои хизматию ҳуқуқӣ дар мақомоти прокуратура бо асосҳо ва тартиби пешбининамудаи Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", қонунгузорӣ дар бораи меҳнат ва хизмати давлатӣ қатъ мегарданд. Ба ғайр аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнат, корманди прокурорӣ метавонад бо сабаби ба истеъфо баромадан ва бо ташаббуси роҳбари мақомоти прокуратура дар ҳолатҳои зерин аз кор озод карда шавад: ба синни ниҳоии хизмат дар мақомоти прокуратура расида бошад; қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ё тарки доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бинобар нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ будан; вайрон кардани савганди корманди прокуратура, инчунин дар мавриди содир намудани ҷиноят, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд муқаррар карда шудааст; барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо; риоя накардани маҳдудиятҳои хизматӣ ё ба вуқуъ пайвастани дигар ҳолатҳо.

Ин ҳолатҳои овардашуда, ба иловаи асосҳои дар қонунгузории меҳнат ва Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” асос барои қатъи хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Новобаста аз ин, дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳолатҳои мазкур ба таври мушаххас дар моддаи алоҳида оварда нашуда, парешон мебошанд. Гузашта аз ин, шарт ва тарзи татбиқи асосҳои алоҳида низ дар қонуни соҳавӣ ба таври мушаххасу возеҳ оварда нашудааст. Аз ҷумла, агар яке аз асосҳои қатъ гаштани хизмат дар мақомоти прокуратура ин бо сабаби ба истеъфо баромадан бошад, аммо ба таври мушаххас ҳолатҳо, шартҳо ва механизми ба истеъфо баромадан (аз ҷумла, ба куҷо (кӣ) мурочиат кардан, дар сурати рад шудани тарзи шикояти он ва ғайра) дар қонунгузории соҳавӣ оварда нашудааст. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки асосҳои қатъ шудани хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ дар моддаи алоҳида ва бо дақиқ дарҷ шудани ҳолатҳо, шартҳо ва механизми он дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” гирд оварда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ-маъмурии ташкил ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба ин натиҷа расонд, ки ташкил ва адои хизмат ҳамчун муносибатҳои хизматӣ-ҳуқуқӣ бо Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, муқаррароти умумӣ ва принсипҳои дар Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” пешбинишуда, инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии Прокурори генералӣ ба танзим даровларда мешаванд, ниёз ба такмил доранд.

## § 2.2. Хусусиятҳои аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти прокуратура – ҳамчун хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар замони муосир сиёсати давлатӣ оид ба омодасозии кадрҳо ба тайёр кардан, такмили ихтисос ва баҳодиҳӣ ба кори кадрҳо талаботи ҷиддӣ мегузорад. Аз ин рӯ, мубрамияти масъалаи муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ ва сифатҳои ахлоқӣ, яъне аттестатсия мунтазам меафзояд. Зеро самаранокӣ ва ба таври дахлдор иҷро гардидани вазифаҳои мақомоти прокуратура бе баҳодиҳии воқеӣ ба натиҷаҳои корӣ, донишу маърифат ва сифатҳои касбию ахлоқии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон мегардад. Ниҳоят татбиқи амалии таълимот оид ба давлати ҳуқуқбунёд бидуни интихоби кадрҳои роҳбарикунандаи босалоҳият, муайян намудани мувофиқати кормандони сохторҳои давлатӣ ба мансабҳои ишғолнамуда ва дарёфти кадрҳои болаёқат номумкин аст. Бинобар ин, дар таъмини самаранокии назорати риояи дақиқу иҷрои якхелаи қонунҳо ва иҷрои дигар вазифаҳои ба зиммаи мақомоти прокуратура вогузошташуда, омӯзиш ва баҳодиҳии кадрҳои он муҳим арзёбӣ мегардад.

Воқеан, дар ҳама давру замон як воситаи муҳимми технологияи ҳокимият ва идоракунӣ, ошкор намудани сифатҳои шахсӣ ба назар мерасад. Ниёз ба ошкоркунии дақиқи донишу маърифат, қобилият ва дигар сифатҳои зарурии шахсӣ ба иҷрои ин ё дигар кор пас аз санъати хоста гирифтани одамон ба мансабҳои давлатиро пайдо кардани идоракунӣ, ба миён омадааст. Ин ҷо андешаи Ятимов С.С. ҷолиб аст, ки мегӯяд: “Тоҷикон дар тули таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии суқути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод. Давлатдории охирони мо низ метавонист ба вартаи нестӣ

ва ин дафъа ба садсолаҳои номаълум ба фано равад. Миллати тоҷикро бори дигар ба ғуломӣ кашад. Онро ҳам сабаб қатъан ҷаҳолат мебуд. Акнун донишу маърифат асоси пойдории давлати навин эълон гардид.”[297].

Маҷмуи воситаҳои муайян намудани мутобиқати хизматчии давлатӣ ба мансаби ишғолнамуда, бо роҳи баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти хизматӣ, сатҳи донишу маърифат ва маҳорату омодагии касбӣ аттестатсия мебошад. Ҳамзамон аттестатсия дараҷаи мутобиқшавии кормандони прокурориро ба тағйиротҳои шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилию сохтории фаъолият дар мақомот ошкор месозад. Бинобар ин, он ҳамчун равиши маҷмуии мутобиқати корманд аз рӯйи тавсифномаи аттестатсионӣ баррасӣ карда мешавад.

Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ яке аз марҳилаҳои асосӣ дар раванди адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, дар мақомоти Прокуратура мебошад. Аттестатсия дорои ҳадафу вазифаҳои ба худ хос буда, нисбати ҳама хизматчиёни давлатӣ паҳн намегардад. Аттестатсия дар боло бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ, салоҳиятнокӣ ва касбияти онҳо таъсири мусбат дошта, хизмати давлатиро аз кадрҳои тасодуфӣ тоза менамояд. Истилоҳи аттестатсия аз калимаи лотинии attestatio (шаҳодатнома, тасдиқ кардан) гирифташуда маънои муайян кардани тахассуси корманд, сатҳи дониши донишҷӯён, алоқа, хусусиятҳо, раванди арзёбии мутобиқати кас ба меъёрҳои муайянро дорад[298].

Дар “Фарҳанги бузурги ҳуқуқӣ” аттестатсия (аз лотинӣ attestatio - шаҳодатнома) ба чунин маъноҳо омадааст: 1) муайян, муқаррар намудани мувофиқати сатҳи дониш, тахассуси корманд ба мансаби ишғолкардааш, ҷойе, ки ӯ талабгор аст; муқаррар намудани дараҷаи музди меҳнати корманд мувофиқи тахассуси ӯ; 2) муайян, тасдиқи ҳуҷҷатии сифат, санҷиши маҳсулот, мувофиқати ҷои кор ба меъёрҳои бузургӣ; 3) тавсифнома, хулоса, фикру мулоҳиза дар бораи

---

[297] Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) // Илм ва ҷомеа – 2023. – №1 (31). – С. 6.

[298] Раҷабзода М.С., Ғафурзода А.Д. Аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти прокуратура: зарурат ва танзими ҳуқуқии он // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №1 (60). – С. 191-198.

сифатҳои корӣ ва дониши кормандон[299]. Дар "Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ" бошад, аттестатсияи кормандон ба маънои муқаррар намудани дараҷаи ихтисос ва вазифаи корманд, ки мувофиқати онро ба вазифаи ишғолнамудааш собит месозад, омадааст[300].

Ин падида дар аввалҳои асри XX, баъд аз фаъолияти баҳодиҳӣ ташаккул ёфта, солҳои 60-70-ум доираи танзими ҳуқуқӣ ба таври назаррас васеъ гардидааст. Муаллифони алоҳида ҳамин давраро оғози ташаккули падидаи аттестатсия медонанд. Аз ҷумла, Гускова И.М. ва Меншова В.Н. пайдоиши аттестатсия дар ИҶШС-ро ба охири солҳои 60-ум нисбат дода, онро ба тасдиқи "Низомнома дар бораи тартиби аттестатсияи кормандони ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, лоиҳавӣ-сохторӣ, технологӣ ва зерсохторҳои илмӣ-таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олӣ" аз ҷониби Комитети давлатии ИҶШС оид ба илм ва техника ва Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба сохтмон дар моҳи майи соли 1969 марбут медонанд[301].

Баҳодиҳӣ ба фаъолияти кормандони прокуратураи ИҶШС ҳамчун намояндагони намуди махсуси хизмати давлатӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хизмат чуноне қаблан зикр намудем, аввалҳои соли 1951 бо фармони Прокурори генералии ИҶШС аз 24 январи соли 1951, №15 ҷорӣ шуда буд. Ин дар натиҷаи ниёз ба ташаккули ҳайати касбии кадрҳои баландихтисос ва лаёқатманду кордон дар мақомоти прокуратура вобаста мебошад. Манохин В.М. асоси ҳуқуқии аттестатсияи ҳамаи намудҳои хизматро қарори якҷояи КМ ҲКШС, Раёсати Шурои олии ИҶШС, Шурои вазирони ИҶШС, Шурои марказии умумиитифоқии иттифоқҳои касаба, КМ ШУЛКҶ аз 5 марти соли 1987, ки бо он Низомномаи намунавӣ дар бораи тартиби аттестатсияи шахсони масъули дастгоҳи мақомоти шуравӣ ва ҷамъиятӣ тасдиқ шудааст, меҳисобад[302]. Зимни аттестатсияи коргарон дар Шуравӣ на танҳо ба сифатҳои кордонии коргарон, балки ба донишҳои маънавию сиёсӣ ва мафкуравии онҳо низ баҳо дода мешуд.

---

[299] Борисов А.Б. Большой юридический словарь. – М.: Книжный мир, 2010. – С. 38.
[300] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ // Зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – С. 65.
[301] Гуськова И.М., Меньшова В.Н. Оценка деятельности и аттестация государственных служащих. – Новосибирск, 1998. – С. 28.
[302] Манохин В.М. Служба и служащий в Российской Федерации: правовое регулирование. – М., 1997. – С. 42-43.

Намояндагони илми Шуравӣ аттестатсияи коргаронро на танҳо санҷиши сифатҳои кории онҳо, балки ҳамчун тадбири ҳавасмандии онҳо ба мунтазам баланд бардоштани дониши касбӣ ва сифатҳои мафкуравию сиёсӣ медонанд. Мақсади аттестатсия, вусъати самаранокии меҳнат, поквиҷдонона иҷро кардани вазифаҳо, такмили маҳорати кордонӣ, мафкуравию сиёсии коргарон ва беҳтар намудани интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо ҳисобида мешуд[303]. Дар тафсири ин истилоҳ нуқтаҳои назари мухталиф вуҷуд доранд.

Масалан, Труханович Л.В. ва Шур Д.Л., аттестатсияи кормандонро – муайян кардани тахассуси корманд, сатҳи дониши ӯ ва ба вазифаи ишғолкарда мувофиқ будан медонанд[304]. Аттестатсия барои муайян кардани иқтидори умумии кадрӣ ва ташкили захираи кормандони роҳбарикунандаю мутахассисон бояд мусоидат кунад.

Ҳамчунин, Анисимов В.М. таҳти мафҳуми «аттестатсияи кадрҳо» санҷиш, муайян кардани мувофиқат корманд аз рӯйи тахассуси корӣ, сатҳи донишу малака ва дигар сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок ба вазифаи ишғолкарда меҳисобад. Ба ақидаи ӯ, аттестатсия яке аз шаклҳои муҳимтарини назорати оммавии (санҷиши) сифати фаъолияти касбии корманд мебошад[305].

Баъзе ҳуқуқшиносон аттестатсияро ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла, Курилов В.А. иброз медорад, ки муайян кардани тахассус, сатҳи дониши корманд, таълимгиранда, шаҳрванд, мувофиқати сифатҳои корию сиёсии ӯ ба касб, ихтисос, тахассус ё вазифаи муайянро ба маънои васеъ аттестатсия номидан мумкин аст. Ба маънои маҳдуд ин бо ёрии комиссияи аттестатсионӣ давра ба давра гузаронидани омӯзиши сифатҳои корӣ, сиёсӣ, ташкилотчигӣ, маънавӣ ва шахсии кормандони гурӯҳи муайян дар шакли махсуси ташкилӣ дар корхона, муассиса ва ташкилот бо мақсади мунтазам баланд

[303] Курилов В.И. Аттестация работников по советскому праву // Правоведение. – 1978. – №2. – С. 52.
[304] Труханович Л.В., Щур Д.Л. Юридический словарь-справочник кадровика. – М.: Дело и Сервис, 2003. – С. 3.
[305] Анисимов В.М. Кадровая служба и управление персоналом организации. – М.: Экономика, 2003. – С. 39.

бардоштани маҳорати касбӣ ва сатҳи донишҳои ғоявию сиёсии кормандон, такмил додани интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо мебошад[306].

Азямова Л.В. асоси аттестатсияи кормандонро баҳодиҳии ҳамаҷониба ба фаъолияти онҳо, аз ҷумла, ба сифатҳои касбӣ, корӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва шахсии корманд, инчунин натиҷаи кори ӯ дар асоси низоми нишондиҳандаҳои дахлдор мешуморад, ки дараҷаи ба даст овардани мақсадҳои мушаххаси корманд, мувофиқати (ё номувофиқии) ӯро ба вазифаи ишғолнамуда тавсиф мекунанд[307].

Воқеан, вақте ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ аттестатсия бо тафтиши сифатҳои на танҳо кордонӣ, балки сифатҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва шахсӣ ҳам пайвастагии ногусастанӣ дошт, онро фаҳмидан мумкин буд, зеро он ба вижагиҳои замон вобаста буд. Санҷиши сатҳи сифатҳои ахлоқӣ, маънавӣ-ахлоқии корманд, ки Азямов Л.В., Курилов В.И. ва дигарон иброз медоранд, барои муайян кардани сатҳи тахассус ва муносиб ё номуносиб донистани корманд ба вазифаи ишғолкардааш асос шуда наметавонад. Баҳогузории ин сифатҳо танҳо ҳангоми аттестатсияи гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон аз рӯйи фаъолияти онҳо (масалан: омӯзгорон, хизматчиёни давлатӣ, прокуророн ва ғайра) мумкин аст, ки бояд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян карда шаванд.

Агар зери мафҳуми аттестатсия нуқтаҳои назари болоро асос гирем, ки он санҷиши давра ба давра ва ҳамаҷонибаи тахассусӣ (сатҳи омодагии касбӣ, дониш, малака)-и корманд бо мақсади муайян кардани мувофиқати ӯ ба вазифаи ишғолкарда аст, пас ҳадафи аттестатсия, муайян кардани мутобиқати корманд ба вазифаи ишғолкарда хоҳад буд. Муносиб будан ба вазифаи ишғолкарда бо роҳи санҷиши тахассусии корманд муайян карда мешавад.

Ба андешаи Ойев Х., аттестатсия ин муайян намудани тахассуси хизматчии давлатӣ, баҳодиҳӣ ба сифатҳои касбӣ, кордонӣ ва шахсӣ, сатҳи донишҳои махсус ва ҳуқуқӣ, натиҷаҳои иҷрои вазифаҳои хизматии ӯ буда, бо мақсади такмили фаъолияти хизмати давлатӣ, беҳтар гардонидани тайёрӣ, интихоб ва

---

[306] Курилов В.И. Аттестация и личность работника в советском трудовом праве. – Владивосток.: Дальневосточного ун-та, 1984. – С. 99.

[307] Азямова Л.В. Организация и проведение аттестации персонала по решению работодателя // Справочник кадровика. – 2001. – №1. – С. 20-28.

ҷобаҷогузории кадрҳо, таъмини мувофиқати онҳо ба мансаби ишғолнамуда, ҳавасмандгардонии такмили сатҳи касбӣ ва сифату самаранокии кор гузаронида мешавад[308].

Исоев М.Ш. аттестатсиякуниро воситаи муҳимми сайқал додани тарзу усулҳои кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намуда, онро ба ин асоснок намудааст, ки дар баланд бардоштани дараҷаи дониш ва малакаи касбӣ, тарбияи онҳо кумаки калон мерасонад[309].

Дар воқеъ, холисона гузаронидани аттестатсия воситаи муҳимми сайқал додани тарзу усулҳои кор бо кадрҳои мақомоти прокуратура буда, барои беҳтар намудани фаъолияти амалии прокурорҳо ва муфаттишон дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани савияи дониш, маҳорати касбӣ ва тарбияи онҳо дар руҳияи бемайлон ва поквиҷдонона иҷро намудани вазифаҳои хизматиашон равона карда шудааст.

Дар ин маврид, андешаи Рябсев В.П. ҷолиб мебошад, зеро ӯ аттестатсияро ҳамчун воситаи муқаррар намудани мувофиқати корманди прокурорӣ ба мансаби ишғолнамуда, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилию сохтории шароити фаъолияти ӯ медонад[310].

Ба масъалаи аттестатсия Старилов Ю.Н. таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, аттестатсияи хизматчиёни давлатиро фаъолияте мефаҳмад, ки дар раванди он комиссияи аттестатсионӣ дар доираи тартиби илман асоснокшуда бо мутобиқати корманд ба мансаби ишғолкардааш, сифатҳои кориву шахсӣ ва маънавии хизматчӣ, ҷараён ва натиҷаи фаъолияти касбии ӯ баҳо медиҳад. Натиҷаи аттестатсия қарор ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ дар бораи беҳтар намудани меҳнати шахси аттестатсияшаванда ва дар умум тамоми дастгоҳи идораи давлатӣ мебошад[311] .

---

[308] Ойев Х. Хизмати давлатӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 109.

[309] Исоев М.Ш. Аттестатсиякунонӣ – воситаи муҳим дар сайқал додани тарзу усулҳои кор бо кадрҳои мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. – 2004. – №1, – С. 9.

[310] Настольная книга прокурора // Под ред. Герасимов С.И. – М., 2002. – С. 114-115.

[311] Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право (учебник для вузов). – М.: Норма, 2007 – С. 319.

Бархилофи Старилов Ю.Н., Куракин А.В. ва Савостин А.А. зери мафҳуми аттестатсия расмиёти ҳуқуқӣ-маъмурии баҳодиҳии мустақими касбии мувофиқияти корманд ба мансаби ишғолнамударо мефаҳманд, ки ба такмили хизмати давлатӣ ва қобилияти худи аттестатсияшаванда равона шуда, уҳдадор мекунад, ки дар натиҷа тадбири ҳуқуқӣ-маъмурии пешбининамудаи қонунро андешанд ва ба такмили самараноки неруи касбӣ ва шахсии кадрҳо мусоидат кунад[312] .

Ба ақидаи Братановский С.Н., аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ фаъолиятест, ки дар раванди он комиссияи аттестатсионӣ дар доираи расмиёти муқарраршуда бо мақсади муайян кардани дараҷаи мувофиқати корманд ба вазифаи ишғолкардааш, ба сифатҳои корӣ, шахсӣ, ҳуқуқии хизматчӣ, раванд ва натиҷаҳои фаъолиятӣ ӯ баҳодиҳӣ менамояд[313].

Дар замони муосир аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, аз он ҷумла, аттестатсияи кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо қонунгузории муосир ҳамчун меъёри ҳатмӣ барои муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда, таъмини болоравии касбӣ, ҳалли масъалаи ба ӯ додани рутбаи ибтидоии тахассусӣ (дараҷавӣ) ва ғайра муқаррар карда мешавад. Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 54 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [314] кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба тартиби аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянкардашуда аз аттестатсия гузаронида мешаванд. Ин тартибро Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян мекунад[315].

Тибқи санади мазкур ҳадафи асосии аттестатсиякунонӣ ин муайян намудани муносиб будани корманди прокурорӣ ба мансаби ишғолнамудааш, лоиқ будани ӯ

---

[312] Куракин А.В., Савостин А.А. Процедуры, обусловленые прохождением государственной гражданской службы Российской Федерации // Право и политика, – 2004. – №8. – С. 32.

[313] Братановский С.Н. Административное право. Общая часть: учебник. – М.: Директ-Медиа, 2013. – С. 93.

[314] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[315] Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 149-157.

ба мансаби дигар ё мансаби баланди пешбаришаванда (ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда) ва дуруст амалӣ намудани кор бо кадрҳо, ҳалли масъалаҳои додани рутбаи ибтидоии дараҷавӣ, пеш аз мӯҳлат ё ғайринавбатӣ додани рутбаҳои дараҷавӣ ва дар прокуратураи ҳарбӣ – рутбаҳои ҳарбӣ, ҳалли масъалаи ба мансаби аввала ё барқарор намудан дар рутбаи дараҷавӣ мебошад. Ҳамаи ин муқарраротро метавон ба вазифаҳои аттестатсияи кормандони прокурорӣ рабт дод.

Бо шарҳи васеи моҳияти интихоби кадрҳо, метавон гуфт, ки мақсад аз аттестатсия ин тоза намудани мақомоти прокуратура аз кормандони тасоддуф, бемасъулият, аз ҷиҳати касбӣ ва маънавӣ номувофиқ ва беҳтар намудани ҳайати кадрӣ дар мақомоти прокуратура мебошад. Яъне, аттестатсия бояд воситаи муҳимми тоза кардани дастгоҳи давлатӣ аз мутахассисони каммасъулият ва сатҳи пасти касбидошта гардад.

Ҳадаф аз ин чорабинӣ, чуноне қаблан қайд намудем, муайян кардани мутобиқати шахси мушаххас ба мансаби муайян дар мақомоти прокуратура мебошад. Бинобар ин, ҳангоми аттестатсиякунонӣ диққати асосӣ бояд ба омӯзиш ва санҷиши сифатҳои корӣ, шахсӣ, ахлоқӣ, сатҳи дониш, қобилияти онҳо оид ба иҷрои вазифаҳои дар назди мақомоти прокуратура гузошташуда, ҳалли масъалаҳои муҳим, ҷустуҷӯ ва татбиқи шаклҳои самарабахши таъсиррасонии прокурорӣ дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, суботкорона ва мунтазам ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас дода шавад.

Ба андешаи Смирнов А.Ф., асосҳои муносиб донистани корманд ба мансаб чунин ҳолатҳое мебошанд, ки ӯ на танҳо аз ухдаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ мебарояд, балки барои пешбарӣ ба мансабҳои баландтар ва ё ба мансабе, ки дорои ҳаҷми калони корӣ мебошад, сазовор аст. Дар натиҷа, ҳайати кормандон беҳтар шуда, барои боз ҳам самаранок ҷобаҷогузории кадрҳо дар сохтори ташкилии мансабҳо имконият фароҳам меояд. Аз ин рӯ, бояд ҳадафи возеҳу равшани

аттестатсияи кадрҳои мақомоти прокуратураро такмил додани ҳайати кадрҳои баландихтисос ва беҳтар намудани ҷобаҷогузории кадрҳо донист[316] .

Дар адабиёти илмӣ оид ба мақсади аттестатсияи кормандони прокуратура назари дигаре низ мавҷуд аст. Яъне, дар мақомоти прокуратура аттестатсия бо мақсади муайян кардани мутобиқати хизматии корманди прокурорӣ ба талаботи аз рӯйи касб ба ӯ пешниҳодшуда, гузаронида мешавад[317].

Ҳол он ки муайян кардани муносиб будани корманди прокуратура ба мансаби ишғолнамуда, на мақсади комиссияи аттестатсионӣ, балки вазифаи он мебошад, ки ҳалли он дар ниҳояти кор барои боз ҳам беҳтар намудани сифати ҳайат ва ҷобаҷогузории кадрҳо имкон медиҳад[318].

Дар воқеъ, чуноне қаблан зикр намудем, мақсади аттестатсия на танҳо муайян кардани мутобиқати корманд ба мансабаи ишғолнамуда, инчунин лоиқ будани ӯ ба мансаби дигар ё мансаби баланди пешбаришаванда (ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда) ва дуруст амалӣ намудани кор бо кадрҳо, ҳалли масъалаҳои додани рутбаи ибтидоии дараҷавӣ, пеш аз муҳлат ё ғайринавбатӣ додани рутбаҳои дараҷавӣ ва дар прокуратураи ҳарбӣ – рутбаҳои ҳарбӣ, ҳалли масъалаи ба мансаби аввала ё рутбаи дараҷавӣ барқарор намудан мебошад. Ҳамзамон ҳамаи ин ҳадафҳоро метавон ба вазифаҳои аттестатсияи кормандони прокурорӣ низ, рабт дод.

Аттестатсия аз рӯйи таъиноти худ, бо гумони беш наметавонад ҳадафи тарбиявиро амалӣ кунад, зеро аттестатсияи дарпешистода кормандро ҳавасманд мекунад, ки ба талабот мутобиқ шавад, аммо рафтори ӯро такмил намедиҳад ва аз ин рӯ, бевосита ӯро тарбия намекунад. Бинобар ин, аз андешаи тарбияи кадрҳо тавассути аттестатсияи онҳо даст кашида, объекти баҳодиҳиро аниқ кардан зарур аст. Аз рӯйи таҷриба дар ҳоли ҳозир ҳангоми аттестатсия ба фаъолияти хизматии кормандони прокурорӣ, хусусан ба шумораи санадҳои эътиноии прокурорӣ, санҷишҳои гузаронидашуда, самаранокии онҳо, қонунвайронкуниҳои ошкоршуда,

---

[316] Смирнов А.Ф. Прокуратура и проблемы управления. – М.: Криминол. ассоц., 1997. – С. 205.
[317] Чернышева Г.В. Аттестация кадров прокуратуры как отражение оценки их деловой квалификации // Проблемы кадровой работы в органах прокуратуры. Сб. научных трудов. – М., 1994. – С. 50.
[318] Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации // Под ред. Братановский С.Н. – Саратов, 2007. – С. 86.

иштирок дар мурофиаҳои судӣ, баромадҳо дар васоити ахбори омма ва ғайра афзалият дода мешавад. Дар баробари ин, ба шахсияти кормандони алоҳида диққати кофӣ дода намешавад, ҳол он ки дар ҳуҷҷатҳои аттестатсия асосан талабҳои умумӣ нисбат ба кормандони мақомоти прокуратура муайян карда шудаанд. Гирифтани маълумот дар бораи сифатҳои кории шахс танҳо тавассути таҳлили мунтазам ва баҳодиҳии кори кормандон имконпазир аст[319].

Ба ақидаи Куликов Ю.И., аттестатсия бояд низоми мураккаби бисёрфунксионалии динамикии аз ҷиҳати диалектикӣ инкишофёфтаро ифода кунад, ки бо таъиноти мақсаднок муттаҳид шуда, дорои усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ ба сифатҳои муҳимми касбӣ ва кордонӣ, намудҳо ва шаклҳои гуногуни кори тарбиявии инфиродӣ, таъминоти иттилоотию таҳлилии гуногун буда, ба беҳтар намудани касбият, рушди шахсияти аттестатсияшаванда ва роҳбарони онҳо нигаронида шудаанд[320].

Дар ин ҷо механизми аттестатсияро вобаста ба кормандони мақомоти прокуратура баррасӣ менамоем. Қабл аз баррасӣ зарур аст, ки мафҳуми онро ошкор намоем. Механизми аттестатсия – роҳи ташкил ва татбиқи фаъолияти аттестатсионӣ, мусоидат ба иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба таъсири самарабахши он ба такмили функсияи идоракунии кадрҳоро ифода мекунад. Механизми аттестатсия сохтори маҷмуии ташкилӣ буда, аз чор унсур аз қабили субъект, объект, фаъолияти мустақими баҳодиҳию мушоҳида бо мақсади санҷиши кори хизматчиён (расмиёти идоракунӣ) ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби гузаронидани аттестатсияро танзим мекунанд, иборат мебошад[321] .

Субъекти аттестатсия – гурӯҳи шахсон (ҳайат)-е мебошанд, ки ба сифатҳои касбӣ, корӣ, шахсӣ ва ахлоқии корманд ва натиҷаҳои фаъолияти ӯ баҳо медиҳанд. Субъекти аттестатсия ба иҷрои вазифаҳои хизматии корманд баҳо медиҳад. Субъекти аттестатсия комиссияи аттестатсионист, ки аз ҳисоби муовинони прокурорҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо, инчунин кормандони таҷрибадор таъсис

[319] Ҳамон ҷо. – С. 100.
[320] Куликов Ю.И. Повышение эффективности аттестации сотрудников органов внутренних дел МВД России. Дис. … канд. пед. наук. – СПб., 2000. – С. 21.
[321] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. В 3 т. – Т. II: Государственная служба. Управленческие действия. Правовые акты управления. Административная юстиция. – М.: Норма, 2002. – С. 141.

дода мешавад. Мутобиқи банди 9 Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[322] дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон комиссияҳои аттестатсионӣ дар ҳайати раис, котиби масъул ва аъзои комиссия (бо шумораи тоқ) аз ҳисоби муовинони прокурорҳо, сардорони раёсату шуъбаҳо, инчунин кормандони таҷрибадори прокуратура таъсис дода мешавад. Илова ба ин, тибқи сархати 2 банди 11 Низомнома барои аттестатсияи сардорони раёсату шуъбаҳои Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ва директори Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон комиссияи атттестатсионӣ дар ҳайати Прокурори генералӣ (раис), муовинони ӯ ва сардори раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ таъсис дода мешавад[323]. Бо назардошти он, ки дар дастгоҳи марказии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду комиссияи атттестатсионӣ таъсис дода мешавад ва муайян намудани тобеияти яке аз комиссияҳои дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ва ҳамаи комиссияҳои аттестатсионии прокуратураҳои поёнӣ зарур шуморида мешавад, ки комиссияи атттестатсионӣ дар ҳайати Прокурори генералӣ (раис), муовинони ӯ ва сардори раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ, ҳамчун комиссияи олии аттестатсионӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шуда, тартиби шикоят аз қарори комиссияҳои дигари аттестатсионӣ на ба прокурори болоӣ тавре дар поён зикр карда мешавад, балки ба комиссияи олии аттестатсионӣ муқаррар карда шавад.

Объекти аттестатсия кормандони прокурорӣ мебошанд, ки бояд аттестатсия карда шаванд. Мутобиқи бандҳои 1-6 Низомномаи зикргардида кормандони прокурорӣ аз рӯйи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин низомнома дар 5 сол як

---

322 Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 150.

323 Ҳамон ҷо. – С. 151-152.

маротиба аз аттестатсия мегузаранд. Дар ҳолатҳои зерин, аз ҷумла, ҳангоми ба вазифаи дигар таъин шудан, агар соҳаи кор тағйир ёбад ё худ прокурор (аз ҷумла, болоӣ) онро лозим донад, ҳангоми ба вазифаи баланд пешбарӣ гардидан, агар онро Прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон лозим шуморанд ва дар ҳолати вазифаҳои хизматии худро ба таври бояду шояд иҷро накардан ва содир намудани кирдорҳои бадномкунанда, аттестатсия пеш аз муҳлат гузаронида мешавад. Мутахассисони ҷавон баъди анҷоми муҳлати коромӯзӣ аттестатсия карда мешаванд. Шахсоне, ки ба вазифаҳои корманди прокурорӣ бори аввал таъин мегарданд ва таҷрибаи кории ҳуқуқӣ доранд, баъди на камтар аз 6 моҳи корӣ аттестатсия мешаванд. Илова ба ин, дар мавриди ҳалли масъалаи ба вазифаи аввала ё барқарор намудани корманд дар рутбаи дараҷавӣ гузаронидани аттестатсия ҳатмӣ мебошад. Инчунин кормандоне, ки дар ихтиёри раёсати кадрҳои дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ, шуъбаҳои кадрҳои Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон мебошанд, баъди 6 моҳи ба кор таъин шуданашон ва кормандоне, ки дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳбини кӯдак қарор дорад, баъд аз 1 соли ба кор баромаданашон аттестатсия карда мешаванд.

Тибқи банди 10 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ[324] аз аттестатсия хизматчиёни давлатии маъмурии дар мансаби ишғолнамудаи хизматии давлатӣ камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳбинии тифл буда озод карда мешаванд. Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба объекти аттестатсия муайян намуд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ оид ба хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озод будани кормандони прокурории камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳбинии тифл буда меъёр муқаррар карда нашудааст.

---

[324] Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 30 майи соли 2008 сол, №468 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 201-211.

Илова ба ин, тибқи қ. 1, м. 20 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[325] ва б. 3 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ[326] ба истиснои хизматиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол намудаанд, хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз аттестатсия гузаронида мешаванд. Аммо дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” меъёре оид ба истино, дар мавриди аз аттестатсия гузаронида нашудани шахси мансаби сиёсии хизмати давлатиро ишғолнамуда ва дигар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти Прокуратура оварда нашудааст. Омӯзиши санадҳои номбаршуда ошкор намуд, ки аз рӯйи мантиқи меъёрҳои дар онҳо мавҷуда, махсусан бандҳои 11 ва 14 Низомнома[327] ба истиснои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, аз ҷумла, Сарпрокурори ҳарбӣ дигар кормандони прокурорӣ аз аттестатсия гузаронида мешаванд. Гузашта аз ин, тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[328] мансаби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ мансуб буда, тибқи қ. 1, м. 20 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аттестатсия карда намешавад. Ҳамчунин, мутобиқ ба б. 9 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ[329] хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ ва хизматчии давлатии ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ расида аттестатсия карда намешаванд.

---

[325] Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[326] Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 30 майи соли 2008 сол, №468 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 201-211.

[327] Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 149-157.

[328] Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Фармони Президенти ҶТ аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 265-266.

[329] Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 30 майи соли 2008 сол, №468 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 201-211.

Бинобар ин, зарур шуморида мешавад, ки дар банди 1 Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” пеш аз калимаи “кормандони” калимаҳои “ба истиснои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовиони ӯ, аз ҷумла, Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корманди прокурории ба синни ниҳоии хизмат дар мақомоти прокуратура расида,” ва дар банди 7 Низомнома ҷумлаи нав бо мазмуни зайл: “Аз аттестатсия кормандони прокурории камтар аз як сол фаъолиятдошта, дар ихтиёри кадрҳо ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳбинии тифл мебошанд, озод карда мешаванд.” илова карда шавад.

Расмиёти идоракунии аттестатсионӣ унсури сеюми механизми аттестатсия мебошад, ки фаъолияти мустақими баҳодиҳию мушоҳида бо мақсади санҷиши кори хизматчиён (расмиёти идоракунӣ) мебошад. Ба андешаи Старилов Ю.Н., расмиёти идоракунии аттестатсионӣ ин тартиби пайдарпай татбиқ намудании талаботи (шартҳои) фаъолияти аттестатсионӣ дар мақомоти гуногуни давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, яъне низоми пайдарпайи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани аттестатсия мебошад. Риояи расмиёт кафолати муносибати воқеъбинона ба баҳодиҳии кормандонро фароҳам оварда, ба ҳалли самараноки вазифаҳои аттестатсия мусоидат мекунад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи муносибатҳои аттестатсионӣ-вазифавӣ, меъёрҳои зиёди мурофиавӣ ҷой доранд. Меъёрҳои махсуси расмиётии танзимкунандаи фаъолияти аттестатсионӣ муайян мекунанд, ки кадом субъект бо кадом тартиб ба кор баҳо медиҳанд. Мутобиқи вазифаҳо, мақсад ва функсияҳои аттестатсия маҳакҳое муқаррар карда мешаванд, ки аз рӯйи онҳо ба сифатҳои касбӣ, шахсӣ ва ахлоқии хизматчиён, инчунин ба натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои хизматии онҳо баҳо дода мешавад[330].

Расмиёти аттестатсия унсурҳои асосии зеринро дарбар мегирад:

– гузоштани мақсад ва вазифаҳои аттестатсия;

– коркарди чорабиниҳои тайёрӣ;

[330] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. – М., 2002. – С. 142-143.

– ҷамъоварӣ, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти маълумот дар бораи шахси аттестатсияшаванда;

– коркарди низоми баҳодиҳии кормандон;

– гузаронидани баҳодиҳии аттестатсионӣ, муайян кардани дараҷаи мувофиқат ба мансаби ишғолкарда;

– тайёр намудани тавсияҳо аз тарафи комиссияҳои аттестатсионӣ;

– муқаррар намудани тартиби қабули қарор оид ба натиҷаи аттестатсия аз ҷониби мақомоти роҳбарикунанда ё роҳбари мақомоти давлатӣ дар бораи додани рутбаи тахассусӣ ба хизматчии давлатӣ, ҳавасмандагардонӣ аз ҷиҳати моддию маънавӣ, аз ҷумла, ба захираи кадрҳо ворид намудан ва ғ.;

– ташаккули тартиби амалисозии натиҷаҳои аттестатсионӣ – баҳо ва тавсияҳои комиссияҳои аттестатсионӣ (таҳияи тадбирҳои зарурӣ барои мусоидат ба онҳо; муқаррар намудани давравӣ будани амалҳо, муайян намудани субъектҳо ва усулҳои иҷрои ин амалҳо; муайян намудани оқибатҳои татбиқи амалҳо ва масъулияти шахсони мансабдор барои иҷрои онҳо)[331].

Мутобиқи банди 10-и Низомнома[332] комиссияи аттестатсионӣ нақшаи аттестатсиякунонии кормандони прокурориро ҳар сол баррасӣ ва ҷонибдорӣ менамоянд, ки он аз тарафи Прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ташкил ва назорати кори комиссияҳои аттестатсионӣ ба зиммаи роҳбарияти прокуратураҳои номбаршуда вогузор шудааст.

Фаъолияти ҳар як корманди прокурорӣ ҳаматарафа ва пурра омӯхта, таҳлил шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ интихобан мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Пас аз он аттестатсия тартиб дода мешавад, ки ҳуҷҷати асосии тавсифдиҳанда мебошад. Аттестатсия аз ҷониби роҳбари бевоситаи корманд таҳия карда мешавад. Ба прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва

---

[331] Ҳамон ҷо. – С. 144.

[332] Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 151.

шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сардори раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ тартиб медиҳад. Ба прокуророни шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва ба онҳо баробаркардашуда сардорони шуъбаҳои кадрҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тартиб медиҳад. Дар мавриди ҳалли масъалаи ба вазифаи аввала ё рутбаи дараҷавӣ барқарор намудан корманд нисбати ӯ аттестатсияро сардори раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ тартиб медиҳад.

Дар аттестатсия бояд маълумоти мухтасари шарҳи ҳол ва кор, баҳои кори аттестатсияшаванда ва тавсифномаи сифатҳои корию шахсӣ, хулоса ва тавсияҳо оид ба муносиб ё номуносиб будани корманд ба вазифаи ишғолнамудааш, тавсия ба комиссия оид ба такроран (баъди 6 моҳ то 1 сол) аттестатсия намудан ва ё аз вазифа озод намудан дарҷ карда шаванд. Ҳангоми аттестатсияи коромӯзон ғайр аз ин, ба донишҳои дар амал татбиқнамудаи онҳо дар давраи коромӯзӣ ва иҷрои нақшаи фардии коромӯзӣ баҳо дода мешавад. Аттестатсия бояд омодагӣ ба кори мустақилона ва дархости сарфароз намудани рутбаи аввалини дараҷавӣ ё дароз намудани муҳлати коромӯзӣ ба муддати муайяни (аз 6 моҳ то 1 сол) коромӯзиро дарбар гирад.

Аттестатсияшаванда бояд бо аттестатсияи ба ӯ тартиб додашуда, баррасишуда ва тасдиқшуда шинос карда шавад. Аттестатсия ба комиссияи аттестатсионӣ пеш аз як моҳи баррасишавӣ пешниҳод мегардад. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ метавонад бо супориши раиси комиссия интихобан маълумотҳои дар аттестатсия дарҷшударо мавриди санҷиш қарор диҳад.

Дар мавриди бо вайрон намудани талаботи Низомнома таҳияи шудани аттестатсия ва ғайрихолисона будани он раиси комиссия ё бо таклифи аз нисф зиёди аъзои комиссия онро барои аз нав тартиб додан бармегардонад. Ҳамзамон, метавонад санҷиши холисонаи тартиб додани аттестатсияро ба кормандони алоҳида супориш диҳад.

Комиссияи аттестатсионӣ аттестатсияи кормандро шунида, онро муҳокима намуда, дониш ва лаёқатмандии ӯро ҳаматарафа ба воситаи саволу ҷавобҳо

санҷида, дар ғоибии корманд бо аксарияти овозҳо қарор қабул менамояд (банди 24 Низомнома).

Омӯзиш ва таҳлил собит намуд, ки хулосаи тартибдиҳандаи аттестатсия тибқи талаботи сархати 3 банди 16 Низомнома "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" нопурра буда, он бояд бо назардошти талаботи банди 25 ҳамин низомнома мукаммал гардонида шавад. Зеро тибқи банди 25 Низомнома[333] комиссияи аттестатсионӣ се қарорро аз қабили дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш муносиб будани корманд, муносиб будан бо тавсияҳо (шаш номгӯ: оид ба ҳавасмандгардонӣ, пеш аз муҳлат ва ғайринавбатӣ, сарфароз намудан бо рутбаи дараҷавӣ (рутбаи ҳарбӣ) ва ғайра) ва номуносиб будан бо тавсияҳо (шаш номгӯ: аз вазифа ишғолнамуда озод намудан, ба вазифаи пасттар гузаронидан ва ғайра), ки бо дуи баъдӣ бо иловаи яккатор тавсияҳо қарор қабул мекунад.

Баҳодиҳӣ унсури ниҳоии расмиёти аттестатсионӣ мебошад. Нишондиҳандаи дараҷаи мувофиқати корманди прокурории аттестатсияшаванда ба мансаби ишғолкардааш баҳодиҳӣ мебошад, ки тавассути он, яъне бо истифодаи маҳаку усулҳои интихобшуда мутобиқати кормандро ба вазифаи ишғолнамуда муайян мекунад. Баҳодиҳӣ расмиёти мушаххас дорад, ки тавассути амалҳои иҷрошуда сурат гирифта, шарти зарурии пешгирӣ кардани хатоҳо дар интихоби кадрҳо ва оқилона истифода бурдани онҳо буда, самара ва сифати дахлдори хизматро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, баҳодиҳӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини расмиёти аттестатсионӣ мебошад[334] .

Комиссияи аттестатсионӣ аттестатсияи кормандро шунида, онро муҳокима намуда, дониш ва лаёқатмандии ӯро ҳаматарафа ба воситаи саволу ҷавобҳо санҷида, дар ғоиби корманд бо аксари овозҳо қарор қабул менамояд. Қарорҳои комиссияҳои аттестатсионӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Ҳангоми гузаронидани аттестатсияи ғайринавбатии кормандони

[333] Ҳамон ҷо. – С. 156.
[334] Бобров В.А. Проблемы аттестации государственных служащих в Российском государстве // Современный государственный служащий // Сб. научн. трудов. – СПб., 2000. – С. 45.

прокурорӣ қарорҳои комиссияҳои аттестатсионӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ тасдиқ карда мешавад.

Омӯзиши Низомнома собит намуд, ки дар он шахси мансабдори ваколатдор оид ба таҳия ва ирсоли пешниҳоди гузаронидани аттестатсияи пеш аз муҳлат, тартиб додани аттестатсияи пеш аз муҳлат, таъини аттестатсияи пеш аз муҳлат ва тасдиқи қарори комиссияҳои аттестатсионӣ оид ба натиҷаи баррасии аттестатсияи пеш аз муҳлат муайян карда нашудааст. Бо назардошти ин, зарур шуморида мешавад, ки дар Низомнома вобаста ба ҳар як ҳаракатҳои дар боло овардашуда, шахсони мансабдори ваколатдор бо ба инобат гирифтани талаботи банди 12 ҳамин Низомнома муайян ва мушаххас карда шавад. Илова ба ин, истифодаи ибораҳои гуногун барои нишон додани як ҳодиса, яъне "аттестатсияи пеш аз муҳлат" ва "аттестатсияи ғайринавбатӣ" ба мақсад мувофиқ набуда, дар матни Низомнома ибораи "ғайринавбатӣ" ба ибораи "пеш аз муҳлат" иваз карда шавад.

Дар адабиёти илмӣ нуқтаҳои назари гуногунро дар масъалаи маҳакҳои баҳодиҳии кори хизматчиён вохӯрдан мумкин аст[335]. Мутаассифона, ҳанӯз дар таҷриба маҳакҳои боэътимоди баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчӣ, ки кафолати баргузории босифати аттестатсияро диҳад ва мувофиқан бомуваффақият будани фаъолияти хизматӣ коркард карда нашудааст. Маҳаки баҳодиҳӣ ҳангоми аттестатсия, ин зуҳури талабот нисбат ба хизматчии давлатии мансаби хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро дар мақомоти прокуратура ишғолнамуда ва мушаххас намудани сифатҳои корию шахсии барои иҷрои самараноки вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби хизматчӣ зарур мебошад. Маҳакҳои воқеъбинона, дақиқ ва илман асоснокшуда асоси коркардаи усулҳои пурра ва ҳамаҷонибаи баҳодиҳӣ ба хизматчиён мебошад. Натиҷаи аттестатсия аз интихоби тарзи баҳодиҳӣ ба хизматчӣ, сифати баргузорӣ ва таҳлили маълумотҳо дар бораи

[335] Барциц И.Н. Показатели и критерии оценки эффективности государственного управления // (Аналитические обзоры Института научных исследований и информации Российской академии государственной гражданской службы при Президенте РФ). – 2010. – №1. – С. 72; Божья-Воля А.А. Оценка результативности государственных служащих руководящего состава: международный опыт и российские перспективы // Вопросы государственного и муниципального управления. – 2009. – №2. – С. 81-103; Гаман-Голутвина О.В. Проблемы повышения эффективности государственного управления в Российской Федерации // Сравнительная политика. – 2011. – №3. – С. 50-64; Никонов В.А. Государственное управление имеет значение: Открытая лекция 03.09.2012. – М.: Мос. универ., 2013. – С. 88.

аттестатсияшаванда вобаста мебошад. Ҳангоми таҳияи низоми баҳодиҳии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура ба мақсад мувофиқ аст, ки таҷрибаи баҳогузории ҳайати хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷ ба кор бурда шавад.

Асосҳои ҳуқуқӣ – меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои аттестатсионӣ-ҳуқуқӣ унсури охирини механизми аттестатсионӣ мебошад. Дар механизми аттестатсия ҳуқуқ ҷузъи муҳимтарини он буда, ба он аҳамияти давлатӣ-ҳуқуқӣ, умумиҳатмигӣ, устуворӣ ва самаранокӣ медиҳад. Танзими ҳуқуқии аттестатсияи кормандони прокурорӣ бо ёрии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, санадҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба аттестатсия амалӣ карда мешавад. Аттестатсияро ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ метавон аз чанд ҷанба баррасӣ кард: ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва низоми муносибатҳо. Муносибатҳо миёни субъектони гуногуни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд: байни хизматчӣ ва роҳбари мақомоти марбута (хадамоти кадрӣ), байни роҳбар ва комиссияи аттестатсионӣ. Муносибатҳои баррасишавандаро аз рӯйи тавсифи меъёр метавон ба моддӣ ва мурофиавӣ ҷудо кард.

Барои хизматчӣ аттестатсия ин уҳдадорӣ буда, дар як вақт роҳи татбиқи ҳуқуқи худ ба болоравии хизматӣ ҳангоми мавҷуд будани имконият (мансаби холӣ, гирифтани таҳсилоти иловагӣ ва ғайра), ҳамчунин иловапулӣ барои дараҷаи рутбаи тахассусӣ ҳангоми додани он, маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, аттестатсия кафолати корманд ҳангоми аз кор озод шудани ӯ мебошад. Аз мазмуни қонунгузории соҳавӣ бармеояд, ки роҳбари мақомоти дахлдор ҳуқуқ надорад хизматчиро аз рӯйи номувофиқияти ӯ ба вазифаи ишғолнамуда бе гузаронидани аттестатсия аз кор озод кунад.

Аттестатсия ҳамчун муносибат бо қабули қарори ниҳоии комиссияи аттестатсионӣ қатъ мегардад. Аттестатсияшаванда метавонад аз болои қарори комиссияи аттестатсионӣ дар муҳлати як моҳ ба прокурори болоӣ шикоят намояд. Дар сурати бо қарори прокурори болоӣ розӣ набудан, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба суд муроҷиат намояд.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аттестатсияро аз рӯйи асосҳои баргузорӣ ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: Аттестатсияи ибтидоӣ, навбатӣ ва ғайринавбатӣ (пеш аз муҳлат).

Шахсоне, ки бори аввал ба вазифаҳои корманди прокурорӣ таъин шудаанд, аз аттестатсияи ибтидоӣ бо тартиби муайяннамудаи бандҳои 4 ва 5 Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[336] гузаронида мешаванд.

Мутахассисони ҷавон баъди анҷоми муҳлати яксолаи коромӯзӣ аттестатсия карда мешаванд. Дар ҳолатҳои истисноӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ ва бо назардошти натиҷаи кор, сифатҳои шахсӣ, кордонӣ ва касбии мутахассиси ҷавон метавонад муҳлати коромӯзиро то 6 моҳ кӯтоҳ намояд. Баъди аз ҷониби комиссияи аттестатсионӣ ба вазифа муносиб донистани мутахассисони ҷавон дар қарори комиссияи аттестатсионӣ оид ба рутбаи аввалини дараҷавӣ сарфароз гардонидани онҳо ба Прокурори генералӣ пешниҳод манзур карда мешавад. Шахсоне, ки ба вазифаҳои корманди прокурорӣ бори аввал таъин мегарданд ва таҷрибаи кории ҳуқуқӣ доранд, баъди на камтар аз 6 моҳи корӣ аттестатсия карда мешаванд. Баъди аз аттестатсия гузаштан, агар ин корманд рутбаи махсус надошта бошад, дар асоси қарори комиссияи аттестатсионӣ оид ба сарфароз гардонидани ӯ бо рутбаи аввалини дараҷавӣ ба Прокурори генералӣ пешниҳод манзур карда мешавад. Корманди мақомоти прокуратура, ки бори аввал аттестатсия шудааст, савганди корманди прокуратураро ёд мекунад.

Аттестатсияи навбатӣ на камтар аз як маротиба дар панҷ сол гузаронида мешавад.

---

[336] Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 149-157.

Аттестатсияи пеш аз муҳлат (ғайринавбатӣ) дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

– ҳангоми ба вазифаи дигар таъин шудан, агар соҳаи кор тағйир ёбад ё худ прокурор (аз ҷумла, болоӣ) онро лозим донад;

– ҳангоми ба вазифаи баланд пешбарӣ гардидан, агар онро Прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон лозим шуморанд;

– дар ҳолатҳои вазифаҳои хизматии худро ба таври бояду шояд иҷро накардан ва содир намудани кирдорҳои бадномкунанда.

Аттестатсияи ғайринавбатии кормандони прокурорӣ аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад. Аттестатсияи пеш аз муҳлат дар асоси пешниҳод гузаронида мешавад.

Омӯзиши Низомнома ва таҷрибаи баргузории аттестатсияҳои пеш аз муҳлат (ғайринавбатӣ) нишон дод, ки ғайр аз ҳолатҳои дар он дарҷшуда, ки мантиқан ба таври фардӣ баргузор шудани онро нишон медиҳад, вале таҷрибаи баргузории он солҳои 2010 ва 2015 баръаксро собит намуд. Яъне, дар он на ба шакли фардӣ, балки ба шакли гурӯҳӣ кормандони прокурорӣ аз аттестатсияи ғайринавбатӣ гузаронида шудаанд. Бинобар ин, ҳолати наве барои баргузории аттестатсияи пеш аз муҳлати гурӯҳии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне “ҳангоми супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пеш аз муҳлати муқарраршуда гузаронидани аттестатсияи кормандони прокурории мақомот” дар ҷумлаи 2 банди 3 Низомнома ворид карда шавад.

Дар баробари ин, дар тартиби аттестатсияи кормандони прокурорӣ истисно вуҷуд дорад. Аз ҷумла, аттестатсияи кормандоне, ки зиёда аз 25 сол дар мақомоти прокуратура собиқаи корӣ доранд, ба воситаи суҳбат ва баҳо додан ба сифатҳои шахсӣ ва кориашон гузаронида мешавад.

Тибқи талаботи банди 3 Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016, №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо

дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [337] ҳангоми аттестатсиякунонии кадрҳои прокурорӣ диққати асосӣ бояд ба омӯхтани сифатҳои кордонию шахсӣ, сатҳи дониши онҳо, қобилияти онҳо оид ба иҷрои вазифаҳои дар назди мақомоти прокуратура гузошташуда, ҳалли масъалаҳои муҳим, ҷустуҷӯ ва татбиқи шаклҳои самарабахши таъсиррасонии прокурорӣ дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, суботкорона ва мунтазам ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас дода шавад. Бояд ба эътибор гирифт, ки аттестатсиякунонӣ яке аз воситаҳои ҳақиқии тоза намудани мақомоти прокуратура аз кормандони бемасъулият, аз ҷиҳати касбӣ ва маънавӣ номувофиқ гардад.

Истифодаи аттестатсия бештар аз муносибати расмӣ ба баҳодиҳӣ ба сифатҳои корӣ ва шахсии шахси аттестатсияшаванда шаҳодат медиҳад ва баъзан аттестатсия бо ҳуҷҷатҳо табдил меёбад. Ҳамин тариқ, тибқи банди 14 Низомнома аттестатсияи корманди прокуратураро роҳбари бевоситаи ӯ ба истиснои аттестатсияи прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ба прокурорҳои шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва ба онҳо баробаркардашуда, шаҳри Душанбе, нақлиёти Суғд ва Хатлон мутаносибан сардорони раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ ва шуъбаҳои кадрҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон тартиб медиҳанд. Минбаъд аттестатсия ба комиссияи аттестатсионӣ дар муҳлати як моҳ фиристода мешавад.

Дар амалия ҳолатҳои аз ҷониби корманди аттестатсияшавандаи мақомоти прокуратура аз рӯйи ҳуҷҷатҳои намунавӣ (шаблонҳо), ки аз тарафи шуъбаҳои кадрҳои прокуратураҳои боло тайёр карда мешаванд, аттестатсияро аз болои худаш тартиб медиҳад. Дар ин сурат ба сифатҳои корӣ ва шахсии корманд пурра ва ҳаматарафа баҳо додан ғайриимкон аст. Бисёр аз шахсони мутасаддии масъули

[337] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 120-125.

тартиб додани аттестатсия ҳагоми тартиб додани аттестатсия ба кормандони худ таваҷҷуҳи зарурӣ намедиҳанд, яъне фаъолияти онҳоро пурраю ҳаматарафа намеомӯзанд. Дар баробари ин, баъзе прокурорҳо аттестатсияро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини такмили фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо, фароҳам овардани захира барои пешбарӣ, ҳалли масъалаҳои сарфароз гардонидан бо рутбаҳои ибтидоии дараҷавӣ пурра дарк намекунанд. Ҳангоми тартиб додани аттестатсия ба расмиятчигӣ ва хотирбинӣ роҳ дода, кормандоне, ки аз рӯйи сифатҳои кориашон бояд аттестатсия карда нашаванд, аттестатсия тартиб дода, ба комиссияҳои аттестатсионӣ пешниҳод мекунанд.

Ба андешаи мо, қатъиян муқаррар намудани манъи бевоситаи тайёр кардани аттестатсия аз ҷониби худи корманди аттестатсияшаванда ва танҳо пас аз омӯзиши ҳаматарафаю пурра ва таҳлили қаблӣ аз ҷониби роҳбари масъули аттестатсияшаванда тартиб додани аттестатсия, ба объективона баҳо додан ба фаъолияти ӯ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, ба Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” меъёре илова карда шавад, ки шахси мутасаддиро вазифадор кунад, то танҳо пас аз омӯзиши ҳамаҷонибаю пурра ва таҳлили фаъолият ба корманди аттестатсияшаванда мустақиман аттестатсия тартиб дода, иштирок охиронро дар тайёр кардани аттестатсия манъ намояд ва барои вайрон кардани ин талабот ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ кунад.

Салоҳиятнокии комиссияи аттестатсионӣ асоси самаранокии татбиқи расмиёти аттестатсионӣ мебошад. Вобаста ба ин, Розенбаум Ю.А. таъкид мекунад, ки таъсиси комиссияи аттестатсионии мустақил ва баландихтисос шарти муҳимтарини баҳодиҳии босифати хизматчии давлатӣ мебошад. Барои баҳодиҳии холисона ба корманд ҳадди ақал се шарт бояд риоя карда шавад:

– мустақилияти комиссия аз роҳбари мақомоти давлатӣ, ки шахси баҳодиҳанда дар он кор мекунад;

– сатҳи тайёрии касбӣ ва дониши аъзои комиссия нисбат ба шахсони аттестатсияшаванда баланд бошад;

– татбиқи усулҳои илмии баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва шахсии корманд.

Ҳамчунин, муаллиф комилан дуруст қайд мекунад, ки дар низоми баҳодиҳии кадрҳои мақомоти давлатӣ дигаргунии куллӣ ба амал наомадааст[338].

Дар баробари ин, ба андешаи Старилов Ю.Н. – ба аҳамияти ташкили комиссияҳои аттестатсионӣ ва принсипҳои аз ҳама демократӣ дар ташкили он баҳои баланд додан мумкин нест. Дар ҳар ҳолат аттестатсияро роҳбари мақомоти давлатӣ ташкил мекунад, мувофиқан, ӯ бояд комиссияи аттестатсиониро таъсис диҳад [339]. Қарори комиссияи аттестатсиони моҳиятан анҷоми раванди аттестатсионӣ буда, дар он натиҷаи баҳогузорӣ дарҷ карда мешавад. Танҳо пас аз тасдиқи роҳбари мақомот қарори комиссия амалӣ карда мешавад.

Туркова Ю.В. таъкид мекунад, ки ба демократикунонии раванди аттестатсия, ҷалби бештари ҳамхизматони шахси аттестатсияшаванда, тобеони ӯ ба он, зарурати таъмини баҳогузории маҷмуӣ ва воқеӣ, на танҳо ба сифатҳои шахси аттестатсияшаванда, балки ба сифатҳои кори ӯ ва аз ҳама муҳимтар самаранокии он диққат дода шавад[340]. Ба кори хизматчии давлатӣ баҳодиҳӣ намудан ниҳоят душвор аст. Фаъолияти касбии ӯ аз иҷрои вазифаҳои оммавӣ-хизматӣ иборат аст ва то ҳол усулҳои дақиқи таснифи саҳми як корманди мушаххас ба кори умумӣ вуҷуд надоранд. Ба мақсади такмили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ низоми нави нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти онҳоро таҳия ва татбиқ кардан зарур аст. Ҳамзамон, ба инобат гирифтан лозим аст, ки баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчӣ бояд ба мувофиқати ӯ ба талаботи тахассусии вазифаи ишғолнамуда, иштироки ӯ дар ҳалли вазифаҳои ба воҳиди дахлдор вогузошташуда, мураккабии кори ӯ ва самаранокии он асос ёбад. Дониши касбӣ, таҷрибаи корӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ва қобилияти ташкилотчигии ӯ ба назар гирифта шавад. Барои баҳодиҳии холисона ба фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ба ҳайати комиссияҳои аттестатсионӣ дар

[338] Розенбаум Ю.А. Проблемы оценки государственного служащего // Административное право и административный процесс: Старые и новые проблемы (по материалам Лазаревских чтений) // ГиП. – 1998. – №8. – С. 25.

[339] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. – М., 2002. – С. 140.

[340] Туркова Ю.В. Организационно-правовой механизм регулирования федеральной государственной службы России. Дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2003. – С. 143.

баробари намояндагони мақоми давлатӣ, мутахассисони соҳаи кадрҳо ва хадамоти ҳуқуқӣ, инчунин намояндагони муассисаю ташкилотҳои илмӣ, таълимӣ, кумитаи иттифоқи касабаи мақомот ва ғайра низ бояд дохил карда шаванд.

Имкон дорад, ки таҷрибаи татбиқи усулҳои самарабахши баҳодиҳии кадрҳои роҳбарикунанда дар сохторҳои тиҷоратӣ қисман истифода бурда шавад. Масалан, дар баъзе соҳаҳо баҳо додан ба ҳайати роҳбарон аз тарафи гурӯҳи коршиносон, ки аз кормандоне иборат аст, ки нисбат ба шахси аттестатсияшаванда болотар, ё аз ҷиҳати вазифа баробар ва аз ҷумлаи тобеон иборатанд, амал мекунанд. Ҳангоми арзёбӣ ҷадвали холӣ истифода мешавад. Ин низоми баҳодиҳии кадрҳои роҳбарикунанда самараноктарин ҳисобида мешавад.

Барои истифода бурдани усули боло пеш аз ҳама забони ба истилоҳ аттестатсиониро таҳия кардан лозим аст. Пешниҳод шудааст, ки олимони ихтисосҳои гуногун (ҳуқуқшиносон, филологҳо, равоншиносон, мантиқшиносон, менеҷерҳо), инчунин таҷрибаомӯзон муттаҳид карда, луғати касбии сифатҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тартиб дода шавад.

Дар оянда шояд зарурати чунин нашрия дар прокуратура низ пайдо шавад. Дар ин самт гузаронидани тадқиқот ва додани тавсияҳои дахлдор ба таҳияи усулҳои самараноки баҳодиҳии кормандони прокуратура мусоидат мекунад. Аммо бояд ба назар гирифт, ки низоми муқарраршудаи меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура дар маҷмуъ, аз ҷумла, дастгоҳи зинаҳои гуногуни он ба низоми баҳодиҳии фаъолияти прокуратура ва бевосита ба кормандони алоҳидаи он таъсир мерасонад.

Ба ҳайати комиссияҳои аттестатсионӣ шомил кардани коршиносони мустақил як навоварӣ дар қонунгузории соҳа буда, ба баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ, касбияти онҳо, яъне ба сатҳу сифати кадрҳо ва самаранокии фаъолияти комиссияҳо таъсири муфид дорад. Иштироки коршинос ҳангоми аттестатсия салоҳияти комиссияи аттестасиониро васеъ намуда, низоми баҳодиҳиро такмил медиҳад.

Вобаста ба ин, Новиков С.Н. иброз медорад, ки дониши касбии равоншиносӣ барои муайян кардани дурнамои касбии хизматчии давлатии

аттестатсияшаванда, имкони барвақт мутобиқ шудан ба шароити нави меҳнат, ҳайат, барои муайян ва ҳалли баъзе мушкилоте, ки дар чараёни ичрои уҳдадориҳои меҳнатии корманд ба миён меоянд, мусоидат мекунад[341]. Ба ақидаи Братановский С.Н. ва Стрелников В.В., иштироки мутахассис-равоншинос дар аттестатсияи кормандони прокурорӣ имкон медиҳад, ки ба шахсияти корманди мушаххас комплексӣ ва ҳамачониба баҳо дода шавад[342]. Ба андешаи мо, иштироки ҳатмии коршиносон ва равоншиносон дар расмиёти аттестатсия метавонад ба ҳалли ин мушкилот мусоидат намояд. Аммо, ин қонунан муқаррар карда нашудааст. Аз ин рӯ, ба Низомномаи "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйирот даровaрда, ба ҳайати комиссияҳо дохил кардани ин шахсонро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Ҳанӯз мақсади сохтани модели мутахассиси баландихтисос, ки дар асоси он метавон сифатҳои корӣ ва шахсиро ташхис карда, одамонро ба ҷои кор, мансаб, намуди фаъолият муносиб донистан мумкин бошад, нигоҳ дошта мешавад. Саидов Қ.М. нақши аттестатсияи хизматчиёни давлатиро дар баландравии мансабии онҳо бениҳоят муҳим арзёбӣ[343] намудааст. Аз ин рӯ, бояд аттестатсиякунониро яке аз шаклҳои асосии ташкил намудани захираи амалкунандаи кадрҳо барои давра ба давра пешбарӣ намудан ба вазифаҳои баланд ҳисобид.

Дар айни замон, дар мақомоти прокуратура дар мавриди аттестатсиякунонии кормандон як қатор масъалаҳои ҳалталаб аз қабилӣ, дар мавридҳои алоҳида қолабӣ ва бе санҷиши ҳамаҷонибаи пешакӣ тартиб дода шудани аттестатсияҳо, воқеӣ набудани камбудию норасоиҳо дар фаъолияти аттестатсияшаванда, хотирбинӣ ва дастгирӣ аз ҷониби аъзои комиссия, пешакӣ мувофиқа гардидани саволҳои ба аттестатсияшаванда пешниҳодшаванда, фаъол

[341] Новиков С.Н. Этика и психология управления. – М., 2006. – С. 64.
[342] Братановский С.Н., Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 94.
[343] Саидов Қ.М. Аттестатсияи давлатӣ: мафҳум, мақсад ва вазифаҳои он // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвонӣ "Рушди ҳуқуқи маъмурӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" – Душанбе, 2021. – С. 72.

набудани баъзе аъзои комиссияи аттестатсионӣ ва ниҳоят мувофиқат накардани хулоса ба натиҷаҳои баҳодиҳӣ вуҷуд доранд.

Бояд қайд кард, ки муваффақияти амалишавии кор дар самтҳои алоҳидаи кор бо кадрҳо дар мақомоти давлатӣ дар аксар маврид аз самаранокӣ ва таъсирбахшии аттестатсия вобаста аст. Аммо чуноне Ростовтсева Ю.В. одилона қайд мекунад, новобаста аз пешравиҳои дар натиҷаи ислоҳоти хизмати давлатӣ бамиёномада, дар аксар ҳолатҳо зимни аттестатсияҳо камбудиҳои қаблӣ аз қабили расмиятчигӣ, воситаи хориҷ кардани корманди хушнаомада ва ғайра ба назар мерасанд, ки ба ҳадафҳои асосии аттестатсия мухолиф мебошанд[344].

Хулас, таҳлилҳо собит месозанд, ки дар давраи муосир зарурати мукаммал намудани аттестатсия дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми аттестатсия дар мақомоти прокуратура пешбинӣ нашудааст. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки танзими аттестатсия бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номукаммал гардидааст. Гарчанде дар Кодекси меҳнати ҶТ ва Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ”[345] мафҳуми расмии аттестатсия ба мазмуни ба ҳам монанд, ифодаи худро ёфта бошад ҳам, дар ин санадҳо танҳо 2 фарқияти ҷузъӣ ҷой доранд, ки асосан ба субъект алоқа дошта, ба ҷои корманд – хизматчии давлатии маъмурӣ ва ба ҷои вазифа – мансаб оварда шудааст. Дигар ин ки, тибқи қонуни соҳавии хизмати давлатӣ хизматчиёни давлатии сиёсӣ аттестатсия карда намешаванд. Мафҳумҳои дар боло зикршуда фаҳмиши аз ҷониби умум қабулшудаи аттестатсияро дар бар мегиранд ва ҳадафи асосии татбиқи онро пайгирӣ мекунанд. Мазмун ва моҳияти аттестатсия дар принсипҳои аттестатсия равшан мегарданд. Онҳо дар таҷрибаи аттестатсионии мақомоти прокуратура таҳия карда мешаванд. Ташкил ва багузории аттестатсия ба як қартор принсипҳои заминавӣ аз қабили ғайриҳизбӣ, умумӣ, ошкорбаёнӣ, беғаразӣ, коллегиалӣ, баҳодиҳӣ ва тавсиядиҳии асоснок, давравӣ (бонизомӣ), объективӣ,

---

[344] Ростовцева Ю.В. Аттестация государственных гражданских служащих Российской Федерации: правовые и организационные проблемы. Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 5.

[345] Конститутсияи ҶТ (1994), Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

маҷмуӣ ва таъсирбахшӣ асос меёбад. Риояи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки дар ҳадди ниҳоӣ аттестатсия дар идоракунии ҳайати хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар прокуратура истифода гардад. Дар асоси ин принсипҳо, таърифҳо ва ҷамъбасти онҳо метавон гуфт, ки аттестатсияи кормандони прокурорӣ расмиёти муқарраршудаи баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти хизматӣ, савияи дониш, маҳорати касбӣ ва дигар сифатҳои зарурии касбию ахлоқӣ бо мақсади муайян кардани муносиб будани ӯ ба мансаби ишғолкарда, ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда, ҳалли масъалаи додани рутбаи дараҷавӣ, ба мансаби аввала ё рутбаи дараҷавӣ барқарор намудан, ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомот мебошад.

Аз рӯйи ин мафҳум бармеояд, ки аттестатсия расмиёти муқарраршудаи баҳодиҳӣ барои мақсадҳои муайян мебошад, аммо дар Низомнома "Дар бораи аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" санади аз натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаю пурра ва таҳлили фаъолияти корманд чун аттестатсия ном бурда мешавад, ки нофаҳмиҳои зиёдро ба миён меоваранд. Дар Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ[346] ин санад ба унвони "тавсифномаи хизматӣ" ном бурда мешавад. Бинобар ин, баҳри бартараф намудани ин нофаҳмиҳо ва ягонагии истилоҳот номи санади ба корманди прокурорӣ тартиб додашаванда дар матни Низомнома "аттестатсия" ба "тавсифномаи хизматӣ" иваз карда шавад.

[346] Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 30 майи соли 2008 сол, №468 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – С. 201-211.

## § 2.3. Таъминоти моддӣ-иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоии хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчиёни мақомоти давлатӣ, махсусан хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ тибқи қонунгузорӣ тахти ҳимояи хоси давлат қарор доранд. Сатҳи ҳимояи ҳар як хизматчии давлатӣ аз мансаби ишғолкарда, мақоми давлатӣ, ки дар он адои хизмат менамояд, доираи ваколатҳо, мураккабии уҳдадориҳои мансабӣ, реҷаи корӣ ва аҳамияти давлатию ҷамъиятии кори ӯ вобаста аст. Таъминоти моддию иҷтимоӣ, чораҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла, кормандони прокурорӣ бо қонунҳо муқаррар гардида, аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад.

Ба таъминоти моддию иҷтимоӣ ва чораҳои ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоии кормандони прокурорӣ м.м. 56 ва 57 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «кафолат» ва мафҳуми «ҳифзи иҷтимоӣ» низ истифода мешавад. Масалан, Тараканов А. қайд менамояд, ки дар адабиёти илмӣ мафҳуми "ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ", ё "таъминоти иҷтимоӣ" бори нахуст соли 1935 дар ИМА пайдо шудааст. Минбаъд дар кишварҳои Ғарб барои муайян кардани низоми тадбирҳое, ки ҳар як сокини мамлакатро аз буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ бинобар сабаби бекорӣ, талафот ё якбора кам шудани даромад, беморӣ ва таваллуд ҳифз мекунад, паҳн гардид[347].

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" калимаҳои "ҳифз" ва "ҳимоя" бо якчанд маъно тафсир карда шудаанд. Инҳо мутаносибан "нигаҳдорӣ, нигаҳбонӣ, муҳофизат ва ёд кардан, аз бар кардан" ва "нигаҳбонӣ, ҳафозат, мудофиа, пуштибонӣ" мебошад[348] .

Дар "Энсиклопедияи иҷтимоӣ" мафҳуми ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ чунин омадааст: Низоми тадбирҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодии аз ҷониби

---

[347] Тараканов А. Гарантии для государственных служащих: понятие и соотношение с другими категориями // Государственная служба. – 2003. – №1. – С. 127-128.

[348] Назарзода С., Сангинов А., Ҳошим Р., Рауфзода Ҳ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – С. 505, 508.

ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалишавандае, ки ба ошкор, пешгирӣ ва безараргардонии таъсири омилҳои манфӣ (таваккалҳои иҷтимоӣ) ба ҳаёти инсон бо мақсади риояи ҳуқуқҳои ӯ, таъмини шароит ва сатҳи зиндагии арзанда ба ҳар як аъзои ҷамъият равон шудааст. Дар маҷмуъ, ҳимояи ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ маҷмуи чунин тадбирҳоест, ки ба ҳар як фарди ҷомеа, хоҳ кӯдаки маъюб, хоҳ пиронсол ва хоҳ модари танҳо имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои бунёдиро тавассути фароҳам овардани шароити мувофиқи иҷтимоӣ амалӣ намояд[349].

Ҳифзи иҷтимоӣ, ки қисмҳои асосии он дар м.м. 1, 35 ва 39 Конститутсияи ҶТ [350] ифода ёфтаанд, ҷузъҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Унсурҳои асосии ҳифзи иҷтимоӣ дар Конститутсияи ҶТ чунин дарҷ шудаанд, ки Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад ва ҳар шахс ҳангоми беморӣ, бекорӣ, маъюбӣ, дар пиронсолӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад, ифода ёфта, ҷузъи муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.

Ба ақидаи Элбаева Н.А., дар маҷмуъ, метавон ҳифзи иҷтимоиро ҳамчун низоми тадбирҳои иҷтимоӣ арзёбӣ кард, ки ба ҳифзи одамон аз таъсири манфии мухталифи муҳити иҷтимоӣ ба ҳаёти онҳо ва коҳиш додани оқибатҳои он нигаронида шудааст[351].

Глушенко П.П. зери мафҳуми ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқӣ маъмулан маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ, мафкуравӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилоту иттиҳодияҳо, ки тибқи қонун ва санадҳои зерқонунӣ иҷозат додашуда ва манъкарданашудае, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо мақсади татбиқ, барқарор намудан ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон истифода мебаранд, мефаҳмад [352]. Стремоухов А.В.

[349] Энсклопедияи иҷтимоӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.voluntary.ru/termin/ zaschita-socialno-pravovaja.htm (санаи муроҷиат: 25.03.2022).
[350] Конститутсияи ҶТ аз соли 1994. // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[351] Елбаева Н. А. Социальная защита как институт социального государства: сущностные и конституционно-правовые аспекты (на примере Республики Алтай). Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 16.
[352] Глущенко П.П., Корнилова С.А., Петрова Т.В. и др. Социально-правовая защита семьи // Под ред. Седова А.М. – СПб., 1997. – С. 7.

ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқиро ҳифзи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ меҳисобад[353].

Дар хизмати давлатӣ Охотский Е.В. кафолатҳоро чунин шарҳ додааст, ки ин маҷмуи тадбирҳои хусусияти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ва ахлоқӣ-психологӣ мебошанд, ки барои иҷрои самараноки мансаби давлатӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ҷолибияти хизмати давлатиро тақвият дода, устувории вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии хизматчии давлатиро таъмин мекунанд[354]. Лойт Х.Х. ин мафҳумро ҳамчун фаъолияти ҳокимиятию идоракунии мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдор барои муҳайё намудани шароит ҷиҳати татбиқи ҳуқуқҳои худ аз ҷониби кормандон, ҳамчун хизматчиёни давлатӣ бо воситаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ тасниф мекунад[355].

Дар воқеъ, чуноне Семенчуков Д.Д. қайд мекунад, хизмати давлатӣ танҳо дар сурате пурра ба амал бароварда мешавад, ки агар давлат тамоми кафолатҳои пешбининамудаи қонунро ба шахсони мансабдор комилан таъмин намояд[356].

Механизмҳои муайяни ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ дар аввалҳои асри XX коркард ва тасдиқ шуданд. Ба монанди муқаррар шудани заминаи ҳуқуқии таъмини нафақа, ки нисбат ба давраи пешин дар он дигаргунии куллӣ ҷой дошт. Таъмини нафақаи шахсоне, ки дар кор маъюб шудаанд, нигоҳ дошта мешуд, ки дар фарқият нисбат ба давраи пештара ба маъюбон сарфи назар аз вазъи молу мулкии нафақахӯр нафақа дода мешуд ва андозаи он ба вазнинии бемории вобаста буд. Барои касбҳои муайян (кормандони тиб, байторӣ ва судӣ дар деҳот, агрономҳо, муаллимон ва кормандони илмӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, милитсия ва кофтукови ҷиноятӣ) нафақа аз рӯйи собиқаи кор, инчунин (бо собиқаи дахлдори корӣ, аз ҷумла, дар давраи шуравӣ) ҳангоми расидан ба синни соли ниҳоӣ ҷорӣ карда мешуд[357].

---

[353] Стремоухов А.В. Человек и его правовая защита. Теоретические проблемы. – СПб., 1996. – С. 33.
[354] Охотский Е.В. Правовой статус государственного служащего Российской Федерации // Государство и право. – 2003. – №9, – С. 24.
[355] Лойт Х.Х. Государственная кадровая политика в России и ее реализация в органах внутренних дел (исторический и организационно-правовой аспект). Дис. … докт. юрид. наук. – СПб., 1998. – С. 222.
[356] Семенчуков Д.Д. Прокуратура России вчера и сегодня. – М., 2001. – С. 45.
[357] Шамаров В.М. Государственная служба в милиции НКВД РСФСР (становление и развитие организационных и правовых основ). – М., 1999. – С. 41.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз падида ва мафҳумҳои мураккаб ин ҳифзи ҳуқуқи моддӣ-иҷтимоии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ мебошанд. Сарфи назар аз предмети таҳқиқи илмҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ будан, боз таҳлили умумӣ – назариявиро низ талаб мекунад. Пеш аз ҳама илми назарияи давлат ва ҳуқуқ имкон медиҳанд, ки назарияи мукаммали ҳифзи моддӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ таҳия карда шавад. Дар баробари он ба равиши маҳдуди арзёбии мазмун, самтҳои танзими ҳуқуқӣ, кафолатҳо ва асосноккунии пешниҳодҳо оид ба такмили ин фаъолият бо баҳисобгирии сохти унитарии Тоҷикистон роҳ дода нашавад.

Ба истилоҳҳои "ҳифз" ва "ҳимоя" дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои гуногун дода шудаанд. Аз ҷумла, зери ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ - ҳамаи воситаҳое, ки шаҳрвандон воқеан метавонанд тавассути онҳо ҳуқуқҳои субъективии худро амалӣ намоянд ва дар зери ҳимоя бошад, воситаҳое, ки ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон истифода мешаванд[358]. Дар бораи ҳимоя танҳо вақте сухан рондан мумкин аст, ки ҳуқуқу озодиҳо поймол шуда бошанд ва ё хатари воқеии поймолкунии онҳо вуҷуд дошта бошад. Ҳифз бошад ҳам, пешгирӣ аз вайронкунӣ ва ҳам ҳимояи фаъолро дар назар дорад. Ҳимоя ҳамеша нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони мушаххас сурат мегирад, дар ҳоле ки дигар воситаҳои ҳифз, чун қоида, бе назардошти шаҳрвандони мушаххас амалӣ мешаванд[359]. Аз ин бармеояд, ки истилоҳи ҳифз нисбат ба ҳимоя васеъ буда, дар як вақт мазмуни онро то дараҷае дарбар мегирад.

Сергун П.П. истилоҳҳои «ҳифз» ва «ҳимоя»-ро дар доираи тадқиқоти илмӣ баррасӣ карда, ба хулосае омадааст, ки зери истилоҳи «ҳифз» тадбирҳои гуногуни ташкилӣ, пешгирикунанда, ҳимоявӣ, огоҳкунанда фаҳмида мешавад, ки ба фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон равона шудааст[360].

---

[358] Чечот Д.М. Субъективное право и формы его защиты. – Л., 1968. – С. 68.
[359] Новоселов В.И. Теоретические проблемы развития административно-правового положения граждан СССР в современных условиях. Дис. ... докт. юрид. наук. – Саратов, 1979. – С. 212-213.
[360] Сергун П.П. Государственная служба в органах внутренних дел Российской Федерации: состояние и теория развития. – Саратов, 1998. – С. 213.

Мафҳуми расмии ҳифзи давлатӣ дар Қонуни моделӣ «Дар бораи ҳифзи давлатӣ» [361] чунин муайян шудааст: “ҳифзи давлатӣ – вазифаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти объектҳои ҳифзи давлатӣ, ки барои ниёзҳои идоракунии давлатӣ дар асоси маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, муҳофизатӣ, низомӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, техникӣ ва ғайра сурат мегирад”.

Хулас, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ боиси амнияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мегардад. Дар як вақт ҳуқуқҳои асосии корманд ва механизми боэътимоди татбиқи онҳо буда, дар мавриди татбиқи амалӣ ба баланд шудани сатҳи некӯаҳволӣ, роҳати ҳуқуқӣ ва амнияти инсон мусоидат мекунад.

Тавре дар боло зикр намудем, кафолатҳои моддӣ-иҷтимоӣ ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқии кормандони прокурорӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайян, аз ҷумла, дар боби 8, м.м. 56-57 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дарҷ ёфтаанд.

Мутобиқи қ. 1, м. 56 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [362] музди меҳнати кормандони мақомоти прокуратура аз маоши вазифавӣ, иловапулиҳо барои рутбаи тахассусӣ (дараҷавӣ) ва собиқаи хизмат иборат аст. Иловапулӣ барои собиқаи хизмат, ҳамчунин, ба он кормандони мақомоти прокуратура дода мешавад, ки рутбаи тахассусӣ (дараҷавӣ) надоранд. Маоши вазифавӣ, андоза ва тартиби додани иловапулиҳои кормандони мақомоти прокуратураро барои рутбаҳои тахассусӣ (дараҷавӣ) ва собиқаи хизмат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Иловапулиҳо барои рутбаи тахассусӣ (дараҷавӣ) ҳар моҳ дода мешавад ва бо фоиз аз маоши мансабии корманди прокуратура ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

– Мушовири ҳақиқии давлатии адлия – 26 фоиз;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи – 24 фоиз;

---

[361] Модельный закон "О прокуратуре" (принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств - участников СНГ от 16 ноября 2006 г. N 27-6) // Информационный бюллетень Межпарламентской Ассамблеи государств - участников СНГ. – Часть 1. – 2007. – №39. – С. 194.

[362] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2– 22 фоиз;

– Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3– 20 фоиз;

– Мушовири адлияи дараҷаи 1– 18 фоиз;

– Мушовири адлияи дараҷаи 2– 17 фоиз;

– Мушовири адлияи дараҷаи 3– 15 фоиз;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1– 14 фоиз;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2– 12 фоиз;

– Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3– 10 фоиз.

Иловапулӣ барои собиқаи хизмат ҳар моҳ дода шуда, бо фоиз аз маоши мансабӣ ва иловапулиҳо барои рутбаи тахассусӣ (дараҷавӣ)-и корманди прокуратура ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

– аз 1 то 3 сол – 5 фоиз;

– аз 3 то 5 сол – 10 фоиз;

– аз 5 то 10 сола – 15 фоиз;

– аз 10 то 20-сола – 20 фоиз;

– зиёда аз 20 сол – 25 фоиз.

Қобили зикр аст, ки мутобиқи қ. 2, м. 56 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” прокурорҳо, муфаттишон ва аъзои оилаҳои онҳо бо тартибе, ки қонунгузории ҶТ барои хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо муқаррар кардааст, бо нафақа таъмин мешаванд.

Ин тартиб то соли 2015 барои прокурорҳо, муфаттишон ва аъзои оилаҳои онҳо амал менамуд. Баъдан новобаста аз бетағйир мондани меъёри мазкур, он танҳо нисбат ба кормандони прокуратураи ҳарбӣ татбиқ шуда, нисбати кормандони прокуратураи шаҳрвандӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъин ба нафақа бо тартиби умумӣ муайян карда шуд.

Мутобиқи Конститутсияи ҶТ, м. 56 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси меҳнати ҶТ кормандони мақомоти прокуратура ба рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшавандаи давомнокиаш 30 рӯзи тақвимӣ бо пардохтани роҳпулии рафту омад ба ҷои истироҳат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд. Ба

кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон, ки дар маҳалли шароити иқлимиаш душвор ва номусоид кор мекунанд, рухсатии ҳарсолаи иловагӣ мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Дар сурати доштани собиқаи муайяни корӣ рухсатии иловагии пардохтшаванда низ пешбинӣ шудааст:

баъди 5 сол – 3 рӯзи тақвимӣ;

баъди 10 сол – 5 рӯзи тақвимӣ;

баъди 15 сол – 10 рӯзи тақвимӣ;

баъди 20 сол – 15 рӯзи тақвимӣ.

Илова ба ин, ба рухсатии бемузди давомнокиаш на зиёда аз 60 рӯз низ ҳуқуқ доранд. Тибқи қ. 1, м. 116 Кодекси меҳнати ҶТ ба корманд, бинобар вазъи оилавӣ ва дигар сабабҳои узрнок, мутобиқи аризааш рухсатии бемузди меҳнат дода мешавад, ки давомнокии он бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муайян карда мешавад. Узрнок будани сабабҳои дода шудани чунин рухсатиро корфармо баҳо медиҳад, агар дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Мутобиқи м. 114 Кодекси меҳнати ҶТ[363] рухсатии иҷтимоӣ ба корманд барои фаъолияти эҷодӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳубини кӯдак ва таҳсил бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот дода мешавад. Ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Кодекси меҳнати ҶТ махсус пешбинӣ шудааст (масалан, дар ҳолати таваллуди кӯдак, бақайдгирии ақди никоҳ ва ғайра), ин рухсатӣ танҳо бо салоҳдиди роҳбар дода мешавад. Мутаассифона, Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳатто ба мафҳуми умумии рухсатӣ ва дигар ҳолатҳо вобаста ба рухсатии меҳнатӣ меъёреро муайян намекунад. Ҳамон асосҳое, ки дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва Кодекси меҳнати ҶТ муқаррар шудаанд бо назардошти имтиёзҳои дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинишуда, комилан нисбат ба корманди прокурорӣ низ мавриди татбиқ қарор мегирад. Илова

[363] Кодекси меҳнати ҶТ аз 23.07.2016 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

бар ин, ба таври қонунӣ муқаррар карда нашудааст, ки дар кадом ҳолат роҳбари мақомоти прокуратура, ки ҳуқуқи додани рухсатиро дорад, вазифадор аст, ки чунин рухсатиро диҳад ё ӯ бояд ин масъаларо бо назардошти ҳолатҳои мушаххас ҳал намояд ва ё рад намояд. Ҳамин тариқ, надодани чунин рухсатӣ ба прокуроре, ки ба нигоҳубини аъзои вазнини оила ниёз дорад (агар дигари аъзои оила барои нигоҳубини ӯ қобилият надошта бошад) метавонад боиси оқибатҳои манфӣ гардад.

Бинобар ин, зарур мешуморем, ки номгӯи сабабҳои узрноке, ки дар натиҷаи онҳо рухсатии бемузд дода мешаванд, тартиб дода, давомияти рухсатӣ барои ҳар яки онҳо мушаххас карда шавад. Инчунин ҳолатҳоеро низ дақиқ муқаррар кардан лозим аст, ки роҳбари мақомоти прокуратура вазифадор аст, рухсатии бемуздро дар муҳлати мушаххас диҳад.

Мутобиқи қ.қ. 5-6, м. 56 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [364] прокурорҳо ва муфаттишон ҳуқуқ доранд ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нақлиёти ҷамъиятии шаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва ноҳиявӣ (ба истисноӣ таксӣ), кормандони прокуратураҳои нақлиётӣ бошанд, дар доираи минтақаҳои хизматӣ аз нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ, новобаста аз тобеияти идоравӣ, ба таври ройгон истифода намоянд. Тартиби пӯшонидани хароҷот барои истифодаи ройгон аз хизматрасонии нақлиётиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Ҳангоми ба сафари хизматӣ баромадан онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар меҳмонхонаҳо ҷой брон кунанд, бе навбат ҷой гиранд ва барои тамоми навъҳои нақлиёт бе навбат чипта гиранд.

Мутобиқи м. 65 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[365] таъминоти молиявӣ ва моддию техникии мақомоти прокуратура аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ сурат мегирад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ агар лозим донанд, барои

---

[364] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.
[365] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

таъмири биноҳои прокуратура, ҷиҳозонии техникии он аз ҳисоби маблағи буҷети маҳаллӣ ёрӣ мерасонанд. Тартиб ва меъёрҳои таъминоти моддию техникии мақомоти прокуратураро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти прокуратура аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки мақомоти прокуратураи дар ҳудудашон ҷойгиршударо бо биноҳои муносиби хизматӣ таъмин кунанд. Мақомоти прокуратура аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби марказонидашуда аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ бо нақлиёт ва воситаҳои техникӣ таъмин карда мешаванд. Муҳофизати биноҳо ва амволи прокуратура ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ гузошта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи таъминоти моддию техникии фаъолияти мақомоти прокуратура дар шароити кунунӣ ба беҳбудӣ ниёз дорад ва қонунгузор бояд ба ин масъала эътибори зарурӣ диҳад. Дар асри технологияҳои иттилоотӣ, компютеркунонии кори мақомоти давлатӣ, прокуратураҳои ҳамаи сатҳҳо ба таҷҳизоти компютерии баландсифати пуриқтидор ниёз доранд. Бо вуҷуди ин, хариди таҷҳизотҳои техникӣ (компютерҳо, сканерҳо, принтерҳо, дастгоҳи нусхабардорӣ) дар прокуратура ба таври мутамарказ сурат мегирад. Зеро маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ сурат мегирад.

Мушкилии навбатӣ, ки ба фикри мо, бояд ба он диққат дод, бо манзил истиқоматӣ таъмин намудани кормандони прокуратура мебошад. Мутобиқи м. 56 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[366] мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ба прокурорҳо ва муфаттишони ба вазифа таъиншуда, ҳамчунин ба эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзилӣ ба шакли ҳуҷраи алоҳида аз хонаи фонди давлатӣ ё фонди дигари манзилӣ дар навбати аввал, вале на дертар аз 6 моҳ, новобаста аз муддати дар ҳамин маҳалли аҳолинишин зиндагӣ карданашон,

---

[366] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

манзили истиқоматии хизматӣ диҳанд. Прокурорҳо ва муфаттишон ба масоҳати иловагии манзил ҳуқуқ доранд. Прокурорҳо ва муфаттишон то ба онҳо аз рӯйи тартиби муқарраршуда барои зиндагонии доимӣ додани хонаи истиқоматӣ барои ҷуброни пули иҷораи хонаҳои истиқоматӣ ҳуқуқ доранд. Бо ризоияти прокурорҳо ва муфаттишон ба онҳо ба ҷои хонаи истиқоматӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ қарзи бефоиз барои харидан ё сохтани манзил дода мешавад.

Ба прокурорҳо ва муфаттишон ва аъзои оилаи бо онҳо ҳамроҳ зиндагикунанда дар хонаҳои фонди давлатӣ ва фонди дигари манзилӣ, аз ҷумла, онҳое, ки дар хонаҳои хусусикардашуда зиндагӣ мекунанд, хонапулӣ ва пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ (ба истиснои барқ ва газ), пули телефон, новобаста аз навъи фонди манзилӣ 50 фоиз кам карда мешавад.

Дар хонаҳои истиқоматие, ки прокурорҳо ва муфаттишҳо зиндагӣ мекунанд, бе навбат телефон гузаронида мешавад. Аз рӯйи ҳамин тартиб дар муассисаҳои томактабии бачагона, мактаб-интернатҳо, муассисаҳои табобатии тобистона барои фарзандони прокурорҳо ва муфаттишон ҷой муҳайё карда мешавад.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2012, №288 «Дар бораи беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ»[367] мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо мутаносибан вазифадор карда шудаанд, ки сохтмони биноҳои истиқоматии хизматиро ба роҳ монда, ҳангоми таҳияи дурнамои хароҷоти сармоягузориҳои асосии мутамарказии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда барои соли навбатии молиявӣ масъалаи қабул намудани дархостҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба сохтмони иншооти истиқоматии хизматӣ барои хизматчиёни давлатӣ баррасӣ ва оид ба ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил ба хизматчиёни давлатӣ чораҳои зарурӣ

---

[367] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 майи соли 2012, №288 «Дар бораи беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ» // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

андешанд. Илова ба ин, бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 майи соли 2008, №272 “Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ”[368], тартиб ва шартҳои додани қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ ва тартиби баргардонидани онро муайян менамояд.

Бо манзил таъмин кардани кормандони прокурорӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳанӯз ҳам ба таври мусбат ҳал нагардидааст. Мутобиқи Кодекси манзили ҶТ, таъмини афзалиятноки манзил ба кормандони прокурорӣ пешбинӣ нашудааст. Тартиби қонунии бо манзилҳои истиқоматӣ таъмин шудани кормандони мақомоти прокуратура ҳанӯз пурра муқаррар карда нашудааст. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ кормандони ҷавон ва навтаъиншуда, инчунин дигар кормандони прокуратураро, ки ба беҳтар намудани шароити манзилашон эҳтиёҷ доранд, бо манзили истиқоматӣ таъмин намекунанд. Инчунин, бинобар хароҷоти калони молиявӣ айни замон ин кор чандон имконпазир нест. Дар робита ба ин, метавон якчанд роҳи ҳалли ин масъаларо пешниҳод кард:

– аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ биноҳо (манзилҳо)-и алоҳидаи истиқоматӣ бунёд ва ба мақомоти прокуратура вобаста карда шаванд;

– барномаи гирифтани манзили «хизматӣ» барои кормандони прокуратура, ки моликияти мақомоти Прокуратура Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд, таҳия ва татбиқ кардан шавад;

– барномаи қарздиҳии ипотека барои кормандони мақомоти прокуратура таҳия карда шавад;

– дар шаҳрҳои калон хонаҳои «идоравӣ» сохта шаванд, ки дар онҳо прокурорҳо ва аъзои оилаҳои онҳо истиқомат кунанд;

– дар шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳое, ки сохтмони манзилҳои баландошёна пеш бурда мешавад, бо асосҳои имтиёзнок барои прокурорҳо ҳуҷраҳои истиқоматӣ пешбинӣ карда шавад;

---

[368] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 майи соли 2008, №272 “Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ” // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

– ҳуҷраҳо бояд дар биноҳои ободу зебои дорои тамоми шароитҳои зарурӣ ва дар маҳалҳо ва шаҳракҳои аҳолинишин то ҳадди имкон наздик ба ҷои кор ҷойгир бошанд;

– таъмири ҷорӣ ва асосии ин манзилҳои хизматӣ бояд аз ҳисоби соҳиби он анҷом дода шавад;

– бастани шартномаи иҷораи иҷтимоӣ бо соҳибмулкон;

– пардохти маблағҳои иҷораи манзили истиқоматӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ба кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба хусусигардонии хонаҳои истиқоматии хизматӣ ва умумӣ, ки ба кормандони мақомоти прокуратура дода шудааст, роҳ дода нашавад.

Аз ҷиҳати ташкилӣ ин масъаларо чунин ҳал кардан мумкин аст. Қабл аз ҳама тавассути кумитаҳои ибтидоии иттифоқҳои касабаи кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи шахсони эҳтиёҷманд ба манзил ва шахсони беҳтар намудани шароити манзилӣ муайян карда шуда, баъдан бо дарназардошти арзиши манзилҳои истиқоматӣ, имкониятҳои сохтмони манзил ва қарзҳои ипотекӣ ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо оид ба ҳалли мушкилоти манзилӣ пешниҳод карда шавад.

Тавре дар боло қайд намудем, прокурорҳо ва муфаттишон то ба онҳо аз рӯйи тартиби муқарраршуда барои зиндагонии доимӣ додани хонаи истиқоматӣ барои ҷуброни пули иҷораи хонаҳои истиқоматӣ ҳуқуқ доранд. Бо ризоияти прокурорҳо ва муфаттишон ба онҳо ба ҷои хонаи истиқоматӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ қарзи бефоиз барои харидан ё сохтани манзил дода мешавад. Ба фикри мо, ин меъёрҳо як роҳи ба таври қонунӣ ҳал намудани мушкилии манзилии кормандони мақомоти прокуратура мебошад, гарчанде ин вазъи иҷтимоию ҳуқуқии корманди прокуратураро пурра кафолат дода наметавонад. Новобаста аз ин, то ба имрӯз механизми амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо комил намебошад.

Ёрии тиббӣ ба кормандони прокуроре, ки нафақа мегиранд ва аъзои оилаи онҳо, инчунин падару модарон, зану шавҳар ва фарзандони ноболиғи прокурорҳои фавтида (ҳалокшуда) дар муассисаҳои тиббие, ки онҳо ба қайд гирифта шудаанд, расонида мешавад.

Хусусияти фаъолияти прокурорҳо, муфаттишҳо ва дигар гурӯҳи кормандони прокурорӣ дар мубориза ба зидди ҷиноят ва дигар қонунвайронкуниҳо, шароити хизмати онҳо бештар ба хавфҳо ба ҳаёт ва саломатӣ алоқаманд мебошад. Мунокишаҳои доимӣ дар кори ошкор ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкорон, ки қонун муқаррар кардааст (аз ҷумла, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ), дигар шароитҳо чораҳои иловагии кафолат ва таъмини ҳифзи онҳоро тақозо мекунад[369].

Мутобиқи м. 57 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [370] прокурорҳо ва муфаттишҳо намояндагони ҳокимияти давлатӣ буда, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Хешовандони наздики онҳо, дар мавридҳои истисноӣ бошад, шахсони дигар, ки ба ҳаёт ва саломатиашон ба мақсади монеъ шудан ба фаъолияти қонунии прокурорҳо ва муфаттишон қасд карда мешавад, ҳамчунин моликияти онҳо таҳти чунин ҳимоя қарор доранд. Тартиб ва шароити ба амал баровардани ҳимояи давлатии прокурорҳо ва муфаттишонро қонун муайян мекунад, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ин маврид ҳимояи танҳо прокурор-айбдоркунандаи давлатӣ ва муфаттишон қонунан муқаррар карда шуда, дигар кормандони фаврӣ, ки вазифаҳои таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлатро иҷро мекунанд, инчунин корманди техникӣ мебошанд, ки аз доираи амали қонуни мазур берун мондаанд. Мутахассисон, котибон, ронандагон ва дигар кормандони техникӣ бинобар иҷрои вазифаи хизматиашон ба ҳуҷуми ҷинояткорона ва фишори шахсони майли амалҳои зиддиҷамъиятӣ дошта дучор шуда метавонанд. Бо дарназардошти ин зарур мешуморем, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид карда, ба рӯйхати шахсони таҳти ҳимояи махсуси давлат

[369] Настольная книга прокурора // Под ред. Герасимов С.И. – М., 2002. – С. 136.
[370] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

қарордошта комилан тамоми кормандони прокуратура, сарфи назар аз мансабашон, дохил карда шавад.

Мутаассифона, мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хадамоти таъмини бехатарии худ ва ҳифзи ҷисмонии кормандонашро надорад, вобаста ба ин мебоист таҷрибаи дигар давлатҳо, аз ҷумла, Прокуратураи ФР-ро роҳандозӣ намуд. Дар шароити муосир мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хадамот беш аз пеш ниёз дорад. Ҳадафи он на танҳо таъмини амнияти кормандон, балки муқовимат ба коррупсия ва дигар қонунвайронуниҳо дар низоми мақомоти прокуратура низ шуда метавонад. Ба андешаи мо, ташкил ва фаъолияти чунин хадамоти амниятӣ дар прокуратура бояд дар сатҳи қонун ва низомнома, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, танзим шавад.

Прокурорҳо ва муфаттишон, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон ҳалок шудаанд, ҳамчунин прокурорҳо ва муфаттишони аз хизмат ҷавобшудае, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон дар натиҷаи ҷароҳати ҷисмонӣ гирифтан ё ба саломатиашон расонидани зиёни дигар вафот кардаанд, аз ҳисоби маблағе дафн карда мешаванд, ки барои бо пул таъмин кардани мақомоти прокуратура ҷудо карда шудааст.

Дар сурати вафоти прокурорҳо ва муфаттишон ба ворисонашон дар ҳаҷми музди меҳнати панҷмоҳа кумакпулии якдафъаина дода мешавад.

Прокурорҳо ва муфаттишон аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳаҷми 8-каратаи музди миёнаи якмоҳаашон ҳатман суғуртаи шахсии давлатӣ карда мешаванд. Мақомоти суғуртаи давлатӣ маблағи суғуртаро дар мавридҳои муайян медиҳанд.

Мутобиқи қ.қ. 7-8, м. 57 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [371] агар ба прокурор ё муфаттиш ба иртиботи фаъолияти хизматиашон ҷароҳати ҷисмонӣ ё ба саломатиашон зарари дигаре расонида шавад, ки минбаъд бо фаъолияти касбӣ машғул шудани онҳоро

[371] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

ғайриимкон мегардонад, барояшон ҳар моҳ фарқи байни музди миёнаи якмоҳа ва нафақаи ба ҳамин муносибат таъиншуда, бидуни ба ҳисоб гирифтани маблағи пардохт, ки аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии шахсии давлатӣ гирифта шудааст, ҷубронпулӣ дода мешавад.

Агар прокурор ё муфаттиш вобаста ба фаъолияти хизматиашон ҳалок шаванд (вафот кунанд), дар натиҷаи вобаста ба фаъолияти хизматӣ ба онҳо ҷароҳати ҷисмонӣ ё ба саломатиашон зарари дигар расонидан вафот кунанд, ба аъзои ғайри қобили меҳнати оилае, ки дар таъминоти онҳо мебошанд, фарқи байни ҳиссаи барояшон баробаршавандаи қисми музди миёнаи меҳнати ҳалокшуда (вафоткарда) ва нафақаи бинобар гум кардани саробон барояшон таъиншуда, бидуни ба ҳисоб гирифтани маблағи пардохт, ки аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии давлатӣ гирифта шудааст, ҳар моҳ ҷубронпулӣ дода мешавад. Барои муайян кардани ин қисми музди миёнаи меҳнати ҳалокшуда (вафоткарда) ба шумораи аъзои оилаи дар таъминоташбуда, аз ҷумла, аъзои қобили меҳнат тақсим карда мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳамчун кафолати иҷтимоӣ ба ғайр аз пардохтҳои пулӣ уҳдадориҳои манзилиро низ муқаррар кардааст. Ҳамин тариқ, мутобиқи қ. 9, м. 57 Қонуни конститутсионӣ [372] барои оилаи ҳалокшуда (вафоткарда) ҳуқуқи гирифтани манзили ободи истиқоматӣ бо шарту асосҳое, ки то лаҳзаи ҳалок шудани (вафот кардани) прокурор ё муфаттиш ҷой доштанд, нигоҳ дошта мешавад.

Зараре, ки аз несту нобуд ё хароб кардани амволи прокурор ё муфаттиш ё ин ки амволи аъзои оилаи онҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон расидааст, дар ҳаҷми пурра, аз ҷумла, фоидаи аздастрафта бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷуброн мегардад.

Асос барои надодани суғуртапулӣ ва ҷубронпулии дар ҳамин модда пешбинишуда фақат ҳукм ё қарори суд нисбати шахсе шуда метавонад, ки ба

[372] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

ҳалокшавии (вафот кардани) прокурор ё муфаттиш, ба онҳо расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё нобуду хароб кардани амволи ба онҳо тааллуқдошта айбдор дониста шудааст ва мувофиқи қарори дахлдор муқаррар шудааст, ки ин ҳодиса ба иҷрои вазифаи хизматиашон вобастагӣ надорад

Ҳамин тариқ, кафолатҳои иҷтимоие, ки барои кормандони прокурорӣ, пешбинӣ карда шудаанд ва баъзеи онҳо бинобар нокифоягии имкониятҳои молиявии буҷети давлатӣ боздошта шудаанд, бояд аз нав баррасӣ карда шаванд. Зеро, тибқи муқаррароти амалкунанда, ба кормандони прокурории собиқаи зиёди коридошта, гарчанде ки нафақаашон ба андозаи 80-90 фоизи музди меҳнаташон таъин гардад ҳам, ба онҳо (ба истисное кормандони прокуратураи ҳарбӣ) на бештар аз ҳадди ниҳоии нафақаи умумӣ пардохт мешавад ва аз ин низом аксари нафақагирандагони солҳои тулонӣ дар хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ содиқонаю бенуқсон хизматкарда, нигаронкунанда мебошад.

Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки мониторинги чунин категорияҳои нафақахӯронро гузаронида, бо роҳи азнавҳисобкунӣ (индексатсия) нафақаҳои онҳо нисбатан зиёдтар карда шавад. Чуноне ки қаблан зикр гардид, хизмат дар мақомоти прокуратура бисёр мушкилоти худро дорад ва хизматчиёни бовиҷдони дар давраи фаъолияти хеш баҳри ҳаллу фасли бисёр муаммоҳои халқу давлат саҳм гузошта, дар овони пиронсолии худ ба дастгириҳои иҷтимоии давлат ниёз доранд. Дар навбати худ, дастгириҳои иҷтимоию маънавӣ нисбати собиқадорони меҳнат, кадрҳои ҷавонро ба меҳнати содиқонаю ватанпарастона, ҳалолкорию боинсофӣ ва адолатпешагӣ ҳидоят намуда, ин тадбирҳо боиси ҳарчи тезтар ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии давлат ва таъмин намудани шароити зиндагии арзандаи онҳо хоҳад шуд.

## § 2.4. Асосҳои ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳавасмандгардонӣ дар радифи дигар воситаҳои ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, воситаи муҳимми тарбияи хизматчиёни давлатӣ ва мустаҳкам намудани интизоми хизматӣ мебошад. Зеро ҳавасмандкунӣ – эътирофи оммавии хизматҳои шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ё вазифаи ҷамъиятӣ буда, дар диспозитсияи меъёр ифода ёфтааст. Барои ҳавасмандкунӣ амалҳо ва рафторе асос шуда метавонад, ки дар меъёри ҳуқуқӣ- маъмурӣ нишон дода шудаанд[373].

Ба ақидаи Макарейко Н.В., ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ ин чораҳои дорои хусусияти моддӣ, маънавӣ ва оинномавии нисбати хизматчии давлатӣ татбиқшаванда ҳангоми баҳогузории мусбат ба фаъолияти ӯ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти муваффақи минбаъдаи ӯ мебошад[374]. Ин ҷо андешаи Белский К.С. оид ба моҳияти ҳавасмандкунӣ хело ҷолиб буда, ӯ ҳавасмандкуниро ҳамчун навъи махсуси «фишор”-и идоракунӣ дониста, дуруст баён кардааст, ки он чунон таъсири давлатие мебошад, ки тобеъ намекунад, балки ба таври мушаххас иродаи одамро ба амалҳое равона мекунад, ки ба манфиати ҳайати кормандон ва ҷомеа муфид мебошад[375].

Новобаста аз зурурияти равшани муайян кардани мафҳуми ҳамаҷонибаи ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ то ба ҳол на қонунгузории миллӣ ва на илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми ҳамаҷониба дарбаргирандаи «ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ»-ро муқаррар накардаанд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳавасмандкуниро як навъ воситаи рушди фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқии шахс баррасӣ мекунанд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардида, дар раванди татбиқи ҳуқуқ амал мекунад[376].

---

373 Административное право: учебник для вузов // Под общей ред. Зубача А.В. – М.: Юрайт, 2020. – С. 55.

374 Макарейко Н.В. Административное право: учебное пособие для вузов 11-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2020. – С. 121.

375 Бельский К.С. Персональная ответственность в советском государственном управлении (понятие, формы, факторы укрепления). – М., 1988. – С. 90.

376 Гущина Н.А. Поощрение в праве: теоретико-правовое исследование. Автореф. дис. ... докт. юрид. наук. – С.Пб, 2004. – С. 8.

Дар хизмати давлатӣ бошад, мафҳуми зерин: «Ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ шакли меъёрии муқарраршуда ё амалан истифодашавандаи эътирофи хизмати шахсии хизматчии давлатӣ аз ҷониби ҳокимияти оммавӣ мебошад, ки дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофӣ аз ҷониби мақомоти давлатии салоҳиятдор ё шахси мансабдори он бо баровардани санади ҳуқуқии шакли муқарраршуда ё бо иҷрои дигар амалҳое, ки ба хизматчии давлатии ҳавасмандшаванда бартариҳои моддию (ё) маънавӣ меорад" истифода мешавад»[377].

Ба андешаи Малко А.В., дар соҳаи хизмати давлатӣ, сиёсати ҳавасмандгардонӣ бо истифодаи усули ҳавасмандгардонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои хизмати давлатӣ, бо васеъ намудани доираи таъсири ҳавасмандкунӣ-ҳуқуқӣ дар асоси майли хизматчиёни давлатӣ ба рафтори шоиста, инчунин бо ҷустуҷӯи намудҳои нави ҳавасмандгардонӣ ва такмили намудҳои мавҷудаи он алоқаманд аст[378]. Чуноне таҷриба нишон медиҳад, қонунгузор ва шахсони мансабдори ваколатдор дар мавриди васеъ намудани доираи таъсири ҳавасмандкунӣ-ҳуқуқӣ ва ҷустуҷӯи намудҳои нави ҳавасмандгардонӣ, инчунин такмили намудҳои мавҷудаи он чандон фаъол намебошад. Зеро он номгӯи чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ, ки дар замони истиқлолияти давлатӣ барои кормандони прокурорӣ муайян шудаанд, тули қариб 26 сол бе таҷдиди назар амал менамоянд.

Ба ақидаи Братановский С.Н. ва Стрелников В.В., дилхоҳ давлат маҷмуи чораҳои ҳавасмандкуниро ҳамчун воситаҳои таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ дорад. Таҳия ва татбиқи онҳо ҳамеша ба принсипҳое асос мегардад, ки бештар аз дидгоҳи омма ҷавобгӯи мушкилии эътирофшуда, ки дар давраи муайяни таърихӣ вуҷуд доранд. Новобаста аз ин давлат мунтазам ба такмили низоми чораҳои ҳавасмандгардонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Аз ин рӯ, принсипҳои татбиқи чораҳои ҳавасмандкуниро ба чор гурӯҳ тақсим намудаанд, ки

---

[377] Гришковец А.А. Поощрение государственных служащих: правовые основы и практика применения // Право и политика. – 2002. – №1. – С. 32.
[378] Малько А.В., Типикина Е.В. Поощрительная правовая политика в сфере государственной службы: проблемы оптимизации // Современное право. – 2012. – №7. – С. 71.

инҳо принсипи шоистагии шахсӣ, принсипи ба ҳам пайвастани ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддӣ, принсипи суроғавӣ ва принсипи ҳатмигии мукофотонидани шахсони арзанда, ки ба талаботҳои муқарраршуда мувофиқанд[379].

Соколов А.Ю. ҳавасмандкуниро тадбирҳои нисбат ба хизматчии давлатӣ ҳангоми баҳогузории мусбат ба фаъолияти ӯ татбиқшавандае медонад, ки барои ҳавасмандии иҷрои бомуваффақияти минбаъдаи фаъолияти хизматӣ, иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар сатҳи баланди касбӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба меҳнат мебошад[380].

Ноздрачёв А.Ф. ҳавасмандгардониро ҳамчун тадбирҳои хусусияти маънавию моддидоштае мефаҳмад, ки бо эътирофи оммавии хизматҳо ва таъмини шаъну шарафи ҷамъиятии хизматчиёни давлатӣ барои иҷрои бомуваффақият ва софдилонаи вазифаҳои хизматӣ ва натиҷаҳои дар хизмати давлатӣ бадастовардашуда алоқаманд аст[381].

Илова ба ин, ҳавасмандагардониро эътирофи оммавии хизматҳо, қадрдонӣ кардани ҳам хизматчии давлатӣ (мунисипалӣ)-и алоҳида ва ҳам коллективи хизматчиёни давлатӣ (мунисипалӣ) дар шакли қонунан муқарраршудаи намудҳои ҳавасмандгардонӣ, имтиёзҳо ва бартариҳо медонанд[382].

Шкатулла В.И. ҳавасмандкуниро ҳамчун санксияи мусбат, андозаи қобили шоистагӣ, чун қоида, эътирофи оммавии хизматҳо, фарқият ва муваффақиятҳои кадрҳо дар ин ё он намуди фаъолият, ки ҳамчун усули назорати иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ, воситаи таъсиррасонӣ ба субъектҳо, манфиатҳо, мақсадҳо ва дигар ангезаҳои онҳо, ки талаботҳои мусбату бартарии эътирофшудаи рафторро мустаҳкам мекунад, меҳисобад[383].

---

379 Братановский С.Н., Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 117.

380 Соколов А.Ю. Административное право РФ: учебник для бакалавров. – М.: Норма, 2018. – С. 143.

381 Ноздрачев А.Ф. Государственная служба: учебник для подготовки государственных служащих. – М.: Статут, 1999. – С. 373.

382 Государственная и муниципальная служба: учебник для вузов // Под общей редакцией Охотского Е.В. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2020. – С. 405.

383 Настольная книга государственного служащего // Отв. ред. В.И. Шкатулла. – М., 1999. – С. 189.

Дар илми ҳуқуқ барои тасниф намудани чораҳои ҳавасмандкунӣ, ки нисбати хизматчиёни давлатӣ татбиқ карда мешаванд кӯшишҳои дигар низ сурат гирифтаанд. Масалан, профессор Белский К. се гурӯҳи ҳавасмандкуниро пешниҳод мекунад, ки инҳо маънавӣ, моддӣ ва ташкилӣ мебошад[384]. Маънавӣ, яъне бо ифтихорнома мукофотонидан, ба Китоби фахрӣ ва лавҳаи фахрӣ дохил кардан, раҳматнома эълон кардан, ордену медалҳо супурдан, унвонҳои фахрӣ додан. Моддӣ бошад, ин бо мукофотпулӣ, тухфаҳои қиматбаҳо мебошад. Ниҳоят ташкилӣ, ки ин пешбарӣ аз рӯйи хизмат мебошад.

Гузашта аз ин, дар амалияи дастгоҳи давлатӣ аксар вақт ҳавасмандкунӣ ба таври ғайрирасмӣ сурат мегирад. Ғайрирасмӣ, яъне чораҳое ҳавасмандие татбиқ карда мешаванд, ки дар қонунгузори пешбинӣ ва тартиби он муайян карда нашудааст, вале дар асл васеъ истифода мешавад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки роҳбарият ба беҳтарин коргарон утоқи алоҳида, таҷҳизоти нав, мебел, автомашинаи хизматӣ ё вобаста ба шароит ва характери кор дигар имтиёзҳо пешниҳод карда, бо ин коргарони худро ҳавасманд мегардонад. Дар ҳолатҳои алоҳида, ҳавасмандгардонии ғайрирасмӣ назар ба расмӣ самарабахштар буда метавонад. Аммо аз ҷониби Белский К. ин ҳолатҳо дар мавриди гурӯҳбандии ҳавасмандгардони ба инобат гирифта нашуда, боиси нокомил будани он гардидааст.

Гришковетс А.А. аз рӯйи тартиботи бамиёномадаи ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ ду гурӯҳи ҳавасмандкуниро ҷудо кардааст, ки инҳо расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошанд[385]. Расмӣ, яъне ба таври меъёрӣ дар қонунгузорӣ ҳамчун чораҳои ҳавасмандгардонӣ мустаҳкам шудаанд. Ғайрирасмӣ бошад, яъне ҳарчанд дар қонунгузорӣ ба ҳайси чораҳои ҳавасмандгардонӣ ном бурда нашуда бошад ҳам, вале аз рӯйи хусусият, мазмун, мақсад ва маънои худ чунинанд ва амалан дар хизмати давлатӣ васеъ истифода мешаванд. Оид ба тартиби ғайрирасмӣ ва чораҳои эҳтимолии он дар боло ибрози андеша намудем.

---

[384] Бельский К.С. Персональная ответственность в советском государственном управлении (понятие, формы, факторы укрепления). – М., 1988. – С. 92.
[385] Гришковец А. А. Правовое регулирование государственной гражданской службы в Российской Федерации. – М., 2003. – С. 174.

Илова ба ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ асосҳои татбиқи чораҳои ҳавасмандкуниро низ ҷудо мекунанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ онро ба ду намуд, аз қабили меъёрӣ ва воқеӣ ҷудо мекунанд. Асоси меъёрӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида, чораҳои ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатиро пешбинӣ мекунад. Асоси воқеии татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ амали қонунӣ ё фаъолияти қонунии хизматчиёни давлатӣ мебошад.

Липитсикий Д.А. ислоҳоти асоси меъёриро ба асоси расмӣ иваз намуда, иброз медорад, ки он дар қонунҳои федералӣ, фармонҳои Президенти ФР, қонунҳои субъектҳои федератсия, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои ҳуқуқии маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд, аммо асоси воқеии татбиқи чораҳои ҳавасмандкунӣ рафтори қонунии хизматчии давлатӣ мебошад[386] .

Ҳамин тариқ, ҳавасмандагардонӣ воситаи муҳимми баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва шавқмандгардонии кормандан ба кор, инчунин усули пешгирии коррупсия дар мақомот (тариқи моддӣ) мебошад. Аз ин сабаб ҳавасмандагардонӣ дар фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирад. Маъмулан чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар арафаи рӯзҳои ид ва ба муносибати он нисбат ба хизматчиёни давлатӣ татбиқ карда мешавад.

Дар асоси Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[387] ва тибқи Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, барои муваффақиятҳои хизматии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд як қатор чораҳои ҳавасмандгардонӣ муқаррар карда шудааст.

---

[386] Липитсикий Д.А. Понятие и основания поощрения государственных служащих // Административное и муниципальное право. – 2017. – №4. – С. 20-37.
[387] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

Барои ба чораҳои ҳавасмандгардонӣ лоиқ шудан, кормандони мақомоти прокуратураро зарур аст, ки иҷрои бечунучарои вазифаи хизматии худро таъмин карда, ба мазмуни супоришҳои дода шуда хуб сарфаҳм рафта, дониш ва маҳорати касбии худро бо мақсади беҳтар иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ вобаста ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ такмил диҳанд.

Номгӯи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби татбиқи онҳоро Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд[388], ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, муқаррар кардааст.

Тибқи б.б. 3 ва 4 Низомномаи мазкур барои ба таври намунавӣ иҷро кардани вазифаи хизматӣ, ташаббусу фаъолиятнокӣ зоҳир намудан ва дигар хизматҳои шоёне, ки ба пурзӯр гардидани назоратӣ прокурорӣ, ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо, таҳкими қонуният мусоидат мекунанд, кормандони прокурории рутбаҳои дараҷавӣ дошта, бо чораҳои зерин ҳавасманд ва мукофотонида мешаванд:

– раҳматнома;

– мукофотпулӣ;

– туҳфа;

– туҳфаи қимматбаҳо;

– баланд бардоштани рутбаи дараҷавӣ;

– бо Ифтихорномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикисгон сарфароз гардонидан;

– ҷой додани сурати корманд дар "Лавҳаи фахрӣ";

– бо нишони сарисинагии "Корманди фахрии прокуратура" мукофотонидан.

Аз номгӯи чораҳои ҳавасмандгардонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон дида мешавад, ки танҳо мукофотпулӣ дар шакли пул ва дар як вақт бо нишони сарисинагии “Корманди фахрии прокуратура” низ амалӣ

[388] Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 8 декабри соли 2006, №74 тасдиқ карда шудааст // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

карда мешавад, ки ниҳоят кам мебошад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки ҷиҳати баланд бардоштани таъсири чораҳои ҳавасмандгардонӣ номгӯи чораҳои ҳавасмандгардонии характери молиявидошта бештар карда шавад.

Дар баробари ин, дар шароити муосири ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва афзудани нақши масъулияти шахсии ояндадор, ҳавасмандгардонии маънавии хизматчиёни давлатӣ ба мисли моддӣ муҳим гардидааст, зеро ҳавасмандии меҳнатии коргарони ҷавон тағйир ёфтааст. Намояндагони насли муосири мутахассисон бо моҷароҷӯӣ, шуҳратпарастӣ ва майл ба рушди шахсӣ фарқ мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти илмӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, ки ҳавасмандии маънавӣ яке аз нақшҳои калидиро дар ҳавасманд кардани хизматчиёни давлатӣ ба кори самаранок, иҷрои софдилонаи вазифаҳои хизматӣ, саъй кардан ба «болоравӣ аз рӯйи зинаҳои манзалати мансабӣ» ва ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас мебошад[389].

Бинобар ин, роҳбарони ваколатдори мақомоти прокуратура уҳдадоранд, ки дар сурати мавҷуд будани асосҳои муайян кормандони худро ҳавасманд ва дастгирии ҳамаҷониба намоянд. Истифодаи самарабахши чораҳои ҳавасмандгардонӣ имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии кори корманди алоҳида, воҳиди сохтории алоҳида, балки фаъолияти тамоми низоми прокуратура ҳам баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, фаъолияти ҳар як прокурор бояд ба ноил шудан ба ин мақсади бунёдӣ нигаронида шавад. Ҳавасмандгарониро на ҳуқуқи роҳбар, балки вазифаи ӯ донистан лозим аст, зеро корманди арзанда, ки ҳуқуқ ба ҳавасмандӣ дорад, бояд ҳавасманд карда шавад.

Андешаи роиҷ дар илми ҳуқуқ пурра боиси дастгирӣ аст, ки дар танзими ҳуқуқии ҳавасмандагардонии хизматчиёни давлатӣ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи хизматчии давлатӣ ба ҳавасмандгардонӣ дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад[390].

---

[389] Шолохова Д.Л. Меры поощрения и меры административной ответственности государственных служащих // Тренды развития современного общества: управленческие, правовые, экономические и социальные аспекты: сборник научных статей 6-й Международной научно-практической конференции. – М., 2016. – С. 165.
[390] Манохин В.М., Адушкин Ю.С., Багишаев З.А. Российское административное право. – М., 1996. – С. 127.

Қаблан дар амалия, ҳавасмандгардонӣ дар намуди мукофотпулӣ давра ба давра бонизом истифода мешуд. Мутаассифона, таҷрибаи давра ба давра бо низом додани мукофотпулиҳо, ки охири ҳар семоҳа ба ҳар як корманди бенуқсон фаъолиятнамуда дода мешуд, аз байн бурда шуд.

Ба андешаи мо, ба хизматчиёни давлатие, ки бенуқсон фаъолият намуда, мунтазам тибқи тартиботи муқаррарӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд, ҳаддалимкон вобаста ба ҷашнҳои солгард ё собиқаи кор дар хизмати давлатӣ ба андозаи музди якмоҳаи корӣ аз рӯйи мансаби дар хизмати давлатӣ ишғолнамуда мукофоти пулӣ дода шавад. Чунин санаҳо солгард ҳисобида шаванд: 1) собиқаи хизмати давлатӣ - 10, 20, 30, 40 сол; 2) зодрӯзҳои – 30-солагӣ, 40-солагӣ, 60-солагӣ. Чунин чораҳои ҳавасмандгардониро нисбат ба кормандони мақомоти прокуратура, ки собиқаи аз 10 сол болои хизмати давлатӣ доранд, ба таври қонунӣ пешбинӣ кардан лозим аст.

Ғайр аз ин, ҳангоми таҳлили амалияи татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонии дар мақомоти прокуратура истифодашаванда ҳавасмандгардонии коллективиро таъкид кардан лозим аст. Аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураи ш. Душанбе ҳолатҳои якбора бо як фармон ҳавасманд кардани якчанд корманди прокурорӣ ҷой доранд.

Мутобиқ ба фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи такмили ташкили кор ва назорати иҷро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”[391] прокуророн вазифадор карда шудаанд, ки таҷрибаи пешқадами кормандоне, ки дар натиҷаи ташкили дурусти кор ва назорати иҷро ба самаранокии фаъолият ва натиҷаҳои назаррас ноил гаштаанд, паҳн намуда, барои ҳавасмандгардонии онҳо таклифҳо пешниҳод намоянд.

Паҳн намудани таҷрибаи пешқадами корманди прокурориро дар миёни коллективи меҳнатӣ ҳам чораи ҳавасмандӣ ҳисобидан зарур аст, зеро он таъсири

[391] Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15.02.2016, №4 “Дар бораи такмили ташкили кор ва назорати иҷро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 208.

мусбати маънавӣ дошта дар як вақт ҳам роҳи беҳтар намудани фаъолияти дигар узви коллективи меҳнатӣ мебошад.

Баланд бардоштани рутбаи дараҷавӣ, низ яке аз чораҳои маънавии ҳавасмандгардонии кормандони прокурорӣ маҳсуб меёбад. Рутбаи дараҷавӣ – категорияи махсуси хизматӣ, рутбаи шахсии корманди прокурорӣ ба сифати хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо дарназардошти мансаби ишғолкарда, собиқаи корӣ, дониш ва таҷриба, инчунин натиҷаи кор оид ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дода мешавад[392].

Мутобиқи Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [393] ба прокурорҳо ва муфаттишон, кормандони муассисаҳои илмию таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазифаи ишғолкардаашон ва собиқаи кор рутбаҳои дараҷавӣ дода мешаванд.

Рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратура аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Номгӯи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон ба номгӯи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурории давраи шуравӣ, ки ҳанӯз соли 1943 муайян шуда буд, айният дошта, танҳо як рутбаи дараҷавӣ, ки ин ҳам бошад ҳуқуқшиносӣ хурд хориҷ шудааст.

Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба прокурорҳо ва муфаттишон, кормандони муассисаҳои илмию таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз онҳо маҳрум карданро Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон"[394], ки онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, муайян менамояд. Рутбаҳои дараҷавӣ ба онҳо вобаста ба вазифаи ишғол кардаашон ва собиқаи кор дар ҳадди зерин дода мешаванд.

---

[392] Росссийский прокурорский надзор // Под ред. Сухарев А.Я. – М., 2001. – С. 57.

[393] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[394] Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 8.12.2006, №73 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 66-70.

| № т/р | Номгӯи рутбаи дараҷавӣ | Вазифа |
|---|---|---|
| 1. | Мушовири ҳақиқии давлатии адлия | Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1 | Муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. | Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2 | Муовинони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. | Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 | Прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, сардорони раёсат ва шуъбаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5. | Мушовири адлияи дараҷаи 1 | Директори Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни калони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттишони калони Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳимми Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони прокурори ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои калон ва дигар прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда |
| 6. | Мушовири адлияи дараҷаи 2 | Муфаттишони Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳимми Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, |

| | | |
|---|---|---|
| | | прокурорҳои калон, прокурорҳои раёсату шуъбаҳо, прокурорҳои криминалисти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни калони прокурорҳо, сардорони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо, муовинони прокурорҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои калон, муфаттишони калони шуъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳим, прокурорҳои калони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон |
| 7. | Мушовири адлияи дараҷаи 3 | Ёрдамчиёни прокурорҳо, прокурорҳои шуъбаҳо, муфаттишони шуъбаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳим, прокурорҳо-криминалистони прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, муовинони сардорони шуъбаҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, ёрдамчиёни калони прокурорҳо, муфаттишони калони прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо |
| 8. | Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1<br>Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2<br>Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3 | Ёрдамчиёни прокурорҳо ва муфаттишони прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо ва дигар прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда |

Ба гирифтани рутбаи дараҷавии аввалини ҳуқуқшиноси дараҷаи 3, дар сурати доштани тавсифномаи мусбат кормандоне, ки дар вазифаи ёрдамчии прокурор ё муфаттиши прокуратура ё дигар вазифаҳои прокурорию тафтишотӣ на

камтар аз шаш моҳ кор кардаанд, мутахассисони ҷавон бошанд баъд аз хатми коромӯзӣ ва ҳангоми бо хулосаи комиссияи аттестатсионӣ ба вазифаи ишғолкарда муносиб донистан пешниҳод карда мешаванд.

Минбаъд рутбаи дараҷавӣ бо назардошти тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда ва собиқаи кор ба таври мураттаб дода мешавад.

Бе навбат додани рутбаҳои дараҷавӣ дар мавридҳои ба мақомоти прокуратура аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, корхонаву муассиса ва ташкилотҳо ба кор гузаштаанд, бо назардошти вазифа, дониш ва таҷрибаи корӣ, ҳамчунин мавҷуд будани дигар рутбаву унвонҳо, барои аз ҷониби кормандон софдилона иҷро кардани вазифаи хизматӣ, ба даст овардани муваффақиятҳои корӣ дар таҳкими қонуният ва муборизаи зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳангоми пешбарӣ ба вазифаи баланд ба риояи навбат то ду зина боло, вале ин рутбаи дараҷавӣ аз рутбаи дараҷавии вазифавие, ки ба он пешбарӣ шудааст, баланд набошад мумкин аст.

Муҳлати дар ҳар як рутбаи дараҷавӣ будан ба тариқи зайл муқаррар мешавад:

– дар рутбаи ҳуқуқшиноси дараҷаи 3 – 1,5 сол;

– дар рутбан ҳуқуқшиноси дараҷаи 2 – 2 сол;

– дар рутбаи ҳуқуқшиноси дараҷаи 1 – 2,5 сол;

– дар рутбаи мушовири адлияи дараҷаи 3 – 3 сол;

– дар рутбаи мушовири адлияи дараҷаи 2 – 3,5 сол;

– дар рутбаи мушовири адлияи дараҷаи 1 – 4 сол.

Муҳлати додани рутбаҳои мушовири ҳақиқии давлатии адлия, мушовири давлатии адлияи дараҷаҳои 3,2,1 муқаррар карда намешавад. Ин рутбаҳои дараҷавӣ ба истиснои мушовири ҳақиқии давлатии адлия фақат дар ҳолатҳои баланд кардани вазифа ва барои хизмати шоиста дода мешаванд. Рутбаи мушовири ҳақиқии давлатии адлия танҳо ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Бо гузаштани муҳлатҳои муқарраршуда, корманд барои сарфароз гардонида шудан ба рутбаи навбатӣ бояд ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

пешниҳод карда шавад. Дар акси ҳол бояд ҳатман ба таври хаттӣ ба корманд ва Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ сабабҳои ба рутбаи дараҷавии навбатӣ пешниҳод накардани корманд ҳангоми фарорасии муҳлати дар рутбаи дараҷавии дахлдор будан маълум карда шавад.

Дар Низомнома танҳо ду шахси масабдоре муайян карда шудааст, ки ваколати дододани рутбаҳои дараҷавӣ ба прокурорҳо ва муфаттишон, кормандони муассисаҳои илмию таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд. Инҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Рутбаи дараҷавии мушовири ҳақиқии давлатии адлия аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Рутбаҳои дараҷавии мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, 2, 1 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Дигар рутбаҳои дараҷавӣ бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд. Дар мавридҳои аз ҷониби кормандон софдилона иҷро гардидани вазифаи хизматӣ, ба даст овардани муваффақиятҳои корӣ дар таҳкими қонуният ва муборизаи зидди ҳуқуқвайронкуниҳо Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад пеш аз итмоми муҳлатҳои муқарраршуда барои ҳар як рутба ба корманд рутбаи дараҷавии навбатӣ диҳад, ҳангоми пешбарӣ ба вазифаи баланд бо риояи навбат то ду зина боло рутбаи дараҷавӣ диҳад, вале ин рутбаи дараҷавӣ аз рутбаи дараҷавии вазифавие, ки ба он пешбарӣ шудааст, баланд набошад, дар бораи додани рутбаи дараҷавии мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, 2, 1, ки баланд аз вазифаи ишғолкардаи корманд мебошад, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол намояд ва баландтар аз вазифаи ишғолнамудаи корманд рутбаи дараҷавӣ диҳад.

Инчунин, комиссияи аттестатсионӣ баъди муҳокимаи аттестатсияшаванда метавонад, дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш муносиб будан бо тавсияи пеш аз муҳлат ва ғайринавбатӣ сарфароз намудан бо рутбаи дараҷавӣ қарор қабул намояд.

Кормандони бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» ҳавасманд гардонидашуда, дорои имтиёзи пеш аз муҳлат сарфароз гардонидан бо рутбаи дараҷавии навбатӣ ё сарфароз гардонидан бо рутбаи дараҷавии баландтар аз рутбаи дараҷавии мувофиқи вазифаи ишғолнамудааш муқарраршуда мебошад.

Прокурорҳои поёнӣ ваколати додани рутбаҳои дараҷавиро ба прокурорҳо ва муфаттишон, кормандони муассисаҳои илмию таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон надоранд.

Рутбаҳои дараҷавии кормандоне, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, ҳангоми аз дигар мақомот ба мақомоти прокуратура ба кор гузаштан нигоҳ дошта мешавад.

Рутбаҳои дараҷавие, ки ба кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, якумрӣ мебошанд. Дар сурати барои кирдорҳои бадномкунанда аз мақомоти прокуратура озод намудани корманд, ӯро аз рутбаи дараҷавӣ маҳрум кардан мумкин аст. Ҳангоми вазифаи хизматиашро дағалона вайрон намудани корманди мақомоти прокуратура ё содир кардани кирдори бадномкунанда аз тарафи ӯ, рутбаи дараҷавии ӯро паст намудан мумкин аст. Маҳрумгардонӣ аз рутбаи дараҷавӣ ва паст намудани рутбаи дараҷавии мушовири ҳақиқии давлатии адлия, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, 2, 1 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Мутобиқи Кодекси ҷиноятии ҶТ[395] (моддаи 51) рутбаи дараҷавии корманди прокурориро суд метавонад мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳангоми маҳкум намудани ӯ дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин бо ҳукми судӣ маҳрум намояд.

Илова ба ин, комиссияи аттестатсионӣ баъди муҳокимаи аттестатсияшаванда метавонад дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш номуносиб будан бо тавсияи паст намудани рутбаи дараҷавӣ ё аз кор озод ва аз мақомот хориҷ кардан бо маҳрум сохтан аз рутбаи дараҷавӣ қарор қабул намояд.

---

[395] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, – Душанбе, 2018. – С. 35.

Барқарор кардани рутбаи дараҷавӣ танҳо бо тартиби аттестатсиякунонӣ сурат мегирад.

Ба кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, ба андозаҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, иловапулӣ дода мешаванд.

Кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ бояд либоси расмии дорои нишонаҳои фарққунандаи муқарраргардида дошта бошанд. Тибқи б. 16 Регламенти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [396] кормандони прокурории мақомоти прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, дар маҷлисҳои ҳайати мушовара, Шурои ҳамоҳангсозӣ, мурофиаҳои судӣ ва дигар ҷаласаву чорабиниҳои расмӣ бо либоси хизматӣ иштирок менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки мафҳуми кирдори бадномкунанда бо ягон санади меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи адои хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст. Бинобар ин, дар мавриди татбиқи он метавонад ба ҳуқуқ манфиатҳои кормандони мақомоти прокуратура халал ворид кунад. Аз ин рӯ, зурур шуморида мешавад, ки истилоҳи кирдори бадномкунанда ба кирдоре, ки шаъну эътибори корманди прокурориро пас мекунад иваз карда шавад. Дар натиҷа татбиқи он бе мушкилӣ амалӣ карда шуда, ба ҳуқуқу манфиатҳои ҳифзшавандаи корманди прокурории мақомоти прокуратураи халал ворид накарда, мавриди баҳс низ қарор намегирад.

Бо натиҷаи таҳлили танзими ҳуқуқии рутбаҳои дараҷавӣ барои кормандони прокурории мақомот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи масъалаи мазкур ниёз ба такмил дорад. Пеш аз ҳама дар адабиёти махсус андешаҳо дар бораи “эксклюзивӣ” будани рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ изҳор гардидааст. Аммо мутобиқ ба Низомномаҳо “Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони

[396] Регламенти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №3 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 99.

мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти олии ҳуқуқӣ доранд" ва "Тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ ва иловапулӣ аз рӯйи собиқаи кор дар Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[397] аз 10 номгӯи рутбаҳои дараҷавӣ ба истиснои 1 номгӯ боқӣ айнан ба рутбаҳои дараҷавии нисбати кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон муқарраршуда мебошад. Яъне ба онҳо низ рутбаҳои дараҷавии адлия муқаррар шудааст.

Бо назардошти таъиноти махсуси низоми мақомоти прокуратура дар давлати мо номи рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ набояд бо ягон номгӯи рутбаҳои дараҷавии дигар кормандони мақомоти давлатӣ мувофиқ бошад. Тағйир додани номи рутбаҳои дараҷавии таҳлилшуда бо хориҷ кардани истилоҳи «адлия», ба андешаи Стрелников В.В. имкон медиҳад, ки на танҳо хизмати федералии давлатӣ дар мақомоти прокуратура хоса карда шавад, балки обрую эътибори он ҳам зиёд карда шавад. Ҳамчун интихоб барои чунин ивазкунӣ пешниҳод мекунад, ки номи рутбаи «мушовир» бо истилоҳи «назорат» ё «назорати давлатӣ» якҷоя карда шавад[398].

Андешаи мазкур ҷолиби дастгирӣ буда, дар воқеъ бояд номгузории рутбаҳои дараҷавии кормандони прокурорӣ на бо хориҷ намудан истилоҳи "адлия" балки бо иваз намудани он бо истилоҳи "назорати олии давлатӣ" тағйир дода шавад.

Дигар ин, ки дар мақомоти прокуратура се намуди хизмати давлатӣ ва хизмати гражданӣ арзи ҳастӣ менамояд. Дар мавриди истифодаи ибораи кормандони прокурорӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[397] Низомномаҳо "Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ ва иловапулӣ аз рӯйи собиқаи кор дар Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[398] Стрельников В.В. Административно-правовые аспекты присвоения классных чинов в органах прокуратуры // Право и государство: теория и практика. – №8 (188), 2020. – С. 182-186.

“Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кормандоне дар назар дошта шудаанд, ки ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ ҷалб шудаанд. Дигар кормандони мақомоти прокуратура бошад ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ ва хизмати граждании ҷалбгардида мебошанд. Аз ин рӯ, гепотезаи м. 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва номи Низомнома “Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйир дода шуда, калимаи “кормандони” ба калимаҳои “кормандони прокурории” иваз карда шавад.

Ҳамчунин, метавон пеш аз муҳлат бекор кардани ҷазои интизомиро як навъ чораи ҳавасмандгардонӣ ҳисобид. Гарчанде, ин тартиб тибқи қонунгузорӣ ҳамчун як навъи ҳавасмандгардонӣ шинохта нашудааст, вале дар амал барои руҳбаландии корманд таъсири хуб дар фаъолияти минбаъдаи ӯ дорад.

Ваколатҳо оид ба татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои сарфароз гардонидан бо унвони ифтихории "Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон"), прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душане, нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян карда нашудаанд. Дар он танҳо дар бораи ҳуқуқҳои дахлдори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сарфароз гардонидан бо унвони ифтихории "Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон сухан меравад. Ба фикри мо, дар Қонуни конститутсионӣ меъёри муфассалтар илова намудан лозим аст, зеро мавҷуд набудани тартиби аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар прокурорҳо татбиқ намудани ҳамаи намудҳои ҳавасмандкуниро ба моҳияти ин санади конунгузорӣ нисбат додан мумкин нест.

Мутобиқи Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон аз 8 намгӯи чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ танҳо чортои онҳоро, аз ҷумлаи раҳматнома, мукофотпулӣ,

тухфа ва ҷой додани сурати корманд дар лавҳаи фахрӣ метавонанд нисбати кормандони прокурорӣ татбиқ намоянд. Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар иловаи ин 4 номгӯ боз бо тухфаи қимматбаҳо метавонад корманди прокурориро ҳавасманд гардонад.

Тибқи қ. 4, м. 55 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Низомнома дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории "Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон" ва Ифтихорномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 феврали соли 2016, №5-24 Низомнома «Дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» [399] тасдиқ карда шудааст. Мутаассифона Низомнома оид ба тартиби ҳавасмандгардонӣ бо Ифтихорномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз таҳия ва тасдиқ карда нашудааст.

Мутобиқи Низомнома «Дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» мукофотест, ки барои хизмати давомнок ва бенуқсони прокурорҳо, муфаттишон ва дигар корманди прокурорӣ, ки дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, рутбаи дараҷавӣ ва собиқаи кории на камтар аз 15-сола дар мақомот мебошанд ва ба дастовардҳои хуби меҳнатӣ ноил шудаанд, ҳавасманд гардонида мешаванд. Ҳангоми сарфароз намудани корманди мақомоти прокуратура бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» дар як вақт ба ӯ Ифтихорномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда, ҳамчунин дар ҳаҷми ду маоши миёнаи моҳона ҳавасманд гардонида мешавад.

[399] Низомнома «Дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералӣ аз 18 феврали соли 2016, №5-24 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 134.

Кормандони бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» ҳавасманд гардонидашуда, дорои имтиёзҳои пеш аз муҳлат сарфароз гардонидан бо рутбаи дараҷавии навбатӣ ё сарфароз гардонидан бо рутбаи дараҷавии баландтар аз рутбаи дараҷавии мувофиқи вазифаи ишғолнамудааш муқарраршуда, гирифтани роҳхат ба шифохона (санатория) ва хонаҳои истироҳатӣ, доштани бартарӣ ҳангоми ҷудо ва барои истифода вобаста намудани манзили истиқоматӣ мебошанд. Солҳои охир дар амалия ин имтиёзҳои пешбинигардида, нисбат ба кормандони прокурории дорои ин унвони олии соҳавӣ татбиқ карда нашудааст.

Шакли олии ҳавасмандгардонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон ин мукофотонидан бо мукофотҳои давлатӣ мебошад. Тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кормандони мақомоти прокуратура барои эътирофи хизматҳояшон дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳорати касбӣ ва меҳнати бисёрсолаи софдилона дар хизмати давлатӣ, кори ҳифзи ҳуқуқ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини риояи қонуният аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофоти давлатӣ сарфароз гардонида мешаванд[400].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки санадҳои зикршуда на ҳама ҷанбаҳои зарурии ҳавасмандгардонии прокурорҳоро пурра танзим намудаанд.

Ба фикри мо, барои боз ҳам ҳавасманд намудани кормандон ба фаъолияти самаранок ва бенуқсон, инчунин ҷалби бештари шаҳрвандон дар таҳкими волоияти қонун илова намудани меъёрҳои зеринро ба санадҳои дарболооварда зарур мешуморем:

– барои боз ҳам баланд бардоштани эътибор ва нуфузи унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» доштани собиқаи 15–солаи хизматӣ ба 20 сол тағйир дода шавад;

---

[400] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

– дар як вақт маоши кормандоне, ки бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудаанд, ба андозаи 10 фоиз зиёд карда шавад;

– аз кор озод кардан ба сифати чораи интизомӣ нисбати корманди прокурории мақомоти прокуратура, ки бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» сарфароз шудааст, танҳо бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад;

– ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани ҳуқуқ доир ба номгӯи муайяни чораҳои ҳавасмандгаронӣ мукофотонидани шахсоне, ки кормандони мақомоти прокуратура нестанд, вале дар таҳкими волоияти қонун ё ба фаъолияти мақомоти прокуратура мусоидат кардаанд;

– номгӯи чораҳои ҳавасмандагардонӣ махсусан додани мукофотҳо дар шакли пулӣ такмил дода шавад.

Илова ба ин, дар ҳамаи санадҳои танзимдарорандаи адои хизмат дар мақомоти прокуратура ибораҳои корманди мақомоти прокуратура ва кормандони прокурорӣ дуруст мавриди истифода қарор дода шавад. Бинобар ин, дар м. 2 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми “корманди мақомоти прокуратура” дар шакли зайл муайян карда шавад: “кормандоне, ки рутбаҳои дараҷавӣ надоранд”.

Таҳлили танзими ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ дар мақомоти прокуратура, ба он водор мекунад, ки ҳатман моҳият ва мазмуни масъулияти интизомӣ ва ба дигар ҷавобгарӣ кашидани кормандони прокурорӣ, инчунин масъалаҳои татбиқи онҳо равшан кард шавад.

Дар собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки кишвари мо – Тоҷикистон яке аз онҳо буд, масъулияти интизомии хизматчиёни давлатӣ бо қарори Комитети Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссаратҳои халқӣ аз 13 октябри соли 1929 «Дар бораи асосҳои қонунгузории интизомии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ»[401] муқаррар карда шуда буд. Тибқи он се тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани

[401] Пост. ЦИК и СНК СССР 13 октября 1929 г. «Об основах дисциплинарного законодательства Союза ССР и союзных республик» // СЗ СССР. – 1929. – №71. – С. 670.

хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла, тариқи тобеият, бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаҳо ва низомномаҳои оид ба адои хизмат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қоидаҳои дохилии меҳнатӣ пешбинӣ шуда буд.

Ҷавобгарии интизомии хизматчиёни давлатӣ, чун қоида, бояд танҳо барои вайрон кардани вазифаҳои хизматӣ ва интизоми хизматӣ ба миён меомад. Аммо барои баъзе категорияҳои хизматчиён (прокурорҳо, кормандони милитсия ва ғайра) барои кирдори бадномкунанда, гарчанде он вайрон кардани уҳдадориҳои хизматӣ ва интизоми меҳнат намебошад, вале бо сабаби хусусияти хоса доштани иҷрои вазифаҳои онҳо ба шаъну эътибори шахсони мансабдори ин тоифа номувофиқ, ҷавобгарии интизомӣ муқаррар карда шуда буд[402].

Ҷавобгарии интизомӣ як намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Он дорои хусусиятҳои хосест, ки аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ фарқ мекунад.

Ба ақидаи Братановский С.Н., ҷавобгарии интизомӣ дар фарқ аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, он асосан ба таъмини интизом дар ҳадди идоравӣ ва чаҳорчубаи тобеияти хизматӣ нигаронида шудааст[403].

Сорокин В.Д. ду хусусияти асосии ҷавобгарии интизомиро ҷудо мекунад. Якум, он танҳо ба шахсони воқеӣ дахл дорад. Дигар ин робитаи махсуси ҳуқуқвайронкунанда ва шахсе, ки қонунан вазифадор аст, ки нисбат ба ин ҳуқуқвайронкунандаҳо чораҷӯӣ кунад[404].

Аз талаботи б. 8 Низомнома "Дар бораи ҳавасмандагардонӣ ва масъулияти интизомии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" [405] равшан бармеояд, ки ҷавобгарии интизомӣ дар натиҷаи кирдори интизомӣ ба вуҷуд меояд, ки он дар риоя накардани вазифаҳои хизматӣ ва содир кардани кирдорҳои бадномкунанда зоҳир мегардад. Кирдори интизомиро Брошевский Г.А.

---

[402] Колодкин Л. М. Концепция правового регулирования государственной службы в России (исторический обзор и перспективы). – М., 1994. – С. 59.

[403] Братановский С.Н. Административное право. Общая часть: учебник. – М.: Директ-Медиа, 2013. – С. 110.

[404] Сорокин В.Д. Административный процесс. – СПб., 2002. – С. 57.

[405] Низомнома "Дар бораи ҳавасмандагардонӣ ва масъулияти интизомии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 8.12.2006, №74 // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 71.

чунин муайян кардааст: “Аз ҷониби хизматчии давлатӣ риоя накардан ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои хизматӣ, қоидаҳои тартиботи хизматӣ ва регламенти мансабӣ мебошад”[406].

Старилов Ю.Н. ба ин ақида аст, ки ҷавобгарии интизомӣ дар таъини ҷазои интизомӣ аз ҷониби намояндагони маъмурият (роҳбарон, сардорон) нисбати хизматчиёни давлатие, ки кидори интизомиро содир намудаанд, ифода меёбад[407].

Бояд қайд кард, ки то имрӯз дар қонунгузории ҷумҳурӣ санади меъёрии ҳуқуқии ягонае вуҷуд надорад, ки комилан тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашиданро ба танзим дарорад.

Яке аз унсурҳои мақоми ҳуқуқии прокурор ҷавобгарии интизомӣ буда, он воситаи муҳимми таъмини волоияти қонун, интизом ва фаъолияти самараноки мақомот мебошад.

Ба ақидаи Ларкова О.А., ҷавобгарии интизомии корманди прокурорӣ ин уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун оид ба риояи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва уҳдадории ба ӯ вогузоргардида, вобаста ба ҷавоб додан дар назди корфармо барои кирдори интизомии содиршуда мебошад. Дар сурати содир намудани кирдор масъулияти кормандони мақомоти прокуратура дар таҳаммул намудани оқибатҳои номатлуб дар шакли чораҳои ҷавобгарии интизомӣ зоҳир мегардад[408].

Тавре дар боло қайд намудем, мутобиқи талаботи б. 8 Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд нисбати кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд барои риоя накардани вазифаҳои хизматӣ ва содир кардани кирдори бадномкунанда, ҷазоҳои интизомӣ татбиқ карда мешавад.

---

[406] Борщевский Г.А. Государственная служба: учебник и практикум для вузов – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юрайт, 2020. – С. 445.

[407] Старилов Ю.Н. Служебное право. – М., 1996. – С. 420-421.

[408] Ларкова О.А. Актуальные вопросы совершенствование законодательства, содержащего положения о специальной дисциплинарной ответственности // Роль современного образования в условиях глобализации: Сборник научных трудов. – Казань: ООО "СитИвент", 2020. – С. 88-92.

Ҷазоҳои интизомӣ барои содир кардани амалҳои дар б. 8 ҳамин Низомнома зикршуда ҳамон вақт татбиқ карда мешавад, ки чораҳои дигари тарбиявӣ, пеш аз ҳама чораҳои тарбиявии ҷамъиятӣ ба шахсони гунаҳгор, ҳамчунин раҳнамоӣ ва танқид кардани онҳо аз тарафи роҳбар қаблан истифода шудаанд ё ин ки чораҳои дигарро бинобар вазнинии кирдор татбиқ кардан имконнопазир мебошад.

Мутобиқи б. 10 Низомномаи мазкур чораҳои ҷазои интизомӣ инҳо мебошанд:

– сарзаниш;

– танбеҳ;

– танбеҳи қатъӣ;

– паст кардани рутбаи дараҷавӣ;

– ба вазифаи пасттар гузаронидан;

– аз "Лавҳаи фахрӣ" гирифтани сурати корманд;

– маҳрум кардан аз нишони сарисинагии "Корманди фахрии прокуратура";

– аз кор озод кардан ва аз мақомот хориҷ намудан;

– аз кор озод кардан бо маҳрум сохтан аз рутбаи дараҷавӣ.

Мутобиқи қ. 1, м. 62 Кодекси меҳнати ҶТ барои аз ҷониби корманд вайрон кардани интизоми меҳнат, корфармо ҳуқуқ дорад чунин намудҳои ҷазои интизомиро татбиқ намояд:

– сарзаниш;

– танбеҳ;

– танбеҳи қатъӣ;

– қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ин ҷо айён мегардад, ки дар Низомнома “Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд” нисбат ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи васеи ҷазоҳои интизомӣ пешбинӣ шудааст. Ин ба хусусияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқдар мақомоти

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Аз мазмуни ҷазоҳои интизомии зикршуда дида мешавад, ки аксари онҳо, ба истиснои аз кор озод кардан, дорои хусусияти ахлоқӣ буда, танҳо ба шахсе, ки ба онҳо гирифтор шудааст, таъсир мерасонад.

Асоси ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ содир шудани кирдори зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби субъекти гунаҳкор мебошад. Асоси татбиқи чораҳои интизомӣ бошад, содир намудани ҳуқуқвайронкунии мушаххас аз ҷониби шахси мансабдор – кирдори ғайриқонунии хизматӣ мебошад, ки барои он қонунгузор ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ накарда, гуноҳи ӯ дар содир шудани кирдори интизомӣ исбот шудааст.

Барои ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани корманди прокурории мақомоти прокуратура ин вайрон кардани интизоми меҳнат, ки дар риоя накардани вазифаҳои хизматӣ ё худ содир намудани кирдорҳои бадномкунанда зоҳир мегардад, мебошад. Дар Кодекси меҳнати ҶТ[409] мафҳумҳои интизоми меҳнат ва вайрон кардани он чунин фаҳмида мешавад: "Интизоми меҳнат ин риояи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот, вайрон кардани он бошад, баръакси интизоми меҳнат, яъне аз тарафи корманд риоя накардани талаботи Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот фаҳмида мешавад". Аммо дар Кодекси меҳнати ҶТ ва дар қонунгузории соҳавии хизмат дар мақомоти прокуратура мафҳуми кирдори интизомӣ оварда нашудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба ҷои вайрон кардани интизоми меҳнатӣ, кирдори интизомӣ истифода гардида, асоси ҷавобгарии интизомӣ низ содир шудани кирдори интизомӣ дониста мешавад. Аз мафҳумҳои дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба вайрон кардани интизоми меҳнат вуҷуддошта[410], ба хулосае омадан мумкин аст,

---

[409] Кодекси меҳнати ҶТ аз 23.07.2016 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

[410] Борщевский Г.А. Государственная служба: учебник и практикум для вузов – 3-е изд., испр. и доп. – Москва: Юрайт, 2020. – 445 с.; Смоленский М.Б., Дригола Э.В. Административное право: учебник. – Москва: КНОРУС, 2020. – С. 153; Актуальные проблемы административного права и процесса: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / Костенников М.В., Куракин А.В., Кононов А.М. [и др.]. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: ЮНИТИДАНА, 2017. – С. 192.

ки кирдори интизомӣ (вайрон кардани интизомӣ меҳнат) ин амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ, гунаҳкоронае мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён наоварда, боиси аз ҷониби шахси мансабдор риоя накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ мегардад.

Ба андешаи Братановский С. Н. ва Стрелников В.В., мазмуни ҷавобгарии интизомӣ бо талаботи одобу ахлоқе, ки нисбати хизматчии давлатӣ пешниҳод мегардад, зич алоқаманд аст, ки ба зумраи он масъулиятнокӣ марбут мебошад[411]. Кулапов В.Л. ва Сенякин И.Н. дуруст қайд намудаанд, ки интизом дар фарқият аз қонуният на танҳо талаботи қонунро, балки меъёрҳои одобу ахлоқро низ дар бар мегирад[412] .

Тибқи талаботи Кодекси одоби корманди мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2017, 5-39[413] тасдиқ шудааст, хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат буда, аз корманди прокуратура зоҳир намудани одобу ахлоқи намунавиро тақозо менамояд. Корманди прокуратура вазифадор аст ҷиҳати таҳкими обруву нуфузи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеа ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба он кӯшиш намуда, аз рӯйи виҷдон ва дарки масъулият вазифаҳои хизматиашро иҷро намояд, дар фаъолияти хизматӣ ва берун аз он талаботи Кодекси мазкур ва дигар қоидаҳои одобу ахлоқро риоя намояд.

Вайрон кардани қонуният ва интизом аз тарафи кормандони прокуратура ба самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура таъсири манфӣ расонида, эътибори мақомоти прокуратураро дар назди аҳолӣ коста мегардонад. Аз ин рӯ, ба риояи интизоми хизматӣ ва қонуният аз ҷониби кормандон аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад, ки аз ҳалли он ба дараҷаи баланди эътимоди шаҳрвандон ба ин сохтор вобаста аст.

---

[411] Братановский С.Н., Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 127.

[412] Кулапов В.Л., Сенякин И.Н. Теория государства и права. – Саратов, 1999. – С. 95.

[413] Кодекси одоби корманди мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ таҳти №5-39 аз 20.04.2017 тасдиқ шудааст.

Таҳлилҳои омории фаъолияти мақомоти прокуратура дар мавриди ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандон собит намуд, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони мақомот нисбат ба дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар татбиқ карда шудааст. Масалан, дар соли 2015, 49 нафар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ ва ҳамагӣ 6 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд[414].

Чуноне зикр намудем, яке аз намудҳои ҷазои интизомие, ки нисбати кормандони мақомоти прокуратура татбиқ карда мешавад, ин ба вазифаи пасттар гузаронидан мебошад. Аммо тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ба вазифаи пасттар гузаронидан (яъне, ба кори дигар гузаронидан) ҳамчун воситаи таъмини интизом (аз ҷумла, дар хизмати давлатӣ) як шакли меҳнати маҷбурӣ ҳисобида мешавад.

Дар м. 2 Конвенсия «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ»[415] истилоҳи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ чунин муайян карда шудааст: “Ҳама гуна кор ё хизмате, ки аз ҳар як шахс таҳти таҳдиди ягон ҷазо талаб карда мешавад, ки ин шахс ихтиёран хизмати худро пешниҳод накардааст.” Моддаи 1 Конвенсия «Дар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ»[416] бошад, ҳар як узви Созмони Байналмилалии Меҳнатро, ки Конвенсияи мазкурро ратификатсия кардааст, вазифадор мекунад, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро бекор кунад ва ба ҳар гуна шакли он, аз ҷумла, ҳамчун воситаи нигоҳ доштани интизоми меҳнат роҳ надиҳад. Тибқи Конститутсияи ҶТ[417] низ ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Минбаъд ин меъёр дар м. 8 Кодекси меҳнати ҶТ[418] мустаҳкам карда шуда, тибқи қисми дуюми он мавридҳои истисноӣ низ мушаххас карда шудааст.

Гузашта аз ин, намуди дигари ҷазои интизомӣ, ки нисбати кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Низомнома татбиқ карда мешавад, ин паст кардани рутбаи дараҷавӣ мебошад. Ба кормандони

---

[414] Раҳмон Ю.А. Мақомоти прокуратура дар ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлолият. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 187.
[415] Права человека // Сборник международных договоров. – Нью-йорк: ООН, 1989. – С. 185.
[416] Права человека // Сборник международных договоров. – Нью-йорк: ООН, 1989. – С. 198.
[417] Конститутсияи ҶТ. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 135.
[418] Кодекси меҳнати ҶТ аз 23.07.2016 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

мақомоти прокуратура, ки рутбаи дараҷавӣ доранд, ба андозаҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, иловапулӣ дода мешаванд. Музди меҳнати кормандони мақомоти прокуратура аз маоши вазифавӣ, иловапулиҳо барои рутбаи тахассусӣ (дараҷавӣ) ва собиқаи хизмат иборат аст.

Аз ин ҷо паст кардани рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ ба кам гардидани музди меҳнати ӯ боис гардида, ҳамчун гузаронидан ба кори музди меҳнати камдошта бе розигии охирон ҳисобида мешавад. Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт амалкунанда нишон дод, ки тибқи онҳо тартиби татбиқи ин намуди ҷазоҳои интизомӣ, мухлати амали онҳо ва минбаъд барқарор намудани онҳо ба мансабҳои қаблӣ ва рутбаи дараҷавӣ ба таври муфассал муайян намебошад, ки метавонад ба халалдор шудан ба ҳуқуқу манфиатҳои тибқи қонун ҳифзшавандаи корманди прокурорӣ гардад. Инчунин, оё паст кардани рутбаи дараҷавӣ нисбати корманди прокурорие, ки рутбаи дараҷавии пасттаринро доранд татбиқ карда мешавад ё не, муайян карда нашудааст.

Таҳлили таҷрибаи татбиқи ин намуди ҷазо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз қабули Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд то ба имрӯз ягон маротиба нисбати ягон нафар корманди прокурорӣ татбиқ карда нашудааст.

Новобаста аз ин, зарур шуморида мешавад, ки бо мақсади таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмиллалии ба зимма гирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин намудҳои ҷазои интизомӣ нисбати кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номгӯии ҷазоҳои интизомӣ тибқи Низомнома "Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинишуда хориҷ карда шаванд.

Братановский С.С. ва Стрелников В.В. низ дар мавриди ҷазои паст кардани рутбаи дараҷавӣ дар ин ақидаанд, ки он бинобар дар таҷриба татбиқи он, доштани самаранокии шубҳанок, аз номгӯи ҷазоҳои интизомӣ нисбати кормандони прокурорӣ хориҷ карда шавад. Ҳамзамон, муқаррар намудани ҷазоро дар намуди

ба вазифаи пасттар гузаронидани кормандро, бинобар хилофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ будан ҷонибдорӣ наменамоянд[419].

Муайян кардани доираи шахсони мансабдоре, ки ваколати таъини ҷазои интизомиро доранд хело муҳим аст. Ҳамин тариқ, тибқи б. 11 Низомнома, ба масъулияти интизомӣ кашидани кормандон ба тариқи зерин анҷом дода мешавад:

– Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истисноии паст кардани рутбаи дараҷавӣ ва аз кор озод кардан бо маҳрум кардани рутбаи дараҷавии шахсоне, ки онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, дорои тамоми ҳуқуқи татбиқи ҷазои интизомие мебошад, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ кардааст;

– Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон метавонанд ба тариқи сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, ба вазифаи пасттар гузаронидан ва аз Лавҳаи фахрӣ гирифтани сурати кормандоне, ки ба тобеияташон шомиланд, ҷазо татбиқ намоянд;

– Прокурорҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо ва прокурорҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда, сардорони муассисаҳои таълимии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷазо додани кормандони прокурории тобеашон ба прокурори мақомоти болоӣ пешниҳод ирсол менамоянд.

Аз ҳадди ваколатҳои шахсони мансабдори мақомоти Прокуратураи Тоҷикистон бармеояд, ки ҳаҷми он аз мақоми онҳо вобастагӣ дорад.

Ҳангоми ошкор шудани вайронкунии интизоми меҳнат ҳамеша бояд доираи шахсон ё корманди мушаххасе, ки барои содир намудани он масъул аст, муайян карда шавад. Прокуроре, ки масъалаи ҷазои интизомӣ доданро ҳал мекунад, вазифадор аст, ки кирдори содиркардаро шахсан санҷида, таҳқиқ кунад ва аз шахсе, ки ин кирдорро содир намудааст, баёноти хаттӣ гирад. Ҳангоми зарурат санҷиши хизматӣ таъин кунад.

---

[419] Братановский С.Н., Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 128-129.

Ҷазоҳои интизомӣ бевосита баъди ошкор шудани кирдор дар муддати 1 моҳ, вале на дертар аз 6 моҳи пас аз содиршавӣ, аз рӯйи натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти прокуратура ва тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ на дертар аз ду соли содир шудани кирдор дода мешаванд. Ба ин муҳлат вақти дар пешбурд қарор доштани парвандаи ҷиноятӣ дохил карда намешавад.

Мутобиқи қ. 3, м. 64 Кодекси меҳнати ҶТ вақти татбиқи муҳлати ҷазои интизомӣ ҳангоми дар кор ҳузур надоштан бинобар корношоямии муваққатӣ, озод будан аз кор барои иҷрои уҳдадориҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, дар рухсатӣ ва сафари хизматӣ будани корманд боздошта мешавад.

Ба ақидаи Братановский С.Н. ва Стрелников В.В., ин муҳлатҳо имкон медиҳанд, ки аз ҷавобгарии интизомӣ дар мавридҳои алоҳида раҳо шуда, аз ҷониби роҳбар ба таъхир андохтани татбиқи чораҳои интизомӣ метавонад фишанги фишорро ба тобеон эҷод кунад[420].

Ҳангоми муайян намудани намуди ҷазои интизомӣ, корфармо бояд мазмун, хусусият ва дараҷаи вазнинии кирдори интизомии содиршуда, ҳолатҳои содир шудани он, рафтори пештара ва минбаъдаи корманд ва муносибати ӯро ба меҳнат ба эътибор гирад. Ҷазои интизомӣ ба дараҷаи гуноҳ ва вазнинии кирдори содиршуда бояд мувофиқ бошад. Мутобиқи қ. 4, м. 63 Кодекси меҳнати ҶТ ба корманд барои ҳар як кирдор танҳо як ҷазои интизомӣ татбиқ карда мешавад.

Тибқи муқаррароти м. 64 Кодекси меҳнати ҶТ, агар дар давоми шаш моҳ ба корманд ҷазои нави интизомӣ татбиқ нагардад, он гоҳ ӯ ҷазои интизомӣ надошта ҳисоб меёбад. Аммо муддати эътибори ҷазоҳои интизомии дар зербандҳои якум то ҳафтуми б. 10 Низомнома дар сурате ба итмом расида ҳисоб меёбад, ки аз рӯзи додани ҷазо дар давоми як сол нисбати ӯ ҷазои нав татбиқ нашуда бошад.

Ин духурагии мавҷударо бо роҳи ворид кардани тағйироти мувофиқ бартараф кардан лозим аст. Инчунин, дар ин қонун принсипи мутаносибиро муқаррар кардан лозим аст, яъне дараҷаи ҷазои интизомӣ бояд ба вазнинии кирдори содиршуда мувофиқат кунад.

---

[420] Братановский С.Н., Стрельников В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации. – Саратов, 2007. – С. 132.

Яке аз қарорҳои муҳимми идоракунӣ дар низоми мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин татбиқи чораҳои ҳавасмандкунӣ ва ҷазои интизомӣ мебошад. Он ба болоравии мансабӣ, моил намудан ба фаъолияти самараноки хизматӣ ва ҳолати маънавию ахлоқии корманди прокурорӣ зич алоқаманд мебошад. Ин тадбирҳо кормандони прокурориро ба беҳтар намудани фаъолияти худ водор сохта, беҳтарин кормандонро ҷудо намуда, ҳамзамон шахсонеро ошкор мекунад, ки вазифаҳои хизматии худро ба таври дахлдор иҷро карда наметавонанд ва шарафи корманди прокурориро паст мезананд. Тибқи талаботи низомнома фармонҳо дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ё додани ҷазои интизомӣ ба ҳамаи кормандони прокуратураи мазкур ё ба шахсоне, ки дар фармон номбар шудаанд, эълон карда мешавад, ки ин хусусияти ошкоркунандаи онро нишон медиҳад.

Фармонҳо дар бораи ҷавобгарии интизомӣ низ хусусияти пешгирикунанда доранд, ки аз ҷониби дигар кормандони прокурорӣ содир намудани рафтори муайяни ношоямро пешгирӣ мекунанд. Фармонҳо дар бораи ҳавасмандгардонӣ, ки таҷрибаи мусбати муборизаи зидди қонунвайронкуниҳои алоҳидаро аз натиҷаи ба амал баровардани намуди муайяни назорати иҷрои қонунҳо ифода мекунанд, ба паҳн шудани онҳо дар дигар мақомоти прокуратура мусоидат мекунад. Илова бар ин, ин фармонҳо ба кормандони ҷавон таъсири бузурги тарбиявӣ доранд.

Бо дарназардошти хусусияти хизмат ва вазифаҳои прокуроpу муфаттишон ҳангоми қабули қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидани онҳо тибқи қонун қоида ва кафолатҳои махсус муқаррар карда шудаанд.

Мутобиқи қ. 3, м. 7 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба прокурорҳо ва муфаттишони мақомоти прокуратура аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, инчунин аз ҷониби директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешаванд.

Агар корманд бо асосҳои қонунӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ аз мақомоти прокуратура озод карда шавад, он гоҳ қарори оғоз тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси умумӣ қабул карда мешавад[421].

Санҷиши хизматӣ дар сурати аз ҷониби прокурор ё муфаттиш риоя накардан, ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ ва ё содир кардани кирдори бадномкунанда аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон таъин карда мешавад. Асоси таъини санҷиш инҳо аризаи шаҳрвандон нисбати кирдорҳои ношоями корманд, иттилоот дар воситаҳои ахбори омма оид ба кирдорҳои бадномакунандаи кормандон, супориши роҳбари прокуратура ва талаби худи корманди прокуратура мебошад[422].

Кафолати муҳимми таъмини мустақилияти прокурорҳо ва муфаттишон меъёрест, ки дар қ. 4, м. 7 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар шудааст ва тибқи он дастгир намудан, маҷбуран овардан, кофтукови шахсии прокурорҳо ва муфаттишони мақомоти прокуратура, азназаргузаронии молу мулк, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, ки онҳо истифода мебаранд, ҳангоми дастгир намудани онҳо дар вақти содир кардани ҷиноят тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бешубҳа мақому манзалат ва эътибори мақомоти прокуратура аз бисёр ҷиҳат ба сифатҳои шахсии кормандони он, доштани масъулият барои кирдори худ вобаста аст. Аз ин рӯ, гарави сатҳи баланди риояи меъёрҳои интизоми меҳнат ва одоб аз ҷониби кормандони прокурорӣ ва босамар амалӣ намудани вазифаҳои назоратию дигар функсияҳои ба прокуратураи Тоҷикистон хос пеш аз ҳама интихоби дурусти кадрҳои баландихтисос барои фаъолияти прокурорӣ бидуни унсурҳои садоқату хешутаборӣ мебошад.

[421] Настольная книга прокурора // Под ред. Герасимов С.И. – М., 2002. – С. 134.
[422] Дастурамал “Оид ба гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 8.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи таърихан ташакулёфта мебошад. Зеро пайдоиш, инкишоф ва тақдири минбаъдаи хизмати давлатӣ ба пайдоиш ва инкишофи давлат вобаста аст. Хизмати давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи воқеии дилхоҳ давлат мебошад. Он дар баробари пайдоиши давлат ҳамчун зуҳуроти функсионалии ташкилоти давлатӣ, ки дар муҳити иҷтимоии ҷомеа амал мекунад, ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин, баробари таъсис ёфтани мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон хизмати давлатӣ дар он ҳамчун намуди махсуси хизмати давлатӣ буд. Принсипҳои асосии фаъолият ва хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура аз қабили ягонагӣ, мутамарказӣ ва мустақилӣ давра ба давра дар қонунгузории замони шуравӣ ва баъдан дар замони истиқлолият махсусан дар Конститутсияи ҶТ ва Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мустаҳкам гардидаанд. [6-М]

Ташаккули хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаккули худи мақомоти давлатӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад. Давлат маҳз ба воситаи хизматчиёни даватӣ функсияҳои худро амалӣ менамояд. Аз ин ҷо, мо, таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро дар ҳудуди кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин даврабандӣ намудем:

– марҳилаи якум, қабл аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, яъне дар ҶХШ Бухоро солҳои 1922-1924 (махсусан Бухорои Шарқӣ). Дар ин марҳила бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 Низомнома “Дар бораи назорати прокурорӣ” қабул гардида, дар асоси он 23 ноябри соли 1923 прокуратураи ҶХШ Бухоро таъсис ва баъдан дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони ҳозира) моҳи октябри соли 1924 прокуратураи суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ таъсис дода шудааст;

– марҳилаи дуюм, баъди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929. Марҳилаи мазкур бо таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва Прокуратураи давлатии он аз 14 декабри соли 1924 оғоз гардида, ин мақом 24 декабри ҳамон сол ба кори худ шуруъ намудааст. Мақомҳои он дар 6 вилояти ҶМШС Тоҷикистон 12 феврали соли 1925 ба кор оғоз кардаанд. Хизмат дар мақомоти зикргардида, дар асоси Низомнома "Дар бораи назорати прокурорӣ", ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 ва Низомнома "Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ", ки бо қарори КИМ ИҶШС аз 29 октябри соли 1924 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешуд. Дар танзими фаъолияти хизматӣ дар мақомоти зикршуда Низомнома "Дар бораи КХА ҶМШС Тоҷикистон", ки бо қарори КИ ҶМШС Тоҷикистон аз 6 майи соли 1925 тасдиқ шудааст, нақши хосса дошт. Илова ба ин, 23 марти соли 1925 бо қарори КИМ ҶШС Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Суди олии ҶШС Ӯзбекистон ва вазифаи прокурори шуъбаи Тоҷикистонии Суди олии ҶШС Ӯзбекистон таъсис дода шудаанд;

– марҳилаи сеюм, дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 1929-1991. Дар ин марҳила бинобар мустақилияти худро аз ҶШС Ӯзбекистон соҳиб гардидани ҶМШС Тоҷикистон сохтори мақомоти прокуратура аз нав тасдиқ ва Прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил дода шудааст. Хизмат дар мақомоти прокуратураро дар ин давра Низомномаҳо "Дар бораи назорати прокурорӣ", ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922, "Дар бораи Прокуратураи ИҶШС", ки бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 17 декабри соли 1933, "Дар бораи сохтори судӣ дар ҶШС Тоҷикистон", ки бо қарори Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон аз 15 августи 1935 тасдиқ шудаанд, Конститутсияҳои ИҶШС аз солҳои 1936, 1977 ва ҶШС Тоҷикистон азсолҳои 1937, 1978, Қонун "Дар бораи прокуратураи ИҶШС" ва ғайра ба танзим медаровароданд.

– марҳилаи чорум, дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то инҷониб. Марҳилаи мазкур бо соҳибистиқлол гардидани давлати Тоҷикистон оғоз гардида, тағйироти куллиро дар соҳаи хизмати давлатӣ бо қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 тариқи райъпурсӣ, Қонуни ҶТ "Дар бораи

додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30.04.1992, Қонунҳои конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” солҳои 1996 ва 2005 ва ғайра рӯйи кор оварданд. [6-М]

2. Ҷой ва мавқеи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар низоми давлатии Тоҷикистон чунин муайян карда шуд, ки он ба шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, намуди махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Дар таҷзияи ҳокимияти давлатӣ бошад, низоми алоҳидаи мақомоти давлатиеро нишон медиҳад, ки дорои мақсад, вазифа, таъинот ва сохтори ташкилии худ мебошад. Инчунин, ҷой ва мавқеи хосси хизмат дар мақомоти прокуратура дар он ифода меёбад, ки элементи низоми боздорӣ ва мувозина на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриқонунӣ ва беасос боз медорад, инчунин ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд. [5-М]

3. Мафҳуми хизмат дар мақомоти прокуратура дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар нагардидааст. Мафҳуме, ки дар Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” оид ба хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода шудааст, ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти хизмат дар мақомоти прокуратураро ифода карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда чунин мафҳуми васеи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура пешниҳод мегардад: “Хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон – фаъолияти касбӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва музднoки (музди меҳнат) хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти мазкур дар амалӣ намудани салоҳияти он оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ буда, тавассути назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад”.

Аз ин мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои зерини он пешниҳод мегарданд: а) фаъолияти касбӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад; б) музднок мебошад; в) ба таъмини

волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст; г) тавассути назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. [7-М]

4.Натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мафҳуми «хизматчии давлатӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ қонунан муайян карда шудааст. Мутаассифона, дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" мафҳумҳои «корманди прокуратура», «хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура» мавҷуд нест.

Аз ин рӯ, таърифи умумии зерин пешниҳод карда шуд: "Хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии давлати дигарро надорад ва мансаби давлатии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқукро музднок дар низоми ягонаи марказонидашудаи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси касбӣ бо мақсади амалӣ намудани салоҳияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол карда, дорои рутбаи дараҷавӣ мебошад." Бо назардошти такмили қонунгузории соҳавӣ пешниҳод менамоем, ки ин мафҳум дар м. 2 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" илова карда шавад. [2-М]

5. Бо натиҷаи омӯзиш ва тадқиқот мафҳуми зерини рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ пешниҳод карда мешавад: "Рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ – рутбаи махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузор муайян ва дар асоси расмиёти маъмурие, ки бо фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, бо тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати будан дар рутба ва собиқаи корӣ ба таври мураттаб дода мешавад". [2-М]

6. Хориҷ кардани ҷазои интизомӣ дар намуди ба вазифаи пасттар гузаронидан ва паст кардани рутбаи дараҷавӣ аз Низомнома "Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар

кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд" асоснок карда шудааст. Зеро ба вазифаи пасттар гузаронидан ва паст кардани рутбаи дараҷавӣ хилофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории дохилӣ буда, ҳамчун як шакли меҳнати маҷбурӣ мебошад.

7. Дар асоси принсипҳо ва таърифҳо мафҳуми зерини «аттестатсияи кормандони прокурорӣ» коркард карда шуд: "Аттестатсияи кормандони прокурорӣ – расмиёти муқарраршудаи баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти хизматӣ, савияи дониш, маҳорати касбӣ ва дигар сифатҳои зарурии касбию ахлоқӣ бо мақсади муайян кардани муносиб будани ӯ ба мансаби ишғолкарда, ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда, ҳалли масъалаи додан ва барқарор намудани рутбаи дараҷавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомот мебошад". [3-М]

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти илмии анҷомёфта ва натиҷагирӣ аз он барои такмили минбаъдаи қонунгузории танзимкунандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

– дар қ. 1, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҷои калимаҳои “доштани таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ” калимаҳои “доштани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахасусуси мутахассис ё дараҷаи магистр бо доштани дипломи дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ” илова карда шавад;

– дар қ. 1, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, калимаҳои “танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад” ба калимаҳои “танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии давлати дигарро надоранд” иваз карда шавад.

– дар қ.қ. 8 ва 9, м. 53 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, синни ҳадди ақали ишғоли вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр аз 30-солагӣ ва прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон аз 35-солагӣ муқаррар карда шавад;

– дар номи м. 54 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва номи Низомнома “Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” калимаи “кормандони” ба калимаҳои “кормандони прокурории” иваз карда шавад;

– меъёри дар Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда оид ба тариқи озмун ба кор ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданро ба Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ворид карда, дар он муқаррар карда шавад, ки низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли

мансабҳои холии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

– номгӯи сифатҳои зарурии касбӣ аз қабили, поквиҷдонӣ, садоқатмандӣ, беғаразӣ, боинтизомӣ, устуворӣ, бодиққатӣ дар муносибат бо шаҳрвандон, хушмуомилагӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, серталаб будан нисбати худ, худтанқидкунӣ ва сифатҳои зерини ахлоқӣ аз зумраи қобилияти баланди корӣ, қавииродагӣ, ташаббускорӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳадафнокӣ, қобилияти барқарор кардани алоқаи равонӣ, муносибати эҷодона ба кор, солимӣ дар қонуни конститутсионӣ муқаррар карда шавад;

– ба м. 57 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид карда, ба рӯйхати шахсони таҳти ҳимояи махсуси давлат қарордошта комилан тамоми кормандони прокуратура, сарфи назар аз мансабашон, дохил карда шавад;

– дар б. 9 Низомномаи “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” пас аз калимаҳои “кормандони таҷрибадори прокуратура” калимаҳои “коршиносон ва равоншиносон” илова карда шавад;

– дар банди 1 Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” пеш аз калимаи “кормандони” калимаҳои “ба истиснои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовиони ӯ, аз ҷумла, Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корманди прокурории ба синни ниҳоии хизмат дар мақомоти прокуратура расида,” илова карда шавад;

– дар ҷумлаи 2 банди 3 Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад: “– ҳангоми супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пеш аз муҳлати муқарраршуда гузаронидани аттестатсияи кормандони прокурории мақомот”;

– дар б. 7 Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷумлаи нав бо мазмуни зайл: “Аз

аттестатсия кормандони прокурории камтар аз як сол фаъолиятнамуда, дар ихтиёри кадрҳо ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубинии тифл буда озод карда мешаванд.” илова карда шавад;

– дар б. 3 низомнома «Дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» адади “15” ба адади “20” иваз карда шавад;

– дар б. 10 Низомнома «Дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» пас аз сархати 3 сархатҳои 4, 5 ва 6 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

– маоши кормандоне, ки бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудаанд, ба андозаи 10 фоиз зиёд карда шавад;

– аз кор озод кардан ба сифати чораи интизомӣ нисбати корманди прокурории мақомоти прокуратура, ки бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон» сарфароз шудааст, танҳо бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.”;

– дар б. 19 Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати эътибори ҷазои интизомӣ аз як сол ба шаш моҳ иваз карда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои солҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе, 2016. – 136 с.

2. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015, №1208 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 1992, №653 // Маҷмуаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Қисми 5. – Душанбе, 1993.

4. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 марти соли 1996, №289 // АМО ҶТ, с. 1996, №5-6, м. 146.

5. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

6.Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

8. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 22 июли соли 2013 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0

9. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

10. Қонуни ҶТ «Дар бараи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998, №677 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

11. Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

12. Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

13. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №537 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

14. Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 17 июли соли 2014, №681 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

15. Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, №531 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

16. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 16 апрели соли 2012, №828 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

17. Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

18. Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

19. Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2006 №74 тасдиқ шудааст // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

20. Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008 сол, №468 тасдиқ шудааст // Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – 543 с.

21. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи меъёрҳо ва тартиби ба тариқи ройгон додани либоси расмӣ ба прокуророн ва муфаттишони дорои рутбаи дараҷавӣ» аз 26 январи соли 2008, №40 // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

22. Низомнома «Дар бораи Суди олии ИҶШС», ки бо қарори раёсати КИМ ИҶШС аз 23 ноябри соли 1923 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

23. Қарори КИМ ИҶШС «Дар бораи иловаҳо ба м.м. 6 ва 7 Низомнома “Дар бораи Суди олии ИҶШС» аз 14 июли соли 1924. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

24. Қонуни асосии (Конститутсияи) ИҶШС соли 1924. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

25. Декрети КИМУ «Дар бораи тартиби ҳабси прокуророн, ёрдамчиёни онҳо, раисон ва аъзои трибуналҳои инқилобӣ, шуроҳои судҳои халқӣ, судяҳо ва муфаттишони халқӣ» аз 16 ноябри соли 1922. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

26. Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС (№84, 2621) «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Прокуратураи ИҶШС» аз 17 декабри соли 1933. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

27. Низомнома «Дар бораи назорати прокурорӣ», ки бо қарори КИМУ аз 26 майи соли 1922 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

28. Низомнома «Дар бораи Прокуратураи ИҶШС» соли 1933. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

29. Низомнома «Дар бораи сохтори судӣ дар ҶШС Тоҷикистон”. – Сталинобод, 1935.

30. Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи таъсис додани Комиссариати халқии адлияи ИҶШС» аз 20.07.1936 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 12.07.2022).

31. Конститутсияи ИҶШС соли 1936. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

32. Низомнома «Дар бораи трибуналҳои ҳарбӣ ва прокуратураи ҳарбӣ», бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 26 августи соли 1926 мутобиқ ба асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1924 қабул шудааст // История советской прокуратуры в важнейших документах. – Москва, 1952. – 583 с.

33. Низомнома «Дар бораи назорати прокурорӣ дар ИҶШС», ки бо фармони раёсати Шурои олии ИҶШС аз 24 майи соли 1955 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

34. Фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС «Дар бораи ташкили Ҳайати мушовара дар Прокуратураи ИҶШС ва Прокуратураҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» аз 27 феврали соли 1959. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 23.12.2021).

35. Низомнома «Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокуророн ва муфаттишони мақомоти Прокуратураи ИҶШС», ки бо Қарори Раёсати Шурои олии ИҶШС аз 17 феврали 1984, таҳти №10813-Х. тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

36. Конститутсияи ИҶШС соли 1977. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

37. Қонуни ИҶШС «Дар бораи Прокуратураи ИҶШС» аз 30 ноябри соли 1979. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

38. Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶТ (соли 1978). – Душанбе 1993. – 57 с.

39. Низомнома «Дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

40. Низомнома “Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ”, ки бо қарори раёсати КИМ ИҶШС аз 29 октябри соли 1924 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

41.Низомнома “Дар бораи асосҳои сохтори судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_2226.htm (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

42.Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи таъсиси Прокуратураи ИҶШС» аз 20 июни соли 1933. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.libussr.ru (санаи муроҷиат: 27.12.2021).

43. Модельный закон о прокуратуре. (Принят в г.Санкт Петербурге 16.11.2006 Постановлением 27-6 на 27-м пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеяи государств-участников СНГ) // Информационный бюллетень. Межпарламентская Ассамблея государств - участников Содружества Независимых Государств. 2007. – №39 (часть 1).

44. Қарори МН МО ҶТ аз 30 июни соли 2006, №345 «Дар бораи муқаррар намудани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

45. Пост. ЦИК и СНК СССР от 13 октября 1929 г. «Об основах дисциплинарного законодательства Союза ССР и союзных республик» // СЗ СССР 1929 г. №71, – С. 670.

46. Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №28 «Дар бораи иштироки мақомоти прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мураттабсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 2. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 324 с.

47. Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 февралӣ соли 2016, №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

48. Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №29 «Дар бораи такмили низоми тайёр, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии

кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 2. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 324 с.

49. Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 16 феврали 2016, №4 «Дар бораи такмили ташкили кор ва назорати иҷро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

50. Регламенти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2016, №3 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

51. Низомномаи Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 17 феврали соли 2015, №5-261 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 2. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 324 с.

52. Низомнома «Дар бораи тартиби ҳавасмандгардонӣ бо унвони ифтихории «Корманди фахрии прокуратураи Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 18 феврали соли 2016, №5-24 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

53. Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст // Фармонҳои

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

54.Низомнома «Дар бораи мақомоти адлияи ҶШС Тоҷикистон». БМД ҶТ. – Ф. 485. – руй. 1. – пар. 1.

55. Низомнома «Дар бораи КХА ҶМШС Тоҷикистон». БМД ҶТ, – Ф. 9. – руй. 1.

56. Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 2011, №1141 тасдиқ шудааст // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

57. Низомнома «Дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 29 апрели соли 2016, №5-70 тасдиқ шудааст // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2016. – 317 с.

58. Права человека // Сборник международных договоров. – Ню-йорк: ООН, 1989. – 198 с.

59. Кодекси одоби корманди мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ таҳти 5-39 аз 20.04.2017 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2017. – 12 с.

60. Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 14 с.

61. Қоидаҳои қабул ба кор. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://prokuratura.tj (санаи муроҷиат: 21.11.2022).

62. Дастурамал "Оид ба гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати кормандони прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 феврали соли 2011 тасдиқ шудааст // Маҷмӯи фармону дастурҳо, дастурамалҳо

ва тавсияҳои методии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои 2010-2013 қабул карда шудаанд. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2011. – 550 с.

63. Низомномаи «Тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2020, №1524 тасдиқ шудааст // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

64. Низомномаи «Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2022, №385 тасдиқ шудааст // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

65. Низомномаи «Тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ ва иловапулӣ аз рӯйи собиқаи кор дар Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори МН МО ҶТ аз 11 июни соли 2003, №878 тасдиқ шудааст // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0.

66. Хронологическое собрание действующего законодательства Таджикской ССР. – Душанбе,1964. – Том 1. – 218 с.

67. Маҷмуаи қонунгузории амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон. – Ҷилди 1. – Душанбе, 1977. – 372 с.

68. История советской прокуратуры в важнейших документах. Под ред. К.А. Мокичева. – Москва, 1952, – 584с.

69. Сборник руководящих документов прокуратуры СССР. – М., 1953. – 288с.

70. Основные руководящие документы прокуратуры СССР и комментарии к ним // Под ред. П.А. Наумова. – М., 1966. – 172 с.

71. Сборник нормативных документов по приему на работу молодых специалистов в правоохранительные органы СССР. Сост. П.А. Кривцов. – Л., 1965. – 221 с.

72. Маҷмуаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Қисми 5. – Душанбе, 1992. – 164 с.

73. Маҷмуаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Қисми 6. – Душанбе, 1993. – 189 с.

74. Новые законы РТ, Сборник (част IV). – Душанбе, 1992. – 139 с.

75. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (нашри шашум). – Душанбе, 2021. – 543 с.

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ

76. Тохиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). Т.2. Ч.1. [Текст] / Ф.Т. Тохиров. – Душанбе, 2001. – 492 с.

77. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана (от деревнейших времен до начала 20 века).Т.1, ч.1-2. [Текст] / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.

78. Азизкулова, Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан [Текст] / Г.С. Азизкулова. – Душанбе, 1995. – 212 с.

79. Холиқов, А. Мухтасари қонунномаи Сосониён [Матн] / А. Холиқов. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 156 с.

80. Кенжаев, С., Мирзоева, К. Очерк истории прокуратуры Таджикистан [Текст] / С. Кенжаев, К.Мирзоева. – Душанбе, 1995. – 215 с.

81. Исоев, М.Ш., Каримов, Ф.К., Юсуфов, А. Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ш. Исоев, Ф.К. Каримов, А. Юсуфов. – Душанбе, 2005. – 728 с.

82. Балабан, К.Ю. Правовые основы взаимодействия прокуратуры и судебной системы в советском государстве (1922-1959 годы) [Текст] / К.Ю. Балабан. – Саратов, 2011. – 171 с.

83. Басков, В.И. Прокурорский надзора в СССР [Текст] / В.И. Басков. – М.: «Московского Унивреситете», 1991. – 304 с.

84. Братановский, С.Н., Стрельников, В.В. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации [Текст] / С.Н. Братановский, В.В. Стерльников. – Саратов, 2007. – 136 с.

85. Кишварзода, А.Г., Ализода, М.Х. ва дигарон. Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон [Матн] / А.Г. Кишварзода, М.Х. Ализода ва дигарон. – Душанбе: “Донишварон”, 2017. – 272 с.

86. Раҷабов, С.Р. Истиқлолият муқаддас аст [Матн] / С.Р. Раҷабов. – Душанбе: МО, 1997. – 256 с.

87. Раҳмон, Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. [Матн] / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 с.

88. Мазурин, С.Ф., Прокофьев, К.Г. Административное право [Текст] / С.Ф. Мазурин, К.Г. Прокофьев. – Санкт-Петербург, 2019. – 312 с.

89. Кутина, Л.Л. Формирование языка русской науки (терминология математики, астрономии, географии в первой трети XVIII века) [Текст] / Л.Л. Кутина. – М.: Наука, 1964. – 220 с.

90. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – 950 с.

91. Манохин, В.М., Адушкин, Ю.С., Багишаев, З.А. Российское административное право [Текст] / В.М. Манохин, Ю.С. Адушкин, З.А. Багишаев. – М., 1996. – 495 с.

92. Манохин, В.М. Служба и служащий в Российской Федерации: правовое регулирование [Текст] / В.М. Манохин. – М., 1997. – 295 с.

93. Прокурорский надзор в Луганской Народной Республике: учебное пособие [Текст] / под ред. Д.А. Бабичева, и др. – Кострома: Изд-во КГУ, 2019. – 584 с.

94. Старилов, Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации [Текст] / Ю.Н. Старилов. – М., 1996. – 498 с.

95. Ноздрачев, А.Ф. Государственная служба: учебник для подготовки государственных служащих [Текст] / А.Ф. Ноздрачев. – М.: Статут, 1999. – 591 с.

96. Атаманчук, Г.В. Сущность государственной службы [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М., 2002. – 266 с.

97. Каримов, К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият ва принсипҳои ташкил [Матн] / К.М. Каримов. – Душанбе: Эр-граф, 2006. – 128 с.

98. Демин, А.А. Государственная служба: Курс лекций [Текст] / А.А. Демин. – М., 2004. – 78 с.

99. Котарбинский, Т.В. Трактат о хорошей работе [Текст] / Т.В. Котарбинский. – М., 1975. – 249 с.

100. Государственная служба [Текст] / Под ред. А.В. Оболонского. – М., 1999. – 440 с.

101. Манохин, В.М. Советская государственная служба [Текст] / В.М. Манохин– М., 1966. – 194 с.

102. Настольная книга государственного служащего [Текст] / Отв. ред. В.И. Шкатулла. – М., 1999. – 679 с.

103. Овсянко, Д.М. Государственная служба Российской Федерации [Текст] / Д.М. Овсянко– М., 1996. – 208 с.

104. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Таҳти назари Г. Шарофзода. – Душанбе, 2012. – 119 с.

105. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Зери назари проф. А.Д. Ғафурзода. – Душанбе, 2019. – 244 с.

106. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Лондон, 2000. – 240 с.

107. Саидов, А.Т. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Т. Саидов. – Душанбе: Эр-граф, 2006. – 121 с.

108. Коркунов, Н.М. Русское государственное право. Т.1.: Введение и общая часть [Текст] / Н.М. Коркунов. – СПб., 1892. – 404 с.

109.Кашанина, Т.В., Кашанин А.В. Основы Российского права [Текст] / Т.В. Кашанина, А.В. Кашанин. – М., 1997. – 748 с.

110. Алехин, А. П., Кармолицкий, А. А., Козлов, Ю. М. Административное право РФ [Текст] / А.П. Алехин, А.А. Кармолицкий, Ю.М. Козлов. – М., 1996. – 640 с.

111. Советское право [Текст] / Под ред. В.В. Ермакова, А.И. Михайлова. – М., 1988. – 367 с.

112. Овсянко, Д. М. Административное право [Текст] / Д.М. Овсянко. – М., 1995. – 250 с.

113. Тихомиров, Ю. А. Курс административного права и процесса [Текст] / Ю.А. Тихомиров. – М., 1998. – 798 с.

114. Василенко, И.А. Государственное и муниципальное управление [Текст] / И.А. Василенко. – М., 2005. – 317 с.

115. Студеникин, С.С., Власов, В.С., Евтихеев, И.И. Советское административное право [Текст] / С.С. Студеникин, В.С. Власов, И.И. Евтихеев. – М., 1950. – 439 с.

116. Советское административное право [Текст] / Под ред. Ю.М. Козлова. – М.: "Юридическая Литература", 1985. – 542 с.

117. Конин, Н.М. Административное право России [Текст] / Н.М. Конин. – М., 2006. 447 с.

118. Ойев, Х. Хидмати давлатӣ [Матн] / Х. Ойев. – Душанбе 2011. – 400 с.

119. Ойев, Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ [Матн] / Х. Ойев. – Душанбе, 2013. – 564 с.

120. Ойев, Х. Хидмати давлатӣ [Матн] / Х. Ойев. – Душанбе, 2020. – 216 с.

121. Пирназаров, И.А. Тафсири баъзе масъала ва истилоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ [Матн] / И.А. Пирназаров. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 109 с.

122. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: «Империал групп», 2014. – 543 с.

123. Атаманчук, Г.В. Сущность государственной службы: История, теория, закон, практика. – М.: РАГС, 2002 [Текст] / Г.В. Атаманчук. – 266 с.

124. Бахрах, Д.Н. Административное право [Текст] / Д.Н. Бахрах. – М., 1993. – 301 с.

125. Мельников, В.П., Ничепоренко, В.С. Государственная служба в России [Текст] / В.П. Мельников, В.С. Ничепоренко. – М., 2004. – 506 с.

126. Старилов, Ю.Н. Курс общего административного права [Текст] / Ю.Н. Старилов. – М., 2002. – 412 с.

127. Бахрах, Д.Н. Административное право России [Текст] / Д.Н. Бахрах. – М., 2001. – 640 с.

128. Конин, Н.М. Российское административное право [Текст] / Н.М. Конин. – Саратов, СГАП, 2001. – 352 с.

129. Орипов, Т., Ҷабборов, Ф.Н. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (курси лексияҳо) [Матн] / Т. Орипов, Ф.Н. Ҷабборов. – Душанбе, 2013. – 719 с.

130. Основы организации и управления в органах прокуратуры Российской Федерации: учебник [Текст] / Под ред. проф. А.Ф. Смирнова. – М.: Институт повышения квалификации руководящих кадров Генеральной прокуратуры РФ, 2005. – 334 с.

131. Прокурорский надзор. Российская прокуратура в правовом демократическом государству: учебник [Текст] / Под ред. А.Я. Сухарева. – М.: Норма, 2008. – 463 с.

132. Казанцев, Н.М. Толковый словарь правового содержания понятий государственной службы [Текст] / Н.М. Казанцев. – М.: РАГС, 1996. – 49 с.

133. Сергун, П.П. Государственная служба в органах внутренних дел Российской Федерации: состояние и теория развития [Текст] / П.П. Сергун. – Саратов, 1998. – 233 с.

134. Старилов, Ю.Н. Курс общего административного права. Т. 2. [Текст] / Ю.Н. Старилов. – М., 2002. – 600 с.

135. Старилов, Ю.Н. Государственная служба в Российской Федерации [Текст] / Ю.Н. Старилов. – Воронеж, 1996. – 238 с.

136. Старилов, Ю.Н. Служебное право: учебник [Текст] / Ю.Н. Старилов. – М., 1996. – 698 с.

137. Нечипоренко, В.С. Принципы государственной службы // Настольная книга государственного служащего (Комментарий к федеральному закону «Об основах государственной службы Российской Федерации») [Текст] / В.С. Нечипоренко. – М., 1999. – 675 с.

138. Атаманчук, Г.В. Теория государственного управления. Курс лекций [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М., 1997. – 525 с.

139. Каримов, К.М. Современная государственная служба Таджикистана, проблемы и тенденция развития [Текст] / К.М. Каримов. – Душанбе, 2005. – 128 с.

140. Ойев, Х. Хидмати давлатӣ [Матн] / Х. Ойев. – Душанбе, 2006. – 56 с.

141. Студеникин, С.С. Советское административное право [Текст] / С.С. Студеникин. – М., 1945. – 148 с.

142. Власов, В.А. Основы советского государственного управления [Текст] / В.А. Власов. – М., 1960. – 287 с.

143. Лазарев, Б.М. Государственная служба [Текст] / Б.М. Лазарев. – М.: ИГПАН, 1993. – 15 с.

144. Бахрах, Д.Н. Государственная служба России: учеб. пособие [Текст] / Д.Н. Бахрах. – М., 2009. – 149 с.

145. Смирнов, А.Ф. Прокуратура и проблемы управления [Текст] / А.Ф. Смирнов. – М.: Криминол. ассоц., 1997. – 263 с.

146. Бабаев, С.Н. Прокурорский надзор как способ обеспечения законности правовых актов управления [Текст] / С.Н. Бабаев. – Воронеж: Воронежского государственного университета, 2005. – 208 с.

147. Дмитриев, Ю.А., Шапкин, М.А. Правоохранительные органы Российской Федерации [Текст] / Ю.А. Дмитриев, М.А. Шапкин. – М., 2005. – 377 с.

148. Рустамзода, Дж.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы [Текст] / Дж.Ю. Рустамзода. – Москва: Проспект, 2021. – 201 с.

149. Игнатов, В.Г., Белолипецкий, В.К. Профессиональная культура и профессионализм государственной службы [Текст] / В.Г. Игнатов, В.К. Белолипецкий – Ростов-на-Дону: МарТ, 2000. – 251 с.

150. О грядущей России [Текст] / Под ред. Н.П. Полторацкого. – М., 1993. – С. 249.

151. Бельский, К.С. Феноменология административного права [Текст] / К.С. Бельский. – Смоленск: СГУ, 1995. – 143 с.

152. Керимов, Д.А. Основы философии права [Текст] / Д.А. Керимов. – М.: Изд-во СГУ, 1992. – 520 с.

153. Некрасов, С.И. Конституционное право РФ [Текст] / С.И. Некрасов. – М.: Юрайт, 2010. – 166 с.

154. Мельников, В.П., Нечипоренко, В.С. Государственная служба в России: отечественный опыт организации и современность: В 2-х ч. Ч. II. [Текст] / В.П. Мельников, В.С. Нечипоренко. – М., 2000. – 302 с.

155. Бахрах, Д.Н. Административное право [Текст] / Д.Н. Бахрах. – М.: Бек, 1996. – 355 с.

156. Бахрах, Д.Н., Российский, Б.В., Старилов, Ю.Н. Административное право: учебник для вузов [Текст] / Д.Н. Бахрах, Б.В. Российский, Ю.Н. Старилов. – М.: Норма, 2005. – 800 с.

157. Тихомиров, Ю.А. Административное право и процесс [Текст] / Ю.А. Тихомиров. – М.: Тихомиров, 2006. – 696 с.

158. Семенчуков, Д.Д. Прокуратура России вчера и сегодня [Текст] / Д.Д. Семенчуков. – М., 2001. – 139 с.

159. Капаров, С.Г. Совершенствование государственной службы в Казахстане [Текст] / С.Г. Капаров. – Екатеринбург: Контекст-АП, 2005. – 319 с.

160. Гришковец, А.А. Правовое регулирование государственной гражданской службы в Российской Федерации [Текст] / А.А. Гришковец. – М.: ДИС, 2003. – 463 с.

161. Бахрах, Д.Н., Хазанов, С.Д. Государственная администрация, ее органы и служащие [Текст] / Д.Н. Бахрах, С.Д. Хазанов. – Екатеринбург, 1998. – 112 с.

162. Организация работы в прокуратуре района: учебное пособие [Текст] / Под ред. А.Г. Звягинцева. – Казань, 2001. – 432 с.

163. Четвериков, В.С. Административное право: Учебное пособие. 8 изд. [Текст] / В.С. Четвериков. – М.: ИЦ РИОР, НИЦ ИНФРА-М, 2015. – 415 с.

164. Юсупов, В.А. Труды по административному праву: в 3 т. Т. 2. [Текст] / В.А. Юсупов. – М.: НП "Евразийская акад. адм. наук", 2012. – 780 с.

165. Бахрах, Д. Н. Административное право [Текст] / Д. Н. Бахрах. – М.: НОРМА, 2000. – 328 с.

166. Настольная книга прокурора [Текст] / Под ред. С.И. Герасимов. – М., 2002. – 840 с.

167. Борисов, А.Б. Большой юридический словарь [Текст] / А.Б. Борисов. – М.: Книжный мир, 2010. – 847 с.

168. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ [Матн] / Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – 610 с.

169. Гуськова, И.М., Меньшова, В.Н. Оценка деятельности и аттестация государственных служащих [Текст] / И.М. Гуськова, В.Н. Меньшова. – Новосибирск, 1998. – 110 с.

170. Труханович, Л.В., Щур, Д.Л. Юридический словарь-справочник кадровика [Текст] / Л.В. Труханович, Д.Л. Щур. – М.: Дело и Сервис, 2003. – 479 с.

171. Анисимов, В.М. Кадровая служба и управление персоналом организации [Текст] / В.М. Анисимов. – М.: Экономика, 2003. – 701 с.

172. Курилов, В.И. Аттестация и личность работника в советском трудовом праве [Текст] / В.И. Курилов. – Владивосток.: Дальневосточного унта, 1984. – 200 с.

173. Бахрах, Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право (учебник для вузов) [Текст] / Д.Н. Бахрах, Б.В. Российский, Ю.Н. Старилов. – М.: Норма, 2007. – 815 с.

174. Братановский, С.Н. Административное право. Общая часть: учебник [Текст] / С.Н. Братановский. – М.: Директ-Медиа, 2013. – 921 с.

175. Административно-правовое регулирование службы в органах и учреждениях прокуратуры Российской Федерации // Под ред. Братановский С.Н. – Саратов, 2007. – 136 с.

176. Старилов, Ю.Н. Курс общего административного права. В 3 т. Т. II: Государственная служба. Управленческие действия. Правовые акты управления. Административная юстиция [Текст] / Ю.Н. Старилов. – М.: Норма, 2002. – 585 с.

177. Никонов, В.А. Государственное управление имеет значение: Открытая лекция [Текст] / В.А. Никонов. – М.: Мос. универ., 2013. – 88 с.

178. Новиков, С.Н. Этика и психология управления [Текст] / С.Н. Новиков. – М., 2006. – 399 с.

179. Назарзода, С., Сангинов, А., Ҳошим, Р., Рауфзода, Ҳ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. [Матн] / С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Душанбе, 2008. – 945 с.

180. Глущенко, П.П., Корнилова, С.А., Петрова, Т.В. и др. Социально-правовая защита семьи [Текст] / П.П. Глущенко, С.А. Корнилова, Т.В. Петрова, и др. Под ред. А.М. Седова. – СПб., 1997. – 127 с.

181. Стремоухов, А.В. Человек и его правовая защита. Теоретические проблемы [Текст] / А.В. Стремоухов. – СПб., 1996. – 375 с.

182. Шамаров, В.М. Государственная служба в милиции НКВД РСФСР (становление и развитие организационных и правовых основ) [Текст] / В.М. Шамаров. – М., 1999. – 218 с.

183. Чечот, Д.М. Субъективное право и формы его защиты [Текст] / Д.М. Чечот. – Л., 1968. – 72 с.

184. Росссийский прокурорский надзор [Текст] / Под ред. А.Я. Сухарев. – М.: Норма, 2001. – 373 с.

185. Прокурорский надзор [Текст] / Под ред. Ю.Е. Винокурова. – М., 2005. – 460 с.

186. Прокуратура в правовом государстве. Многосторонней встречи, организованной Советом Европы и Генеральной прокуратурой РФ [Текст] / Под общей ред. Ю.Я. Чайка, и др. – М.: НИИ проблем укрепления законности и правопорядка при Генпрокуратуре РФ, 1997. – 160 с.

187. Административное право: учебник для вузов [Текст] / Под общей ред. А.В. Зубача. – М.: Юрайт, 2020. – 530 с.

188. Макарейко, Н.В. Административное право: учебное пособие для вузов 11-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Н.В. Макарейко. – М.: Юрайт, 2020. – 280 с.

189. Бельский, К.С. Персональная ответственность в советском государственном управлении (понятие, формы, факторы укрепления) [Текст] / К.С. Бельский. – М., 1988. – 96 с.

190. Соколов, А.Ю. Административное право РФ: учебник для бакалавров [Текст] / А.Ю. Соколов. – М.: Норма, 2018. – 352 с.

191. Государственная и муниципальная служба: учебник для вузов [Текст] / Под общей ред. Е.В. Охотского. – М.: Юрайт, 2020. – 409 с.

192. Колодкин, Л.М. Концепция правового регулирования государственной службы в России (исторический обзор и перспективы) В кн. Актуальные проблемы управления и правового регулирования деятельности органов внутренних дел. [Текст] / Л.М. Колодкин. – М., 1994. – 123 с.

193. Сорокин, В.Д. Административный процесс [Текст] / В.Д. Сорокин. – СПб., 2002. – 474 с.

194. Борщевский, Г.А. Государственная служба: учебник и практикум для вузов 3-е изд., испр. и доп. [Текст] / Г.А. Борщевский. – М.: Юрайт, 2020. – 445 с.

195. Смоленский, М.Б., Дригола, Э.В. Административное право: учебник [Текст] / М.Б. Смоленский, Э.В. Дригола. – Москва: КНОРУС, 2020. – 320 с.

196. Актуальные проблемы административного права и процесса: учебник [Текст] / М.В. Костенников, А.В. Куракин, А.М. Кононов и др. – Москва: ЮНИТИДАНА, 2017. – 495 с.

197. Кулапов, В.Л., Сенякин, И.Н. Теория государства и права [Текст] / В.Л. Кулапов, И.Н. Сенякин. – Саратов, 1999. – 197 с.

198. Раҳмон, Ю.А. Мақомоти прокуратура дар ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлолият [Матн] / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 415 с.

**Мақола ва маърузаҳо**

199. Раҳмон, Ю.А. Прокуратураи ҳарбӣ: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ю.А. Раҳмон // Прокуратураи Тоҷикистон 80 сол. – Душанбе, 2004, – 276 с.

200. Шарифзода, А. Нақши Президенти Тоҷикистон дар барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ дар мамлакат [Матн] / А. Шарифзода // Номаи Донишгоҳ. – 2019. – №2(59). – С. 5-13.

201. Мухаммадиев, И.С. К истории органов прокуратуры Республики Таджикистан [Матн] / И.С. Мухаммадиев // Қонуният. – 2009. – №1. – С. 110-117.

202. Дадабоев, А.С. Истиқлолият ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура [Матн] / А.С. Дадабоев // Қонуният. – 2012. – №3 (нашри махсус). – С. 69-71.

203. Манохин, В.М. Нужны основы законодательства о службе [Текст] / В.М. Манохин // Государство и право. – 1997. – №9. – С. 7-8.

204. Скобина, Е.А., Шастина, М.А. История советской прокуратуры с 1922 по 1991 годы [Текст] / Е.А. Скобина, М.А. Шастина // Молодой ученый. – Казань. – 2017. – №8 (142). – Част 3. – С. 256-259.

205. Маҳмадалиев, Қ.М. Мафҳум ва мавқеи хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.М. Маҳмадалиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (5-6 марти соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 482-486.

206. Габричидзе, Б.Н., Коланда, В.М. Принцип профессионализма в государственной службе [Текст] / Б.Н. Габричидзе, В.М. Коланда // Государство и право. – 1995. – №12. – С. 19.

207. Балдина, А.С. Принцип профессионализма и компетентности государственных служащих контрольно-надзорных органов: Проблемы определения понятий [Текст] / А.С. Балдина // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2017. – № 3. – С. 109-115.

208. Магомедов, Ф.Б. Операциональные принципы государственной службы [Текст] / Ф.Б. Магомедов // Гражданин и право. – 2013. – №3. – С. 36-45.

209. Искандаров, З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность [Текст] / З.Х. Искандаров // Правовая жизнь. – 2017. – №4. – С. 64-79.

210. Зоирзода, И.О. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таърихи тасисёбии мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.О. Зоирзода // Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2021. – С. 91-92.

211. Исоев, М.Ш. Аттестатсиякунонӣ – воситаи муҳим дар сайқал додани тарзу усулҳои кор бо кадрҳои мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ш. Исоев // Қонуният. – 2004. – №1. – С. 9-11.

212. Мирзоева, Қ.А. Қонуни ҶТ "Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва аҳамияти таърихии он [Матн] / Қ.А. Мирзоева // Қонуният. – 2012. – №3 (нашри махсус). – С. 50-56.

213. Смирнов, А.В. Понятие и административно-правовая природа государственной службы в органах прокуратуры Российской Федерации [Текст] / А.В. Смирнов // Пенитенциарная наука. – Том 14. – 2020. – №3(51). – С. 394-396.

214. Сайфиддинов, А.А. Хизмати давлатӣ: мафҳум ва моҳият [Матн] / А.А. Сайфиддинов // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ. – 2005. – №1. – С. 37-43.

215. Маҳмудов, И.Т., Хоҷаева Н.Б. Мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва масоили дурнамои инкишофи он [Матн] / И.Т.Маҳмудов, Н.Б. Хоҷаева // Қонуният. – 2011. – №2. – С. 54-58.

216. Маҳмудов, И.Т. Рушди назорати прокурорӣ ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар масири 30-соли истиқлоли давлатӣ // 30 соли истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 44-45.

217. Огородников, В.И. Место правоохранительной службы в системе государственной службы Российской Федерации [Текст] / В.И. Огородников // Человек: преступлениеи наказание. – 2009. – №1. – С. 64-69.

218. Нагорных, Р.В. Об объекте административно-правового регулирования в сфере государственной правоохранительной службы [Текст] / Р.В. Нагорных // ЧЕЛОВЕК: преступление и наказание. – 2012. – № 4 (79). – С. 121-124.

219. Раҳмонов, Э.Ш. Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ба муносибати 80-солагии Прокуратураи Тоҷикистон [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов // Мақомоти прокуратура дар ҳифзи дастовардаҳои даврони истиқлолият. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 19-42.

220. Раҳмонов, Э.Ш. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат ба муносибати 80-солагии Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 24 декабри соли 2004 [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов // Қонуният. – 2005. – №1. – С. 4-5.

221. Какителашвили, М.М. Прокуратура в системе органов государственной власти в странах СНГ [Текст] / Какителашвили М.М. // Российский журнал правовых исследований. – Том 6. – 2019. – №3 (20). – С. 131-137.

222. Саъдиев, И.З. Принсипҳои хизмати давлатӣ: Мафҳум ва муҳтаво // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ, 22-23 апрели соли 2022 - Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 58-67.

223. Бахрах, Д.Н. Государственная служба: основные понятия ее составляющие, содержание и принципы [Текст] / Д.Н. Бахрах // Государство и право. – 1996. – №12. – С. 10-18.

224. Старилов, Ю.Н. Принципы государственной службы: переход от «политизирования» к закону [Текст] / Ю.Н. Старилов // Право и политика: современные проблемы соотношения и развития. – М., 1995. – С. 78-113.

225. Казарина, А. Как обучают прокуроров в Германии и Нидерландах [Текст] / А. Казарина // Законность. – 2000. – №6. – С. 54-57.

226. Артемов, В.М. Социально-культурная ориентация правоохранительных органов [Текст] / В.М. Артемов // СоцИс. – 2000. – №1. – С. 51-55.

227. Ятимов, С.С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) [Матн] / С.С. Ятимов // маҷаллаи «Илм ва ҷомеа» – 2023. – №1 (31).

228. Курилов, В.И. Аттестация работников по советскому праву [Текст] / В.И. Курилов // Правоведение. – 1978. – №2. – С. 52-58.

229. Азямова, Л.В. Организация и проведение аттестации персонала по решению работодателя [Текст] / Л.В. Азямова // Справочник кадровика. – 2001. – №1. – С. 20-28.

230. Куракин, А.В., Савостин А.А. Процедуры, обусловленые прохождением государственной гражданской службы Российской Федерации [Текст] / А.В. Куракин, А.А. Савостин // Право и политика. – 2004. – №8. – С. 27-37.

231. Чернышева, Г.В. Аттестация кадров прокуратуры как отражение оценки их деловой квалификации [Текст] / Г.В. Чернышева // Проблемы кадровой работы в органах прокуратуры. Сб. научных трудов. – М., 1994. – С. 50-59.

232. Бобров, В.А. Проблемы аттестации государственных служащих в Российском государстве [Текст] / В.А. Бобров // Современный государственный служащий // Сб. научн. трудов. – СПб., 2000. – С. 45-54.

233. Барциц, И.Н. Показатели и критерии оценки эффективности государственного управления [Текст] / И.Н. Барциц // (Аналитические обзоры Института научных исследований и информации Российской академии государственной гражданской службы при Президенте РФ). – 2010.– №1, – С. 72-82.

234. Божья-Воля, А.А. Оценка результативности государственных служащих руководящего состава: международный опыт и российские перспективы [Текст] / А.А. Божья-Воля // Вопросы государственного и муниципального управления. – 2009. – №2. – С. 81-103.

235. Гаман-Голутвина, О.В. Проблемы повышения эффективности государственного управления в Российской Федерации [Текст] / О.В. Гаман-Голутвина // Сравнительная политика. – 2011. - №3. – С. 50-64

236. Розенбаум, Ю.А. Проблемы оценки государственного служащего [Текст] / Ю.А. Розенбаум // Административное право и административный процесс: Старые и новые проблемы (по материалам Лазаревских чтений) // ГиП. – 1998. – №8. – С. 21-29.

237. Саидов, Қ.М. Аттестатсияи давлатӣ: мафҳум, мақсад ва вазифаҳои он // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвонӣ “Рушди ҳуқуқи маъмурӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Душанбе, 2021. – С. 70-73.

238. Тараканов, А. Гарантии для государственных служащих: понятие и соотношение с другими категориями [Текст] / А. Тараканов // Государственная служба. – 2003. – №1. – С. 127-128.

239. Сопин, В. Личная безопасность прокурорских работников [Текст] / В. Сопин // Законность. – 2006. – №10. – С. 47-49.

240. Стрельников, В.В. Административно-правовые аспекты присвоения классных чинов в органах прокуратуры [Текст] / В.В. Стрельников // Право и государство: теория и практика. – 2020. – №8 (188). – С. 182-186.

241. Гришковец, А.А. Поощрение государственных служащих: правовые основы и практика применения [Текст] / А.А. Гришковец // Право и политика. – 2002. – №1. – С. 30-39.

242. Малько, А.В., Типикина Е.В. Поощрительная правовая политика в сфере государственной службы: проблемы оптимизации // Современное правом – 2012. – №7. – С. 70-74.

243. Липитсикий, Д.А. Понятие и основания поощрения государственных служащих [Текст] / Д.А. Липитсикий // Административное и муниципальное право. – 2017. – №4. – С. 20-37.

244. Павлова, П.В. Роль системы поощрений в стимулировании антикоррупционного поведения государственных служащих [Текст] / П.В. Павлова // Государство и право: материалы 58-й Международной научной студенческой конференции. – Новосибирск, 2020. – С. 43-45.

245. Шолохова, Д.Л. Меры поощрения и меры административной ответственности государственных служащих [Текст] / Д.Л. Шолохова // Тренды развития современного общества: управленческие, правовые, экономические и социальные аспекты: сборник научных статей 6-й Международной научно-практической конференции. – М., 2016. – С. 163-165.

246. Ларкова, О.А. Актуальные вопросы совершенствование законодательства, содержащего положения о специальной дисциплинарной ответственности [Текст] / О.А. Ларкова // Роль современного образования в условиях глобализации: Сборник научных трудов. – Казань: ООО "СитИвент". 2020. – С. 88-92

247. Кириллов, А.А. Государственная служба и особенности ее прохождения в органах прокуратуры [Текст] / А.А. Кириллов // Государственная служба. – 2009. – №2. – С. 235-238.

248. Оболонский, А.В. Реформа российской государственной службы: концепция и стратегия [Текст] / А.В. Оболонский // Общественные науки и современность. – 1998. – №3. – С. 10-12.

249. Охотский, Е.В. Правовой статус государственного служащего Российской Федерации [Текст] / Е.В. Охотский // Государство и право. – 2003. – №9. – С. 17-26.

250. Ойев, Х. Контрол ва назорат – фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ [Матн] / Х. Ойев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №1 (13). – С. 84-94.

251. Ойев, Х. Омилҳои асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ [Матн] / Х. Ойев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4. – С. 43-52.

252. Ализода, Б.П., Ҷӯразода Р.З. Ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода, Р.З. Ҷӯразода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2010.– №14. – С. 145-154.

253. Раҳматуллоева, Р.Р. Прокуратура дар низоми идоракунии давлат [Матн] / Р.Р. Раҳматуллоева // Ҷавонон ва равандҳои ҷомеаи имрӯза: Маҷмуаи конференсияи илмию амалии олимони ҷавон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрантони ДДҲБСТ, Хуҷанд, 18 марти соли 2016. – Хуҷанд, 2016. – С. 42-46.

## Диссертатсия ва авторефератҳо

254. Сафаров, И.Д. Правовая система государства Саманидов (IX-Хвв.) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Сафаров Иномджон Давронджонович. – Душанбе, 1998. – 195 с.

255. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Диноршоев Азиз Мусоевич. – Душанбе, 2006. – 197 с.

256. Жамкин, А.С. Место и роль прокуратуры в конституционной системе государственных органов Россиской Федерации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Жамкин Алексей Сергеевич. – М., 2008. – 207 с.

257. Виноградов, И.П. Место и роль органов российской прокуратуры в механизме разделения властей (теоретико-правовое исследование) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Виноградов Игорь Павлович – Коломна, 2000. – 188 с.

258. Муҳаммадиев, И.С. Образование и становление органов прокуратуры на севере Таджикистан в 1923-1930 гг. (исторический аспект исследования) [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / И.С. Муҳаммадиев. – Хуҷанд, 2009. – 209 с.

259. Хусаинова, Ш.М. Становление и развитие системы органов Таджикистана в 1924-1937 гг. [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ш.М. Хусаинова. – Москва, 2011. – 26 с.

260. Гришковец, А.А. Право государственного служащего на продвижение по службе [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / А.А. Гришковец. – М.: МГЮА, 1997. – 24 с.

261. Гафуров, М.С. Конституционно-правовая ответственность органов государственной власти в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Гафуров Мехриддин Садридинович. – М., 2013. – 168 с.

262. Рустамов, Дж.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Рустамов Джумабек Юнусович. – М., 2019. – 235 с.

263. Исмоилзода, С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: дис. ... номз. илмҳои ҳуқуқ: 12.00.02 / Исмоилзода Салохиддин Абдулазиз. – Душанбе, 2023. – 212 с.

264. Кахаров, А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР 1924-1929 [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кахаров Абдурахим Абдулахадович. – Москва, 2011. – 194 с.

265. Ларина, Л.А. Конституционное право граждан на равный доступ к государственной службе (теорико-правовой аспект) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Л.А. Ларина. – М., 2003. – 22 с.

266. Киржиманов, М.Г. Правовые основы подбора кадров государственных служащих, их аттестации и повышения квалификации в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / М.Г. Киржиманов. – М., 2003. – 25 с.

267. Куликов, Ю.И. Повышение эффективности аттестации сотрудников органов внутренних дел МВД России [Текст]: дис. … канд. пед. наук: 13.00.00 / Куликов Юрий Иванович. – СПб., 2000. – 175 с.

268. Туркова, Ю.В. Организационно-правовой механизм регулирования федеральной государственной службы России [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Туркова Юлия Викторовна. – СПб., 2003. – 209 с.

269. Елбаева, Н.А. Социальная защита как институт социального государства: сущностные и конституционно-правовые аспекты (на примере Республики Алтай) [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Н.А. Елбаева. – М., 2003. – 22 с.

270. Лойт, Х.Х. Государственная кадровая политика в России и ее реализация в органах внутренних дел (исторический и организационно-правовой аспект) [Текст]: дис. … докт. юрид. наук: 12.00.01 / Лойт Хиллар Харриевич. – СПб., 1998. – 370 с.

271. Ростовцева, Ю.В. Аттестация государственных гражданских служащих Российской Федерации: правовые и организационные проблемы [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Ростовцева Юлия Викторовна. – М., 2007. – 242 с.

272. Гущина, Н.А. Поощрение в праве: теоретико-правовое исследование [Текст]: автореф. дис. ... докт. юрид. наук: 12.00.01 / Н.А. Гущина. – СПб, 2004. – 341 с.

273. Нагорных, Р.В. Административно-правовое регулирование государственной службы Российской Федерации в правоохранительной сфере [Текст]: автореферат дис. ... докт. юрид. наук: 12.00.14 / Р.В. Нагорных. – Москва, 2016. – 40 с.

274. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2006. – 32 с.

275. Каримов, Х.М. Административно-правовое регулирование ответственности должностных лиц в Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Х.М. Каримов. – Москва, 2015. – 25 с.

276. Джамшедов, Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституцонно-правовой аспект) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Джамшедов Джамшед Назаршоевич. – М., 2011. – 237 с.

277. Новоселов, В.И. Теоретические проблемы развития административно-правового положения граждан СССР в современных условиях [Текст]: дис. ... докт. юрид. наук: 12.00.14 / Новоселов Владимир Ионович. – Саратов, 1979. – 376 с.

## Захираҳои электронӣ

278. Бобров, В.К. Прокурорский надзора. – М., 2013. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://studme.org (санаи муроҷиат: 20.01.2023).

279. Макарейко, Н.В. Административное право – М., 2014. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.studme.org (санаи муроҷиат: 28.01.2023).

280. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш 1.09.2019. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.khovar.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2023).

281. Энсклопедияи иҷтимоӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.voluntary.ru (санаи муроҷиат: 25.03.2022).

282.Камолова, М.Р. Нақши занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.khovar.tj (санаи муроҷиат: 20.08.2022).

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Раҷабзода, М.С. Сарчашмаҳои танзимкунандаи хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4. – С. 174-178. ISSN: 2410-2903.

**[2-М]** Раҷабзода, М.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ташкил ва адои хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 311-318. ISSN: 2664-0651.

**[3-М]** Раҷабзода, М.С., Ғафурзода А.Д. Аттестатсияи кормандони прокурории мақомоти Прокуратура: зарурат ва танзими ҳуқуқии он [Матн] / М.С. Раҷабзода, А.Д. Ғафурзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №1 (60). – С. 191-198. ISSN: 2664-0651.

**[4-М]** Раҷабзода, М.С. Принсипҳои ташкилӣ ва баамалбарории фаъолият хизматӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №2 (61). – С. 226-233. ISSN: 2664-0651.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5-М]** Раҷабзода, М.С. Танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия таҳти унвони "Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо" 3 декабри соли 2021 дар

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 369-374.

**[6-М]** Раҷабзода, М.С. Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии хизмат дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Худидораи маҳаллӣ дар низоми идоракунаии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он” 24 декабри соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 150-162.

**[7-М]** Раҷабзода, М.С. Мафҳум ва моҳияти хизмати давлатӣ дар мақомот ва муассисаҳои прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Раҷабзода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он” 22 майи соли 2022 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 125-134.

**[8-М]** Раҷабзода, М.С. Тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани кормандони прокурорӣ [Матн] / М.С. Раҷабзода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал” 22 майи соли 2023 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 100-109.